- аксари совхозҳо дар замони ҳокимияти Шӯравӣ бо техникаи зарурӣ ва кормандони касбӣ таъмин буда, нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагӣ даромади хуб ба даст меоварданд. Бо дарназардошти он, ки дар шароити имрӯз муносибатҳои иқтисодӣ - бозоргонӣ кишоварзӣ ҳамчун соҳаи нисбатан даромадноки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, омӯзиши ҳамаҷониба ва истифодаи таҷрибаи таърихии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 60-80-уми асри XX аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад;

- омӯзиш ва истифодаи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои хоҷагидорӣ, ки тавассути онҳо совхозҳо ба нишондиҳандаҳои баланд иқтисодӣ ноил мешуданд ва вазифаҳои рушди иҷтимоии хоҷагии қишлоқро бо муваффақият ҳал мекарданд, хеле муҳим мебошад.

Истифодаи таҷрибаи ташаккул ва рушди хоҷагиҳои нави деҳқонии муҳоҷирони дашти Мирзоҷӯли тоҷик дар солҳои 60-80-уми асри XX аҳамияти бузург пайдо мекунад.

Таҳқиқи таҷрибаи мусбати гузашта ба муҳаққиқон, мутахассисони соҳа ва роҳбарони хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки қадамҳои минбаъдаро дар ислоҳот ва табдили соҳаи аграрӣ бо назардошти талаботи муосир муайян кунанд ва консепсияи илмӣ асоснок намуда, низоми нави хоҷагидориро таҳия намоянд, ки дар шароити муосир

рушди динамикии тамоми соҳаҳои кишоварзиро таъмин намояд.

Дар таърихнигории Тоҷикистони шӯравӣ мавзӯи тағйиротҳои аграрӣ, бахусус таърихи сохтмони совхозҳо ҷойгоҳи муҳим дорад, ки дар тамоми давраҳои он таваҷҷуҳи муҳаққиқон – таърихшиносон, иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносонро ҷалб кардааст, зеро омӯзиши он манфиатҳои илмӣ, таҳлилӣ ва амалӣ дорад. Таҷрибаи бой дар рафти ташкили хоҷагиҳои нави пахтакорӣ ва рушди истеҳсолоти совхозӣ дар давраи мавриди баррасӣ дар ҷумҳурӣ метавонад намуна барои татбиқи муваффақонаи муносибатҳои иқтисодӣ – бозоргонӣ дар марҳалаи имрӯз ба шумор равад ва дар ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар кӯмак намояд.

Агар масъалаи тағйироти аграрӣ дар замони Шӯравӣ, бахусус сохтмони совхозу колхозҳо дар осори муаррихон, иқтисоддонҳо ва дар маҷмуъ дар таърихнигории таърихи халқи тоҷик ҷойгоҳи пешсаф дошта ва пурратар баррасӣ гардида бошад, пас масъалаҳои таъсис ва рушди хоҷагиҳои деҳқонии заминҳои навзхудкардашудаи дашти Мирзочӯли тоҷик дар солҳои 60-80-уми асри XX, таҷрибаи мусбати зиёде ҷамъоварӣ шудааст, то имрӯз мавзӯи таҳқиқоти ҷиддии илмӣ қарор нагирифтааст.

Баъзе аз паҳлӯҳои масъалаи таъсиси хоҷагиҳои нави муҳоҷирон дар дашти Мирзочӯли тоҷик дар асарҳои муҳаққиқон Ахмедов Р. [24], Алдаберганов А. [23], Абдунабиев А. [22], Парпиев С. [29], Бердиев Б. [26], Рустамов З. [30], Муродбеков Ҷ., Акбарзода С. [28], Аҳмадалиев Б. [25], Шарифов С. [33], Юсуфи Н., Нажмиддини Ш. [34], Ҳусейни Н. [32], Ҳоҷимуродов А. [31] мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Муаррих А. Абдунабиев дар рисолаи илмии худ *“Муборизаи ҲКИШ барои зиёд кардани заминҳои обёришаванда (дар мисоли дашти Мирзочӯл)”* [22] роҷеъ ба таҷрибаи кории ташкилотҳои ҳизбӣ ва маҳаллии ҶШС Ӯзбекистон, ҶШС Қазоқистон ва ҶШС Тоҷикистон дар кори азхудкунӣ ва обёрии заминҳои бекорхобидаи дашти Мирзочӯл мавриди омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ С.М. Парпиев дар таҳқиқоти худ *“Обу ободонӣ”* [29] оиди таъсис ёфтани совхозҳои нав дар дашти Мирзочӯли тоҷик ва сохтмони иншоотҳои обӣ ва кори таълиму тарбия дар ин минтақа маълумоти муфид додааст. Олим В.А. Духовний дар асари худ *“Обёрӣ ва азхудкунии дашти Мирзочӯл”* [27] дар зербоби *“Ташкили корҳои хоҷагии қишлоқ дар совхозҳо”* доир ба таъсиси хоҷагиҳо, рушди пахтакорӣ ва дигар маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ба таври ҷадвал маълумотҳоро таҳлил ва пешниҳод намудааст. Муҳаққиқ Б. Бердиев дар резарисолаи худ *“Чӯли дирӯза – гулистони имрӯза”* [26] доир ба таъсиси совхозҳои нав дар дашти Мирзочӯли тоҷик дар бобҳои *“Азхудкунӣ: навбати аввал”* ва *“Навбати дуюм”* бо такя ба маводи матбуоти даврӣ ва хотироти фотеҳони Мирзочӯли тоҷик масъаларо баррасӣ намудааст. Қобили зикр аст, ки ба мавзӯи мазкур ғайр аз муаррихон, инчунин рӯзноманигорон низ таваҷҷӯҳ намудаанд. Аз ҷумла, З. Рустамов бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 55-солагии азхудкунии заминҳои навкорами Мирзочӯли тоҷик китоби илмӣ-оммавиеро таҳти унвони *“Зафаробод – диёри родмардон”* [30] ба нашр расонидааст, қисмати алоҳидаеро ба мавзӯи *“Обу ободонӣ, ташкилшавии хоҷагиҳои пахтакор”* бахшидааст. Рӯзноманигорон Ҷ. Муродбеков ва С. Акбаров китоберо таҳти унвони *“Фотеҳони Мирзочӯл”* [28] ба нашр расонидаанд, ки дар он баъзе аз паҳлӯҳои масъалаи баррасишаванда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Омӯзгор Шарифов С. асареро бо номи *“Зафармандони Зафаробод”* [33] таҳия намудааст, ки онро метавон қомуси илмӣ-оммавӣ номид, зеро асар аз тарҷумаи ҳол, акс ва корномаҳои фарзандони Зафаробод иборат аст. Муаллиф дар ин асари худ чандин ашхосеро ёдовар шудааст, ки дар таъсиси хоҷагиҳои нави деҳқонӣ ва минбаъд дар рушди онҳо саҳми худро гузоштаанд.

Зимни баррасии масъалаи таҷрибаи таърихии ташкили хоҷагиҳои нави муҳоҷирон дар заминҳои навазхудкардашудаи дашти Мирзочӯли тоҷик мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Барои расидан ба ҳадафҳои тадқиқот ба маводҳои Бойгонии давлатии вилояти

Суғд (хазинаи №№51, 785), Филиали бойгонии давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Истаравшан (хазинаи №Р-45-совхози “Ленинобод”, Р-47-совхози “Комсомоли Тоҷикистон”, Р-74-совхози “40-солагии Тоҷикистон”, Р-108-совхози ба номи С.Айнӣ), саҳифаҳои матбуоти даврӣ (“Коммунисти Тоҷикистон”, “Тоҷикистони советӣ”, “Ҳақиқати Ленинобод” ва “Зарбдор (1968-1991)”) ва маҷаллаҳо ((“Коммунисти Тоҷикистон” ва “Сельского хозяйство Таджикистана”) назари иҷмолӣ карда шуд. Ин ҳуҷҷатҳои нодир сарчашмаи муҳими таърихӣ барои таҳқиқи таърихи хоҷагии халқ мебошанд.

Аз оғози соли 1961 трести “Тоҷикселинстрой” барои таъсиси совхозҳо дар заминҳои навазхудкардашуда чораҳои зарурӣ андешиданд. Барои киштукори заминҳои азхудкардашуда деҳқонони колхозҳои ноҳияи Нов ва Ӯротеппа ҷалб карда шуданд.

Аввалин хоҷагӣ - совхози “Ленинобод” дар ҳудуди дашти Мирзочӯли тоҷик бо фармони трести «Главголодностепстрой» - и Вазорати хоҷагии қишлоқи ИҶШС аз 20 ноябри соли 1961 таҳти №578 таъсис ёфтааст [12, в.7]. Дар асоси фармони трести «Голодностепстрой»-и трести «Главголодностепстрой» аз 14 марти соли 1963 совхози «Ленинобод» тобеи трести азхудкунии трести «Тоҷикселинстрой» гардонида шуд [10, в.5]. Бо пешниҳоди сокинони шаҳраки Айнӣ ба шарафи амалӣ гаштани ғояҳои В.И. Ленин хоҷагӣ «Ленинобод» номгузорӣ карда шуд [28, с.125].

Дар асоси қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 18 декабри соли 1985 таҳти №367 “Дар бораи рушди трести агросаноатӣ”, фармони Вазорати хоҷагии қишлоқ аз 13 январи соли 1986, таҳти №30 ва фармони Трести хоҷагии қишлоқи вилояти Ленинобод аз 30 январи соли 1986, таҳти №11, фармони Шуъбаи хоҷагии қишлоқи ноҳияи Зафаробод аз 13 феврали соли 1986, таҳти №1 ва қарори Шурои вакилони халқии ноҳияи Зафаробод аз 12 июни соли 1986 , таҳти №63 “Иттиҳодияи агросаноатӣ” (РАПО) таъсис ёфт ва совхози “Ленинобод” тобеъи иттиҳодияи мазкур гардонида шуд [15, в.1].

Соли 1962 совхози “Ленинобод” дар майдони 4728 га пахта кишт намуд. Аз сабаби нарасидани қувваи корӣ 3647 гектари он ҷамъоварӣ карда шуду халос. Аз майдони ҷамъоварӣ шуда аз ҳар гектар 7,8 сентнерӣ ҳосил гирифтанд, аммо тибқи майдони кишт ба ҳисоби миёна 5,6 сентнерӣ рост омад.

Соли 1963 дар майдони 6101 га пахта кишт карда шуда, 8000 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд, ки аз ҳар га 13,4 сентнерӣ рост меомад. Аз миқдори ҳосили ба даст омада 63% ё ин ки 5040 тонна навъи якум буд [11, в.8].

Совхози “Ленинобод” соли 1962 дар майдони 4644 га, соли 1963 дар майдони 6101 га, соли 1964 6795 га ва соли 1965 6230 га пахта кишт намуда, мутаносибан 2645, 8194, 7037 ва 8800 тонна ҳосил ба даст оварда. Тайи солҳои 1962-1963 бригадирҳо Ҳакимов М. Почокалонов И., Шамсиев Б., Охунов М. аз уҳдаи иҷрои нақшаи ҷамъоварии пахта баромаданд. Дар ин давра механик-ронандагон Шарипов Бобоҷон, Каримов Самад ва Раҳимҷонов Чериеш аз 100 то 150 тонна бо мошинҳои худ пахта чиданд [11, в.55].

Соли 1963 совхози “Ленинобод” аз 5 шуъба ва 34 бригадаҳои пахтакорӣ иборат буд, ки дар ин сол ба ғайр аз бригадаҳои шуъбаи 5 (63%) дигар ҳамаи шуъбаҳо нақшаи пахтасупориро зиёд иҷро намуданд.

Соли 1972 совхози «Ленинобод» дар майдони 3250 га кишти пахта гузаронида, аз 34 бригада ҳама нақшаи солонаро барзиёд иҷро намуда, ба ҷои 4900 тоннаи нақша 5100 тонна ҳосил ба даст оварданд, ки ба ҳисоби миёна аз ҳар га 15,8 сентнерӣ рост меомад [14, в.8-9].

Соли 1963 дар совхози “Ленинобод” дар майдони 6521 га кишт гузаронида шуд, ки аз ин миқдор 6101 га пахта ба ҳисоб меравад [5, в.17].

Дар нимсолаи аввали соли 1964 дар совхози “Ленинобод” – и трести “Тоҷикселинстрой” 800 нафар коргарони доимӣ, 20 нафар коргарони мавсимӣ, 51 нафар коркунони техникӣ, 34 нафар хизматчиён, 11 нафар кормандони маҳаллӣ ва 35 нафар

кормандони хоҷагии манзилию коммуналӣ фаъолият доштанд [4, в.24].

12 июни соли 1967 таҳти №208 қарори КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон “Дар бораи чораҳо ҷиҳати расонидани кӯмак ба совхозҳои навтаъсиси ноҳияи Зафаробод дар иҷрои нақшаи ҷамъоварии пахта дар соли 1967” тасдиқ гардид. Дар асоси қарори мазкур шаҳрҳои Ӯротеппа, Исфара, Конибодом, Панҷакент, ноҳияҳои Ғончӣ Мастчоҳ, Нов, Хуҷанд, Ашт ва Айнӣ дар парвариш ва ҷамъоварии пахта ба меҳнаткашони ноҳияи Зафаробод кӯмак намоянд. Мутасаддиёни шаҳру ноҳияҳои Орҷоникидзеобод, Ленин, Қӯрғонтеппа, Исфара ва Ашт вазифадор карда шуданд, ки ба хоҷагиҳои ноҳияи Зафаробод механизаторон ва обмонҳои беҳтаринро фиристонанд [10, в.12].

Соли 1970 дар совхози “Ленинобод” 7975 га замин мавҷуд буд, ки аз ин миқдор 5760 га замини обӣ буда, соли мазкур дар майдони 4869 га кишт гузаронида шуд. Миқдори боғҳо 447 га ва заминҳои наздиҳавлигӣ 90 гектарро ташкил медод. Дар соли 1970 дар майдони 256 га ғалладона, 3600 га пахта, 38 га сабзавот, 515 га хӯроки чорво кишт карда шуд [13, в.18].

Тайи солҳои 1981-1983 совхози “Ленинобод” ба хирмани давлат 19548 тонна пахта супорид, ки ин аз нақша 548 тонна зиёд мебошад. Ҳаҷми даромади совхоз дар ин давра 110% зиёд гардида, ба 906 ҳазор рубл баробар гардид. Соли 1983 меҳнаткашони совхоз аз ҳар гектар пахта ба ҳисоби миёна 22,6 сентнер ҳосил рӯёниданд [16, в.1-2].

Соли 1982 бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум совхози “Ленинобод” бо аҳолӣ шартнома ба имзо расонид. Тибқи шартномаи мазкур ба оилаҳои хоҳишманд қитъаи замин барои истифода ва кишту кор ҷудо карда дода шуд. Соли 1983 2850 гектар замин ба оилаҳо вогузор карда шуд, ки аз ин миқдор дар майдони 1200 гектар кишти пахта гузаронида шуд. Барои кишту парвариши пахта ба ҳар як гектар 180 рубл ҷудо карда шуд. Дар натиҷа оилаи Снгинова А. аз 5 гектар пахта соли 1983 6470 рубл фоида ба даст оварданд, ки ин ба ҳар як аъзои оила 359 рубл дар як мавсим рост меомад. Пулотова Насиба ҳамроҳи оилааш дар майдони 15 гектар пахта кишт намуда, 8436 рубл фоида гирифт, ки ин ба ҳар як аъзои оила 830 рубл рост меомад [16, в.3-4].

Соли 1984 550 оила барои истифодаи замин ариза пешниҳод намуданд, ки ба онҳо 5600 га замин дода шуд. Ин оилаҳо дар майдони 2300 га пахта пахта кишт намуданд [16, в.4].

Давоми солҳои мавҷудият совхози “Ленинобод” ба сифати яке аз хоҷагиҳои таҷрибаи пешқадами пахтакорӣ шинохта шуд. Маҳз дар ҳамин хоҷагӣ усул ва шаклҳои пешқадами зироатпарварӣ, аз ҷумла пудрати оилавӣ ҷорӣ гашта, ин таҷриба дар амалияи ҳамаи ноҳияҳои пахтакор татбиқи худро ёфта буд. Тайи солҳои гуногун совхози “Ленинободро” роҳбарони кордон Ҷалол Ҳомидов, Ҳомид Каримов, Ҷумъа Халифаев, Рӯзибой Юлдошев ва Қулӣ Ҷумъаев сарварӣ кардаанд.

Соли 1987 хоҷагӣ ба ду совхоз – “Ленинобод” ва “Ширин” тақсим шуд ва то соли 1996 совхозро Сайдулло Абдуллоев ва Ринат Мирзоев роҳбарӣ карданд.

3 апрели соли 1964 фармони иттиҳодияи “Главсредазирсовхозстрой” таҳти №44 “Дар бораи таъсиси совхози нави пахтакорӣ дар қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯли тоҷик” бо мақсади васеъ намудани заминҳои кишт, рушди соҳаи пахтакорӣ ва дигар маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ дар қисмати тоҷикистонии дашти Мирзочӯл ба тасвиб расид. Дар асоси фармони мазкур совхози навтаъсис ба истиқболи 40 солагии таъсиси ҶМШС Тоҷикистон “40-солагии Тоҷикистон” номгузорӣ карда шуд. Инчунин, тибқи фармони батасвибрасида директори совхоз сардори шуъбаи совхози “Ленинобод” Қулӣ Ҷумъаев таъин карда шуд ва ба совхоз шуъбаҳои 3-4-5 совхози “Ленинобод” вобаста карда шуд [20, в.1].

Дар асоси қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 3 апрели соли 1974 таҳти №780-л, қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 9 июли соли 1974, №274-р ва фармони Вазорати хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1974 таҳти №554 совхози “40-солагии Тоҷикистон” тобеи Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон гардонида

шуд.

Дар асоси фармони иттиҳодияи “Тоҷикселинстрой” аз 3 апрели соли 1964, таҳти №49 сармуҳосиби совхоз Нозимов Мирзо, сарагроном Ҳусейнов Ҳамдам ва сармуҳандис Орифов Маъруф таъин карда шуданд. Тибқи фармони мазкур ҳудуди совхози “40-солагии Тоҷикистон аз роҳи Ӯротеппа-Урсатевск дар ғарб то канали “ТМ-1” ва қад-қади канали “ТМ-2” муайян карда шуд [20, в.3-6].

Соли 1964 совхози “40-солагии Тоҷикистон” нақшаҳои пешбининамударо сарбаландона иҷро намуд. Ба ин муносибат 1 маи соли 1965 директори совхоз Қулӣ Ҷумъаев якқатор пешсафонро бо маблағи пулӣ ифтихорнома, сипоснома ва роҳхат ба осоишгоҳ қадрдонӣ намуд. Аз ҷумла, 8 нафар – Муҳаммадиев Сироҷ, Сайфуллоев Набӣ, Тӯйчиев Башман, Бобоҷонов Рӯзибой, Шерматов Аюб, Додоев Ҳаким, Давлетшин М. ва Юнусов Файзӣ бо Ифтихорномаи совхоз, 21 нафар – Додоев Умарқул, Усмонов Абдураҳмон, Почокалонов Восид, Иброҳимов Ҳорунбой, Исоев Қосим, Орифов Носир ва ғайраҳо бо Сипоснома қадрдонӣ гардида, 5 нафар – Назарматов А., Муҳаммадиев А., Турсунов Соҳибназар, Ғоибназаров Ғ. ба осоишгоҳи шаҳриТошканд, Сунчаков Николай ва Шматов Леонид ба осоишгоҳи шаҳри Ош фиристода шуданд [21, в.34-35].

Соли 1965 меҳнаткашони Тоҷикистон ба давлат 608 ҳазор тонна пахта супориданд. Дар он саҳми меҳнаткашони совхози “40-солагии Тоҷикистон” кам нест, зеро дар ин сол ин совхоз ба давлат 4 ҳазор тонна пахта супорид, ки дар он саҳми бригадирҳо Орифов Обид, Ҷӯраев Додоҷон, Шамсиев Бӯрон, Эгамназаров Исо, механик-ронандагон Раҳимҷонов Чермаш, Бобоев Ш., Аллаёров А. ки аз бордони “киштии ҳуд” аз 75 то 100 тонна пахта рехтанд бағоят бузург буд. Ба ин муносибат ба истиқболи соли нави мелодии 1966 бо фармони директори совхоз Ҳусейнов Ҳамдам 8 нафар бо маблағи пулӣ (13 рубл) ва 9 нафар бо Ифтихорнома қадрдонӣ карда шуданд [21, в.139-140].

6 феврали соли 1965 таҳти №44 фармони иттиҳодияи «Главсредазирсовхозстрой» бо мақсади васеъ кардани заминҳои кишт ва рушди пахтакорӣ «Дар бораи таъсиси совхози нави пахтакорӣ дар дашти Мирзочӯли тоҷик» ба имзо расид. Дар асоси фармон дар ҳудуди дашти Мирзочӯли тоҷик совхози пахтакории №1 аз ҳисоби шуъбаи №1 ва 2-и совхози «40-солагии Тоҷикистон» таъсис дода шуда, тобеъи иттиҳодияи «Тоҷикселинстрой» гардонида шуд. Маркази совхози навтаъсис шаҳраки СМУ-22 муайян карда шуд. Майдони умумии заминҳои совхоз 6741 гектар ҳисобида шуда, деҳаи Логинд низ тобеъи совхози навтаъсис гардонида шуд. Директори совхоз Раҳматов П. таъин карда шуд [17, в.4].

Совхоз дар соли 1965 дар майдони 6000 гектар кишт гузаронид, ки аз ин миқдор 4700 га пахта ба ҳисоб мерафт. Дар соли нахустин меҳнаткашони ноҳия 4950 тонна пахта, 1420 тонна ғалладонагӣ, 80 тонна картошка, 220 тонна сабзавот, 200 тонна полезӣ, 2500 тонна ҷуворимакка, 100 тонна хӯроки чорво ҳосил ба даст оварданд, ки он 2036952 рублро ташкил медод [17, в.6].

15 декабри соли 1965 таҳти №576 фармони Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон “Дар бораи номгузории совхози №1 иттиҳодияи “Тоҷикселинстрой” – и ноҳияи Ӯротеппа” ба имзо расид. Дар асоси фармони мазкур совхози №1 иттиҳодияи “Тоҷикселинстрой” – и ноҳияи Ӯротеппа ба “Комсомоли Тоҷикистон” ивази ном карда шуд [17, в.11].

Соли 1971 совхози “Комсомоли Тоҷикистон” дар майдони 4000 гектар пахта кишт намуда, 6000 тонна ҳосил ба даст овард, соли 1972 4100 гектар ва ҳосил 6355 тонна, соли 1973 4100 гектар ва ҳосил 6560 тонна, соли 1974 4100 гектар ва ҳосил 6765 тонна ва соли 1975 4100 гектар ва ҳосил 6970 тонна баробар гардид. Аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна мутаносибан 15.0, 15.5, 16.0., 16.5, 17.0 сентнер “тиллои сафед” ҷамъоварӣ карданд [18, в.95].

Соли 1982 дар ғунучини ҳосили пахта дар совхози “Комсомоли Тоҷикистон” 64 нафар механик-ронандагон иштирок намуданд, ки ҳамаи онҳо нақшаи пешбининамударо пурра иҷро намуданд. Аз ҷумла, Холиқов Назар, Шермонов Раҳмон, Примов Қурбонбой,

Эшмуродов Бута, Содиқов Мирусмон, Ортиқова Соҳиба, Атаева Бибиҷон, Солеҳов Зарифбой, Шоғолибов Азиз, Тошев Карим, Норматов Холмат, Ашрапов Суннат, Сафаров Мирзо, Сафаров Туйхон, Муллоев Розиқ, Шарипов Содиқ, Бурҳонов Худойбердӣ, Ҳусейнов Норқул, Ниёзов Саид, Раҳмонов Раҳим, Қузибоев Очил, Одинаев Аҳмад, Ибрагимов Ибодқул, Сафаров Ҳалим, Дустов Надир, Нуров Пир, раҷабов Тағоймурод ва ғайраҳо дар ғунучини пахта тавассути машин ёрии калон расонида нақшаро 150-180% иҷро намуданд.

Дар ба даст овардани ҳосили хуби пахта саҳми бригадаҳои Примов Исмоил, Шоимов Ирис, Абдуллоева Маҳбуба, Содиқов Сиддиқ, Боймирзоев Ҷалол, Эшонқулов Собирқул, Саидов Юлдош, Бурҳонов Ғоибназар, Умаров Мулло, Шоғолибов Бобо, Дониёров Умурзоқ, Мирзоев Тошбек, Нозимов Қурбон ва ғайраҳо бағоят бузург аст, онҳо ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар замин 32 сентнерӣ ҳосил ба даст оварданд [19, в.8-16].

Бо сабаби зиёд гардидани замиинҳои кишт, баланд бардоштани ҳосили пахта ва дигар маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ дар дашти Мирзочӯли тоҷик бо фармони трести “Главсредазирсовхозстрой”-и назди Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ИҶШС аз 7 апрели соли 1970, таҳти №57 дар ҳайати иттиҳоди «Тоҷикселинстрой» совхози нави пахтакории №2 таъсис дода шуд. Дар асоси қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 19 августи соли 1970 бо фармони Трести азхудкунии иттиҳодияи «Тоҷикселинстрой» совхози пахтакории №2 ба совхози ба номи Садриддин Айнӣ ивази ном карда шуд [8, в.1].

Баъд аз таъсиси совхози пахтакории №2 (ба номи Садриддин Айнӣ) майдони умумии совхози “Ленинобод ба 7457,5 гектар, совхози “Комсомоли Тоҷикистон” ба 8142,9 гектар, совхози “40-солагии Тоҷикистон” ба 6703,4 гектар ва совхози ба номи С.Айнӣ 6200,5 гектар баробар гардид. То соли 1970 миқдори заминҳои азхудкардашуда ба 28 504,3 гектар расид ва миқдори заминҳои обӣ бошад 25 588,7 гектарро ташкил медод. Совхози ба номи С.Айнӣ аз ҳисоби шуъбаи №3 совхози “40-солагии Тоҷикистон” ва шуъбаи №5 совхози “Комсомоли Тоҷикистон” таъсис дода шуд. Бо фармони Трести азхудкунии иттиҳодияи “Тоҷикселинстрой” аз 13 апрели соли 1970, таҳти №41 директор совхози пахтакории №2 (ба номи С.Айнӣ) Холбой Авезов таъин карда шуд. Соли аввали таъсисёбӣ совхоз аз 17 бригада – 13 бригадаи пахтакорӣ, 2 бригадаи сабзавоту полезипарварӣ, 1 бригадаи ғаллакорӣ ва 1 бригадаи юнучқапарварӣ иборат буд [9, в.3-14].

Тайи солҳои 1975-1980 совхози ба номи С.Айнӣ 34 236 тонна ба давлат пахта супорида, нақшаро 130,6% иҷро намуд. Аз ҷумла, соли 1975 4352,5 тонна, соли 1976 5642,5 тонна, соли 1977 4651,3 тонна, соли 1978 6283,8 тонна, соли 1979 6379,9 тонна ва соли 1980 6926 тонна «тиллои сафед» ба давлат супорида, аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна аз 18,6 то 21,3 сентнерӣ ҳосил ба даст оварданд.. Аз миқдори умумии ҳосили пахта дар ин солҳо 19974 тонна ё ин ки 58,2 % тавасути мошинҳо ҷамъоварӣ карда шуд. Аз 34 236 тоннаи ҳосили пахта 60,8% навъи якум, 11,6 % навъи дуюм, 19,6% навъи сеюм ва 8 % навъи чорум маҳсуб меёфт [9, в.42].

Соли 70-ум навбати дуюми азхудкунии заминҳои дашти Мирзочӯли тоҷик оғоз гардид. Аввалин совхозе ки дар ин давра соли 1975 ташкил гардид, хоҷагии давлатии “Победа” буд. Дар хоҷагӣ 4 шуъбаи пахтакорӣ, 3 шуъбаи хошоктайёркунӣ, 5 бригадаи сабавоткорӣ ва фермаи ширию молӣ бо 450 сар чорвои калони шохдор ташкил карда шуд. Майдони умумии заминҳои совхоз аз 2870 гектар иборат буда, соли аввал дар майдони 1840 гектар зироатҳои кишоварзӣ кишт карда шуд [26, с.15; 30, с.72; 28, с.178].

Соли 1975 аз аввалинҳо шуда совхози “Победа” нақшаи пахтасупориро дар ҳаҷми 630 тонна иҷро намуд. Аз ин миқдор 367 тонна ба воситаи мошинҳо чида шуд. Мувофиқи совхоз аз ҳар га 14,5 сентнерӣ ҳосил ба даст овардаанд [35, с.1].

Соли 1977 дар қисмати ғарбии дашти Мирзочӯли тоҷик совхози “Дӯстӣ” таъсис ёфт. Майдони умумии заминҳои хоҷагӣ аз 5230 гектар иборат буда, соли аввали

таъсисёбӣ дар майдони 3300 гектар кишт гузаронида шуд. Хоҷагӣ солҳои аввал аз 6 шуъбаи пахтакорӣ, 45 бригадаи пахтакорӣ, 2 бригадаи хошоктайёркунӣ, 8 бригадаи сабзавоткорӣ буд [26, с.15; 30, с.7273; 28, с.178].

Баъдан солҳои 80-уми асри XX дар заминаи совхозҳои мавҷуда совхозҳои нав ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, соли 1980 дар заминаи хоҷагиҳои "Комсомоли Тоҷикистон" ва "Ленинобод" совхози "Навкорам", моҳи январи соли 1982 дар заминҳои совхози ба номи С.Айнӣ ва "40-солагии Тоҷикистон" совхози "Пахтакор", дар заминаи совхози "Ленинобод" совхози "Ширин" ва соли 1990 дар заминаи совхози "40-солагии Тоҷикистон" ва ба номи С.Айнӣ совхози "Суғдиён" таъсис ёфт.

Соли 1962-1963 пахтакорони дашти Мирзочӯли тоҷик 10931 тонна ва соли 1964 13400 тонна "тиллои сафед" ба даст оварданд.

Давоми солҳои 1962-1964 меҳнаткашони дашти Мирзочӯли тоҷик барои дастовардҳо дар самти пахтакорӣ бо маблағи умумии 8 млн рубл қадрдонӣ гардиданд [4, в.5].

Совхози "40-солагии Тоҷикистон" бошад соли 1964 3915 ва соли 1965 3630 га кишти пахта гузаронида соли якум 4676 ва соли дуюм 5550 тонна "тиллои сафед" ғун дошт. Совхози №1 "Комсомоли Тоҷикистон" бошад, соли 1965 дар майдони 4700 га пахта кишт намуда, 4950 тонна ҳосил гирифт. Совхозҳои дашти Мирзочӯли тоҷик тайи солҳои 1962-1965 ҳосили пахтаро аз 5,7 сентнер ба 13,3 сентнер барои ҳар як гектар расонида, аз 2645 тоннаи соли 1962 ба 19300 тонна дар соли 1965 расид [7, в.22].

Ноҳияҳои Нов, Хуҷанд ва Ғончӣ ба совхози "Ленинобод", шаҳри Ӯротеппа ва ноҳияи Айнӣ ба совхози "Комсомоли Тоҷикистон", шаҳрҳои Конибодом, Панҷакент, Исфара, ноҳияҳои Мастчоҳ ва Ашт ба совхози "40-солагии Тоҷикистон" барои парвариш ва ҷамъоварии пахта кӯмак мерасониданд [10, в.13-14].

Соли 1964 ба дашти Мирзочӯли тоҷик пахтакорони номӣ Сангин Эшов, Ҷалол Боймирзоев, Бӯрон Шамсиев ва Аҳмад Турсунов кӯчида омаданд. Соли 1966 совхозҳои ноҳия дар майдони 15 ҳазору 975 га пахта кишт намуда, 14 ҳазор тонна ҳосил ба даст оварданд. Дар ин сол бригадаҳои Ҷалол Боймирзоев, Обид Наимов, Ҳусайн Насриддинов, Аҳмад Одилов ва Акбар Ҳоҷимуродов нақшаи ба давлат супоридани пахтаро пеш аз муҳлат иҷро намуданд. Соли 1966 40% пахта тавассути машинаҳо ғунучин карда шуд. Механизаторон Воҳид Маъмуров, Абдусаттор Абдукаримов (аз совхози "Ленинобод"), Бозор Ёрматов, Комил Исмоилов, Рашид Худойназаров (аз совхози "40-солагии Тоҷикистон") ва Ғафур Облоназаров (аз совхози "Комсомоли Тоҷикистон") ба воитаи агрегатҳои пахтачинӣ аз 56 то 83 тоннагӣ "тиллои сафед" ҷамъ оварданд. Механик-ронанда Рафиқ Дадобоев дар ин сол корнамоии хуб нишон дода, аз бордонии "киштии сабз" 120 тонна пахта рехт.

Соли 1967 як гуруҳ механизаторон аз ноҳияи Куйбишев кӯчида омаданд. Онҳо дар совхози "Ленинобод" ба кор шуруъ карда, бо сардории пахтакори ботаҷриба Валӣ Қароев бригадаи комплексии механиконидашуда ташкил намуданд. Ташаббуси наҷиби куйбишевиҳо ба пахтакорони дигари ноҳияҳои водии Вахш намунаи ибрат гардид. Яг гуруҳ деҳқонони ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Қумсангир ва Ленин ба ноҳияи Зафаробод кӯч бастанд. Деҳқонони аз ноҳияи Ленин омада дар совхози "Комсомоли Тоҷикистон" корро оғоз намуда, ду бригадаи пахтакорӣ ташкил намуданд ва дар майдони 200 гектар пахта кишт намуданд [36, с.43].

Соли 1972 дар ноҳияи Зафаробод бригадҳои Сафаров Раҷабой аз совхози "Комсомоли Тоҷикистон" ва Хоҷимуродов Акбар аз совхози "40-солагии Тоҷикистон" аз ҳар гектар зиёда аз 35 сентнер ҳосили пахта рӯёниданд. Сафаров Раҷабой пахтаи навъи 108-Ф – ро дар майдони 60 га кишт намуда, тибқи нақша бояд аз ҳар гектар 16,2 сентнер ҳосил мерӯёнд, аммо ӯ ба ҳисоби миёна аз ҳар га 35,5 сентнер ҳосил гирифта нақшаро 217,5% иҷро намуд. Акбар Ҳоҷимуродов бошад, пахтаи навъи 108-Ф-ро дар майдони 60

га кишт намуда, тибқи нақша бояд аз ҳар га 20,8 сентнер ҳосил мегирифт, аммо ӯ аз ҳар гектар 35,0 сентнер ҳосил рӯёнида, нақшаро 168 % иҷро намуд [2, в.17].

Тибқи қарори КМ Намоиши дастовардҳои хоҷагии халқи ИҶШС аз 7 августи соли 1974, №401-н ба кормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ барои дастовардҳои меҳнатӣ дар соли 1973 ва иҷроиши "Шарту нишондодҳои баланди иштироккунандагони НДХХ ИҶШС, хоҷагии қишлоқ ва мукофотонидани онҳо" 373 нафарро мукофотонид, ки аз ҷумла ба 16 нафар медали тилло, 78 нафар медали нуқра ва 279 нафар медали биринҷӣ. Кормандони хоҷагии қишлоқи вилояти Ленинобод бо маблағи 24950 рубл мукофоти пулӣ гирифтанд. Бригадаи №10 совхози "40-солагии Тоҷикистон" бо Дипломи дараҷаи дуюм ва маҷмӯи китобҳо барои китобхона мушарраф гардид. Бригадир Ҳоҷимуродов Акбар, механик-ронанда Муқимбоев Шодмонқул, корманд Юляхшиев Тилло бо медали нуқра ва 100 рублӣ маблағ сарфароз гардиданд. Корманди совхози "40-солагии Тоҷикистон" Бекназаров Бута, бригадир Ҳакимов Зиёвиддин, кормандон Маҳмудов Шарофиддин ва Каримов Абдуазиз аз совхози "Ленинобод" бо медали биринҷӣ ва 50 рублӣ маблағ қадрдонӣ шуданд. Дар намоишномаи мазкур 3 нафар аз ноҳияи Зафаробод иштирок намуданд. Бригадири бригадаи №22 Содиқов Сиддиқ, аъзоён Ҳакимов Раззоқ ва Миразимов Амон аз совхози "Комсомоли Тоҷикистон" ширкат варзиданд [1, в.9-11].

Соли 1975 бригадаи С.Холмуродов аз совхози "40-солагии Тоҷикистон" дар майдони 120 гектар пахта кишт намуда, ҳосилнокии ҳар як гектар ба 38,2 сентнер баробар гардид [37, с.70]..

Дар асоси фармони Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон аз 24.12.1984, №637 "Дар бораи ҷамъбасти мусобиқаи сотсиалистии ҷумҳуриявӣ ба хотири ҷашни 60-солагии таъсиси ИҶШС" як қатор совхозу колхозҳои ҷумҳурӣ бо Байрақи Сурхи КМ ҲК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони Тоҷикистон, Иттифоқи касаба ва КМ ЛКСМ Тоҷикистон қадрдонӣ гардида, номи онҳо дар Тахтаи фахрии ВХҚ сабт гардид. Совхози ба номи С.Айнии ноҳияи Зафаробод ғолиби ин мусобиқа гардида, бо Байрақи Сурхи КМ ҲК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони Тоҷикистон, Иттифоқи касаба ва КМ ЛКСМ Тоҷикистон ва 10100 рубл маблағ сарфароз гардид. Баробари он совхози "Роғун" – и ноҳияи Комсомомлобод ба Байрақи Сурх ва 3500 рубл, совхози "Шайнак" – и ноҳияи Ленин бо 2530 рубл, совхози "Туркманистон" – и ноҳияи Вахш бо 17396 рубл ва совхози №4 ноҳияи Ёвон бо 12960 рубл маблағ қадрдонӣ гардиданд [3, в.51-56].

Ҳамин тавр, заминаи сиёсати давлат оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва танзими равандҳои муҳоҷирати дохилӣ, марҳалаи мазкур яке аз даврaҳои муҳимми рушди аграрии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин ташаббусҳо на танҳо ба зиёд шудани майдонҳои заминҳои корам, балки ба тағйирёбии муҳити демографӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодии дохилимintақавӣ таъсири назаррас расонданд. Ташкили хоҷагиҳои нави муҳоҷирон дар дашти Мирзочӯли тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX) ҳамчун як раванд дар доираи сиёсати мутамарказонидашудаи замони шӯравӣ амалӣ гардида, дорои хусусиятҳои хоси иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ин раванд мисоли равшани ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлат ва ҷомеа дар роҳи рушди минтақавӣ буда, барои фаҳмиши таърихи истифодаи захираҳои табиӣ, сиёсати заминдорӣ ва танзими демографӣ дар Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад. Хулоса, натиҷаҳои таҳқиқот собит месозанд, ки таҷрибаи солҳои баррасигардида дар ташкили хоҷагиҳои нав на танҳо аҳамияти таърихӣ, балки арзиши омӯзишӣ ва амалии баланд барои тадқиқоти муосири илмҳои ҷамъиятӣ ва сиёсати аграрии кунунии ҷумҳурӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Бойгонии давлатии вилояти Суғд (БДВС), Х.51., Р.16., П.128.
2. БДВС, Х.51., Р.16., П.6.
3. БДВС, Х.51., Р.16., П.71.
4. БДВС, Х.785., Р.1., П.7.
5. БДВС, Х.785., Р.2., П.29.
6. БДВС, Х.785., Р.7., П.5.
7. БДВС, Х785., Р.10., П.30.
8. Филиали бойгонии давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Истаравшан, Х.Р-108, Р.1., П.1.
9. ФБДВСИ, Х.Р-108, Р.1., П.115.
10. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.1., П.1.
11. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.1., П.22.
12. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.1., П.54.
13. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.3., П.17.
14. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.3., П.30.
15. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.5., П.3.
16. ФБДВСИ, Х.Р-45., Р.5., П.82.
17. ФБДВСИ, Х.Р-47., Р.1., П.1.
18. ФБДВСИ, Х.Р-47., Р.4., П.20.
19. ФБДВСИ, Х.Р-47., Р.4., П.313.
20. ФБДВСИ, Х.Р-74., Р.1., П.1.
21. ФБДВСИ, Х.Р-74., Р.1., П.11.
22. Абдунабиев А. Борьба КПСС за увеличение орошаемых земель (на примере Голодной степи) [Текст] / А.Г. Абдунабиев. – Ташкент: Узбекистан, 1966. – 240 с.
23. Алдабергенов А. Очерки истории освоения Голодной степи (1918-1968) [Текст] / А. Алдабергенов. – Алма-Ата: Наука, 1970. – 170 с.
24. Ахмедов Р. Деятельность Коммунистической партии Таджикистана по освоению земель (1960-1975 гг.). Автореф. Дисс. … канд.ист. наук. – 22 с.
25. Аҳмадалиев Б. Диёри навобод // Коммунисти Тоҷикистон. – №9. – сентябри соли 1974. – С.43-48.
26. Бердиев Б. Чӯли дирӯза-гулистони имрӯза [Матн] / Б.Бердиев. – Хуҷанд:Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 1996. – 62 с.
27. Духовный В.А. Орошение и освоение Голодной степи / Под.ред. В.В. Пославского. – Москва: Колос, 1973. – 240 с.
28. Муродбеков Ҷ. Фотеҳони Мирзочӯл [Матн] / Ҷ.Муродбеков, С.Акбарзода. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 468 с.
29. Парпиев С. Вода пришла в степь [Текст] / С.М.Парпиев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 62 с.
30. Рустамов З. Зафаробод – диёри родмардон. [Матн] / З.Рустамов. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 416 с.
31. Ҳоҷимуродов А. Пахта ифтихору сарвати бебаҳои мост // Коммунисти Тоҷикистон. – №3-4. – Март-Апрели соли 1981. – С.180-184.
32. Ҳусейни Н. Фотеҳони чӯли Мирзо. Қисми аввал. Замини Акбар [Матн] / Н.Ҳусейни. – Хуҷанд:Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. – 210 с.
33. Шарифов С. Зафармандони Зафаробод [Матн] /С.Шарифов. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – 288 с.
34. Юсуфи Н. Фарҳоди Мирзочӯл. Очерки бадеиву публисистӣ [Матн] / Н.Юсуфи, Нажмиддини Ш. – Хуҷанд, 2001. – 72 с.
35. Ба аҳд вафо мекунем //Зарбдор. – 1975. 11 октябр. - №121 (1131). – С.1.

36. Каримов Қ. Дар райони навбунёд // Коммунисти Тоҷикистон. – №8. – Августи соли 1967. – С.42-44.
37. Раҳматуллоев У., Очилдиев С. Диққати ҷиддӣ ба сифату самаранокии пахта // Коммунисти Тоҷикистон. – №11. – Ноябри соли 1976. – С.65-70.

АЗ ТАЪРИХИ ТАШКИЛИ ХОҶАГИҲОИ НАВИ МУҲОҶИРОН ДАР ЗАМИНҲОИ НАВАЗХУДКАРДАШУДАИ ДАШТИ МИРЗОЧӮЛИ ТОҶИК (СОЛҲОИ 60-80-УМИ АСРИ XX)

Дар мақола, масъалаи ташаккул ва рушди хоҷагиҳои нави деҳқонии муҳоҷирон дар заминҳои ба гардиши кишоварзӣ воридкардашудаи дашти Мирзочӯли тоҷик дар солҳои 60-80-уми асри XX мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф доир ба заминаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии таъсиси совхозҳо ишора намуда, саҳми муҳоҷиронро дар рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ баррасӣ намудааст. Ҳангоми баррасии матолиби мазкур доир ба таъсиси совхозҳои "Ленинобод", "40-солагии Тоҷикистон", "Комсомоли Тоҷикистон", ба номи С.Айнӣ, "Победа" ва "Дӯстӣ" маълумоти арзишманди таърихӣ дода шудааст. Инчунин, дар мақола рушди соҳаи пахтакорӣ дар солҳои 60-80-уми асри XX дар дашти Мирзочӯли тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Натиҷаи баррасӣ аён сохт, ки таҷрибаи ташкили хоҷагиҳои нав на танҳо аҳамияти таърихӣ, балки арзиши омӯзишӣ ва амалии баланд барои тадқиқоти муосири илмҳои ҷамъиятӣ ва сиёсати аграрии кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

Калидвожаҳо: хоҷагиҳои деҳқонӣ, совхоз, дашти Мирзочӯли тоҷик, "Главголодностепстрой", "Гипроводхоз", "Ленинобод", "40-солагии Тоҷикистон", "Комсомоли Тоҷикистон", ба номи С.Айнӣ, "Победа, "Дӯстӣ".

Дар бораи муаллиф: Содиқов Сомон Раҳимқулович – унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯч. Мавлонбекова 1. E-mail: somonsodikov8@gmail.com Тел.: (+992)92 840 99 07

ИЗ ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ НОВЫХ ХОЗЯЙСТВ ПЕРЕСЕЛЕНЦЕВ НА ОСВОЕННЫХ ЗЕМЛЯХ ТАДЖИКСКОЙ ЧАСТИ МИРЗАЧУЛЬСКОЙ РАВНИНЫ (1960–1980-Е ГОДЫ XX ВЕКА)

В статье рассматриваются вопросы формирования и развития новых крестьянских хозяйств переселенцев на землях, введённых в сельскохозяйственный оборот в таджикской части Мирзачульской равнины в 60–80-е годы XX века. Автор указывает на экономические и социальные предпосылки создания совхозов и анализирует вклад переселенцев в развитие крестьянских хозяйств. В ходе анализа затрагиваются исторически значимые сведения о создании совхозов «Ленинабад», «40-летие Таджикистана», «Комсомол Таджикистана», имени С. Айни, «Победа» и «Дусти». Также в статье рассматривается развитие хлопководства в таджикской части Мирзачульской степи в указанный период. В результате анализа выявлено, что опыт создания новых хозяйств имеет не только историческое значение, но и высокую учебную и практическую ценность для современных исследований в области общественных наук и аграрной политики современной Республики Таджикистан.

Ключевые слова: крестьянские хозяйства, совхоз, таджикская часть Мирзачульской равнины, «Главголодностепстрой», «Гипроводхоз», «Ленинабад», «40-летие Таджикистана», «Комсомол Таджикистана», имени С. Айни, «Победа», «Дусти».

Об авторе: Содиков Сомон Рахимкулович – соискатель кафедры истории таджикского народа Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова 1. E-mail: somonsodikov8@gmail.com Тел.: (+992)50 1300799

FROM THE HISTORY OF THE FORMATION OF NEW SETTLERS' FARMS ON RECLAIMED LANDS OF THE TAJIK PART OF THE MIRZACHUL PLAIN (1960S–1980S)

This article examines the formation and development of new peasant farms established by settlers on lands introduced into agricultural circulation in the Tajik part of the Mirzachul Plain during the 1960s–1980s. The author highlights the economic and social prerequisites for the creation of state

farms (sovkhozes) and analyzes the contribution of settlers to the development of peasant farming. The analysis includes historically significant information on the establishment of sovkhozes such as "Leninabad," "40th Anniversary of Tajikistan," "Komsomol of Tajikistan," named after S. Ayni, "Pobeda," and "Dusti." The article also explores the development of cotton cultivation in the Tajik part of the Mirzachul Plain during this period. The findings show that the experience of creating new farms holds not only historical significance but also high educational and practical value for modern research in the social sciences and the current agrarian policy of the Republic of Tajikistan.

Keywords: peasant farms, sovkhoz, Tajik part of the Mirzachul Plain, "Glavgolodnostepstroy", "Giprovodkhoz", "Leninabad", "40th Anniversary of Tajikistan", "Komsomol of Tajikistan", named after S. Ayni, "Pobeda", "Dusti".

About the author: Sodikov Somon Rahimkulovich – applicant of the Department of History of the Tajik People of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov", 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Street 1. E-mail: somonsodikov8@gmail.com Тел.: (+992)50 1300799

УДК: 94(47).084 + 355.48 + 94(575.3)

УЧАСТИЕ И ГЕРОИЗМ ПОСЛАНЦЕВ ГБАО РТ В СРАЖЕНИЯХ ПОД МОСКВОЙ, ЛЕНИНГРАД, СТАЛИНГРАД, КУРСК И ЗАКАВКАЗЬЕ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1943гг.).

Ходжибеков Э.

Хорогский государственный университет имени М.Назаршоева

Великая Отечественная война (1941-1945гг.) является самым трудным и в то же время героическим периодом истории советского народа. В Таджикской ССР, как и по всей стране, прошли многолюдные митинги. Во всех военкоматах республики обращаются добровольцы, горящие желанием как можно скорее попасть на фронт. Много заявлений поступило и от жителей ГБАО РТ. Так, Г. Гуломшоев писал: «Прошу отправить меня на фронт для борьбы против германо-фашистской банды, посягнувшей на нашу Родины» [15, 281-282].

Из ГБАО РТ не призывали молодежи в рядах Красной Армии до 1943г., и историки подходят к этому по-разному. Так, Л.П. Сечкина об этом писала: «В начале войны всеобщая мобилизация на Памире не была объявлена, хотя выборочная мобилизация и прием в армию добровольцев проходили постоянно. В 1943г. в ГБАО РТ была проведена мобилизация молодежи, в основном 1925г. рождения, и тогда в действующую армию было направлено свыше двух тыс. человек» [15,282]. Саидасанов Ю.Ш. отмечает, что из-за возможного нападения со стороны Афганистана молодежь Памира до 1943г. не был призван в ряды Красной Армии, и он сохранялся как резерв [16, 103]. Л.Н. Харюков об этом пишет иначе: "дело о «шпиономании», субъективно раздутое бывшими советскими спецслужбами в г. Хорог дошло до того, что в 1943 или 1944 г. специальная правительственная комиссия была направлена в ГБАО для рассмотрения вопроса о целесообразности депортации памирцев. По чистой случайности памирские народности не вошли в разряд депортированных и репрессированных народов в сталинско-берийские времена. Входивший в состав этой комиссии известный исламовед Л.И. Клымович категорически выступал против такого шага в отношении Памирцев» [18, 156]. Л.И. Клымович спас памирские народности в те тяжелые годы от массовых депортаций. И тогда за этот свой дерзкий поступок отстоять памирцев Л.И. Клымович сам чуть не поплатился жизнью [18, 205].

Вот как рассказывает об отправке на фронт памирцев один из ветеранов войны А.Набиев:[1] «Осенью 1943г. нас, группу призывников из Ишкашимского р-на направили

[1] Набиев Алигавхар род.17 мая 1925г. в Ишкашимского р-на ГБАО. 25 августа 1943г. был призван в Советской армии. Награжден орденом «Слава» III степени, «Великой отечественной войны», «Победа над Германии», медалями «За отвагу», «Победа над Германии» и др.

в Хорог. Три дня мы пешком добирались до Хорога. Отсюда нас на машинах направили в г. Ош Киргизстан и далее нас направили в Бухару, где обучали на пулеметчика» [3]. Калайхумбцы С. Собиров и А. Кахаров находились с 1939г. на действительной службе. Они приняли участие в первых оборонительных боях под Смоленском оба были тяжело ранены. С первых дней войны были на фронте А.Каноатов, Р.Мухаббатов, А.Сияев, Г.Ходжаев и другие. Ванчский колхозник Р. Мухаббатов был призван в армию в 1940г. и будучи курсантом военного училища принимал участие в обороне Киева, Запорожья, сражался за остров Хортица на Днепре, где был тяжело ранен и попал в плен. Он прошел через все ужасы и муки гитлеровских концентрационных лагерей, в том числе и Бухенвальда [15,283]. В боях под Смоленском (июль 1941г.), за мужество, проявленное старшина Дустамбаев Дж.[2] получил свою первую медаль «За отвагу». [16,103]. Давронов Э. из Шугнана в 1941 г. был призван в армии и до 1943г. воевал на фронтах Великой Отечественной войны.[3]

Посланцы ГБАО РТ участвовали почти во все крупные сражения в годы Великой Отечественной войны [13,29]. В боях под Москвой начался боевой путь уроженца ГБАО РТ Б.Искандарова (позже академика, директора Института истории им. А. Дониша АН Таджикской ССР). Война застала его в Москве, где он учился в аспирантуре. Об этом он вспоминает: «Война застала меня в разгар подготовки к сдаче кандидатского минимума…Повестка мне пришла через шесть или семь дней после начала войны. Рано утром я собрал свои вещи, положив в портфель диплом о высшем образование и отвез все это в склад в подвале дома, где находилось аспирантское общежитие. Из наволочки я сделал себе вещмешок и пошел на призывной пункт. Я попал в группу, которую направили на краткосрочные курсы политруков при Московском военном округе. Базировались они на севере столицы, недалеко от Ленинградского шоссе, в лесу» [9, 64-65].

В боях под Москвой отличились выходцы ГБАО РТ Б.Давлатов, А.Ходжаев, И.Шозодаэронов, Р.Хушвахтов и др. Один из посланцев ГБАО РТ в боях под Москвой вспоминал: «Мы защищали нашу Москву, - родную и нам таджикам. Я видел народных ополченцев, видел, как подростки, женщины, старики рыли траншеи, заградительные сооружения. Гордость за этих людей наполняла наши сердца. Каждый из нас дал себе клятву: «Враг не пройдет». [11].В 1941г. в боях на подступах к Москве, на ряду с другими советскими солдатами отражали натиск врага, выходцы из Шугнанского р-на Шозухуров Ш. (1919г.р.), Хишолов Н. (1922 г.р.), Гулмирзоев М. (1922г.р.), Тупчиев Н. (1919г.р.), [4] Маъсумов К. (1920г.р.), Кишкоров А. (1918г.р. и многие другие. [16,28].Все

[2] Дастамбаев Джума, род. 23 августа 1916 г. в к.Шидз, Рушане. Призван в рядах Советской Армии 10 октября 1937г..В 1937-1938 курсант школы и санинструктор 48 казачий полк 6 дивизии г. Смоленск Белорусской военный округ, 1938-1939 санинструктор Саратовской области г.Пугачев, авг.1942-март 1942 курсант курсов при 1 Белорусской фронте получил звание старшина. Командир орудий, батареи 1319 пушечно - артиллерийской полк 1 Белорусской фронт с 15 марта 1942 по 9 мая 1946г. Награждался орден Славы III степени, орден Красной Звезды, медаль «За отвагу», «За взятие Берлина», «За освобождение Варшавы», «За победу над Германии в Великой Отечественной войны 1941-1945гг». -/Личный фонд участника ВОВ 1941-1945гг. Дастамбаева Джума. -/ Госархив ГБАО.Ф.№ 40, Оп.1, Д. 3 на 8 лл.

[3]Полковник Давронов Эльчибек род. 10 октября 1910г. в к.Поршнев Шугнане. Май 1941г. призван в Советской армии и прошел курс военной переподготовки в г. Орел, и в начале войны был назначен комиссаром 615 рота 38-армии, декабрь 1941 политрук минометного рота 51 дивизия 38 Армия Юго-Западного фронта. Во время обороны Старый Оскол был тяжело ранен. В 1948-1950 годах-был слушателем курсов политического состава при Высший политической Академии имени Ленина в Москве, 1948-1950гг. начальник политической отдела Кулябской военного комиссариата, 1950-1956гг. работал начальником Полит. отдела Горно-Бадахшанского областного военного комиссариата Тадж. ССР. Награжден орден Великой Отечественной войны, Красной Звезды, Красной Знамени, Золотая Звезда. и др.

[4]Тупчиев Наврузмамад, уроженец к.Поршнев Шугнана был молодым талантливым артистом, выпускник ГИТИС РФ и работал до войны в Таджикском академическом театре имени Лахути, но война помешала его творческим планам. В 1941г. он добровольцем ушел на фронт, где в боях под Москвой погиб наряду с

эти воины (кроме Кишкоров А.) героически погибли в ходе сражений под Москвой. Абдырахмонов Н. в 1941 призывался в рядах Советской Армии. Участвовал в обороны Москвы и дошел до Берлина.[5]

Оборона Ленинграда стала одной из самых легендарных страниц в летописи минувшей войны. Здесь в тяжелых боях сражались плечом к плечу в тесном содружестве русские и украинцы, армяне и казахи, белорусы и узбеки, грузины и таджики. При обороне Ленинграда воевал младший лейтенант К. Курбанов из к.Поршнев ГБАО РТ закончивший перед войной Ленинградское военное училище. За отвагу, проявленную им во время боев на Нарвском плацдарме, за умелое командование взводом, за уничтожение огневых точек противника К.Курбанов был награжден орденом Красной Звезды, а после прорыва блокады ему была вручена медаль «За оборону Ленинграда» [15, 284].

С июня 1941г. по январь 1943г. находился на Ленинградском фронте доброволец из г. Хорога ГБАО РТ М. Додобоев. Он воевал вначале в самом городе, а за тем в 136-й стрелковой дивизии на передовой. В тяжелом бою по прорыве блокады боец М.Додобоев, показал мужества и героизма. Он погиб, прегражда путь вражеским танкам. На могиле героя друзья написали лаконично: «Махмуд Додобоев, 1924-1943. Доброволец из г. Хорога. Погиб при защите города Ленина» [2]. Сражались под Ленинградом на Ленинградском фронте в составе 13-й Гвардейской стрелковой дивизии и 3-й ударной Армии, и другие посланцы ГБАО - Ч.Абдуллаев, Ф.Негматов, Г.Назаров, Ш.Амирбеков, О.Худобони, [15,284]. М.Додобоев, и младший лейтенант Калян Курбанов, [7,73]. Гулмирзоев Г.[6] и др.

Летом 1942 начался Сталинградская битва длившего 200 дней, от исхода которого зависела судьба Советского народа. В ходе переговоров на Тегеранской конференции 29 ноября 1943г. У. Черчилль заявил: «Сам Сталинград стал символом мужества, стойкости русского народа и вместе с тем символом величайшего человеческого страдания. Этот символ сохранится в веках. Надо, чтобы будущие поколения могли воочию увидеть и почувствовать все величие одержанной у Волги победы и все ужасы войны. Хорошо бы оставить нетронутыми страшные руины этого легендарного города, а рядом построить новый, современный город» [14].

На Сталинградском Фронте численность советских войск составил 1 миллион 500 тыс. солдат, который на 35% состоял из посланцев Средней Азии. [5,271].Только в одной 45-й дивизии воевали представители 28 национальностей. Среди защитников города – героя и участников разгрома гитлеровцев были тысячи посланцев из Таджикистана, и конечно, отважных горцев. Своим личным примером храбрости и мужества водил в атаку бойцов командир роты старший лейтенант А.Гулямхайдаров. Отважно сражались под Сталинградом В.Худоеров, Б.Додихудоев, Д.Яшев, Ф.Негматов, Н.Зарипов, А.Сияев, Ш.Гарибшоев, М.Аламшоев др. [15,284-284]. Медсестра Новикова В.М. ровно 200 дней участвовала на Сталинградская битва и вывезла много раненых с поле боя. В 1945г. сопровождала раненых бойцов из фронта для дальнейшего лечения в г.Душанбе. В 1947г. впервые в состав отряд эпидемиологов приехала на Памир, полюбила и вышла за муж за таджика Ошурмамадова Д. Мать двоих детей. Работала в качества медсестра в облбольницы г.Хорога до пенсии [4].

В сражение за Курская дуга летом 1943г. тысячу воинов показали высокое мужество и стойкость, в том числе посланцы Таджикистана. В боях под Курском, таджикам Ходжи Кенджаев и Исмаилу Хамзаалиеву были присвоено звание Героя Советского Союза [8,37]. В боях на Курской дуге участвовали памирцы К.Назаров,

---

защитниками Москвы. Тогда ему было всего 22 года. Об этом см. Аламшоев К. Онхо фаромуш намешаванд. - Хорог, 1995. - С.76.

[5]Родился в 1921 г. и вырос в Мургабском районе ГБАО. Возвратился в Таджикистан в 1947г.

[6]Гулмирзоев Гуломхусейн род. в 1914 г. в к. Туггоз Вахана, Ишкашимского р-на. В 1943г. был призван в рядах Советской Армии. Сражался на Ленинградском фронте. Дважды был ранен и в 1944г. его родители получили с фронта письмо о его смерти. В сентябре 1945г. он возвратился домой.

Б.Махмадов, Д.Дустамбаев, Р.Хушвахтов и другие [15, 287]. Бессмертный подвиг совершили 18-героев-пограничников, охранявших до войны государственную границу на Памире. Об подвигах этих 18 пограничников нам известно следующее: «Прикрывая правый фланг подразделений, наступающих на деревню Самодуровка 18 бойцов во главе с командиром взвода лейтенантом А.Романовским, расположились на небольшой высоте. На эту высоту ринулось в атаку 200 немецких автоматчиков. Разгорелся неравный бой. Почты все бойцы были ранены… Свыше 80 трупов гитлеровцев усеяли подступы к обороне. Подтянув силы, гитлеровцы снова атаковали пограничников, однако бойцы не дрогнули. Они погибли, но не пропустили врага через свой рубеж» [15,286].

На Закавказском фронте в политотделе 545-го полка 389 стрелковой дивизии служил М.Д.Тошмухамедов.[7] Медаль «За отвагу» и орден Отечественной войны I степени ему были вручены в самые тяжелые для страны дни Сталинградского сражения. Затем - кровопролитные бои на Кавказе.В характеристике, данной ему в то время сказано: «М. Тошмухаммедов служит с начала ее формирования с августа 1941г. В боях показал себя смелым, стойким и достойным политработником. С самого начала военных действий дивизии находится на передовых позициях. Следуя вместе с подразделениями дивизии, принимал личное участие в боях за освобождение населенных пунктов Ардон, Николаевская, Ладожская и других станиц…Своим личным примером воспитывал и воодушевлял бойцов, командиров на быстрейший разгром врага» [10]. М. Тошмухаммедов во время войны был комиссаром 545–го артиллерийского полка. В сентябре 1943г. воины 18-й Армии завоевали г. Новороссийск и продолжали свой боевой путь по территории Украины. Именно этот полк под командованием М.Тошмухаммедова проявил героизм во время перехода через Днепр, о чём писал в своей книге «Битва за Кавказ» Г.Гречко – бывший Министр обороны СССР. М. Тошмухаммедов был награждён 9 орденами и 30 медалями. За мужество и героизм М.Тошмухаммедов не раз был представлен к званию «Героя Советского Союза», но из-за того, что он в 1937г. был репрессирован как родственник Ш.Шотемура, его документы всегда возвращали.[8] М. Тошмухаммедов, в 1961г. стал первым таджикским генералом [17]. В боях на северном Кавказе принимал участие и Ш. Одинаев, бывший колхозник колхоза им.Ленина Калай-Хумбского р-на. Среди многих наград, которых он удостоен, есть и медаль «За оборону Кавказа».

ЛИТЕРАТУРА

1. Аламшоев К. Онҳо фаромӯш намешаванд, Хорог, 1995.
2. Бадахшони совети, 1975, 25 октябрь
3. Бадахшони Совети, 1977, 8 мая
4. Бадахшони Совети, 1985, 24 апреля
5. Василевский А.М. Дело всей жизни. - М., 1974. – 540 с.
6. Дастамбаев Дж.-// Госархив ГБАО.Ф.№ 40, Оп.1, Д. 3 на 8 лл. Личный фонд участника ВОВ 1941-1945гг.
7. Захаров М.Оборона Ленинграда Л., 1968.
8. История таджикского народа (новейшая история 1941-2010гг.), (новейшая история 1941-2010 гг.) / под ред. акад. Р.М. Масова. – Душанбе, 2014. – Т.6. – 687 с.
9. Искандаров Б.И. Трудный путь к знанию. – М.: Моск. Ун-та, 1999. – 160 с..

[7]Тошмухаммедом М. Д., род. в 1908 году в к. Поршнек Шугнанского района, был призван в армию в 1935 г. Подробно об этом см. М.Курбанова. Первый генерал (100-летнему юбилею знаменитого таджикского полководца М. Тошмухаммедова посвящается…) - / Газ. Азия плюс. 24-января 2008, С.12-13; Секретов А.Н. Орденоносцы. -Душанбе, 1986. -С.103; или см. Ходжибеков Э.Х. Рохи хаёти ва чангии нахустгенерали точик М. Тошмухаммедов. - / Очеркхо оиди таърихи Бадахшон. к.1, Душанбе 2013. - С.97-105.

[8]В 1937г. были арестованы ближайшие родственники Ш.Шотемура, в том числе и Мастибек Тошмухаммедов. Только через 9 месяцев, после смерти председателя ВЧК Ежова он был освобождён.

10. Коммунист Таджикистана, 1975, 19 апрелья.
11. Коммунист Таджикистана, 1968, 23 февраль.
14. Makdisi, G. The Rise of Colleges: Institutions of Learning in Islam and the West / G. Makdisi. - Published online by Cambridge University Press., 1981. - 377 p.
15. Sartori, G. Parties and Party Systems: A Framework for Analysis / G. Sartori. - ECPR Press, 2005. - 368 p.
16. Tucker, G.R. A Global Perspective on Multilingualism and Multilingual Education / G.R. Tucker // Beyond Bilingualism. - Multilingualism and Multilingual Education, 1998. - 20 p.
17. Hallaq, Wael B. The origins and evolution of Islamic law / Wael B Hallaq. - 1994. - 59 p. On the authorizations to issue legal opinions see in general
18. Khalid, Adeeb. The Politics of Muslim Cultural Reform: Jadidism in Central Asia / Adeeb Khalid // Comparative Studies on Muslim Societies Book 27. - University of California: Press, 1999. - 400 p.

КОДИФИКАЦИЯ ИСЛАМА В ТУРКЕСТАНЕ

В настоящей статье предлагается анализ материалов, касающиеся мусульманского права в имперском пространстве, в частности в Туркестанском крае. Поскольку при рассмотрении исламского мира в условиях историко-традиционного менталитета, шариатской конструкции общества, вмешательства извне был весьма сложным процессом. В этом процессе должны были учтены много поверхностно знакомы или неведанные для империи мусульманские каноны, что и усложняло цивилизаторской миссии.

Надо отметить, что представителю империи было очень сложно усвоит сложную и многогранную исламские толкования как в каноническом, так и в шариатском отношении. Поскольку толкованию и судебному усмотрению придавалось так мало значения, издание предоставило своим российским читателям ограниченное понимание шариата, задуманного как фиксированный свод непреложных правил. Мы попытаемся дать обзор того, что произошло, обосновав наши выводы мнениями мусульманских юристов об исламских судах, приведенными в журнале "Аль-Ислах" (1915-1918).

Ключевые слова. Ханафия, шариат, кодекс, казият, администрация, правовые нормы, мусульманские каноны, Туркестанский край.

Джураев Муроджон Сангинбаевич, канд. истор. наук, доцент кафедры археологии, этнографии и религиоведения ГОУ "ХГУ имени академика Б. Гафурова" Тел: (+992) 92 807 50 08. E-mail: Juraev.Murodjon@mail.ru

КОДИФИКАЦИЯИ ИСЛОМ ДАР ТУРКИСТОН

Дар ин мақола таҳлили маводи марбут ба ҳуқуқи мусулмонӣ дар фазои империяторӣ, аз ҷумла дар минтақаи Туркистон оварда шудааст. Зеро ҳангоми баррасии ҷаҳони ислом дар заминаи тафаккури таърихӣ-анъанавӣ, сохти шариати ҷомеа дахолати беруна як раванди хеле печида буд. Дар ин раванд қонунҳои зиёди мусулмониро, ки ба империя рӯякӣ шинос ва ё номаълум буданд, ба назар гирифтан лозим омад, ки рисолати тамаддуниро душвор мегардонд.

Бояд гуфт, ки барои намояндаи империя дарк намудани тафсирҳои мураккаб ва гуногунҷанбаи исломӣ чи аз лиҳози шариат ва чи аз лиҳози шариат хеле душвор буд. Азбаски ба тафсир ва салоҳдиди судӣ аҳамияти кам дода мешуд, нашрия ба хонандагони руси худ фаҳмиши маҳдуди шариатро фароҳам овард, ки он ҳамчун маҷмӯи собит қоидаҳои тағйирнопазир пешбинӣ шуда буд. Мо саъй менамоем, ки бо такя ба андешаи фақеҳи мусулмон дар бораи судҳои исломӣ, ки дар маҷаллаи «Ал-Ислоҳ» (1915-1918) оварда шудааст, дар бораи воқеаи рухдода маълумот диҳем.

Калидвожаҳо: Ҳанафӣ, шариат, кодекс, қазият, маъмурият, меъёрҳои ҳуқуқӣ, қонунҳои мусулмонӣ, вилояти Туркистон.

Ҷӯраев Муродҷон Сангинбоевич, ном. илм. таърих, дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров". Тел: (+992) 92 807 50 08. E-mail: Juraev.Murodjon@mail.ru

CODIFICATION OF ISLAM IN TURKESTAN

This article offers an analysis of materials concerning Muslim law in the imperial space, in particular in the Turkestan region. Because when examining the Islamic world in the conditions of the historical-traditional mentality, Sharia construction of the society, the intervention was not allowed, but it was a very difficult process. In this process, many Muslim canons that were superficially familiar or unknown to the empire had to be taken into account, which complicated the civilizing mission.

It should be noted that it was very difficult for a representative of the empire to grasp the complex and multifaceted Islamic interpretations, both in canonical and Sharia terms. Because so little weight was given to interpretation and judicial discretion, the publication provided its Russian readers with a limited understanding of Sharia, which was intended as a fixed set of immutable rules. We will try to give an overview of what happened, basing our conclusions on the opinions of Muslim jurists about Islamic courts, as cited in the journal Al-Islah (1915-1918).

Key words: Hanafi, Sharia, code, Qaziyat, administration, legal norms, Muslim canons, Turkestan region.

Juraev Murodjon Sanginbaevich, Candidate of historical sciences, Associate Professor at department of archeology, ethnography and religious studies of the State Edication at Institution "KhSU named after academician B. Gafurov". Tel: (+992) 92 807 50 08. E-mail: Juraev.Murodjon@mail.ru

УДК: УДК: 392 + 39(=512.3)

ОЙИНИ БА ПУШТ ГИРИФТАНИ ДОМОД ДАР МАРОСИМИ ТӮЙИ СОКИНОНИ ШУҒНОН

Шоинбеков А.А.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Дар миёни тоҷикони Шуғнону Роштқалъа ва Хуфи ВМКБ то кунун одате боқӣ мондааст, ки дар маросими тӯй дар хонаи домод[9] ойини сартарошонӣ анҷом дода мешавад . Дар ҳоли ҳозир дар Шуғнону Роштқалъа дар ин ойин, *пасхоҳо* (тарҷумаи таҳтуллафзӣ: - ду шахсе, ки аз ақиби "шоҳ" ҳастанд) домодро дар ҳаммоми[10] назди хонааш шустушӯ дода ба ӯ либосҳои таг[11] (куртаю танбони сафед) ва ба по ҷуробҳои дастии бофтаи сафеду пашмин пӯшонда[12], сарашро низ пӯшонда[13], яке аз онҳо домодро ба пушт карда[14] вориди хонаи домод мешаванд ва ӯро дар *санҷ* (нишастангоҳ) -и

[9] Дар Қаротегину Дарвоз низ оини сартарошонӣ дар хонаи домод гузаронда мешавад [12,40]. Дар Вахону Ишкошим бошад оини сартарошониро дар хонаи амакаш, ё хешони дигари наздик ва ё нафари аҳли деҳа, ки ин корро ба зимма гирифтааст мегузаронанд. Дар Вахон дар хонае, ки сартарошон анҷом дода мешавад ду соат тӯй барпо мегардад. Дар ин хона ба домод пӯшокҳои домодӣ пӯшида мешавад, дуо дода мешавад ва бо суруди "Шоҳи мо меравад" домодро ба хонаи худаш яъне ба тӯйхона мебиёранд [11, 111; 10, 477]. Дар тоҷикони Афғонистон низ домодро ба хонаи амакаш (кокояш) бурда сарашро метарошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар Вахону тоҷикони Афғонистон ҳатман дар хонаи домод сартарошонӣ анҷом додан муҳим набудаст, муҳимаш ойинро ичро кардан будаст. Дар ин ҷо дастгири кардани тӯйдор аз тарафи ҳамсоя ва хеши наздик дида мешавад.

[10] То солҳои 2000–ум аксарияти аҳолии деҳа ҳамом надоштанд. Домодро дар ягон хоначаи назди хона ё ҳавлӣ мешустанд.

[11] Дар Шуғнони Афғонистон касе, ки домодро шустушӯ медиҳад, либосҳои домодро ба ӯ медиҳанд (инро аз сабаби танқисӣ мекарданд, мумкин дар Шуғнони Тоҷикистон низ солҳои пеш чунин одат буд) ё ба таври шӯхиомез мардҳои қаввитар баъд аз шустушӯ либосашро капида мегиранд [Шермамад валади Азизмамад].

[12] Алҳол дар аксарияти ҷойҳо ҷуробҳои сафеди саноатӣ мепушанд ва ё ҳатто пойлуч ба сартаршонӣ меоранд ва баъд аз сартарошонӣ ҳангоми либоспӯшӣ ба ӯ ҷуроб мепӯшанд.

[13] Дар баъзе ҷойҳо ба пойлуч ва сарлуч будани ӯ диққат намедиҳанд. Домод набояд дар ин маврид сарлуч бошад ба ӯ осеб мерасад. Дар Шуғнони Афғонистон ҳангоми домодро аз берун ба хона даровардан болои сари ӯ пӯстин ё гилем мепартоянд [Шермамад валади Азизмамад].

[14] Дар Вахон баъди мӯю риштарошӣ шоҳро падархондаш - ба пушт бардошта, ба ҳаммомхона мебарад [11, 111]. Дар Ишкошим баъди шиновари доданаш (tьnowari wan diron) ба ӯ куртаи сафеди гулдӯзӣ мепӯшонанд [10,477]. Ба пушт гирифтани домод дар миёни йидгаҳо, нуристониҳо ва баъзе

Баҳрнех (суфаи асосии рӯ ба рӯи оташдон) мешинонанд ва дар инҷо ойини сартарошонӣ анҷом медиҳанд.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро домодро ба пушт мегиранд? М. С. Андреев навиштааст, ки бо амри халифа, ясаули тӯй яке аз шахсонро ба ҳайси “асп” интихоб карда ӯ домодро аз болои оташдон ба пушт гирифта ба баҳрнех мефурорад [3,қ.1.,145]. Ба ҳайси “асп” интихоб кардани шахс, шояд ишора ба он бошад, ки домод мақоми “шоҳ” - “подшоҳ” гирифтааст[15] ва ӯ бояд тахтсавор (пуштсавор) бошад. Шаъну шараф, мақомаш баланд гашт ва ӯ набояд пойи пиёда равад. Посухи аксарияти ҳамсӯҳбатонам низ ба саволи барои чӣ домодро ба пушт мегиранд, ҳамин буд, ки домод мақоми “подшоҳ” мегирад барои ҳамин ӯро ба пушт мегиранд.

Муҳаққиқ З. Юсуфбекова қайд кардааст, ки маҳз баъди шустушӯъ домод мақоми “*подхо*” подшоҳ мегирад ва ӯ набояд ба замин қадам гузорад[16] [15,120].

Аз ин ҷо саволи дигаре падид меояд, ки чаро подшоҳ бояд ба замин қадам нагузорад, пиёда наравад ва ин тасаввурот аз куҷо сарчашма мегирад? Мусаллам аст, ки то кунун подшоҳону сарварони давлат ба куҷое, ки сафар накунанд дар пеши пояшон пойандоз[17] (қолину, палос) мепартоянд ва пояшон бевосита ба замин (ба хок) намерасад.

Ойини зери пойи подшоҳ партофтани қолин ва қадам нагузоштани ӯ ба замин решаи амиқи рамзӣ-муқаддасӣ дорад, ки дар бисёр халқҳои Осиёи Наздик, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дида мешавад. Ин ойин бо тасаввуротҳои муқаддас будани ҳокимият, покӣ, сарҳад миёни олами ҷисмонӣ ва руҳӣ вобаста аст. Дар бисёр фарҳангҳои қадим (аз ҷумла форсҳо, ҳиндуҳо, туркҳо ва семитҳо) подшоҳ додаи Худо ва ҳатто таҷассумгарӣ ибтидои илоҳӣ маҳсуб меёфт. Дар шиёни Ирон, шоҳ “сояи Худо дар замин” ба шумор мерафт[18] . Бадани ӯ бахусус кафҳои пойи ӯ муқаддас маҳсуб меёфтанд ва ӯ набояд ба замини “ифлос” қадам гузорад то ки нопок нагардад.

Замин рамзӣ бенизомӣ, олами ҷисмонӣ ва дунёи рафтагон (мирандагон) аст. Қолин баръакс рамзӣ тартибу низом, озодагӣ, фазои муқаддас, ҳамчун тахти уфуқӣ нишонаи давлат аст. Дар он ҷойе, ки подшоҳ меистад, ин марказӣ (нофӣ) дунё (axis mundi)[19] аст ва қолин мақому маратабаи махсуси ӯро нишон медиҳад.

Тибқи тасаввуроти мардумӣ низ, домодро ба пушт ба он хотир мегиранд, ки пояш ба замин нарасад ва ӯ нопок нашавад[20], балои заминӣ ба воситаи пойҳояш ба ӯ нагузаранд.[21] Беҳуда набуд, ки замони пеш дар маросими тӯй ба пойи домод кафшҳои

тоҷикони Афғонистон дида мешавад. Муаллифи китоби “Свадебные обряды горных таджиков (на примере таджиков Рушана)” Шоназари Ҷ. М., ин одатро дар Рӯшон ба қайд нагирифтааст. Яке аз ҳамсӯҳбатонам низ изҳор дошт, ки дар деҳаи Баҳррӯшони Рӯшон ин одат роиҷ нест [Хушназарова Назарбегим]. Дар Бартанги поён бошад ин одат аз солҳои 2000-ум роиҷ гардидааст [Таваккалов Ҳайдар]. Дар Бартанги боло ин одат мавҷуд нест [Бахталӣ]. Дар китоби “Тоҷикони Қаротегину Дарвоз”(1976) низ одати ба пушт кардани домод ба қайд гирифта нашудааст.

[15] Мақоми “шоҳ” - “подшоҳ” “княз” гирифтани домод дар маросими туй дар фарҳанги бисёр халқҳои дунё дида мешавад [ниг: 4,129 -130].

[16] Дар белуҷиҳои Туркманистон баъд аз сартарошонӣ то никоҳ кардан, домод дигар наметавонад, ки рост истад ва ё дар замин шинад, ҳатто болои намад ҳам намешинад фақат дар “тахт” мешинад. Яке аз мардони бақувват ӯро болои асп савор карда оварда ба “тахт” мешинонад [5, 231 - 232].

[17] Дар миёни дигар тоҷикон баъди никоҳ ҳангоме, ки домод арӯсро ба хонаи худ мебиёрад, дар ҳавлӣ ё остонаи дари хона, дар пеши арӯсу домод пойандоз мепартоянд. Тибқи маълумоти Н. П. Лобачева дар зери пойи навхонадорон матои сафед (*пойяндоз*) мепартоянд, ки баъдтар онро порча – порча пора карда, ба дӯстони навхонадр медиҳанд, то ки онҳо ҳам зудтар хонадор шаванд [7,320]. Дар Шуғнон ин чиз дида намешавад ва шояд барои ҳамин ӯро ба пушт мегиранд.

[18] Дар миёни сокинони Бадахшон низ то кунун ибораи «подшоҳ сояи Худо аст» маъмул аст.

[19] Оид ба axis mundi ниг: 16.

[20] Худи шустушӯ рамзӣ покӣ аст. Баъди шустушӯ одам ҳамчун одами нав “аз нав зинда мешавад” ва ҳамчун шахси баркамол, сазовор ба никоҳ аст. Йидгаҳо чунин суруди сартарошонӣ доранд “Ана шоҳи мо пок гардид, ба шоҳӣ омода гардид”, “Бигузор ин об ғами муҷараддии ӯро барад”.

[21] Ӯро дар тифлӣ дар гаҳвора мегузоранд, дар бачагӣ ба пушт мегиранд, то ки кӯмакаш кунанд ва вақти марг бо гаҳвораи ноз савора мебаранд. Дар се маврид дар се маросим ӯ савор аст. Дар миёни яке аз халқиятҳои Помир йидгаҳо ба пушт гирифтани домодро “инъикоси аз синни бачагӣ ба синни

сурх мепӯшонданду[22] дар сараш тоқии сурх мегузоштанд. Ранги сурх рамзи радкунандаи бало аст. Кафшҳои сурх рамзи радкунандаи балоҳои заминӣ ҳастанду, тоқии сурх[23] рамзӣ радкунандаи балоҳои осмонӣ аст[24]. Тибқи тасаввурот аз се ҷой (се қабат) ба одам бало[25] мерасад. Аз таги замин, дар рӯйи замин ва аз осмон .

Бо балои осмонӣ панҷа кардан мушкил аст,
Барқро манъ аз найистон шер натвонист кард.

(*Соиб*)

Аз ин хотир мардум бо усулу воситаҳои гуногун балоро аз худ рад мекард. Масалан, тавассути гирифтани тумору таштоб, русуми балогардонӣ дар Наврӯз [ниг: аловпараки наврӯзӣ ва ғайра], оинҳои "балокуб" ва "балогардон" тавассути ашёҳои зиёратгоҳҳо, духтани "балодуркунак"- қурамаи чашмӣ (нақши сиёҳу сафеди таркдузӣ) , хондани дуоҳо ба маънои " ....ҳар балою ҳар қазо аз пеш ояд рад кунад Парвардигор...", "Балоҳои осмониро дар осмон рафъ гардону.. балоҳои заминиро дар замин ғарқу нопайдо гардон" ва ғайра. Бахусус дар марҳилаҳои ниҳоят асоси зиндагӣ хатари балорасӣ (то чилрӯзагӣ ба тифл) дар арафа рафт ва рӯзҳои баъд аз тӯй ба арӯсу домод шиддат ёфта дар маросими кафну дафн офату бало аз мурда мерасад. Умуман масъалаи балорасӣ ва усулҳои рафъи бало дар фарҳанги мардуми Шуғнон як масъалаи васею доманадор аст, ки мо дар ин ҷо онро ба дарозо намебарем.

Сабаби дигари домодро ба пушт гирифтан шояд дастгирии домод бошад. Чунки дар фарҳанги баъзе халқҳо ин рамзи дастгирӣ аст (ки ӯро оила ва дӯстонаш дастгирӣ мекунанд). Дар анъанаи мардуми Бадахшон низ фарҳанги дастгирӣ побарҷо боқӣ мондааст. Тамоми аъзоёни оила, хешу таборон, ҳамсояҳо ёру дӯстон ӯро ҳаматарафа дастгирӣ мекунанд ва ба ӯ хизмату кӯмак мекунанд. [26]

Аз маълумотҳои муҳаққиқони гузашта бармеояд, ки замони пеш дар Бадахшон дар баъзе мавридҳо домод арӯсро ба хонаи худ ба пушт гирифта овардааст. Тибқи маълумоти Л.Ф. Моногарова дар Рӯшон ва Язгулом агар арӯс аз деҳаи домод бошаду хонаи арӯс наздики хонаи домод бошад, домод ӯро ба пушт меорад вале агар хонааш дур бошад арӯсро бо асп меоварданд [8,107; 9,77]. Дар Вахон ва Ишкошим тағоии арӯс, арӯсро аз саъни ҳавлӣ ба пушт гирифта вориди хонаи домод мекунад [2,15]. Тибқи маълумоти А. Шишов дар Вахон ин корро падар, бародар ва ё амаки домод иҷро мекунад [14, 268 269]. Дар Вахиё низ ин корро падар ё бародари калонии домод иҷро мекард [1,591]. Дар Вахон Ишкошим ва Вахё шояд нақши "шоҳмард"-ро наздиктарин шахсон (падар, бародар, амак) ба гардан гирифтаанд вале чаро бояд арӯсро аз остонаи дар пуштора вориди хона кунанд, ин масъалаи дигар аст. Вақте, ки арӯсро пуштора вориди хона мекунанд ба ӯ ваъдаи додани тӯҳфаҳои "*чихавди*" (аз асп фуромадан) "*чидеди*" (барои аз остонаи дари хона гузаштан ё ба хона даромадан) ва "*чинисти*" (барои нишастан дар тахт) мекунанд ва ё туҳфа медиҳанд [15,129]. Шояд замони пештар дар тамоми минтақаҳои Бадахшон ҳангоми даровардани арӯс ба хонаи домод, арӯсро

калонсолӣ қадам гузоштан" – ро ифода карда, чуноне ки бачаро ба пушт мегиранд домодро ба пушт мегиранд ва нишон медиҳанд, ки ӯ дирӯз кӯдаки пуштсавор буду имрӯз калон шудааст. Чуноне, ки дар миёни мардуми Шуғнон, ҳангоми пӯшидани либос ба домод остини куртаи ӯро гирифта мегӯянд, "ки ин курта ба домод намеғунҷад" низ маънои аллакай калон шудани домодро дораду, касе ки аз хешонаш куртаро харидааст ба мисли пештара ӯро бача мешуморад ва аз ин рӯ аз ӯ ба таври шӯхиомез ҷарима меситонанд.

[22] Масалан дар водии Дарморахт ниг: 3, қ.1.,145.

[23] Умуман замони пеш одатан бо сарпушу кулоҳ мегаштанд, сарлуч намегаштанд. Сарлуч гаштан ҳам балоро ба сар меоварду ҳам шармандагӣ ҳисоб мешуд.

[24] Белуҷиҳои Туркман ҳангоми анҷом додани оини сартарошонӣ дар болои сари домод кордро тарзе нигоҳ медоранд, ки дами теғаш ба боло аст. Асбобҳое, ки дами теғашон тез аст, радкунандаи балоҳои қувваҳои фавқултабиа маҳсуб меёбанд [5,224-247].

[25] Бало, офат, газанд, мусибат, бадбахтӣ, ҳодисаи нохуши ғайричашмдошт фарорасида бар сари касе ки кулфатангез, ғамангез ва хисоратбор бошад [ниг: 6,102].

[26] Вале аз тарафи дигар вай ба ҳаёти мустақилона гузашт, мақоми кадхудо мардро гирифтааст.

(ҳамчун кадбону,малика, рамзи аз як мақом ба мақоми дигар гузаштан, аз як фазо ба фазои дигар гузаштан) ба пушт мегирифтанд вале баъдтар бо таъсири падаршоҳӣ ва Ислом (ки мавқеи падаршоҳиро боз ҳам мустаҳкамтар кард) оини ба пушт гирифтани арӯс аз байн рафту ба пушт гирифтани “шоҳмард” боқӣ монд. Тибқи маълумотҳои ҳамсӯҳбатонамон алҳол оини ба пушт гирифтани арӯс дар Вахону Шуғнон дида намешавад [Мирзоазиз Мирзоазизов].

Мусаллам аст, ки дар миёни баъзе халқҳо дар маросими тӯй домод арӯсро ба пушт мекунад ва ё ба даст мегирад. Масалан, дар тӯйҳои славянӣ одат шуда буд, кӣ домод арӯсро ҳангоми аз остонаи дари хонаи худ гузарондан (то ки ӯро аз қуввaҳои зишт ҳифз кунад) ӯро болои дастонаш гирифта вориди хона мекунад. Ин одат дар миёни дигар халқҳо низ роиҷ аст ва маъноҳои гуногун касб кардааст. Масалан, дар миёни чеченҳо, ингушҳо ва осетинҳо рамзӣ “гузариш” –и арӯс аз як авлод ба авлоди дигар дорад. Дар муғулҳо маънои қувват, омодагӣ ба дастгирӣ ва “бардошти” зани худ аз тарафи шавҳараш дар тамоми умр дорад. Дар байни халқҳои Чин аз ҷумла Туванҳо, Яо ва Мяо арӯсро ба он хотир болои даст мегиранд, ки пояш ба замин нарасад – ин аломати покӣ ва барори кор ҳисобида мешавад.

Пас маълум гашт, ки домоду арӯсро дар маросими туй дар Бадахшон ба хотири “подшоҳу малика” шуданаш, аз як мақом ба мақоми дигар гузаштанаш, аз нопок нашуданаш, бало ба ӯ нарасидан, барои дастгирӣ карданаш ба пушт мегиранд.

Масъалаи дигар ин аст, ки чаро дар баъзе деҳаҳои Шуғнону водии Хуф домодро баъд аз шустушӯ аввал болои суфа ё назди сараки оташдон мемонанд ва баъд ба Баҳрнех мефуроранд? Азбаски ин масъала ҳаҷми мақоларо калон мекунад ва он ба талаботи мақаллаи илмиамон ҷавобгӯ намешавад мо қарор додем, ки онро дар шакли мақолаи алоҳида давоми ин мақолаамон дар шумораи оянда баррасӣ хоҳем кард.

АДАБИЁТ

1. Андреев М.С. Вахио / М.С. Андреев // Туркестанские ведомости 1899, № 93. - С. 583 - 597.
2. Андреев М.С., Половцев А.А. Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии. Ишкашим и Вахан / М.С. Андреев, А.А. Половцев // Сборник Музея антропологии и этнографии. Т. 1. Вып. IX. - СПб.: Типография Императорской Академии Наук, 1911. – 43 с.
3. Андреев М.С. Таджики долины Хуф / М.С. Андреев. Под. ред. Кочумкуловой – Вып. I-II. Переизд. - Б.:ОсОО «Джем Кей Джи», 2020. - 794 с.
4. Арнольд ван Геннеп. Обряды перехода: Систематическое изучение обрядов / Перевод с франц. Ю.В. Иванов, А.В. Покровской / А ван Геннеп. - М.: Восточная литература, 2002. - 198 с.
5. Гафферберг, Э.Г. Прежитки религиозных представлений у белуджей / Гафферберг, Э. Г. / Домусульманские верования и обряды в Средней Азии.М.: Наука, 1975. -С. 224-247.
6. Донишномаи Фарҳангӣ
7. Лобачева, Н. П. Разлличные обрядовые комплексы в свадебном церемониале народов Средней Азии и Казахстана / Н.П. Лобачева / Домусульманские верования и обряды в Средней Азии.М.: Наука, 1975. - С.298-334.
8. Моногарова Л.Ф. Язгулемцы Западного Памира (по матер.1947-1948гг.) / Л.Ф. Моногарова // СЭ, №3. 1949. С. 89-108.
9. Моногарова Л.Ф. Материалы по этнографии язгулямцев /Л.Ф. Моногарова // Среднеазиатский этнографический сборник. Ч.2.-М.: Издательство Академии Наук СССР, 1959. - С. 3-94.
10. Назарова З. Этнолингвистический анализ лексики, связанной со свадебным обрядом « на материале памирских языков» / З. Назарова // Российский гуманитарный журнал. - М., РГУМ 2015. - Том 4.- № 6, -С. 471- 486.

11. Одинамамади. М. Вахон (пажӯҳиши илмӣ, таърихӣ ва этнографӣ) / М. Одинамамад. – Душанбе: Ирфон, 2010.- 168 с.
12. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 3. Под ред. Н.А. Кислякова и А.К. Писарчик. –Душанбе: Дониш, 1976. -240 с.
13. Шоназар Дж.М. Свадебные обряды горных таджиков (на примере таджиков Рушана) / Дж.М Шоназар / –Душанбе: Ашуриён, 2025.-128 с.
14. Шишов, А. Таджики / А. Шишов /. Издание А.Л. Кирснера, Ташкент: Типография Туркестанского Т-ва печатного дела, 1910. -325 с.
15. Юсуфбекова З. Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX - начало XX вв.) / З. Юсуфбекова - М.: ИЭА РАН, 2015.-222 с.
16. Элиада М. Священное и мирское / Пер. с фр., предисл. и коммент. Н. К. Гарбовского / Мирча Элиаде - М.: Изд-во МГУ, 1994. - 144 с.

РӮЙИХАТИ ҲАМСӮҲБАТОН:

1. Мирзоазиз Мирзоазизов с. т. 1973, зодаи деҳаи Змудги н. Ишкошим, сокини ш. Хоруғ // Сабт кард, А. Шоинбеков, саънаи сӯҳбат 31- 07 – 2025.
2. Нуриддинов Бахталӣ с.т. 1945, сокини деҳаи Пасори водии Бартанги н. Рӯшон // Сабт кард, А. Шоинбеков, саънаи сӯҳбат 10 - 09 –2025.
3. Таваккалов Ҳайдар с.т. 1960, зодаи деҳаи Хичези водии Бартанги н. Рӯшон, сокини ш. Хоруғ // Сабт кард, А. Шоинбеков, саънаи сӯҳбат 6 - 08 –2025
4. Шермамад валади Азизмамад с.т.1950, сокини деҳаи Бахори Шуғнони Афғонистон // Сабт кард, А. Шоинбеков, саънаи сӯҳбат 26 - 07 –2025.
5. Хушназарова Назарбегим с. т. 1952, зодаи деҳаи Баҳррӯшони н. Рӯшон, сокини ш. Хоруғ // Сабт кард, А. Шоинбеков, саънаи сӯҳбат 20 - 07 –2025.

ОЙИНИ БА ПУШТ ГИРИФТАНИ ДОМОД ДАР МАРОСИМИ ТӮЙИ СОКИНОНИ ШУҒНОН

Мақолаи мазкур ба *омӯзиши* ойини қадимӣ *“сартарошонӣ” бахшида шудааст, ки ки дар он баъди оббозӣ додани домод, яке аз дӯстонаш (пасхой) ӯро ба пушти худ савор карда ба хона медарорад ва дар суфа мешинонад. . Муаллиф ҷиҳатҳои муқаддасӣ ва иҷтимоии ин маросимро таҳлил намуда ба саволҳои рамзии марбут ба он ҷавоб медиҳад: Чаро домодро ба пушт мегиранд? Чаро пойҳои домод бояд ба замин нарасанд? Чаро дар зери пойи шоҳон пойандоз мепартоянд? Барои нопок нашудани домод, нарасидани балоҳо ба домод боз кадом кадом чораҳо меандешанд? Дар кадом маврид замони пеш домод арӯсро ба хонаи худ ба пушт овардааст? Барои дарёфти ҷавоб ба ин саволҳо муаллиф дар асоси адабиёти нашршуда, маълумотҳои нави шифоҳӣ дар муқоиса бо дигар халқҳо, мақсаду моҳияти аслии ин ойинро муайян кардааст.*

Калидвожаҳо: шуғниён, тӯй, домод, арӯс, ба пушт гирифтан, подшоҳ, хона, пок, бало.

Маълумот дар бораи муаллиф: **Шоинбеков Аловиддин- номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, Суроға: кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109, Тел.501071953. e-mail: aloviddinshoinbekov@jmail.com.**

ОБРЯД ПЕРЕНЕСЕНИЯ ЖЕНИХА НА СПИНЕ В СВАДЕБНОМ РИТУАЛЕ ЖИТЕЛЕЙ ШУГНАНА

Данная статья посвящена исследованию древнего свадебного обычая «сартарошон» (бритье головы) среди жителей Шугнана, в рамках которого жених переносится на спине одним из друзей. Автор анализирует сакральные и социальные аспекты этого ритуала, отвечая на вопросы о его символике: почему жених не должен касаться земли, почему под его ноги стелют ковёр, и какие меры принимаются для его «очищения». В исследовании используется сравнительный метод, а также анализ опубликованных литературных источников и новых устных полевых материалов. Целью работы является выявление глубинной сущности и цели обряда в контексте культурных традиций Шугнана и других народов.

Ключевые слова: шугнанцы, свадьба, жених, обряд, перенесение на спине,

сакральность.

Сведения об авторе: Шоинбеков Аловиддин – кандидат исторических наук, доцент кафедры всеобщей истории Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева. Адрес: улица Ш. Шохтемур, 109. Тел.: 501071953. E-mail: aloviddinshoinbekov@jmail.com.

THE RITUAL OF CARRYING THE GROOM ON THE BACK IN THE WEDDING CEREMONY OF THE SHUGHNAN PEOPLE

This article is devoted to the study of the ancient wedding custom "sartaroshon" (head shaving) among the inhabitants of Shughnan, within which the groom is carried on the back by one of his friends. The author analyzes the sacred and social aspects of this ritual, addressing questions about its symbolism: why the groom must not touch the ground, why a carpet is laid under his feet, and what measures are taken for his "purification." The study employs the comparative method, as well as an analysis of published literary sources and new oral field materials. The aim of the work is to identify the deeper essence and purpose of the ritual in the context of the cultural traditions of Shughnan and other peoples.

Keywords: Shughni people, wedding, groom, ritual, carrying on the back, sacredness.

Information about the author: Shoinbekov Aloviddin – Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of General History at Khorog State University named after M. Nazarshoev. Address: 109 Sh. Shohtemur Street. Phone: 501071953. E-mail: aloviddinshoinbekov@jmail.com.

ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ- ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК 808.2+809.155.0+802.0

НОВЫЕ ТЕНДЕНЦИИ В СОЗДАНИИ ЭЛЕКТРОННОГО КОРПУСА ДЛЯ СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗ ЯЗЫКОВ
(на примере преподавания фразеологических единиц таджикского, русского и английского языков)

Абодуллоева С.Ю., Дустамбаева Г., Шакармамадова Л., Раматшоев Д.А.

Хорогский государственный университет имени М. Назаршоева

Современный этап развития языков способствует появлению новых тенденций в изучении языковых особенностей, тем самым упрощая пути их исследований. Наряду с традиционными методами изучения языков, также вошли в лингвистический обиход технологические подходы к их исследованию, которые предоставляют в короткий срок своевременную нужную информацию с учетом фактологического материала. Одной из этих направлений в современной лингвистике является корпусная лингвистика (Text corpus), связанная с созданием и развитием текстовых корпусов и их применением в качестве инструмента лингвистического исследования. Согласно мнению Плунгяна В.А.: «*…теперь для овладения языком человеку нужны не две, а три вещи: словарь, грамматика и корпус текстов данного языка. Потому и словарь, и грамматика, в общем-то, бесполезны вне этого живого пространства, где язык, собственно, и функционирует…*» [11].

Исходя из выше сказанного, стоит отметить, что это направление в современной лингвистике удовлетворяют современные запросы исследователей языков по отношении получения своевременной информации. Корпусная лингвистика – это репрезентативная совокупность текстов, собранных в соответствии с определёнными принципами, размеченных, обеспеченных специализированной поисковой системой.

Для проведения нашего исследования прежде всего стоит привести основные составляющие данного корпуса, в которую входят само определение направления лингвистического корпуса (в нашем случае создание электронного лингвистического корпуса для параллельного сопоставительного изучения фразеологических единиц в трех разносистемных языках: в таджикском, русском и английском языках), цель создания данного корпуса (для проведения научных исследований, а также для параллельного обучения иностранным языкам); разработать вид корпуса (разработка многоязычного вида корпуса при изучении трех исследуемых языков); определение путей применения

материала корпуса в обучении, для изучения языка в контексте его реального употребления, использовать материалы уже существующих корпусов как: Национальный корпус таджикского языка (НКТЯ), национальный корпус русского языка (НКРЯ), Британский национальный корпус (BNC) и Корпус американского варианта современного английского языка (COCA), для дальнейшей разработки фразеологического материала.

При рассмотрении целей разработки лингвистического корпуса по фразеологическим единицам трех исследуемых языков также стоит учитывать основные тенденции развития этих корпусов, к которым относятся: увеличение объема и разнообразия материала корпуса, предусмотреть возможность использования собранного материала в социолингвистике, психолингвистике, компьютерной, когнитивной и прикладной лингвистике, определить инструмент – автоматическую программу обработки и анализа материала корпуса, укрепить данные по корпусной лингвистике как отдельной дисциплины, создание базы для разработки и обучения

одной и наиболее развивающей тенденций на сегодняшний день – искусственного интеллекта.

Прикладное исследование фразеологической системы таджикского, русского и английского языков в нашей проектной работе включает в себя анализ семантического значения, структуры, место использования их в речи и выявления их эквивалентности в исследуемых разносистемных языках. Основными аспектами изучения данных лексических единиц с точки зрения прикладной лингвистики были отмечены нами следующим образом:

1) определение структурных и семантических аспектов составляющих элементов фразеологических единиц, выявить семантическую и структурную связь между компонентными составляющими фразеологических единиц в трёх языках;

2) изучение функционирование фразеологических единиц в трех исследуемых языках, выражение стилистических и эмоциональных оттенок со стороны изучаемых единиц;

3) разработать инструмент – программу автоматического выявления эквивалентности фразеологических единиц, для определения схожести и различия между данными лексическими единицами;

4) создать базу данных фразеологических единиц трех исследуемых языков для практического применения материала данной базы со стороны других исследователей;

5) разработать определенную программу алгоритмов для параллельного изучения фразеологических единиц, с учетом других выше названых аспектов, которые также могут послужить при проведении перевода текстов.

Создание обучающей программы по фразеологическим единицам трёх исследуемых языков будет осуществлен на основе вышеназванных аспектов в отдельных электронных ячейках (семантическая и структурная составляющая, фразеологических единиц) (**см. Рис.1., Рис.2.**), которых можно охарактеризовать следующим образом:

Рис 1. Семантическая составляющая фразеологических единиц таджикского, русского и английского языков



Рис 1. Структурная составляющая фразеологических единиц таджикского, русского и английского языков



Первым шагом при исследовании семантико-структурных составляющих элементов фразеологических единиц будет рассмотрение самого понятия фразеологии, их видов и роли в языковой картине.

Фразеологические единицы в таджикском, русском и английском языках представляют собой устойчивые сочетания слов, которые обладают целостным значением, отличным от суммы значений отдельных слов. Фразеологизмы придают речи образность, экспрессивность, позволяют выразить сложные мысли и чувства с помощью немногословных, но точных выражений. Они являются важным элементом культурного наследия и отражают особенности менталитета носителей исследуемых языков. Как важная часть лексического состава анализированных языков фразеологические единицы они играют важную роль в выразительности и образности речи. Классификация фразеологических единиц таджикского, русского и английского языков можно классифицировать по разным критериям, в том числе по степени семантической спаянности компонентов, по происхождению, по тематической принадлежности.

Согласно семантическим особенностям в таджикском, русском и английском языках можно разделить следующие типы фразеологизмов:

1) **Фразеологические сращения** (идиомы), полностью утратившие связь между значением отдельных слов и общим значением фразеологизма. Идиомы имеют устойчивую форму, замена или перестановка слов приведет к потере смысла: в таджикском языке: *олам гулистон* – полное благополучие, красота, в русском языке: *бить баклуши* // *толочь воду в ступе* // спустя рукава – бездельничать, тунеядство. Фразеологические сращения также наблюдаются в английском языке, которые полностью непрозрачные в семантическом отношении сочетания, где значение всего выражения не выводится из значений отдельных слов: *kick the bucket* – умереть.

2) **Фразеологические единства,** значение которых частично мотивировано значениями слов, но при этом не является простой суммой. Например в таджикском

языке значение фразеологической единицы : *биниашро пок карда наметавонад* – появляется на основе буквального значения – "не может вытереть нос", которое используется в значении "слабый, изможденный". В русском языке используются также фразеологические единства примерами которых могут послужить единицы как: *зарубить на носу* – предупредить, *точить лясы* – болтать попусту, *как снег на голову* – внезапно. В английском языке использование Phraseological unities – фразеологических единств часто наблюдаются в речи, значение которых частично мотивировано, то есть можно догадаться о значении хотя бы одного из компонентов*a wolf in sheep's clothing* – волк в овечьей шкуре, человек не тот, за кого он себя выдаёт.

3) **Фразеологические сочетания состоят из** сочетания слов, где одно слово имеет устойчивый зависимый компонент. Например в таджикском языке выражение *чашми танг* буквально означающая "узкий глаз" используется в значении «проявлении жадности», *мондагиро надониста* – не знать усталости, *саг барин монда шудан* – уставать как собака, *аз пой афтодан* – заболеть, *як пой дар гӯр истодан* – приближаться к смерти, *ҳарфҳои беҷо* – пустые разговоры, *дилбастагӣ* – привязанность, *ба ҷои гап* – вместо разговора, *девор муш дорад, муш гӯш дорад* – в значении «есть свидетели», *ба қурпаи худ нигоҳ карда пои худро дароз кун* – жить по средствам, *роҳи сафед* – счастливого пути, *хок гиру зар бардор* – удачной охоты. В русском и английском языках также имеют место использования фразеологических сочетания, в которых значение каждого слова сохраняется, но сочетание слов имеет устойчивый характер: *гореть желанием* – чувствовать искушение, *закадычный друг* – давний друг, *сущий пустяк* – неважность чего-либо, *heavy rain* – сильный дождь.

В трёх исследуемых языках существует обобщающий термин, включающий

фразеологические единства, фразеологические сочетания, паремии (пословицы и поговорки), представляющие собой законченные предложения с моралью или народной мудростью и крылатые выражения, ставшие популярными благодаря литературным произведениям, фильмам и тгд.

Основные модели структурных составляющих фразеологических единиц и паремий трех исследуемых языков послужили глагольные, субстантивные, адъективные, копулятивные, модели, модели образующиеся с помощью артиклей. Выражение отрицательного значения фразеологических единиц при помощи особенных грамматических элементов также наблюдается в составе данных лексических единиц.

Опорной составляющей глагольной модели эквивалентности паремий в таджикском, русском и английском языках являются разные формы глагольных компонентов: **инфинитив**: *бо касе мушу гурба бозӣ кардан* (тадж.) – *играть в кошки мышки с кем либо* (рус.). – *(to) play cat and mouse with smb.* (анг.) – лицемерить; **глагол прошедшего времени**: *саг ба соҳиби худ нигоҳ намекард* [14] – *собака даже хозяина не слушала* [13] – *dog eat dog* (досл. собака ест собаку) // *dog's breakfast* [12] – неразбериха; **глагол настоящего времени**: *Мор то рост нагардад, наравад бар сӯрох* [14] – *Подожди, пока кошка не прыгнет* [13].–*Wait for the cat's jump* [12] – долгое ожидание чего-либо; **глаголы условного наклонения**: *Мурғе, ки дар ҳавост, набояд дар сих кашид* [14]. –*Цыплят по осени считают* [13]. – *To count one's chickens before they are hatched* (анг.) [12] – всему своё время.

Субстантивная модель паремий таджикского, русского и английского, языков опирается на стержневые компоненты – имена существительные: *зиндагии сагона кардан* (диалект: *саг ворӣ зиндагӣ кардан*) (тадж.) – *собачья жизнь* (рус.).– *dog's life* (анг.) – трудная жизнь; ***решаи ҳамаи бадбахтӣ (тадж.) – корень зла (рус.) – the root of all evil [12*] – *источник всех бед*.

Для субстантивной модели фразеологических единиц в таджикском, русском и английском языках стержневыми компонентами выступают разные виды прилагательных или причастий: *Мурғе, ки* ***рамида*** *гардад аз дом, минбаъд ба дона кай*

шавад ром? [14]. – ***Старых*** *птиц на мякину не поймаешь // Стреляного (старого) воробья на мякине не проведешь // Старый волк знает толк* [13]. – *Old birds are not caught with chaff* (анг.) [12] – опытность, беспечность.

Копулятивная модель фразеологических единиц в таджикском, русском и английском языках строится с помощью энклитических союзов: *as, like,in the flower* в английском языке, *-у //-ву// -ю, барин, монанди, ҳам, чӣ…чӣ* (классический вариант) в таджикском и *как, за….за* в русском языках: *сагу гурба барин* (тадж.) – *как кошка с собакой* (рус.) – ***fight like cat and dog*** [12] – воевать, недружелюбное отношение; *гург ворӣ гушна* (тадж.) – *голодный как волк* (рус.) – (*as) hungry as a wolf* (*as a hunter или as a hawk*) *(анг.)*– голод.

Стоит отметить, что в некоторых зоонимических и фитонимических паремиях английского языка встречается артикль *a//an*, который указывает на цифру *один* – единственное число предмета, эквивалент которого в двух других языках выражается предметом единственного числа: *Ба* ***саг*** *об резӣ, наҷистар шавад* (тадж.) //***Хар****ро бурдан Маккаву овардан ҳамон хари қадима* [14]. – ***Осёл*** *останется ослом и в орденах и в лентах //* ***Свинья*** *в золотом ошейнике – все та же свинья* [13]. – ***An ass*** *is but an ass, though laden with gold* [12] – неисправимость чего-либо или кого-либо.

Выражение отрицательного значения фразеологических единиц и паремий в таджикском, русском и английском языках осуществляется с помощью префикса *на–, не–*, предлога *бе* в таджикском языке, при упоминании отрицательных слов *не, ни…ни,* предлога *без* и словах имеющие непосредственно отрицательные значения в русском языке и вспомогательных слов *without – без; no, none – не,* вспомогательной отрицательной формы глагола *don't // does not – не ,* наречия *never* – никогда, отрицательной формы модального глагола *can not* – не уметь, связующего слово *neither* – ни один, никто в английском языке: *Асби пешкашро ба дандонаш нигоҳ* ***на****мекунанд* [14] – *Дарёному конью в зубы* ***не*** *смотрят* [13]. – ***Don't*** *look a gift horse in the mouth* [12] – быть благодарным; ***На****ояд аз гург пӯстиндӯзӣ* [14] – *Волк* ***не*** *пастух, свинья не огородник //* ***Плохо*** *овцам, где волк воевода* [13].– *Give* ***never*** *the wolf the weather to keep* [12] – каждому своё, у каждого своё предназначение.

Вторым аспектом проведения нашей работы в рамках прикладной лингвистике является изучение функционирование фразеологических единиц путём выражение стилистических и эмоциональных их характеристик. Для более глубокого рассмотрения стилистических и эмоциональных характеристик были определены следующие примеры эквивалентных паремий трех исследуемых языков, для выражения чувств:

– *проявление чувство уверенности в родных стенах*: Хона шер, майдон ѓариб [14]. – На своей улочке храбра и курочка // Всяк кулик в своем болоте велик [13] . – Dog is brave in his own yard [12];

– *много шума из нечего:* Саги лоянда гиранда набошад [14].– Лающие собаки редко кусают [13].– Barking dogs seldom bite [12];

– *преувеличение своих способностей*: Саг ав-ав кунад, корвон ба роҳи худ гузарад [14]. – Собаки лают караван идет [13].– The dogs bark, but the caravan goes on [12];

– *проявление идентичной характеристики присущие одним и тем же людям*: Гурба шаб самур намояд [14].– Ночью все кошки серы [13].– All cats are grey in the dark (in the night) [12];

– *идеальности во всём не существует:* Асб гарчи чор пой дошта бошад ҳам, гоҳо пешпо мехӯрад [14].– Хороша та лошадь, которая никогда не спотыкается [13].– Even a good horse sometimes stumbles [12];

– *быть благодарным*: Асби пешкаш шударо ба дандонаш нигоҳ намекунанд [14]. – Дарёному коню в зубы не смотрят [13]. – Don't look a gift horse in the mouth [12];

– *никчёмность не украсить ни чем, врождённое не исправить*: Харро бурдан Макаву овардан ҳамон хари қадима [14] – Осёл останется ослом и в орденах и в лентах (Свинья в золоток ошейнике –все свинья) [13]. – An ass is but an ass, though laden with

gold [12];

– *неожиданность, убедиться в способности и силе кого–либо*: Думи хари ноозмударо баланд накун, ки шояд ҷуфтак бизанад [14]. – Пошути с ослом, так он тебя хвостом в лицо хлестнет [13]. – Jest with an ass and he will flap you in the face with his tail [12];

– *понятие все равно, семь бед – один ответ*: Бузро чӣ ба анҷуман кушанду чӣ ба сур [14] – Всё равно за что быть повешенным: за овцу или ягненка [13]. – As well be hanged for a sheep as a lamb [12];

– *безвыходная ситуация*: Гурусна ба шер занад (мезанад) [14]. – Голодная собака повалит льва [13].– A hungry dog will knock down a lion [12];

– *каждому своё, кто во что горазд*: Наояд аз гург пӯстиндӯзӣ [14]. – Волк не пастух, свинья не огородник // Плохо овцам, где волк воевода [13].– Give never the wolf the whether to keep [12];

– *неисправимость характера и нрава*: Гургзода оқибат гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад (тадж.) [14]. – Как волка ни корми, он все в лес смотрит [13].– The wolf changes his coat, not his nature // the wolf may lose his teeth, but never his nature // The wolf may change his coat, but not his disposition [12];

– *бесполезное заранее планированное действие*: Мурѓе, ки дар ҳавост, набояд дар сих кашид [14] –Цыплят по осени считают [13].– To count one's chickens before they are hatched [12];

– *опытность, продуманность, знание*: Мурѓе, ки рамида гардад аз дом, минбаъд ба дона кай шавад ром? [14]. – Старых птиц на мякину не поймаешь [13]. – Old birds are not caught with chaff [12];

– *держатся вместе, сародичи*: Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз… [14]. – Птицы с одинаковым оперением держатся вместе (Рыбак рыбака видит издалека) [13]. – Birds of a feather flock together [12];

– *источник проявления всех бед*: Моҳӣ аз сар ганда гардад, не аз дум [14]. – Рыба гниёт с головы [13].– Fish begins to stink at the head [12].

– *соблюдение осторожности, предусмотрительность*: Моргазида аз ресмони ало метарсад [14].–Пуганая ворона (Обжёгшись на молоке на воду дует) [13]. – He who has been bitten by a snake is scared of a rope on the ground [12];

– *человек занимающийся воровством, неисправимый человек*: Мурғдузд шутурдузд мешавад [14]. – Тот, кто украдет яйцо, украдет и быка // Кто может украсть теленка, украдет и корову) [13]. – He that will steal an egg will still an ox [12];

– *благородность с золотом не прибавляется*: Ба саг об резӣ, наҷистар шавад [14]. – Осел ослом останется, даже если он гружен золотом // Осел останется ослом и в орденах и в лентах! // Свинья в золотом ошейнике – всё та же свинья [13]. –An ass is but an ass, though laden with gold [12];

– *нечего мечтать о несбыточном*: Гурбаи мискин, агар пар доштӣ, тухми гунҷишк аз ҷаҳон (замин) бардоштӣ [14]. – Когда небо обвалится, всем по жаворонку достанется [13].–If the sky falls, we shall catch larks [12];

– *неисправимый человек, понятие «горбатого могила исправит»:* Оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад [14].–Волк каждый год линяет, да все сер бывает // Зарекалась лиса кур не воровать [13]. – Can the leopard doesn’t change his spots? [12];

– *безысходность, безвыходное положение*: Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг мезанад [14]. – Голодная собака повалит льва [13]. – A hungry dog will ring a lion down [12];

– *довольствоваться малым*: Гунҷишке нақд беҳ дон, ки товусе ба насия (тадж.) [14]. – Лучше голубь в тарелке, чем глухарь на току // Лучше одна птичка в руках, чем две в кустах // Синица в руках – лучше соловья в лесу. // Лучше воробей в руке, чем петух на кровле [13]. – A bird in the hand is worth two in the hush [12];

– *сплетничать, болтать без умолку*: Бисёр гуфтан бори хар аст [14].– Есть повод, нет повода – свинья все равно хрюкает [13].– Pigs grunt about everything and nothing [12];

– *напрасное ожидание*: Намур бузакам, баҳор мешавад, алаф мехӯрӣ [14]. – Пока трава растёт лошадь с голоду подыхает [13]. – While the grass grows the horse starves [12];

– *бесполезность чего–либо*: Гови пир кунҷора хоб мебинад [14]. – Старого пса к цепи не приучишь [13]. –You cannot teach old dogs new tricks [12];

– *причина всего происходящего, источник всех бед*: Гови рихин ҳама говонро биёлояд [14]. – Одна паршивая овца все стадо портит [13]. – One scaled sheep will mar a whole flock [12];

– *чрезмерный голод*: Гӯсола каҳдон холӣ мекунад, бача – нондон [14]. – Голодный как волк [13]. – A growing has a wolf in his stomach [12];

– *бесполезность, не принадлежащие ни к какому подходящему классу или описанию, не узнаваемые или характерные черты кого- либо* : На гӯсоларо шир медиҳанд ва на ба пода сар медиҳанд, ки алаф хурад [14]. – Ни рыба, ни мясо// От ворон отстала, а к павам не пристала.// Ни богу свечка, ни чёрту кочерга [13]. – Neither fish nor flesh [12];

– *пример для подражания*: Кунад бачаи шер ҳам кори шер [14]. – Как старый петух кукарекает, так и молодой ему вторит // Молодой петух поет так, как от старого слышал [12]. – As the old cock crows, so does the young [12];

– *свой своего не обидит, свой своего не тронет*: Гург гургро намехӯрад [14]. – Собака собаку не ест. // Ворон ворону глаз не выклюет [13]. – Dog does not eat dog [12];

– *выжди, пока не станет ясно, куда ветер подует*: Мор то рост нагардад, маравад бар сӯрох [14]. – Подожди, пока кошка не прыгнет [13]. –Wait for the cat to jump [12];

– *люди не меняются, неизменчивый характер и нрав*: Мор пӯст бигзорад, хӯй намегузорад [14]. – Волк не пастух, свинья не огородник. //Из волка пастух не выйдет//Не верь козлу в капусте, а волку в овчарне [13]. – The wolf changes his coat, not his nature [12];

– *излишняя алчность, немощность*: Мурғи ҳамагир ҳеҷгир аст! [14] – За двумя зайцами погонишься, ни одного не поймаешь [13].– Dogs that put up many hares kill none [12];

– *приманка, приманить кого–либо*: Мурғ ба ҷое равад, ки чина бувад, на ба ҷое равад, ки чӣ набувад [14].–Где труп, там и стервятники [13]. – Where the carcass is, there shall the eagles gathered together [12];

– *язык мой враг мой, болтуна язык до добра не доведет говори но не зарекайся*: Боли уқоб шуд сабаби офати уқоб [14] .– Всякая сорока от своего языка погибает [13]. – An ox is taken by the horns, and a Man by the tongue [12];

– *плохая наследственность*: Барн-ояд аз хонаи боз ҷуғз [14]. – От худой курицы худые яйца [12]. – A wild goose never laid a tame egg [12];

– *использовать возможность*: Дар ҳавзе, ки моҳӣ нест, қурбоққа сипаҳсолор аст [14] – Без кота мышам раздолье [13]. – When the cat is away, the mice will play [12].

Инструмент – программа автоматического выявления эквивалентности фразеологических единиц, для определения схожести и различия между фразеологическими единицами как третий аспект исследования данных лексических единиц был продуман и разработан наряду с собранным материалом по фразеологии. Языковой основой программирования при нашей работе послужил Python, в которой были размещены базовые материалы по фразеологии таджикского, русского и английского языков.

Последующий процесс исследования фразеологических единиц исследуемых языков в рамках прикладной лингвистики – создание базу данных фразеологических единиц может послужить для практического применения материала данной базы со

стороны других исследователей, аспирантов магистрантов и докторантов соответствующих дисциплин.

Исследование фразеологической системы показал, что данным лексическим единицам не свойственен прямой перевод составляющих элементов, но им свойственна выявление семантической и структурной эквивалентности, что может послужить хорошей лексической базой. Такое параллельное изучение языков конечно же осуществляется при разработке определенной программы алгоритмов, конечный результат, которого может послужить ссылка на соответствующую программу (ссылка нашей языковой программы www/zabon.amali.tj).

Таким образом, создание электронного корпуса при изучении фразеологических единиц и паремий таджикского, русского и английского языков предоставляют инструменты для их анализа, понимания и использования в различных языковых ситуациях. Важность создания такого корпуса способствует представлением лингвистических данных в реальном контексте, которое также может послужить для решения различных лингвистических задач, таких, как реализация графематического и лексико-грамматического анализа фразеологической системы трех разносистемных исследуемых таджикского, русского и английского языков.

АДАБИЁТ

1. Абодуллоева, С.Ю. Развитие прикладной лингвистики как ананлизирующая основа естественного состояния языков (на примере изучения родного и иностранных языков) / С.Ю. Абодуллоева // Серия открытых лекций Университета центральной Азии. По тематическому блоку «Междисциплинарный дискурс в контексте взаимоотношения гуманитарных и естественно-научных исследований».–Душанбе.–2020.– С.16-29.
2. Азимова, М. Н. О сопоставительно-типологическом изучении таджикской фразеологии / М.Н. Азимова. // Лингв-методологические вопросы преподавания иностранных языков. – Душанбе: Дониш, 1982. – 0,1 п. л.
3. Бегматова, С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ–англисӣ–русӣ / С. Бегматова. – Хуҷанд: Набӣ Фахрӣ, 2016. – 420 с.
4. Гафарова, К.Т. Сопоставительный анализ фразеологических единиц сзоонимами и фитонимами в таджикском, немецком и русском языках: автореферат дис…кандидата филологических наук:10.02.20/ К.Т.Гафарова. – Душанбе, 2007. – 24с.
5. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь. 4-е изд. стереотип. / А.В. Кунин.– Москва, 19841. – 944 с.
6. Ларионова, Ю.А. Фразеологический словарь современного русского языка / Ю.А. Ларионова. – М.: «Аделант», 2014. – 512с.
7. Литвинов, П.П. Англо-русский фразеологический словарь с тематической классификацией /П.П. Литвинов.–М.: Яхонт, 2000.– 368 с.
8. Oxford dictionary of Idioms.– United States: Oxford University Press, 1999, 2004.– 352 p.
9. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта. / М.Фозилов, Ҷ.1. – Душанбе: Дониш,1964. –952 с.
10. Фозилов,М. Фарҳанги ибораҳои рехта. / М.Фозилов, Ҷ. 2.– Душанбе: Дониш,1964–802 с.
11. https://iling-ran.ru/web/ru/scholars/plungian (20.01.2025)
12. https://langformula.ru^pogovorki. 53 поговорки и пословицы на английском языке с переводом на русский. (22.01.2025)
13. https://www.englishdom.com.>blog. Лучшие английские пословицы с переводом и русским аналогом. (28.0.2025)

14. https://www.gateway.org>tajik proverbs.таджикские афоризмы, пословицы, поговорки о жизни. (15.02.2025)
15. https://tajik-corpus.org/Национальный корпус таджикского языка (24.02.2025)
16. https://ruscorpora.ru/Национальный корпус русского корпуса (24.02.2025)
17. https://ru.wikipedia.org/wiki/Британский_национальный_корпус (12.03.2025)
18. https://ru.wikipedia.org/wiki/Национальный корпус американского английского. (14.03.2025)

НОВЫЕ ТЕНДЕНЦИИ В СОЗДАНИИ ЭЛЕКТРОННОГО КОРПУСА ДЛЯ СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗ ЯЗЫКОВ

(на примере преподавания фразеологических единиц таджикского, русского и английского языков)

В статье рассмотрены новые тенденции в создании электронного корпуса для сравнительного преподавания языков (на примере преподавания фразеологических единиц таджикского, русского и английского языков), изучение которых в нашем исследовании осуществлялись с помощью основных составляющих электронного корпуса как: создание электронного лингвистического корпуса для параллельного сопоставительного изучения фразеологических единиц в трех разносистемных языках, определение цели создания данного корпуса для проведения научных исследований и параллельного обучения иностранным языкам, разработка трехязычного корпуса, определить пути применения материала нашего корпуса в обучении, для изучения языка в контексте его реального употребления.

Анализ семантических и структурных составляющих, выражение стилистических и эмоциональных особенностей фразеологических единиц и паремий в исследуемых языках осуществлялось на основе пяти важных аспектов, которые будут способствовать созданию эффективной электронной базы по фразеологическим единицам и паремиям трех языков: таджикском, русском и английском.

Ключевые слова: *электронный корпус**,** прикладная лингвистика, фразеологические единицы, паремии, параллельное изучение языков, лингвистический корпус, разно системные языки, таджикский, русский, английский языки.*

Сведения об авторах: Абодуллоева Сафина Юсуповна – доктор филологичеких наук, профессор кафедры таджикского языка Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева, 736000, город Хорог, улица Иджубова 152, телефон: (+992) 935342621; E-mail: safinaabodulloeva77@bk.ru.

Дустамбаева Гулнамо – старший преподователь кафедры английской филологии Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева, 736000, город Хорог, улица Ш.Шохтемура 132/6, кв. 4 , телефон: (+992) 934339901; E-mail: dgulnamo@mail.ru

Шакармамадова Латофат – старший преподователь кафедры русской филологии Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева, 736000, город Хорог, улица Собрали Бандали 220, телефон: (+992) 936005581; E-mail: latofat shakarmamadova @ gmail.com.

Раматшоев Далер – заведующий центра тестирования Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева, 736000, город Хорог, улицы Шугнанский район, селение Джелонди, телефон: (+992) 934335222 ; E-mail: daler-0189@mail.ru.

ТАМОЮЛОТИ НАВ ДАР СОХТАНИ ПАЙКАРАИ ЭЛЕКТРОНӢ БАРОИ ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ЗАБОНҲО

(дар мисоли омузиши ибораҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)

Дар мақола тамоюлоти нав дар сохтани пайкараи электронӣ барои омузиши муқоисавии забонҳо (дар мисоли омузиши ибораҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) баррасӣ шудаанд, ки омӯзиши онҳо дар таҳқиқоти мо бо истифода аз унсурҳои асосии пайкараи электронии зерин сурат ёфтааст: сохтани пайкараи лингвистикии электронӣ барои омӯзиши муқоисавии ибораҳои фразеологии се забони гуногунсохтор, муайян кардани ҳадафи сохтани пайкараи электронӣ барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва таълими муқоисавии забонҳои хориҷӣ, таҳияи пайкараи электронии се забона, муайян кардани роҳҳои истифодаи маводи пайкараи мо барои омӯзиши забонҳо дар доираи истифодаи воқеии он.

Таҳлили ҷузъҳои семантикӣ ва сохторӣ, ифодаи хусусиятҳои услубӣ ва эҳсосии ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар забонҳои таҳқиқшаванда дар асоси панҷ ҷанбаи муҳим амалӣ шуд, ки инҳо ба сохтани пойгоҳи электронии муассир барои воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақоли се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мусоидат хоҳанд кард.

Калимаҳои калидӣ: пайкараи электронӣ, забоншиносии амалӣ, ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол, омӯзиши муқоисавии забонҳо, пайкараи лингвистӣ, забонҳои гуногунсохтор, тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.

Маълумотнома дар бораи муаллифон: Абодуллоева Сафина Юсуповна– доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, 736000, шаҳри Хоруғ, кучаи Ибубов 152, телефон: (+992) 935342621; E-mail: safinaabodulloeva77@bk.ru.

Дустамбаева Гулнамо – саромузгори кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, 736000, шаҳри Хоруғ, кучаи Ш.Шохтемур 132/6, хонаи 4; телефон: 934339914; E-mail: dgulnamo@mail.ru

Шакармамадова Латофат – саромузгори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, 736000, шаҳри Хоруғ, кучаи Собрали Бандали 220; телефон: 936005581; E-mail: latofat shakarmamadova @ gmail.com.

Раматшоев Далер – сардори маркази тестии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, 736000, н.Шуғнон, ҷ.Ванқалъа, д.Ҷелондӣ; телефон: 934335222; E-mail: daler-0189@mail.ru

NEW TENDENCIES IN CREATING AN ELECTRONIC CORPUS FOR COMPARATIVE ANALYSIS OF LANGUAGE
(based on example of teaching phraseological units in Tajik, Russian, and English languages)

The article discusses new trends in creating an electronic corpus for comparative language teaching (based on example of teaching phraseological units in Tajik, Russian, and English languages). The study was conducted using the main components of the electronic corpus, such as: creating an electronic linguistic corpus for parallel comparative study of phraseological units in three structurally different languages, defining the purpose of creating this corpus for conducting scientific research and parallel foreign language teaching, developing a trilingual corpus, and identifying ways to apply the corpus material in teaching for language learning in the context of its real usage.

The analysis of semantic and structural components, as well as the expression of stylistic and emotional features of phraseological units and paremiology in the studied languages, was carried out based on five important aspects, which will contribute to the creation of an effective electronic database on phraseological units and paremiology in the three languages: Tajik, Russian, and English.

Keywords: electronic corpus, applied linguistics, phraseological units, paremiology, comparative language learning, linguistic corpus, structurally different languages, Tajik, Russian, English.

Information about authors: Abodulloeva Safina Usupovna – Doctor of philology sciences, professor at Tajik language department of Khorog State University named after M. Nazarshoev, 736000, Khorog city, 152 Ijubov street, phone: (+992) 935342621; E-mail: safinaabodulloeva77@bk.ru.

Dustambaeva Gulnamo – Senior teacher at English philology deparment of Khorog State University named after M. Nazarshoev, 736000, Khorog city, Sh.Shohtemur 132/6 street, 4th room, phone: (+992) 934339901; E-mail: dgulnamo@mail.ru

Shakarmamadova Latofat – Senior teacher at Russian language and literature department of Khorog State University named after M. Nazarshoev, 736000, Khorog city, Sobrali Bandali 220, телефон: (+992) 936005581; E-mail: latofat shakarmamadova @ gmail.com.

Ramatshoev Daler – Head of Testing center at Khorog State University named after M.Nazarshoev, 736000, Shugnan district, Vanqala village, phone: (+992) 934335222; E-mail: daler-0189@mail.ru

УДК: 070(575.3)

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЖУРНАЛИСТИКАИ МИНТАҚАВӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ: МАРҲИЛАҲО, ХУСУСИЯТҲО ВА МУШКИЛОТ (1991–2020)

Алишери А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Вақте дар соли 1991 Тоҷикистон истиқлолият ба даст овард, журналистикаи минтақавӣ, бахусус дар Кӯлоб, ба марҳилаи нави рушд ворид шуд. Ин марҳила дар пайи тағйиротҳои сиёсию иҷтимоӣ аз ҷумла ҳаракати бозсозӣ, ташаккули бозор ва афзоиши озодии баён ба вуҷуд омад. Ҳадафи ин тадқиқот таҳқиқи марҳилаҳо, шаклу жанрҳо ва мушкилоти журналистикаи минтақавӣ дар Кӯлоб байни солҳои 1991–2020 мебошад.

Интиҳои асри XX як марҳилаи наве дар таҳаввулоту пешрафти таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Тағйироти ҷиддӣ дар шуури аҳолӣ, ки бо рушди идеологияи навтарин, усули бозории идоракунӣ, тағйирот дар сохтори ҷамъиятӣ аз ҷониби васоити ахбори омма ташвиқ карда мешуданд. Онҳо ба чунин мафҳумҳои идеологӣ, ба монанди ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, иқтисоди бозаргонӣ, соҳибкории озод, арзишҳои умумиинсонӣ пайравӣ карданд. Бо ин ҳама, ҳавасмандии иртиботӣ-муоширатӣ тағйир ёфт, низоми нави ВАО ташаккул ёфт. Бо оғози бозсозӣ ВАО дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар нақши фаъол дошта, дар таҳаввулоти сиёсӣ дар саҳифаҳои худ иғгъикос ва муҳокима шуданд. Рушди саросарӣ ва эътирофи расмии низоми бисёрҳизбӣ дар давлат ба тавсеаи устувори ҷаҳони рӯзнома мусоидат кард. Нашрияҳо ба табъ расиданд, ки бароориши онҳо дар натиҷаи тамоюлҳои нави меъёрҳои демократикунонӣ, ташаббуси молиявию иқтисодӣ ва тасдиқи муносибатҳои бозаргонӣ имконпазир гардид. Низоми нави ВАО ташаккул ёфт. Дар ин низом матбуоти минтақавӣ мавқеи муҳимро ишғол мекард, ки рушд тавассути омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, идеологӣ ва вижагиҳои маҳаллӣ асос ёфтааст.

Дар меъёрҳо ва хусусиятҳои матбуоти минтақавӣ дар маҷмӯъ, тағйиротҳои босифат ворид шуданд, ки фаҳмиш ва таҳлилро тақозо мекарданд. Яке аз намудҳои сершумори нашрияҳои даврӣ дар Тоҷикистон дар нимаи аввали солҳои 90-ум. матбуоти минтақавӣ буд, ки як қисмати зиёди аҳолиро фаро мегирифт. Дар ин муддат, нашрияҳои маҳаллӣ ба баррасии масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ҳамроҳ шуданд. Дар ин робита, омӯзиши таъсири матбуоти минтақавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар солҳои 1991-2020 оид ба маводи рӯзномаҳои ҷудогонаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар хеле муҳим мерасад.

Омӯзиши таъсири матбуоти минтақавӣ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, хусусан ба мафкура ва ҷаҳонбинии ҷомеа, рафтори интихоботӣ дар давраи маъракаҳои интихоботӣ, ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, ба амалҳои сиёсии кулли минтақа муҳим аст.

Омӯзиши саҳифаҳои начандон омӯхташудаи таърихи матбуоти даврии миллӣ дар давраи ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон васеъ паҳн гардид ва дар ин самт таълифоту тадқиқотҳои сазовори илмию назариявӣ идома доранд. Бо вуҷуди таҳлилҳо ва тадқиқотҳо дар ин самт, як қатор масъалаҳо ва мушкилот то ҳол пурра омӯхта нашудаанд ва бидуни баррасии зарурии илмӣ боқӣ мондаанд. Инҳо зарурати омӯзиши муназзами марҳилаҳои таърихии рушд ва тавсеаи доираи мавзӯии матбуоти минтақавиро фаро мегиранд, зеро матбуоти минтақавӣ ҳамеша рӯйдодҳо ва ҳодисаҳои муҳимро дар доираи ин ё он минтақа инъикос мекунад ва ҷузъи муҳими матбуоти миллист.

Дар замони шӯравӣ, матбуот интиқолгари асосии иттилоот буд, ки асоси як низоми пуркуввати таблиғот буд, аммо, равандҳои иҷтимоию сиёсии дар аввали солҳои 90-ум оғозёфта ба баъзе тағйирот дар сохтори матбуот ва албатта, ВАО оварда расониданд.

Шароити нави таърихии зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳими ташаккули намуди нави журналистикаи оммавӣ гардид. Дарки пурраи дархостҳои

баҳраварон пайдо шуд. Ин ба ҷорӣ намудани шаклҳо ва усулҳои нави фаъолияти васоити ахбори омма мусоидат намуд.

Масъалаи нақши васоити ахбори омма дар маҷмӯъ ва дар ҳаёти сиёсӣ дар заминаи воқеиятҳои тағйирёбандаи сиёсии кишвари мо, ҳатто дар муқоиса бо гузаштаи наздик, садои наве пайдо кардааст. Дар ин робита, муносибатҳои шохаҳои ҳокимият дар минтақаҳо бо афзалиятҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ, ҳукумат ва матбуот қобили таваҷҷӯҳи хос мебошанд. Барои таҳлили мушкилот, мо вазъ ва тамоюлҳои рушди ВАО-и минтақавии кишварро мавриди омӯзиш қарор додем.

Омӯзиши ҳолат ва мундариҷаи расонаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла минтақавӣ, арзёбии нави онҳо аз нуқтаи назари сиёсати миллии давлати мустақил яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки журналистикаи муосири ҷумҳурӣ мебошад.

Ба андешаи мо, бидуни таҳқиқи таърих ва ҳолати расонаҳои минтақавӣ, аз ҷумла журналистикаи минтақаи Кӯлоб, хусусиятҳо ва равандҳои он, саҳифаҳои асару китобҳо оид ба таърихи журналистикаи тоҷик нопурра хоҳанд буд.

Таърихи журналистикаи тоҷик, мутолиа ва тафсири нави он пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар як қатор асарҳои муҳаққиқон (А.Нуралиев, А.Саъдуллоев, И.Усмонов, М.Абдуллоев, М.Муродов, Н.Солеҳов, Ш.Муллоев, А.Азимов, П.Гулмуродзода, Ҷ. Муқим, М.Султонов ва дигарон) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таълифот худ, ки ба омӯзиши марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввулоти матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, омилҳое, ки ба тасаввуроти баҳраварон дар бораи мавзӯъҳои сиёсӣ бо андозаи муайян таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд. Дар аксари ин баррасиҳо муаллифон хусусияти бисёрҷанбаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро дар низоми иртиботи сиёсӣ қайд кардаанд. Як қатор муҳаққиқони дигари ватанӣ низ дар бораи рушд ва вижагиҳои васоити ахбори умуми тоҷикӣ изҳори назар кардаанд, аммо ин ба таври умум сурат гирифтааст ва матбуоти маҳаллӣ ҳамчун як ашё ва маводи он ҳамчун мавзӯи асосии таҳқиқот баррасӣ карда нашудааст.

Дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон, нашрияҳои даврӣ дар қаламрави минтақаи Кӯлоб баъдтар, дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX пайдо шуданд. Манбаъҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки агар то солҳои 30-ум дар Хатлон матбуоти даврӣ вуҷуд надошта бошад, дар бораи ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодӣ, дар бораи захираҳои табиии минтақаи Кӯлоб очеркҳо ва ёддоштҳои сайёҳӣ дар матбуоти пеш аз инқилобии русӣ чоп мешуданд.

Пас аз Инқилоби Октябр (1917) дар Бухоро ва Туркистон ба ташкили матбуоти миллӣ диққати ҷиддӣ дода шуд, зеро анҷуманҳое, ки Ҳизби коммунистӣ даъват намуд, ба ташкилотҳои маҳаллӣ гузоштани чораҳои муассирро ҷиҳати ташкили матбуоти ҳизбӣ ва шӯравӣ пешниҳод карданд. Пас аз қабули қарори дахлдор то соли 1923 дар қаламрави Бухоро ва Туркистон беш аз 90 рӯзномаву маҷаллаҳо ташкил карда шуданд, аммо минтақаи Кӯлоб то ҳол матбуоти худро надошт. Тибқи нишондодҳои муҳаққиқони таърихи журналистикаи тоҷик И. Усмонов ва Д.Давронов ҳукумати Туркистон ба матбуоти навташкили маҳаллӣ афзалият дод. Ҳадафи ҳукумат тавассути корҳои тарғиботӣ наздик шудан ба оммаи корӣ, боло бурдани нуфуз ва таъсири ҳизб ва ҳукумати Шӯравӣ дар байни коргарон ва деҳқонон буд. Дар он замон, матбуоти даврӣ ду вазифаҳои муҳим дошт: -ҷалб намудани аҳолии маҳаллӣ дар сохтмонҳои шӯравӣ; -тарбия кардани кормандони ҳизбӣ ва шӯравӣ аз байни аҳолии маҳаллӣ [10;.44].

Пас аз соҳибистиқлол гардидани кишвар шумораи расонаҳои давлатӣ ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба садҳо расид, ки ин далели рушди журналистика, озодии сухан ва таҳкими ҷомеаи демократӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот оид ба муайян кардани вазъи матбуоти чопӣ дар минтақаи Кӯлоб , метавон хулоса кард, ки дар ин самт як қатор мушкилот ҳол низ мавҷуданд, аз ҷумла: -сатҳи пасти табъу нашри нашрияҳо ва нашрҳои мунтазам ва (ё) вайрон кардани ҷадвали нашри рӯзномаҳо бо сабабҳои гуногун, асосан молиявӣ; -маоши

ками кормандон. Баъзан, аз сабаби кам будани маош кормандони эҷодӣ иҷборан, иловатан ва муваққатан дар муассисаҳои таҳсилотӣ низ кор кунанд. Табиист, ки ин ба сифати кор дар нашрияҳо таъсири манфӣ мерасонад; -набудани шумораи кофии таҷҳизоти ҳозиразамони идорӣ (компютерҳо, принтерҳо, сканнерҳо, камераҳо, сабткунакҳо, пайвастшавӣ ба интернет ва ғайра), ҳамчунин набудани нақлиёти расмӣ ва имконоти маҳдуди сафари эҷодӣ барои хабарнигорон; -масофа то чопхонаҳои шаҳрҳои Бохтар ва Душанбе, фарсуда шудан ва корношоямии таҷҳизоти чопхонаҳои шаҳрию ноҳиявӣ; -нарасидани кормандони штатӣ ва ҷойивазкунии мутахассисони ҷавон дар идораи рӯзномаҳои минтақавӣ. Синну соли миёнаи кормандони эҷодии ин нашрияҳо аз 40-50 ҳам гузаштааст. Бисёр рӯзноманигорони собиқадор, ки дар ин нашрияҳо бо эҷодкорӣ машғуланд, дар синну соли нафақа мебошанд ва мутахассисони ҷавон дар идораи рӯзноманигорӣ кор шуморатан камтаранд намекунанд; -ҳолати ногувори биноҳои баъзе рӯзномаҳои минтақавӣ ва зарурати таъмир, камбуди утоқҳои корӣ барои кори самарабахши эҷодӣ; -маблағгузории нокифояи рӯзномаҳои давлатии шаҳрию ноҳиявӣ аз буҷаи маҳаллӣ; -паҳн шудани усулҳои кӯҳнаи идоракунӣ ва истеҳсолот дар васоити ахбори маҳаллӣ, набудани мудирияти муносиби иқтисодӣ-молиявӣ; -норасоии манбаъҳои алтернативии иттилоот ва бесамар будани онҳо, ҳамчунин дастрасӣ ба ин манбаъҳо.

Бояд зикр кард, ки вазъи молиявии бисёр нашрияҳо хеле заиф аст ва ин омил ба мундариҷаи нашрияҳо низ таъсир мерасонад. Касбияти баланд ва рақобатпазирии даврӣ метавонад онро фоидаовар гардонад ва танҳо фоидаю даромадҳо мавҷудияти рӯзномаро таъмин кунад. Муҳаққиқи рус С.Гуревич чунин мешуморад, ки ҳатто дар идораи таҳририяи як рӯзномаи кӯҳна, ки даҳсолаҳо нашр мешавад, як фурӯшанда лозим аст, ки пайваста маълумотро дар бораи минтақаи паҳн кардани он ҷамъ кунад. «Бидуни ин маълумот, менеҷерон сиёсати нархгузорӣ ва гардишро татбиқ карда наметавонанд ... Вазифаи дуввуми дигари муҳим ин омӯзиши хонандагони рӯзнома мебошад. Пеш аз ҳама - баҳраварони эҳтимолӣ, шумораи онҳое, ки метавонанд дар минтақа хонандагони он шаванд» [4;57-58], аммо ин ҳама хароҷоти назаррасро талаб мекунад, ки на ҳама нашрияҳои минтақавӣ имкон доранд.

Аҳамияти омӯзиши алоҳидаи инъикоси мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ дар нашрияи алоҳида, пеш аз ҳама дар он аст, ки он мавқеи нашрияро дар инъикоси мушкилоти рӯзмарраи давраи муайян ва умуман ҷомеа муайян менамояд.

Дар шакли умумии муназзаму муттасил таърихи рушди нашрияҳои даврӣ, марҳилаҳои ташаккули он дар асарҳои бисёр олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили: А.А.Тертичний, М.Н.Ким, В.Смирнов, А.Нуралиев, А.Саъдулоев, И.Усмонов, П.Гулмуродзода, М.Муродова, А.Азимов, М. Муқимов, М.Абдуллоев, Ш.Муллоев, Н. Солеҳов, Н.Бозоров, Д.Самадова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд [1;2].

Муҳаққиқон И.Усмонов ва Д.Давронов дар китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик» ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои журналистикаи иҷтимоӣ баъзе ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллиро зикр кардаанд. Муҳаққиқ М.Муродов бо назардошти масъалаҳои матбуоти минтақавӣ баъзе паҳлӯҳои ин масъаларо дар як қатор мақолаҳои илмӣ таҳқиқ кардааст. Дар онҳо муаллиф вазъи кунунӣ ва мушкилоти матбуоти даврии маҳаллӣ, хусусан матбуоти минтақаро таҳлил намуда, зарурати омӯзиши онҳоро дар доираи як консепсияи илмии журналистӣ қайд кардааст. Тадқиқоти илмии ин муаллиф аз он ҷиҳат муҳим аст, ки вай баъзе ҷанбаҳои илмии журналистикаро дар асоси консепсия ва назарияҳои ҷаҳонӣ таҳқиқ мекунад [6]. Тадқиқоти ӯ баъзе масъалаҳои баҳснокро дар бораи жанрҳо инъикос мекунад. Бояд зикр кард, ки тадқиқоти илмӣ дар соҳаи жанрҳои журналистика як иловаи тадқиқоти масъалаҳои жанрҳои журналистӣ мебошанд, ки аз ҷониби И. Усмонов гузаронида шудааст. Журналистикаи тоҷик, ки дар давраи шӯравӣ, вобаста ба талаботи сиёсиву иҷтимоии он замон, ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати забон такмил ёфт.

Дар тули ин солҳо таърихи журналистикаи тоҷик сифатан тағйир ёфта, ба амиқ ва

тавсеаи мазмуни идеологии он мусоидат кард. [10].

Ҳамин тариқ, таҳлили мухтасари масъала нишон медиҳад, ки имрӯз расонаҳои чопӣ ва электронии минтақаи Кӯлоб аз жанрҳои муайяни иттилоотӣ ва таҳлилӣ, журналистӣ, аз ҷумла мукотибаи иттилоотӣ ва таҳлилӣ, сӯҳбат, мониторинг, шарҳ, тадқиқоти журналистӣ, хулосаи сотсиологӣ ва ғайра истифода камтар истифода мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллаев, М.А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике: конец XIX - первая половина XX веков: автореф. ... дисс. д-ра филолог. наук/М.А.Абдуллаев.-Душанбе, 2011.- 46с.
2. Азимов А., Марзи сухан/ А.Азимов.-Душанбе: Дониш, 2008.-48с.
3. Бабаханов, М.Из истории периодической печати Туркестана/М.Бабаханов.-Душанбе, 1987.-180с.
4. Гуревич, С. Газета: вчера, сегодня, завтра/С. Гуревич.-М.:Аспект-пресс, 2004.-288с.
5. Кириллова,Н.Б. Медиасреда российской модернизации/Н.Б. Кириллова. -М.:Академический Проект,2005.-400с.
6. Муродов, М. Некоторые проблемы местной печати и необходимость их исследования/М. Муродов //Вестник ТНУ, серия филология.-Душанбе:Сино,2015.-Х94/7.- с.252-257
7. Набиева, Р. Культура таджикского народа во второй половине XIX в./ Р. Набиева//История таджикской ССР.-Душанбе,1983.-143с.
8. Расулов, К. История культуры таджикского народа в первой четверти XX века: дисс...док. истор. наук.-Душанбе, 2010.-286с.
9. Расулов, Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ/Қ.Расулов.- Душанбе,2012.- 70с
10. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик/И.Усмонов, Д. Давронов,-Душанбе.-2008. -280 с.

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЖУРНАЛИСТИКАИ МИНТАҚАВӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ: МАРҲИЛАҲО, ХУСУСИЯТҲО ВА МУШКИЛОТ (1991–2020)

Дар мақола баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди журналистикаи тоҷик дар мисоли минтақаи Кӯлоб баррасӣ гаштааст.

Ба андешаи муаллиф, интиҳои асри XX як марҳилаи наве дар таҳаввулоту пешрафти таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Тағйироти ҷиддӣ дар шуури аҳолӣ, ки бо рушди идеологияи навтарин, усули бозории идоракунӣ, тағйирот дар сохтори ҷамъиятӣ аз ҷониби васоити ахбори омма ташвиқ карда мешуданд, рӯй доданд. Онҳо ба чунин мафҳумҳои идеологӣ, ба монанди ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, иқтисоди бозаргонӣ, соҳибкории озод, арзишҳои умумиинсонӣ пайравӣ карданд. Бо ин ҳама, ҳавасмандии иртиботӣ-муоширатӣ тағйир ёфт, низоми нави ВАО ташаккул ёфт. Бо оғози бозсозӣ ВАО дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар нақши фаъол дошта, дар таҳаввулоти сиёсӣ дар саҳифаҳои худ инъикос ва муҳокима шуданд.

Муаллиф зикр мекунад, ки омӯзиши саҳифаҳои начандон омӯхташудаи таърихи матбуоти даврии миллӣ дар давраи ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон васеъ паҳн гардид ва дар ин самт таълифоту тадқиқотҳои сазовори илмию назариявӣ идома доранд. Бо вуҷуди таҳлилҳо ва тадқиқотҳо дар ин самт, як қатор масъалаҳо ва мушкилот то ҳол пурра омӯхта нашудаанд ва бидуни баррасии зарурии илмӣ боқӣ мондаанд.

Дар ҷамьбаст муаллиф зикр мекунад, ки таҳлили мухтасари масъала нишон медиҳад, ки имрӯз расонаҳои чопӣ ва электронии минтақаи Кӯлоб аз жанрҳои муайяни иттилоотӣ ва таҳлилӣ, журналистӣ, аз ҷумла мукотибаи иттилоотӣ ва таҳлилӣ, сӯҳбат, мониторинг, шарҳ, тадқиқоти журналисти, хулосаи сотсиологи ва ғайра истифода камтар истифода мекунанд.

Калидвожаҳо: журналистика, хусусиятҳо, васоити ахбори омма, таҳлил, ташаккул ва рушд, минтақа, ҷомеа, ҷумҳурӣ, инъикос, масъала, мавзуъ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Алишери Абдулмаҷид, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, мудири кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба

номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ В КУЛОБСКОМ РЕГИОНЕ: ЭТАПЫ, ОСОБЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ (1991–2020)

В статье рассматриваются различные аспекты формирования и развития таджикской журналистики на примере Кулобского региона.

По мнению автора, конец XX века стал новой вехой в историческом развитии и прогрессе Республики Таджикистан. Существенные изменения в общественном сознании, пропагандируемые средствами массовой информации, включали развитие новых идеологий, рыночных методов управления и изменений в социальной структуре. Эти изменения привели к принятию таких понятий, как личные права и свободы, рыночная экономика, свободное предпринимательство и универсальные человеческие ценности. Вследствие этого изменились мотивации коммуникации, и возникла новая медийная система. С началом перестройки средства массовой информации активно участвовали в социальной и политической жизни страны, отражая и обсуждая политические события на своих страницах.

Автор отмечает, что изучение менее исследованных страниц истории национальной периодической прессы расширилось в период независимости Таджикистана. В этой связи продолжают создаваться значительные теоретические и научные работы. Несмотря на проведенные анализы и исследования в этой области, несколько вопросов и проблем остаются недостаточно изученными и не имеют необходимого научного обсуждения.

В заключение автор отмечает, что краткий анализ показывает, что сегодня печатные и электронные СМИ Кулобского региона в меньшей степени используют определенные жанры журналистики, включая информационно-аналитическую коммуникацию, интервью, мониторинг, комментарии, журналистские исследования, социологические резюме и другие.

Ключевые слова: журналистика, особенности, средства массовой информации, анализ, формирование и развитие, регион, общество, республика, отражение, проблемы, темы.

Сведения об авторе: Алишер Абдулмаджид, доктор философии (PhD) по специальности журналистика, заведующий кафедрой журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

FORMATION AND DEVELOPMENT OF REGIONAL JOURNALISM IN THE KULOB REGION: PHASES, CHARACTERISTICS, AND CHALLENGES (1991–2020)

This article discusses various aspects of the formation and development of Tajik journalism, focusing on the Kulob region.

According to the author, the end of the 20th century marked a new phase in the historical evolution and progress of the Republic of Tajikistan. Significant changes occurred in public consciousness, promoted by mass media, including the development of new ideologies, market-based management methods, and changes in societal structures. These changes led to the adoption of concepts such as personal rights and freedoms, market economy, free entrepreneurship, and universal human values. Consequently, communication motives shifted, and a new media system emerged. With the onset of perestroika, mass media played an active role in the country's social and political life, reflecting and discussing political developments on their pages.

The author notes that the study of the less-explored pages of the national periodical press history expanded during the period of Tajikistan's independence. In this regard, significant theoretical and scientific works continue to be produced. Despite analyses and research in this field, several issues and challenges remain underexplored and lack necessary scientific discussion.

In conclusion, the author mentions that a brief analysis indicates that today, print and electronic media in the Kulob region utilize specific journalistic genres, including informational and analytical communication, interviews, monitoring, commentary, journalistic research, sociological summaries, etc., to a lesser extent.

Keywords: journalism, characteristics, mass media, analysis, formation and development, region, society, republic, reflection, issues, topics.

Author Information: Alisher Abdulmajid, Doctor of Philosophy (PhD) in Journalism, Head of the Journalism Department at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Phone: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

УДК: 070(575.3):323.1

НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

Алишери А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Матбуот дар ҷаҳони муосир ҳамчун рукни муҳими сиёсати ҷаҳонӣ ва таҳкими ҷомеаи демократӣ ҷой гирифтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари соҳибистиқлол васоити ахбори омма нақши муҳим дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ташаккули худшиносии миллӣ ва мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ доранд. Дар ин таҳлил нақши матбуот дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ муҳокима мешавад, аз ҷумла аз нигоҳи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва таҳлилгарони варзида.

Дар замони муосир иттилоот яке аз рукнҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ буда, ҳамеша ҳамчун набз дар қалби зиндагӣ метапад. Хабарнигорону рӯзноманигорон дар давоми 24-соат ҳаводиси оламро тариқи шабакаҳои пуриқтидори иҷтимоӣ, радиову телевизион ва рӯзномаву маҷаллаҳо пешкаши бидандагону шунавандагон ва хонандагон менамоянд.

Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ фаъолона мусоидат намоянд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ матбуот ҳамчун як сутуни асосии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта дар ҷомеаи муосир нақши калидӣ мебозад. Он воситаи муҳими таъмини шаффофият, таҳкими афкори ҷамъиятӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад. Дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар раванди рушди бесобиқаи иқтисодиву иҷтимоӣ қарор додад, матбуот метавонад ба таври муассир барои таҳкими истиқлолият ва манфиатҳои миллӣ хизмат кунад.

Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш бахшида ба 100 солагии матбуоти тоҷик қайд намуданд: «Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонад. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд» **[1, с. 7-8]**

Дар ҳоли афзоиши таъсири ҷаҳонишавӣ ва иттилоот, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва суботи дохилӣ тавассути матбуот аҳамияти махсус пайдо мекунад. Матбуоти тоҷик метавонад на танҳо ҳамчун воситаи ахбори умум, балки ҳамчун як механизми муассири ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ хизмат намояд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини матбуот дар Тоҷикистон ин ҳифзи ҳувияти миллӣ ва густариши арзишҳои фарҳангии тоҷикон мебошад. Матбуот бо интишори маводҳои таҳлилӣ, мақолаҳо ва гузоришҳо оид ба таъриху фарҳанг, забон ва анъанаҳои миллӣ метавонад ҳисси ватандӯстиро дар ҷомеа таҳким бахшад. Илова бар ин, матбуоти тоҷик метавонад дар муқовимат бо таҳдидҳои фарҳангии хориҷӣ нақши муҳим бозад ва арзишҳои миллиро ҳифз кунад.

Матбуот дар тарғиби забони давлатӣ ва арзишҳои фарҳанги миллӣ нақши калидӣ дорад. Он метавонад тавассути интишори мақолаҳо ва мавод оид ба фарҳанг ва таърих ҳисси тадриҷии худогоҳӣ ва воҳдадории миллӣ дар ҷомеа барангезад . Мисолҳои анъана ва арзишҳои миллӣ дар рӯзномаҳо ва журнали "Маърифат" мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҳкими худшиносии шаҳрвандонро мусоидат намудаанд.

Матбуот бояд дар ташвиқи забони давлатӣ, тарғиби фарҳанги миллӣ ва рушди худшиносии миллии аҳолӣ фаъол бошад. Дар шароити рақобати иттилоотӣ, ки расонаҳои хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд таъсири васеъ дошта бошанд,

матбуоти миллӣ бояд ба таври муассир бо онҳо рақобат намояд ва иттилооти воқеӣ ва таҳлилгаронаро ба ҷомеа пешниҳод кунад.

Зикр кардан лозим аст, ки солҳои ахир дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ дар мавзуъҳои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва тарбияи хештаншиносии миллӣ мақолаҳову намоишҳои зиёд интишор ва пахш мешавад ва муаллифон андешаҳои Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дуруст дарк карда, фикру мулоҳизаҳои худро дар мавриди ҳифзи арзишҳои миллӣ ва тарбияи хештаншиносии миллӣ, пешниҳод мекунанд.

Ҷаҳони глобал ва фазои Интернет ба Тоҷикистон ба неруи нав ворид шудааст: хабарҳои дурӯғин ва таблиғоти ғаразнок таҳдидҳои воқеӣ ҷамъиятро таҳдид мекунанд. Матбуоти миллӣ бояд бо журналистикаи касбӣ, истинод ба манбаъҳои боэътимод ва ташаккули саводи иттилоотии шаҳрвандон барои муқовимат бо ин таҳдидҳо талош намояд.

Тоиров Шермуҳаммад – забоншинос, устоди Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мақолааш «Паём-бозгӯйи сиёсати фарҳангсолорӣ» дар нашрияи «Маърифат» дар масъалаи худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ андешаронӣ намуда, иқтибосеро аз суханронии Пешвои муаззами миллат бамаврид таъкид намудааст. «Эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ барои баланд бардоштани руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносии мардум хусусан, наврасону ҷавонон муҳим мебошад» **[5]**.

Мавзуъҳои асосие, ки муаллифони мақолаҳои дар матбуоти солҳои ахир ба табъ расондаанд бештар ба ваҳдати ҳақиқии миллӣ, худшиносии миллӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ, равнақу ривоҷи шуури миллӣ, бознигарӣ ба гузаштаи таърихии тоҷикон ва монанди он нигаронида шудаанд.

Ваҳдати ҳақиқии миллиро бидуни инкишофи тафаккури таърихӣ, худшиносии миллӣ, бузургдошти мерос, фарҳанги таърихӣ, равнақу ривоҷи шуури миллӣ тасаввурнопазир аст.

Дар ин маврид дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» мақолаи устоди Донишгоҳи милии Тоҷикистон Шаҳбоз Саидзода зери унвони «Шоҳнома» ва эҳсоси миллӣ» ба табъ расидааст, ки ба ақидаи муаллиф «.... Бояд арз намуд, ки аз муассиртарин роҳҳои ноил шудан ба ин мақсад даст ёфтан ба худшиносӣ ва ҳисси миллӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо шахси худшинос ва дорои эҳсоси баланди ватанпарастӣ метавонад дар ҳама гуна ҳолат аз манфиатҳои миллӣ дифо намояд..» **[4]**.

Дар замони ҳозира, ки фазои иттилоотӣ бо хабарҳои дурӯғин ва таблиғоти ғаразнок пур шудааст, нақши матбуоти миллӣ дар пешниҳоди маълумоти саҳеҳ ва дифоъ аз манфиатҳои миллии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Матбуот метавонад тавассути таҳлилҳои касбӣ ва истинод ба манбаъҳои боэътимод тафаккури интиқодии шаҳрвандонро ташаккул диҳад ва аз воридшавии хабарҳои манфӣ ба ҷомеа пешгирӣ намояд.

Сиёсатшинос Хидирзода Махфират дар ин маврид андешаронӣ намуда, чунин таъкид доштааст: «Башаклдарории идеологияи дилхоҳ ҷомеа бевосита тавассути механизми иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб масъалаи идоракунии иттилоот, таъмини амнияти иттилоотӣ, таҳияи механизмҳои муқовимати самарабахши иттилоотӣ дар ҳимоя ва нигоҳдошти арзишҳои миллӣ басо муҳим арзёби мегардад» [6, с. 75]

Илова бар ин, матбуоти миллӣ бояд ба баланд бардоштани сатҳи саводи иттилоотии шаҳрвандон саҳм гузорад. Дар ин замина, таълим ва таблиғи журналистикаи касбӣ, риояи меъёрҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ ва ташаккули муносибати интиқодӣ ба манбаъҳои хабарӣ муҳим аст.

Матбуот яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар ҷараёни истиқлолияти давлатӣ ба даст овардан, ҳамзамон бо як силсила душвориҳо масъалаи фарҳанг ва

донистани саргузашти таърихии миллат ба миён омадааст. Ҳамин аст, ки дар кишвари мо масъалаи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Густариши масъалаҳои хештаншиносӣ дар байни мардум талаботи бештарро ба омӯзиши гузаштаи тамаддуни куҳанбунёдамон ба вуҷуд овард.

Дар ин ҳошия донишманди равоншоди тоҷик Зафар Мирзоён дар бораи худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ чунин гуфтааст: «Дар ҷаҳонбинии Ҳаким Фирдавсӣ мебинем, ки ҳаргиз душман ба пуррагӣ нобуд намешавад ва боз дар нахустин фурсати созгор сар бармедорад ва ба душманиву бегонагӣ пардохта, байни инсонҳо фосилаҳоро меафзояд. (Бесабаб нест Заҳҳокро, ки зодаи Урушалим – Байтулмуқаддас шуморидаанд, кушта нашуда, нобуд мешавад. Ва ин ҳам рамзеро дар худ ниҳон дорад, маъни бар он ки аҳриманзодагон нобуд намешаванд ва дар сурати парокандагӣ дубора барои ошуфтасозии озодагон бармехезад. Ҳануз на ҳама медонанд, ки мо бар асари бор кардани фарҳангу бовариҳои бегонагон, беҳтарин арзишҳои маънавии худ, саргузашти ниёконамонро аз ёд бурдаем»[2, с. 217]

Дар тарбияи шахсият нақши адабиёту фарҳанг ва ВАО бениҳоят муҳим аст. Яъне адибону журналистон бо осори адабӣ ва навиштаҳои публитсистии худ метавонанд, дар тарбияву ташаккули насли бофарҳангу ватандӯст ва бунёдкор саҳми арзанда дошта бошанд. Вазифаҳои маводу матолиби нашрӣ ин ташаккули мавқеъ, таҳрик ва иттилоърасонӣ барои ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаи муҳими ҷомеа, аз ҷумла солимии он, гиромидошти арзишҳои меҳанпарастӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

Дар шароити муосири Тоҷикистон, ки бо таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯст, нақши матбуот дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ хеле бузург аст. Бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ, васоити ахбори омма метавонанд худшиносии миллиро таҳким бахшанд, иттилооти саҳеҳро паҳн кунанд ва ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намоянд.

Сиёсатшинос Хидирзода Махфират таъкид мекунад, ки «ба шаклдарории идеологияи дилхоҳ ҷомеа бевосита тавассути механизми иттилоотӣ роҳандозӣ мешавад»; аз ин рӯ, идоракунии иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ хеле муҳим аст . Матбуот метавонад ба таъсиси марказҳои иттилоотии муттаҳид ва таъмини суботи макомоти давлатӣ дар табон табдил ёбад.

Аз ин рӯ, тақвияти матбуоти касбӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати рӯзноманигорон ва ҳавасмандсозии онҳо аз ҷумлаи роҳҳои асосии таъмини манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошанд. Илова бар ин, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ, мубодилаи таҷриба ва истифодаи технологияи муосир метавонанд барои таҳкими мавқеи матбуоти тоҷик дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мусоидат намоянд.

Матбуот яке аз сутунҳои асосии ҷомеаи демократӣ метавонад дар таҳкими амнияти миллӣ нақши муассир дошта бошад. Дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки таҳдидҳои иттилоотӣ, амниятиву сиёсӣ ва фарҳангӣ афзоиш ёфтаанд, нақши расонаҳо дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ бештар аҳамият пайдо мекунад. Матбуоти касбӣ метавонад бо расонидани иттилооти саҳеҳ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ ба таҳкими амнияти миллӣ мусоидат намояд.

Имрӯзҳо таҳдидҳои гибридӣ, аз ҷумла паҳншавии хабарҳои дурӯғин ва иттилооти ғаразнок, метавонанд амнияти миллиро халалдор созанд. Матбуоти миллӣ метавонад бо истифода аз таҳқиқоти журналистӣ, пешниҳоди иттилооти дақиқ ва радкунии хабарҳои бардурӯғ ба муқовимат бо ин гуна таҳдидҳо мусоидат намояд. Рӯзноманигорон бояд малакаҳои тафтиши далелҳоро истифода баранд ва мардумро ба истифодаи манбаъҳои боэътимод ташвиқ кунанд.

Яке аз вазифаҳои муҳими матбуот ин баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба масоили амниятӣ мебошад. Ин метавонад мавзуъҳое чун муқовимат ба экстремизм ва терроризм, истифодабарии дурусти фазои маҷозӣ ва эҳтиёт нисбат ба таҳдидҳои киберӣ бошад. Ба воситаи мақолаҳо, гузоришҳо ва барномаҳои телевизионӣ,

матбуот метавонад шаҳрвандонро дар бораи таҳдидҳои мавҷуда маълумот диҳад ва роҳҳои ҳифзи амнияти шахсӣ ва ҷамъиятиро таълим диҳад.

Барои ноил шудан ба амнияти устувор, ҳамкории ҷомеа бо ниҳодҳои амниятӣ хеле муҳим аст. Матбуот метавонад ҳамчун платформаи муколама байни давлат ва шаҳрвандон хидмат кунад. Ин ҳамкорӣ метавонад бо пешниҳоди маълумотҳои расмӣ, мусоҳибаҳо бо намояндагони ниҳодҳои амниятӣ ва муҳокимаи кушоди масоили амниятӣ тақвият дода шавад.

Матбуот метавонад бо пешниҳоди матолиби маориф, фарҳангӣ ва таҳлилӣ ба пешгирии радикализатсия ва ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мусоидат намояд. Инчунин, тавассути тарғиби арзишҳои миллӣ, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва таъмини ҷойҳои кории иттилоотӣ барои ҷавонон, расонаҳо метавонанд дар паст кардани хавфи радикализатсия нақши муҳим бозанд.

Дар ин замина Пешвои муаззами миллат дар яке аз паёмҳояшон чунин таъкид намудаанд: «олимони ҷомеашиноси моро зарур аст, ки якҷо бо зиёиёни эҷодкор дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону адабиёти миллати куҳанбунёдамон дар роҳи ба ҷаҳониён ҳарчи бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик рисолати шаҳрвандиву миллии худро ба таври шоиста иҷро намоянд» [3].

Дар шароити муосир, ки таҳдидҳои амниятӣ ва иттилоотӣ зиёд шудаанд, матбуот метавонад ҳамчун як воситаи муассир барои таҳкими амнияти миллӣ хидмат кунад. Бо пешниҳоди иттилооти саҳеҳ, баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон, ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва пешгирии радикализатсия, расонаҳои миллӣ метавонанд ба суботи дохилӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегӣ саҳми бузург гузоранд. Аз ин рӯ, рушди матбуоти касбӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои тақвияти амнияти миллӣ аҳамияти хосса доранд.

АДАБИЁТ

1. Воситаҳои ахбори омма ва ташаккули давлатдории миллӣ // Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон маҷмуи мақолаҳои илмӣ (бахшида ба 30-солагии Истиҷлолои давлатӣ (ш. Душанбе, 03.09.2021.). – Душанбе: ҶДММ «Нушбод», - С. 7-8.
2. Мирзоён З. Ҷашни Наврӯз омили худогоҳии миллӣ. Воситаи таълимӣ / З. Мирзоён.- Душанбе: Ирфон, 2014. -253с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳарии Тоҷикистон аз 21.12.21[манбаи электронӣ]. URL: http: // president.tj/ node/13739 (санаи истифодабарӣ: 12.02.2025)
4. **Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. Монография / М.У. Хидирзода.–** Душанбе: Ирфон, 2017. - 253с.
5. Тоирв Ш. Паём - бозгӯйи сиёсати фарҳангсолорӣ / Ш.Тоиров // Маърифат. – 2022. -5 феврал. - № 1 (21).
6. Саидзода Ш. «Шоҳнома» ва эҳсоси миллӣ» / Ш. Саидзода // Адабиёт ва санъат. – 2022. -25 феврал. - № 5 (2127).

НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба нақши матбуот дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он мавқеи воситаҳои ахбори омма ҳамчун абзори муҳими ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангиву таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллиф зикр менамояд, ки матбуот на танҳо василаи паҳн намудани ахбор, балки омили муҳими ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии шаҳрвандон мебошад. Матбуоти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши калидӣ дар ҳифзи ҳувият, забон ва фарҳанги миллӣ дорад. Ба

андешаи муаллиф, ҳимояи манфиатҳои миллӣ тавассути матбуот бояд на танҳо бо интишори иттилооти воқеӣ, балки бо рушди саводи расонаӣ ва маърифати шаҳрвандӣ сурат гирад.

Дар мақола инчунин ба мушкилот ва хатарҳое, ки аз таҳаввулоти геополитикӣ ва фазои иттилоотии глобалӣ бармеоянд, таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони муосир фазои расонаӣ ҳамчун майдони рақобати манфиатҳо табдил ёфта, дар ин раванд расонаҳои миллӣ бояд бо истифода аз технологияҳои нав ва усулҳои муосири таҳлили ахбор мавқеи худро устувор нигоҳ доранд.

Дар натиҷа, хулоса мешавад, ки матбуот ҳамчун як рукни муҳими ҷомеа бояд фаъолона дар раванди ҳифзи манфиатҳои миллӣ ширкат варзида, бо роҳҳои самараноки иттилоотӣ ва маърифатӣ ба таҳкими ваҳдат ва суботи кишвар мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: Матбуот, худшиносӣ, манфиатҳои миллӣ, иттилоот, иттилоотии ҷаҳонӣ, фарҳанг, таъсир, ватанпарастӣ, шуури миллӣ, идеяи миллӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Алишери Абдулмаҷид, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, мудири кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

РОЛЬ ПРЕССЫ В ЗАЩИТЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Данная статья посвящена роли СМИ в защите национальных интересов в современных условиях Таджикистана. В ней рассматривается роль средств массовой информации как важного инструмента формирования общественного мнения, укрепления национальной идентичности и защиты культурных и исторических ценностей.

Автор отмечает, что СМИ не только являются средством распространения информации, но и важным фактором формирования мировоззрения и самосознания граждан. Национальные СМИ в условиях глобализации играют ключевую роль в защите идентичности, языка и культуры страны. По мнению автора, защита национальных интересов через СМИ должна осуществляться не только путем распространения достоверной информации, но и посредством развития медиаграмотности и гражданского сознания.

В статье также обращено внимание на проблемы и угрозы, возникающие из геополитических изменений и глобальной информационной среды. Автор подчеркивает, что в современных условиях информационное пространство становится ареной конкуренции интересов, и в этом процессе национальные СМИ должны сохранять свою позицию, используя новые технологии и современные методы анализа информации.

В заключение делается вывод, что СМИ, как важная составляющая общества, должны активно участвовать в процессе защиты национальных интересов и с помощью эффективных информационных и образовательных методов способствовать укреплению единства и стабильности страны.

Ключевые слова: СМИ, самосознание, национальные интересы, информация, глобальная информационная среда, культура, влияние, патриотизм, национальное сознание, национальная идея.

Сведения об авторе: Алишер Абдулмаджид, доктор философии (PhD) по специальности журналистика, заведующий кафедрой журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

THE ROLE OF THE PRESS IN PROTECTING NATIONAL INTERESTS IN THE CONTEXT OF TAJIKISTAN

This article is dedicated to the role of the media in protecting national interests in the modern context of Tajikistan. It analyzes the position of mass media as an important tool for shaping public opinion, strengthening national self-awareness, and protecting cultural and historical values.

The author mentions that the media is not only a means of disseminating information, but also a crucial factor in forming the worldview and self-consciousness of citizens. National media, in the context of globalization, plays a key role in protecting the identity, language, and culture of the country. According to the author, the protection of national interests through the media should be carried out not only by disseminating reliable information but also by promoting media literacy and civic awareness.

The article also addresses the challenges and threats arising from geopolitical developments and the global information environment. The author points out that in the modern world, the

information space has become an arena for the competition of interests, and in this process, national media should maintain their position by utilizing new technologies and modern methods of information analysis.

In conclusion, it is stated that the media, as an essential part of society, should actively participate in the process of protecting national interests and, through effective informational and educational methods, contribute to strengthening the unity and stability of the country.

Keywords: Media, self-awareness, national interests, information, global information environment, culture, influence, patriotism, national consciousness, national idea.

Author Information:Alisher Abdulmajid, Doctor of Philosophy (PhD) in Journalism, Head of the Journalism Department at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Phone: 918-33–44-42.E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

УДК: 811.35’373:891.55

ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА В «МАНТИК-УТ-ТАЙР» ФАРИДУДДИНА АТТАРА НИШОПУРИ

Аҳмадзода Р.А.

Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ

Таджикский язык имеет древнюю и богатую историю, а пик его фомирования и развития приходится на IX-X века. Именно в этот период под руководством и при поддержке эмиров династии Саманидов (875-999) этот язык, как государственный язык, сыграл важную роль в политической, социальной и культурной жизни таджикского народа и получил небывалое и беспрецедентное развитие, масштабы влияния и весомости которого распространяются до нашего времени.

В богатом классическом наследии, наряду с красотой, изысканностью и богатым потенциалом, отражены лучшие традиции художественного выражения таджикского языка, которые до сих пор привлекают внимание ученых с точки зрения формы, содержания и стиля выражения. Поэтому изучение языка таджикской классической литературы, в том числе мистической и аллегорической поэзии, на примере маснави «Мантик-ут-тайр» Фаридуддина Аттора Нишопури имеет первостепенное значение – оно позволит выявить предпосылки, изучить процесс и определить факторы его развития.

В лексическом составе таджикского языка, наряду с исконными словами, также можно выявить заимствованные слова, которые занимают особое место при изучении мистического произведения «Мантик-ут-тайр». Изучая заимствования в этом маснави, мы установили два фактора при использовании слов: первый - это то, что шейх Аттор исчерпал слова, входящие в лексический состав таджикского языка, которые адаптировались на протяжении длительного исторического пути, а второй - то, что сам поэт ввёл в свое творчество иностранные слова. Аналогичиской точки зрения придерживается исследователь М. Бахор: «Во первых, в язык проникали те слова, в применении которых была необходимость, поскольку некоторые из них не имели персидских вариантов» [12, с.21].

Большинство заимствований в этом маснави составляют арабские слова. Кроме арабских слов также использованы заимствования из согдийского, греческого, иврита и других языков.

Согдийские заимствования - выявление и изучение согдийских слов в мистическом маснави «Мантик-ут-тайр» имеет практическое значение, поскольку согдийский язык относится к северо-восточной группе среднеиранских языков. В наскальных надписах Дария, в частях Мехрияшту и Вандидада использование слов Suyba и Suyba-Sayana свидетельствует о том, что процесс проникновения заимствованных слов из согдийского языка в другие иранские языки и наоборот происходил ещё в те древние времена [11]. Труды таких исследователей как К.К.

Замелман, Ф.А. Фрейман, Н. Боголюбов, В.Б. Хенинг, В.А. Лившиц, А.Л. Хромов и другие, внесшие большой вклад в исследовании среднеиранских языков, в частности в изучении согдийского языка, заслуживают особенного внимания.

В маснави шейха Аттора нами обнаружены следующие согдийские слова:

оғоз (это слово используется в маснави 15 раз и означает начало, вступление, старт)*:*

Баъд аз он Ҳудҳуд суханро боз кард,
Бар сари курсӣ шуду **оғоз** кард [2, с.120].
(Тогда Удод поднялся на трон,
Свой речь начал произносить.)

Боз гашту дафтари худ боз кард
Васфи ӯ дархурди фаҳм **оғоз** кард [2,с.288].
(Развернулся снова и открыл свою книгу,
Принялся описать её достойные понимания.)

нағз (хороший):

Посбонро ошиқӣ **нағз** уфтод,
Кори бехобиш дар мағз уфтод.
Он ки бехобӣ хубу **нағзаш** бувад
Хобро ҳаргиз сари мағзаш бувад [2, с.26]
(Стражнику влюбленность пришлась по душе,
Бессоница закрепилась в его уме.
Тому, кто бессоница пришлась по душе,
Никак не захочет связывать свой ум со сном.)

Результаты проведенного исследования показали, что в поэтическом наследии Аттора арабизмы занимают особое место в силу своей многочисленности. Этот феномен объясняется тем, что в связи с распространением ислама в Центральной Азии, особым статусом арабского языка как языка науки, религии и делопроизводства в таджикско-персидский язык влилось огромное количество арабизмов. Арабские слова составляют абсолютное большинство заимствований в маснави «Мантик-ут-тайр» Фаридуддина Аттора. Арабские слова входят в большинство лексических групп, используемых в маснави*:*

а) **религиозные и мистические заимствования***:*

имон (вера):

Офарин ҷонофарини покро
Он ки ҷон бахшиду **имон** хокро [2, с.18].
(Хвала Чистейшему, дающему жизнь,
Даровавщему душу и веру земле.)

арш (трон, небо, небеса):

Аршро бар об бунёд ӯ ниҳод,
Хокиёнро умр бар об ӯ ниҳод [2, с.18].
(Он провел трон на воде,
Передал ветру жизнь землян.)

солик (путник):

Соликонро бин бар даргоҳ омада,
Ҷумла пуштопушт ҳамроҳ омада [2, с.22].
(Смотри на путников, прибывщих в дворец,
Все прибыли вместе один за другим.)

восиф (хваляющий, воспеватель):

Восифонро васфи ӯ дарх(в)ард нест,
Лоиқи ҳар марду ҳар номард нест [2, с.22].
(Не соответствует восхваляющим его похвалы.

Не достоин каждого мужчины и младушного.)
соҷид (коленопреклонённый), *масҷуд* (объект почитания)*:*
Гуфт:- Ай Одам, ту баҳри ҷуд бош,
Соҷиданд инону ту **масҷуд** бош [2, с.22].
(Сказал: - О, Адам, будь ты для благородства,
Эти коленопреклонённые, а ты будь объектом почитания.)
муъмин (верующий), *кофар* (неверующий):
Муъмину кофар ба хун оғаштаанд,
Бо ҳама баргашта ё саргаштаанд [2, с.28].
(Как верующие, так неверуюшие истекают кровью,
Со всеми повернувшиеся или отвернувшиеся.)
анбиё, асфиё, авлиё (пророки, праведники, святые):
Меҳтарину беҳтарини **анбиё**,
Раҳнамои **асфиёву авлиё** [2, с.31].
(Самый видающийся и лучший из пророков,
Путеводитель, святой и провидец.)
салот, савм (молитва, пост):
Худ **салоту савми** беҳад дошт ӯ
Ҳеҷ суннатро фурӯ нагзошт ӯ [2, с.78].
(Читал он молитвы и держал пост чрезмерно,
И все предписания Сунны последовал он.)
б) **заимствования, связанные с животным миром (флорой)***:*
суъбон (большая змея; дракон)
Аз асое оварад **суъбон** падид,
Аз танӯре оварад тӯфон падид [2, с.19].
(И посох превращает в дракон,
И печь превращает в тайфун.)
анкабут (паук):
Анкабутеро ба ҳикмат дом дод,
Садри оламро бад-ӯ ором дод [2, с.18].
(Мудростью своей дал пауку паутину,
И предводитель мира приобрел от неё покой)
ноқа (верблюдь)
Ноқа аз санге падидор оварад,
Гови зар дар нолаи зор оварад [2, с.19]
(Камня превращает в верблюдицу,
Золотого тельца доводит до стенения.)
с) **заимствования, обозначающие птиц***:*

В маснави «Мантик-ут-тайр» приводится краткое описание мира птиц, повествуемое Аттором в аллегорической форме языком самых птиц. Следует отметить, что в маснави встречаются упоминаниятысячи птиц, но в нем приводятся имена 17 реальных птиц: *ҳудҳуд* (удод), *андалеб* (соловей), *қумрӣ* (горлинка), *мусича*(горлица), *тӯтӣ* (попугай), *кабк* (куропатка), *боз* (ястреб), *дурроҷ* (турач), *товус* (павлин), *тазавр* (фазан), *фохта* (кольчатая горлица), *ҳумо* (хумой), *бутимор*(цапля), *бат* (утка),*куф* (сова), *саъва* (завирушка), а также названия мифических птиц, таких как *симурғ* (симорг), *қақнус* (феникс)., и.т.д.

Далее приводится внешнее описание этих птиц и их характеристика, подкрепленные соответствующими иллюстрациями. Например:

симург (симург) - в иранской мифологии вещая птица, которая якобы жила на самых высоких вершинах горы Коф; *срав*. Анка. 1). Симург.авест. - *mərəγōsaēn* (птица Саэна), пехл. - Sēnmurw. перс.– سیمرغ,тадж. – Симурғ.

Маснави «Мантик-ут-тайр» считается аллегорической поэмой, в которой и

мистические идеи Аттора выражены на языке птиц, а *Симур*г -царь птиц является символом человека с мистическим знанием. В самом суфизме *Симург* символизирует Совершенного человека, обладающего знанием божественной сущности:

*Номи ӯ **Симурғ** султони туюр,*
Ӯ ба мо наздику мо з-ӯ дури дур [2, с.53].
Его зовут Симург, царь птиц.
Он рядом, а мы от негослишком далеко (*подст.пер.)*.

В Авесте слово *Симург* встречается редко и только в одной частияштов упоминается эта мифическая птица [4,с.41]. В поэме «Шахнаме» Фирдоуси в сказании о Золе и его сыне Рустаме *Симург* занимаетцентральное место, и, по словам О. Косимова в «Шахнаме» этаптица упоминается 53 раза [12:210].

ҳудҳуд (удод):
Тутиеро тавқ аз зар сохта
Ҳудҳудеро пайки раҳбар сохта [2,с.19]
(Попугаю ошейник сделал из золота,
Удода сделал предводителем.)
дурроҷ (турач, птица из семейство фазановых)
Хаҳ, хаҳ, эй **дурроҷ**и меърочи аласт,
Дида бар фарқи бало тоҷи аласт [2, с.49]
(Хвала тебе, о турач - приверженец аласта,
Увидавший на макушке «да» корону аласт.)

г) **заимствования, выражающие названия растений (фауной)***:*

(гули) раъно (цветок):
Дар сарам аз ишқи гул савдо бас аст,
З-он ки маъшуқам **гули раъно** бас аст [2, с.56]
(Страсти любви к цветку мне достаточно,
Ибо любимый мне прекрасный цветок достаточно.)

д) **заимствования, обозначающие минералы и драгоценные камни**:

ақиқ (агат), *лаъл* (шпинель) – арабизированная форма таджикского слова «лол», означающая ярко-красный драгоценный камень:
Пора-пора сангро дар хун гирифт,
То **ақиқу лаъл** аз он берун гирифт [2, с.18]
(Разбитый вдребезги камень кровоточил,
Пока из него агат и шпинель извлекал.)

ёқут (рубин) - один из нескольких видов драгоценных камней, которые могут быть красного, желтого, зеленого и белого цветов:
Баҳрро аз ташнагӣ лаб хушк кард
Сангро **ёқут**у хунро мушк кард [2, с.18]
(От жажды осушил у море губы,
Камня превратил в рубин, а кровь-муксус.)

е) **арабизированные слова таджикско-персидского происхождения***:*

фустуқ (фисташка) от *писта:*
Тутӣ омад бо даҳоне пуршакар,
Дар либоси **фустуқӣ** бо лавҳи зар [2, с.58]
(Попугай прибыл с полным сахара клювом,
В наряде фисташкового цвета с золотым ожерельем.)

ҷуллоб от таджикского *гулоб* - сахарный сироп, смешанный с лепестками розы, обладающими лечебными свойствами.
Бо муваккал шарбатам чун х(в)аш бувад,
Ин на **ҷуллобе** бувад, к-оташ бувад [2, с.146]
(С таким опекуном если я выпью шербет,
Не джуллаб, а пламенном будет мне он.)

В маснави «Мантик-ут-тайр» встречаются арабские фразы, предложения и фрагменты, которые имеют преимущественно религиозный оттенок:

«*ва ҳува хайр-ул-ҳақ фӣ хайр-ул-қурун*» (и он лучший из созданий в лучшие времена):

Гашта дар хайрулбилод ӯ раҳнамун
Ваҳва хайрулхалқ фӣ хайрулқурун [2, с.34]
(Он стал предводителем в самых лучших городах,
Он лучший из созданих в лучшие времена.)

«утлуб-ул-илма ва лав би-с-Син» (ищите знание даже в Китае - из хадисов Пророка (с):

Ҳаст он пар дар нигористони Чин,
«**Утлуб-ул-илма ва лав би-с-Син**» аз ин [2, с.54].
(По сей день то перо находится в хранилище Китая
Вот почему говорят: «Ишите знание даже в Китае».)

«аналҳак»: (возглас) «انالحق». *ист.* «Я есть истина, я есть Бог» (фраза Хусейна ибн Мансура Халлоджа, за которую ортодоксальное духовенство обвинило его в притязании на самообожествление и он был казнен в 922 г. в Багдаде).

Чун шуд он Ҳаллоҷ бар дор он замон,
Чун «**Ан-ал-Ҳақ**» менарафташ бар забон [2, с.139].
(Когда Халладжа повесили на виселице,
Кроме «Я есть Истина» он ничего не произнес.)

«*Ариҳно ё Билол*» (Арихна, о Билял) («О Билял! Призови всех к намазу, чтобы мы отдохнули в нём». Это отсылка к тому факту, что Пророк Ислама, когда уставал, просил Билаля читать Коран или произносить азан)*:*

Дар шудан гуфтӣ «**Ариҳно ё Билол**»,
То бурун оем аз ин зиққи хаёл [2, с.35]
(Говоря «О, Билал призови всех к намазу»,
Чтобы мы отдохнули от навязчивых мыслей.)

бисмиллоҳ (во имя Аллаха)*:*

Он ки «**бисмиллоҳ**» дар минқор ёфт,
Дур набвад, гар басе асрор ёфт [2, с.52]
(Несший в своем клюве «бисмиллах»,
Не далек тот день, когда узнает все тайны.)

каллиминӣ ё Ҳумайро (поговори со мной, о Хумайра)*:*

Боз дар боз омадан ошуфта ӯ,
«**Каллиминӣ ё Ҳумайро**» гуфта ӯ [2, с.35].
(Возвращаясь снова расстроенный он,
«Поговори со мной, о Хумайра» - говорил он.)

умматӣ (мой народ):

Рӯзи Ҳашр аз баҳри муште беамал,
«**Уммат**ӣ» гуяд басе аз ин қибал [2, с.33].
(В Судный день ради горстки бездействующих,
«Мой народ» - скажет многим из таких.)

иснайн из ҳумо фи-л-ғор (второй из двух в пещере):

Хоҷаи аввал, ки аввалёри ӯст,
Сонӣ **иснайн из ҳумо фи-л-ғор**и ӯст [2, с.39].
(Первый господин - его первый сподвижник,
Он же второй из двух в пещере.)

Заимствования из других языков:

а) из иврита:

1) имена пророков, имеющие корни на иврите:

Иброҳим (Авраам):

Боз **Иброҳимро** бин дилшуда,
Манҷаниқу оташаш манзил шуда [2, с.26]
(Смотри на Ибрагима влюбленного,
Манджаник и пламя стали его домом.)
Исмоил (Самуил):
Боз **Исмоилро** бин сӯгвор,
Кӯши ӯ қурбон шудан бар кӯйи ёр [2, с.26].
(Смотри на Исмаила печального,
Его баран стал жертвой на улице любимой.)
Айюб (Иова):
Боз **Айюби** ситамкашро нигар,
Монда дар Гургону Кирмон пеши дар [2, с.26].
(И смотри на Айюба угнетенного,
Оставшегося в Гургане и Кирмане у порога.)
Яъқуб (Иаков):
Боз дар **Яъқуби** саргардон нигар,
Чашм карда дар сари кори писар [2, с.26]
(Смотри на Якуба скитальца,
Ослепленного слёзами о своем сыне.)
Юсуф (Иосиф):
Боз **Юсуф**ро нигар дар доварӣ,
Бандагиву чоҳи зиндон бар саре [2, с.26].
(Смотри на Юсуфа рассудительного,
Побывавшего в рабстве, в темнице и в тюрьме.)

В маснави также упоминаются иудейские имена таких как *Юнус* (Ион), *Мусо* (Моисей), *Довуд* (Давид), *Сулаймон* (Соломон), *Закариё* (Захария), *Яҳё* (Иоанн), *Исо* (Иисус) [1:26-27] и *Ҷабраил* (Гавриил) [2, с.35].

2) названия иудейских религиозных книг:
Тавrот ва Инҷил (Тора и Евангелия):
Кирдгораш аз барои эҳтиром
Бурда дар **Тавро**т дар **Инҷил** ном [2, с.34]
(Творец в знак уважения
Его имя упоминал в Торе и Евангелии.)

б) из греческого языка:
қақнус:
Ҳаст **қақнус** турфа мурғе дилситон,
Мавқеи он мурғ дар Ҳиндустон [2, с.141].
(Есть птица феникс - редкостная и пленительная,
Место ее обитания Индостан.)

Это слово происходит от греческого слова Φοίνιξ, - мифиологической птицы. Слово «феникс», которое хорошо известно в русском и других европейских языках, тоже происходит от этого слова.

файласуф, мусиқӣ (философ, музыка):
Файласуфе буд дамсозаш гирифт,
Илми **мусиқӣ** зи овозаш гирифт [2, с.141].
(Некий философ завел с ней задушевную дружбу,
Постиг глубины музыки из ее голоса.)

Слово *философия* заимствовано от греческого - φιλοσοφία (от сложения φιλέω - *люблю* и σοφία – *мудрость*). Хотя это слово впервые было использовано в трудах Пифагора (570 – 490 до н.э.), но в значении специальной науки его в обиход ввел Платон (428/27 - 348/47 до н.э.) [10,с.187]. Слово «мусиқӣ» (музыка) - это греческое μουσική субстантированное прилагательное от греческого μούσα - муза – вид исскуства.

мағнотис - от греческого слова магнетис – камнень, обладающий свойствами притягивать железо и сталь:

Гуфт: - **мағнотис**и ушшоқи аласт,
Ҳиммати олист, кашфи ҳар чӣ ҳаст! [2, с.158]
(Тяга влюбленных к Аласту - сказал удод,
Это великодушие и откровение всего что есть!)

Углублённое изучение лексической состава маснави «Мантик-ут-тайр» может познакомить читателя с духовным миром эпохи Аттара, который описан посредством символов и средствами художественной выразительностии изучение лексического состава позволяет раскрыть смысл и суть маснави, который является полностью аллегорическим произведением.

Хотя произведение поэта написаны в хоросанском стиле, который требует более простого, доступного для понимания и использования приемущественно исконных слов, тем не менее заимствования составляют определенную часть словарного состава маснави «Мантик-ут-тайр» Фаридуддина Аттора. Лексическая состав и мистико-дидактический стиль выражения Аттара показывают характерные особенности творчества поэта.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аттор. Нишопурӣ. Девони қасоид ва ғазалиёт. Бо тасҳеҳу муқаддимаи Саид Нафисӣ. - Теҳрон, 1319.
2. Аттор, Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр ва Асрорнома. – Душанбе: Адиб, 2014. – 480 с.
3. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература // Избранные труды. – М.: Наука, 1965. – 523 с.
4. Боголюбов М.Н. Несколько иранских этимологий // Вопросы грамматики и истории восточных языков. – М.: Изд. АН СССР, 1953. -С.102-103.
5. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии. – М.:1956. - 496 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе, Ирфон, 1985. -356 с.
7. Мухторӣ З. Хусусиятҳои ирфонии ғазалиёти Саноӣ. - Душанбе: Ҳумо, 2001. - 128с.
8. Мухаммадхоҷаев А. Аҳвол, осор ва афкори Фаридуддин Аттор // Андешаҳо перомуни ирфон ва фалсафа. - Душанбе: Дониш, 2012. - 323 с.
9. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. - Душанбе: Пайванд, 2001. - 310 с.
10. Султон, Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – 334 с.
11. Султон, Мирзо Хасан. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии. – Душанбе: Дониш, 2008. – 342 с.
12. Huquqi Askar, Lughot va Tarkiboti Rudaki. - Tehron, 1337.21s.
13. Garib B. Sogdian dictionary.-Tehran, 1995.-520p.
14. Муҳаммаддовуд Саломиён. Вожагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV / Саломиён, Муҳаммаддовуд.- Душанбе, 2020.
15. Касимов О.Х. Лексика и словаобразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. – Душанбе: Дониш, 2016. – 346 с.

ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА В «МАНТИК-УТ-ТАЙР» ФАРИДУДДИНА АТТАРА НИШОПУРИ

В исследовании мистико-философского произведения «Мантик-ут-тайр» (Язык птиц) Фаридуддина Аттара особое место занимает заимствованная лексика. Большинство заимствованных слов в этом маснави имеют арабское происхождение. Наряду с арабскими словами, в тексте также встречаются слова согдийского, греческого, иврита и других языков. Глубокое изучение лексического состава маснави «Мантик-ут-тайр» может познакомить читателя с духовной и нравственной жизнью эпохи Аттара, выраженной через символику и художественную образность.

Ключевые слова: ирфан, заимствования, маснави, арабская лексика, Аттар, Мантик-ут-тайр, согдийский, иврит.

Сведение об авторе: Аҳмадзода Рахшанда Аҳмадҷон – Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ, к.ф.н., старший научный сотрудник отдела лексикографии и терминологии.E-mail:rakhshon89@ gmail.com. Тел.: (+992) 985210006

LOANWORDS IN “MANTIQ UT-TAYR” BY FARIDUDDIN ATTAR OF NISHAPUR

The study of the mystical and philosophical work Mantiq ut-Tayr (The Conference of the Birds) by Fariduddin Attar highlights the special role of loanwords in the text. The majority of these borrowed words have Arabic origin. Alongside Arabic words, the text also contains words of Sogdian, Greek, Hebrew, and other linguistic origins. Thorough analysis of the lexical composition of Mantiq ut-Tayr offers readers insight into the spiritual and moral life of Attar’s time, that was conveyed through rich symbolism and artistic expression.

Keywords: Sufism, loanwords, masnavi, Arabic vocabulary, Attar, Mantiq- ut-tayr, Sogdian, Hebrew

Information about the author: Ahmadzoda Rakhshanda Ahmadjon – Institute of Language and Literature named after Rudaki, Academy of Sciences of Tajikistan, senior researcher at the Department of Lexicography and Terminology. E-mail:rakhshon89@ gmail.com. Phone: (+992) 985210006

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ ИҚТОБОСӢ ДАР «МАНТИҚ-УТ-ТАЙР»-И ФАРИДУДДИН АТТОР

Дар пажуҳиши асари ирфонии «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддин Аттор вожагони иқтибосӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Бештари калимаҳои иқтибосии ин маснавиро калимаҳои арабиасл ташкил медиҳанд. Дар маснавии мазкур дар баробари калимаҳои арабиасл, инчунин калимаҳои суғдӣ, юнонӣ, ибрӣ ва забонҳои дигар низ ба мушоҳида мерасанд. Ба таври амиқ омӯхта шудани таркиби луғавии маснавии «Мантиқ-ут-тайр» метавонад хонандаро ба зиндагонии рӯҳонӣ ва маънавии замони Аттор, ки бо рамз ва обу ранги бадеӣ ифодаю шарҳ ёфтааст, шинос намояд.

Калидвожа: ирфон, иқтибосӣ, маснавӣ, арабиасос, Аттор, Мантиқ-ут-тайр, суғдӣ, ибрӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Аҳмадзода Рахшанда Аҳмадҷон – Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ, номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот. E-mail:rakhshon89@ gmail.com. Тел.: (+992) 985210006

УДК: 811.112.1’367

ҲИССАҲОИ НУТҚ ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО ДАР СИСТЕМАИ МОРФОЛОГИИ ЗАБОНИ ОЛМОНИИ ДАВРАИ ҚАДИМ

Камолова Б.Б.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забони олмонии давраи қадим ба монанди дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ низоми ташаккулёфтаи ҳиссаҳои нутқ мавҷуд буд, аз ҷумла: исм, ҷонишин, сифат, шумора, феъл, зарф, пешоянд ва пайвандак. Баъдтар дар давраи қадимаи забони олмонӣ боз як ҳиссаи нутқи дигар, яъне ҳиссача рӯи кор меояд.

Исм, сифат, ҷонишин ва шумораро метавон ба гуруҳи номии (Nomen) ҳиссаҳои нутқ муттаҳид сохт. Исм, сифат ва ҷонишин тасриф шуда, мувофиқи ҳолат (падеж)

тағйир меёбанд. Шумора бошад, қисман тасриф мегардад.

Минбаъд системаи ҳиссаҳои нутқ ба тағйиротҳои нав дучор мегарданд. Доир ба дигаргуниҳои таърихии ҳиссаҳои нутқ академик В.Л. Шерба дар мақолаи худ бо унвони «Дар бораи ҳиссаҳои нутқи забони русӣ» маълумот додааст, ки андешаҳои ӯ комилан ба забони олмонӣ ва зинаҳои ташаккули таърихии он робитаи ногусастанӣ дорад. Системаи ҳиссаҳои нутқ дар забони олмонӣ дар ҳолати карахтӣ наистода, дар фосилаи таърихи худ дар робита бо ташаккули ҷамъулҷамъи сохтори грамматикӣ рушд намудааст. Зоҳиран шумораи ҳиссаҳои нутқ бо ташаккули забон афзун мегардад.

Ҳамин тариқ, масалан, дар забони олмонии қадим калимаҳои модалӣ ва ҳиссача ҳамчун ҳиссаи нутқ амал намекарданд. Дар забони олмонии муосир аз рӯи ақидаи аксар забоншиносон чунин навъҳои ҳиссаи нутқ вуҷуд доранд. Аниқ муайян намудани вақти пайдоиши ин ҳиссаҳо хеле душвор аст. [2,82].

Барои боз ҳам амиқтару возеҳтар шарҳу тафсир додани сохтори морфологии забони олмонӣ ҳиссаҳои нутқро, ки воҳиди асосии омӯхташавандаи ин бахш мебошанд, мухтасар дида мебароем.

Исм дар забони олмонии даврони қадим дорои категорияҳои зерин буд: ҷинсият-мардона, занона, миёна, шумора-танҳо ва ҷамъ, ҳолат–номинатив, генитив, датив, аккузатив. Шакли қаблан мавҷудаи ҳолати аккузатив аз ҳолати датив фарқ карда намешуд ва ба ҳамин хотир ҳарду ҳолат муттаҳид шуда, дар натиҷа 4 ҳолат амал мекарду бас.

Исмҳо дар мувофиқа бо суффикси асос, ки аллакай бо реша ва ё бандак муттаҳид гардидаанд, тасриф мешуданд. Ин суффиксро метавон ҳангоми муқоисаи забони олмонӣ ва готӣ муайян сохт. Тасрифи исмҳо ба ҷинсҳо ба таври зайл сурат мегирифт:

1.Асосҳо бо садонок:

а) *-e-* барои ҷинси занона,

б) *-u-* барои ҷинси мардона ва занона,

в) *-i-* барои ҳар се ҷинс.

2. асосҳо бо ҳамсадо:

а) *-n-*барои ҳар се ҷинс,

б) *-r-* барои ҷинси мардона ва занона,

в) *-s-(-es)* барои ҷинси миёна,

г) er-*(er)* барои ҷинси мардона.

3) асоси решагӣ (бе суффикс) барои ҷинсҳои мардона ва занона.

Монандӣ доштани ин забонҳоро бо ҳамдигар ва аз як гуруҳи забонҳо буданашонро муқоиса менамоем:

Готӣ	Русӣ	Сансикритӣ	юнонӣ	Лотунӣ
baira	беру	bharami	phero	fero (lego)
bairis	берёшь	bharasi	phereis	fers (legis)
bairip	берёт	bharati	pherei	fert (legit)
bairam	берём	bharatha	pheromen(-mes)	ferimus (legimus)
bairip	берёте	bharatha	pherete	fertis (legitis)
bairand	берут	bharanti	pherusi	ferunt (legunt)

Исмҳои ҷинси мардона ва миёнаи бо асоси *-r* ба охир расанда, бандаки асоси *–a* ва ҷинси занона асоси *–e-* ро касб менамуд. Онҳо аз асосҳои *–a* ва *–ō* бо умлаутнокии садоноки решагиашон фарқ мекарданд: *hāri > OE hǣr (hair)* [8,39] .

Исмҳои ҷинси мардонаи дорои асоси *–r* дар ҳолати номинативи шумораи танҳо бандаки *–a* қабул мекарданд: *nama (name), oxa (ox);* ҷинси занона бошад, *-e: sunne (sun),heorte (heart);* ва ҷинси миёна *-e: ēare (ear), ēaʒe (eye)* қабул мекард. Дар ҷинси миёна шаклҳои ҳолати номинатив ва аблатив мувофиқат мекарданд. Боқимонда бандакҳои ҳолатӣ бо исмҳои асосашон *–n-*и ҷинси мардона мувофиқат мекарданд,

масалан ҳангоми тасрифи исми woosserfole (Wasserfall) (шар-шара).

Гуруҳҳои на онқадар калони исмҳо дорои асосҳои зерин буданд:

1) *-r,* ифодакунандаи аъзои оила: *mōudor, væder, brōþor, sweostor, dohtor;*

2) *-r (< *-es),* ифодакунандаи тифлон: *lamb (lamb) – lambru(lambs), cild (child) – cildru (children);*

3) *-nd < *-nt*, ифодакунандаи касбу кор ва ё фаъолият: *scyppend (creator), līðend (traveller), frēond (friend)* [7,102].

Ин исмҳо ботадриҷ асоси бандаки *–a*-ро қабул намудаанд. Асоси решагӣ дар шумораи ками исмҳо вомехӯрад. Миёни исмҳои дорои асоси решагӣ маъмултарини он Zheen (die Zahn-*дандон)* ва *Buach (das Buch-китоб)* ба шумор мерафтанд.

Сифат. Дар ҳама забонҳои олмонии қадим, аз ҷумла забони олмонӣ хусусиятҳои зерини типологии сифат мушоҳида мегардиданд:

1) Мутобиқати грамматикӣ бо исме, ки ба он тааллуқ дорад;
2) Тасриф аз рӯи ду шакл, вобаста ба муайянӣ ва номуайянии исмҳое, ки сифат бо онҳо алоқаманд аст;
3) Тағйирёбӣ аз рӯи дараҷаи қиёсӣ.

Мутобиқати грамматикӣ гуфта, тағйирёбии сифат дар ҷинс, шумора ва ҳолат фаҳмида мешавад, ки ба алоқаи синтаксисии сифат бо исми ба он мувофиқаткунанда дар сохтори ҷумла ишора менамояд.

Вобаста ба муайянӣ ва номуайянии исм сифат низ шакли муайян ва номуайяни худро пайдо менамуд.

Дигар хелҳои ҷонишин низ ба монанди ҷонишинҳои муайянию номуайянӣ, нисбӣ, саволӣ ва ғайра дар забони олмонии қадим васеъ истифода шуда, ҳар яке дар навбати худ тасриф мегардиданд. Зарфҳо дар забони олмонии қадим аз рӯи сохтор содда, таркибӣ ва мураккаб мешуданд [6,43].

Шумораҳо аз рӯи ҳолат тағйир ёфта, шумораҳои тартибӣ аз рӯи тасрифи қавӣ ва шумораҳои миқдорӣ аз рӯи тасрифи заиф тасриф карда мешуданд.

Дар забони олмонии даврони қадим, ба монанди дигар забонҳои қадимаи олмонӣ *системаи феъл* дорои категорияҳои зерин буд:

1) категорияи шумора: танҳо ва ҷамъ;
2) категорияи шахс: якум, дуюм ва сеюм;
3) категорияи сиға: хабарӣ, шартӣ ва амрӣ;
4) категорияи замон: ҳозира ва гузашта.
5) се шакли номуайянӣ: масдар, сифати феълии I ва II.

Замони ҳозира дар шароити муайян бо зарфҳои замони оянда вазифаи иҷроиши амал дар замони ояндаро мефаҳмонид. Дар охири давраи қадими забони олмонӣ шаклҳои махсуси замони оянда ва дигар гуна шаклҳои мураккаби замонӣ ба амал омаданд.

Бар хилофи ин хусусиятҳояшон, системаи феълии забони олмонии даврони қадим ва дигар забонҳои олмонӣ боз бо як хусусияти хоси худ фарқ мекарданд: ҳамаи феълҳо вобаста ба истифодаи воситаҳои гуногуни грамматикӣ ба хотири ташкили шаклҳои замони гузашта ба ду гуруҳ ҷудо мешуданд: феълҳои садонокҳои решагиашон ивазшаванда (феълҳои қавӣ) ва феълҳо бо суффиксатсия (феълҳои заиф).

Феълҳои садоноки решагиашон ивазшаванда, ё ба қавли дигар феълҳои қавӣ гуфта, он феълҳоеро ном мебаранд, ки шаклҳои замони гузашта ва сифати феълии (II) худро бо роҳи тағйир додани садоноки решагӣ месозанд.

Феълҳои бо суффиксатсия ё ин, ки феълҳои заиф гуфта, феълҳоеро меноманд, ки шаклҳои замони гузашта ва сифати феълии (II) худро бо роҳи ҳамроҳ намудани суффикси дандонии *–d (-t)* ба асоси феъл сохта мешаванд. Яъне *–d (-t)* талаффузашон дандонӣ мебошад. Феълҳо бо суффиксатсия бо он хусусияти хоси худ тавсиф меёбанд, ки решаи ин гуруҳ феълҳо дар ҳама шаклҳои феълӣ бетағйир мемонад. [6,10].

АДАБИЁТ

1. Ахманова, 1966 – Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. – М.: Советская энциклопедия, 1966.
2. Берков В.П. Введение в германистику: учебник для университетов М.: Высшая школа, 2006. 199с
3. Бухоризода А.Л. Функция местоименных суффиксов в современном таджикском литературном языке. Автореф. канд. дис. Сталинабад, 1954.
4. Бузургзода Л. Ниёзмухаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ, қ.1, Фонетика ва морфология, барои мактабҳои миёнаи нопурра ва миёна. Сталинобод, Нашр.давл. Тоҷ. 1946.
5. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ. Душанбе, Маориф.1977.
6. Claus Juergen Hutterer. Die germanichen Sprachen: Ihre Geschichte in Gruendzuegen. Budapest, 1999
7. Hugo Moser, Hugo Stopp. Grammatik des Fruehochdeutschen. Heidelberg, 1970 – 1988. –280 c.
8. Stefan Sonderegger. Althochdeutsche sprache und Literatur: Eine Einfuerung in das aelteste Deutsch. Darstellung und Grammatik. – Berlin, 1987 Herbert Genzmer. 172 S.

ҲИССАҲОИ НУТҚ ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО ДАР СИСТЕМАИ МОРФОЛОГИИ ЗАБОНИ ОЛМОНИИ ДАВРАИ ҚАДИМ (ALTHOCHDEUTSCH)

Мақолаи мазкур ба масъалаи таснифоти ҳиссаҳои нутқ дар марҳилаи Althochdeutsch-и забони олмонӣ, яъне давраи қадим бахшида мешавад. Муаллиф тафовути онҳоро дар ҷумлаҳои мухталиф бо пешниҳоди номгуи ҳиссаҳои нутқ дар ҳамон давраи қадим исбот намудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки минбаъд системаи ҳиссаҳои нутқ ба тағйиротҳои нав дучор мегарданд. Доир ба дигаргуниҳои таърихии ҳиссаҳои нутқ академик В.Л. Шерба дар мақолаи худ бо унвони «Дар бораи ҳиссаҳои нутқи забони русӣ» маълумот додааст, ки андешаҳои ӯ комилан ба забони олмонӣ ва зинаҳои ташаккули таърихии он робитаи ногусастанӣ дорад. Системаи ҳиссаҳои нутқ дар забони олмонӣ дар ҳолати карахтӣ наистода, дар фосилаи таърихи худ дар робита бо ташаккули ҷамъулҷамъи сохтори грамматикӣ рушд намудааст. Зоҳиран шумораи ҳиссаҳои нутқ бо ташаккули забон афзун мегардад.

Дар мақола зикр карда мешавад, ки дар забони олмонии қадим калимаҳои модалӣ ва ҳиссача ҳамчун ҳиссаи нутқ амал намекарданд. Дар забони олмонии муосир аз рӯи ақидаи аксар забоншиносон чунин навъҳои ҳиссаи нутқ вуҷуд доранд. Аниқ муайян намудани вақти пайдоиши ин ҳиссаҳо хеле душвор аст. Барои боз ҳам амиқтару возеҳтар шарҳу тафсир додани сохтори морфологии забони олмонӣ ҳиссаҳои нутқро, ки воҳиди асосии омӯхташавандаи ин бахш мебошанд, мухтасар дида мебароем.

Мазмуну мундариҷаи мақолаи мазкур ба чунин андешаҳо равшанӣ меандозад, ки исм дар забони олмонии даврони қадим дорои категорияҳои зерин будааст: ҷинсият-мардона, занона, миёна, шумора-танҳо ва ҷамъ, ҳолат–номинатив, генитив, датив, аккузатив. Шакли қаблан мавҷудаи ҳолати аккузатив аз ҳолати датив фарқ карда намешуд ва ба ҳамин хотир ҳарду ҳолат муттаҳид шуда, дар натиҷа 4 ҳолат амал мекарду бас, яъне ҳоло ҳиссаҳои нутқи номиро тибқи падежҳои дар забони ҳозираи олмонӣ амалкунанда тасриф мекунанд.

Калидвожаҳо: ҳиссаҳои нутқ, системаи морфологӣ, забони қадима, гуруҳи номӣ, категорияҳои исм

Маълумот дар бораи муаллиф: Камолова Бибикалон Бобомулоевна-номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Нишонӣ: Тоҷикистон,734019, Душанбе-17/6, куч. Муҳаммадиев, телефон: (+992 927530255) E-Mail bibijon@mail.ru

ЧАСТИ РЕЧИ И ИХ ХАРАКТЕРИСТИКА В МОРФОЛОГИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ ДРЕВНЕВЕРХНЕНЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА (ALTHOCHDEUTSCH)

Статья посвящена проблеме классификации частей речи на этапе Althochdeutsch немецкого языка, то есть в древний период. Автор доказывает их различия в различных предложениях, приводя список частей речи в этот древний период. Стоит отметить, что в

будущем система частей речи претерпит новые изменения. Сведения об исторических изменениях частей речи дал академик В. Л. Щерба в своей статье «О частях речи русского языка», идеи которого совершенно неразрывно связаны с немецким языком и этапами его исторического становления.

Система частей речи в немецком языке не стояла на месте, а развивалась на протяжении его истории в связи со становлением всего грамматического строя. По всей видимости, количество частей речи увеличивается по мере формирования языка. В статье отмечается, что в древненемецком языке модальные слова и причастия не выполняли функции частей речи. В современном немецком языке, по мнению большинства лингвистов, существуют подобные типы частей речи. Определить точное время появления этих частей речи весьма сложно. Чтобы глубже и яснее объяснить и интерпретировать морфологическую структуру немецкого языка, кратко рассмотрим части речи, которые являются основной единицей, изучаемой в данном разделе. В статье рассматривается идея о том, что существительные в древнегерманском языке имели следующие категории: род-мужской, женский, средний, число-единственное и множественное, падеж- именительный, родительный, дательный, винительный. Существовавшая ранее форма винительного падежа не отличалась от дательного, поэтому оба падежа были объединены, в результате чего образовалось 4 падежа, то есть теперь именительные части речи спрягаются по падежам, действующим в современном немецком языке.

Ключевые слова: части речи, морфологическая система, древний язык, именная группа, категории существительных

Сведения об авторе: Камолова Бибикалон Бобомулоевна–кандидат педагогических наук, доцент кафедры романо-германских языков Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода. Адрес: Республика Таджикистан, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992) 927530255 E-Mail bibijon@mail.ru

PARTS OF SPEECH AND THEIR CLASSIFICATION IN THE MORPHOLOGICAL SYSTEM OF THE OLD HIGH GERMAN LANGUAGE (ALTHOCHDEUTSCH)

This article is devoted to the problem of classifying parts of speech in the Althochdeutsch stage of the German language, that is, the ancient period. The author proves their differences in various sentences by presenting a list of parts of speech in that ancient period. It is worth noting that in the future the system of parts of speech will undergo new changes. Academician V.L. Sherba gave information about the historical changes in parts of speech in his article entitled "On the Parts of Speech of the Russian Language", whose ideas are completely inextricably linked to the German language and the stages of its historical formation.

The system of parts of speech in the German language did not stand still, but developed over the course of its history in connection with the formation of the entire grammatical structure. Apparently, the number of parts of speech increases with the formation of the language. The article notes that in the Old German language, modal words and participles did not function as parts of speech. In modern German, according to most linguists, there are such types of parts of speech. It is very difficult to determine the exact time of the appearance of these parts. In order to explain and interpret the morphological structure of the German language in more depth and clarity, we will briefly consider the parts of speech, which are the main unit studied in this section. The content of this article sheds light on the idea that nouns in the ancient German language had the following categories: gender - masculine, feminine, neuter, number - singular and plural, case - nominative, genitive, dative, accusative. The previously existing form of the accusative case was not distinguished from the dative case, and therefore both cases were merged, resulting in 4 cases, that is, now the nominative parts of speech are conjugated according to the cases in force in the modern German language.

Keywords: parts of speech, morphological system, old language, noun group, noun categories

Information about the author: Kamolova Bibikalon Bobomuloevna-candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of Romano-Germanic languages of the Tadjik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: Republic of Tajikistan, 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6, tel. (+992) 927530255 E-mail: bibijon@mail.ru

УДК: 070(575.3):621.311.21"1991

БОЗТОБИ АВВАЛИН НЕРУГОҲҲОИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК

Кучарова Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баъди аз ҳам пош хӯрдани давлати Шуравӣ системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд. Мутахассисони зиёди аз дигар кишварҳои Иттифоқи Шуравӣ омада, ки дар сохтмони неругоҳҳои Варзоб, Сарбанд, Қайроққум, Шаршара, Марказӣ, Норак, Бойғозӣ фаъолият ва роҳбарӣ менамуданд, аз Тоҷикистон фирор карданд.

Ҷанги шаҳрвандии таҳмилии мамлакат бошад, мутахассисони тоҷикро низ пароканда карда, боиси қатъ гардидани сохтмонҳои неругоҳҳо дар Тоҷикистон гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихи кишвар чун воқеаи нангин ба ҳисоб мерафт ва адибону публитсистони кишвар дар асарҳои худ харобиҳои онро инъикос карданд. Нависандаи Халқии Тоҷикистон Шералӣ Мӯсо дар китоби “Ҷонам фидои Роғун” бар асари ин ҷанги таҳмилӣ пароканда шудани сохтмончиёни тоҷикро дар мисоли Укуматшо Ширинбеков баён менамояд. Қаҳрамони асар Укуматшо Ширинбеков ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ ҷонашро дар хатар гузошта, аз Роғун рафтан намехост, вале силоҳбадастон кори худро карданд ва қаҳрамони асар ҳарчанд ки “Роғунро ба ҳоли худ гузошта рафтан гуноҳ аст, Роғун ҳаёти ман аст” мегуфт, маҷбур шуд, ки ин маконро тарк карда, бо дидаи ашкбор ба деҳаи худ – Шуҷанди Бадахшон баргардад: “Мошин сӯи Бадахшон мерафту “дуди оҳ ба фалак мепечид”. Укуматшо гиря мекард. Ашки талх аз чашмонаш мешорид” [8. с. 49].

Хушбахтона, ба мамлакати азизи мо Истиқлолият насиб гардид ва ҷомеаи давлати ҳуқуқбнёду демократии мо оҳиста-оҳиста он харобиҳоеро, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омада буданд, бартараф намуда, ҷумҳурӣ рӯ ба ободиву беҳбудӣ овард. 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолияти комилро ба даст овард ва баъдтар ба сари қудрат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омад. Таърихи 35-солаи Истиқлоли Тоҷикистон исбот намуд, ки халқи тоҷик дар интихоби Сарвари худ хато накардааст ва ҳама он ободию сарфарозӣ ва эътибори ҷаҳоние, ки имрӯз ба кишвару шаҳрвандони он муяссар шудааст, бо шарофати сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. “Пешвои миллат дар моварои бархурдҳои ҷаҳонӣ ва ихтилофи назарҳо, ҳатто дар сатҳи давлатҳои абарқудрат, истиқлолияти комили энергетикии Тоҷикистонро ба намоиш гузошта, бо иродаи матини сиёсӣ манфиатҳои миллиро ҳифз намуданд” [10. с. 2].

Ҳамин тариқ, Сарвари муаззами мамлакат аз нахустин айёми Истиқлолияти давлатӣ дар қатори дигар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ истиқлолияти энергетии кишварро яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дод ва нахуст таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи энергетикии мамлакатро ба идомаи сохтмонҳои нотамоми неругоҳҳои барқи обӣ ҷалб намуд.

Сохтмони неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-1” пеш аз Истиқлоли Тоҷикистон оғоз ёфта буд. Ҳанӯз 4-уми апрели соли 1980 бо фармони ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи “Сангтӯда-1” ташкил ёфт ва ба корҳои ташкилӣ-ҳуҷҷатнигорӣ шуруъ кард. Дар хабари Агентии иттилоотии Тоҷик ТА 11 октябри соли 1983 бо номи “ГЭС-и ҳафтуми Вахш” чунин оварда шудааст: “Боз як стансия – ин дафъа стансияи ҳафтуми Сангтӯда ба силсилаи стансияҳои электрии обии Вахш дохил мешавад. Ба ин муносибат дар ин ҷо митинг барпо гардид, ки он ба гузоштани санги аввалини таҳкурсии ГЭС-и оянда бахшида шуд” [5, с. 2].

Дурнамои сотмони ин неругоҳ, чи хеле ки аз мулоҳизаҳои кормандони васоити ахбори омма бармеояд, басо гуногунпаҳлу ва умедворкунанда буд. Маълум мешавад, ки ин неругоҳ дар байни неругоҳҳои Бойғозӣ ва Сарбанд бунёд мешавад ва баробари ба

хоҷагии халқ додани як миллион киловатт неруи барқ барои обёрӣ кардани қариб бист ҳазор га заминҳои бекорхобидаи мамлакат шароит фароҳам меовард. Лоиҳаи ин неругоҳро лоиҳакашони шуъбаи осиёмиёнагии Институти умумииттифоқии лоиҳакашии “Гидропроэкт”-и ба номи С. Я. Жук тайёр кардаанд, ки мувофиқи он ин неругоҳ заминҳои зиёдеро зери об наемонад. “ГЭС-и Сангтӯда эстафетаи стансияи электрии Бойғозиро қабул мекунад. Сохтмони он баъди ба кор даромадани ГЭС-и Бойғозӣ сар мешавад” [5, с. 2]. Баъди ба итмом расидани сохтмони неругоҳи Бойғозӣ кор дар неругоҳи Сангтӯда оғоз гардид ва баҳори соли 1986 аввалин гурӯҳҳои роҳсозон, бинокорон ва сохтмончиён ба ин ҷо омада, бо азму иродаи қавӣ омодаи фаъолият шуданд. Нависанда ва рӯзноманигор Н. Ёдгорӣ дар мақолаи “Сангтӯда-1” – аз оғоз то имрӯз” ҳолати аз неруноҳи Бойғозӣ ба сохтмони Сангтӯда рахти сафар бастани сохтмончиёнро басо мароқовар баён намудааст: “Баъди меҳнати 20-сола, 4 ноябри соли 1986 туннели 14-километраи Данғара ба истифода дода шуд. Ҳафтае нагузашта бинокорон техникаву таҷҳизоти худро қатор намуда, хаймаҳои коргариро ба мошинҳо бор карда, равон шуданд ҷониби Сангтӯда. Дар мошини сарқофила чунин катиба сабт буд: “Туннели Данғараро сохтем, неругоҳи Сангтӯдаро низ месозем” [6, с. 3]. Кор аз роҳсозӣ сар шуд ва дар байни солҳои 1986-1988 роҳи Бойғозӣ- Сангтӯда ва як купрук сохта шуд. Дар айни ҳол бо ҳиммати сохтмончиёни гуногунмиллат дар ду соҳили дарё хонаҳо қомат рост карда, туннели ёрирасон ба охир расонда шуд. Мувофиқи нақша соли 1994 сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-1” ба охир расида, мавриди истифода қарор мегирифт.

Мутаассифона, бар асари аз ҳам пош хӯрдани давлати Шуравӣ ва дар Тоҷикистон сар задани ҷанги шаҳрвандӣ вазъи сиёсии кишвари моро ба душворӣ овард ва ин ҳолати ногувор боис шуд, ки сохтмончиёни хориҷӣ ва дохилӣ пароканда шаванд ва рафти сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-1” қатъ гардад.

Бо барқароршавии Истиқлолияти Тоҷикистон ва ба сари қудрат омадани Сарвари муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон масъалаи сохтмони неругоҳҳо аз нав бардошта шуд ва худи Президенти мамлакат сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-1”-ро дар маркази диққат қарор дод. Муҳим он буд, ки дар неругоҳ корҳое, ки ба анҷом расонда шуда буданд, ҳифз шуда буд ва бо маблағи кам ҳам бошад, сохтмонро идома додан мумкин буд. Дар ин вазъият соли 1996 Президенти кишвар ба сокинони мамлакат муроҷиат намуда, чунин мегӯянд: “Неругоҳи бақии Сангтӯдаро то соли 2000-ум ба истифода дода, барои истиқлолияти энергутикии мамлакат заминаи устувор мегузорем! ” [4, с. 1].

Муроҷиатномаи Сарвари давлат ба ҳамаи сокинони кишвар ва ниҳодҳои ҳукуматӣ ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо кард. Аз ҷумла, дар қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба фонди сохтмони ГЭС-и Сангтӯда гузаронидани маблағе, ки барои пардохти хароҷоти вакилони халқи ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти вакилии онҳо дар соли 1996 пешбинӣ шудааст: “Ҷавобан ба Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастгирии умумихалқии сохтмони ГЭС-и Сангтӯда Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Маблағе, ки ҷиҳати пардохти хароҷоти вакилони халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти депутатии онҳо дар соли 1996 ҷудо карда мешавад, ба Фонди сохтмони ГЭС-и Сангтӯда гузаронида шавад.

Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҷабов.

Ш. Душанбе, 2-юми феврали соли 1996.” [2, с. 42].

Бо ин ҳама кӯшишу ғайрат ва ҳамраъии Ҳукумати Тоҷикистон ва аҳолии мамлакат масъалаи маблағ аз мушкилоти асосӣ боқӣ мондан гирифт. Рӯзноманигор А. Бердизода бо роҳбари сохтмони истгоҳи барқии обии Сангтӯда ва роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб Б. Пираков мусоҳиба мекунад ва дар он масъалаи нарасидани маблағ баррасӣ мешавад. Мусоҳиб Б. Пираков ба саволи мухбир “оид ба мушкилот, бурду бохт ва рафти корҳои сохтмонӣ маълумот медодед” чунин ҷавоб медиҳад: “Ҳама мардуми Тоҷикистон хитоби муҳтарам Э. Ш. Раҳмоновро хуш пазируфтанд. Аз рӯзҳои

нахустини муроҷиат дар сохтмони Сангтӯда кор ҷӯш зад. Ҳар коре, ки аз ҷониби ҳукумати вилояти Хатлон зарур буд, амалӣ шуда истодааст. Вале мушкилоти асосӣ маблағ аст” [4, с. 2].

Ин аст ки Сарвари муаззами давлат роҳи ҳарчи тезтар ба кор андохтани неругоҳи Сангтӯдаро ба мулоҳиза гирифта, аз хориҷи мамлакат дастрас кардани маблағи даркориро зарур шумурд. Моҳи октябри соли 2004 миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия Созишнома дар бораи бунёди сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-1” ба имзо расид. Мувофиқи Созишнома Ҳукумати Федкратсияи Россия ба ин неругоҳ 250 миллион долари амрикоӣ маблағ ҷудо кард, ки инро ширкати “РАО ЕЭС Россия” ба зимма гирифт.

15 апрели соли 2005 ба муносибати гузоштани хишти аввал дар неругоҳи “Сантӯда-1” ҷамъомади тантанавӣ шуда гузашт. Дар ин рӯз меҳмонони зиёде аз Федератсияи Россия дар Сангтӯда қарор доштанд ва якҷоя ин воқеаи таърихиро истиқбол намуданд. Дар ин ҷамъомад сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон О. Оқилов ва сардори ширкати “РАО ЕЭС-и Россия”, раиси Шурои электроэнергетики ИДМ Анатолий Чубайс ба пойдевори неругоҳи “Сангтӯда-1” бетони аввалинро рехтанд ва ин корро баригадаи Тоҷ Қодиров ба анҷом расонид. Дар ин рӯзи сайид баъд аз роҳбарон, инчунин сардори бригадаи комплексӣ Тоҷ Қодиров баромад намуд: “Муҳтарам, меҳмонон, дӯстони бинокорон! Аз номи ҳамаи собиқадорони меҳнате, ки Нораку Байғозӣ ва ГЭС-и “Помир-1”-ро сохтанд, аз номи он синфи коргаре, ки солҳои тӯлонӣ интизори вусъат ёфтани сохтмони Сангтӯдаанд, шуморо табрику муборакбод менамоям. Имрӯз дар кӯҳистони мо боз як тантана, оғози сохтмони истгоҳи Сангтӯда! Ин бо шарофати дӯстии байни Тоҷикистону Россия ба вуқуъ пайваст. Таърихи гузаштаи энергетикаи тоҷик ва таҷрибаи 45-солае, ки коллективи меҳнатии “Норакгэстрой” гувоҳи он буд, моро боз ба корҳои бунёдкорӣ водор месозад.

Боз як рӯйдоди хурсандиовар ин ки бародарони русзабони мо, ки дар сохтмониҳои иншоотҳои обии барқии Норак, Бойғозӣ, Помир ва дар ибтидои сохтмони Сангтӯда бо мо паҳлӯ ба паҳлӯ кор ва зиндагӣ карданду баъди пош хӯрдани СССР коллективҳои меҳнатии моро тарк карда буданд, имрӯз онҳо боз аввалин шуда, барои вусъат додани сохтмони Сангтӯда аз ҳар ҷо баргашта омада, номнавис шудаанд. Ба шумо Юрий Константинович, Семён Яковлевич, Генадий Ахмедович... ва дигарон аз таҳти дил раҳмат ва хушомадед менгӯям” [14, с. 2].

Маълум мешавад, ки сохтмончиёни ҳарду давлат муштоқи дидори якдигар буда, хоҳиши якҷоя бо ҳам кор карданро доранд ва мехостанд он тифоқию дӯстие, ки дар коллективҳои коргарии худ солҳо баробари сохтани неругоҳҳо андӯхтаанд, боз ҳам мустаҳкам гардонанд. Маҳз хосту талоши бинокорон буд, ки 15 декабри соли 2006 дар вазъияти тантанавӣ пеши дарёи Вахш баста шуд. Ин рӯзи сайид ва ин таркиши таърихӣ, дар ҳама воситаҳои ахбори оммаи кишвар дарҷ гардид. Рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” бо муаллифии Нависандаи Халқии Тоҷикистон А. Самад бо номи “Таркиши нишотбахш” маводе ба табъ расондааст, ки дар он ин вақеа чунин баён гардидааст: “Ва ниҳоят лаҳзаи ҳаяҷонбахшу таърихӣ ба нисфи рӯз рост омад. Чашми ҳама ба маҷрои пуршӯри дарёи Вахш, ки лаҳза ба лаҳза кам мешавад ва нуқтаи асосии дарғоти неругоҳи оянда дӯхта шудааст. Ва бо нияту кори хайр тугмаҳоро Президенти Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ва А. Б. Чубайс пахш карданд. Таркиш! Таркише, ки кӯҳҳо ва атрофро ларзонд, теппаи бузурги хок, сангу регро барканд ва ба маҷрои дарё афканд, лек ба дилҳо суруду шодӣ бахшид. Охир баъди чил сол бо қудрат ва иродаи инсони созанда Вахши саркаш боз маҷрояшро дигар кард” [11, с. 3].

Баъд аз маҷрои дарёи Вахшро бастан сохтмончиён ба бардоштани сарбанд, сохтани таҳкурсӣ барои 4 агрегат ва нақбҳои обгузар шуруъ намуданд, ки ин бисёр кори душвор ва вақтталаб буд, лекин сохтмончиён бо як иродаи мустаҳкам дар муддати кӯтоҳ ин уҳдадориро ба сомон расониданд. Агрегатҳои неругоҳро дар Россия сохтанд, азбаски бо қатора овардан имкон надошт, онро аз фурудгоҳи “Пулкова” тавассути ҳавопаймои

АН – 124 (“Руслан”)-и корхонаи ҳавопаймоии “Полёт” ба Душанбе оварданд. Ширкати “ТоҷикЭЙР”, корхонаи “Энергоремонт” ва ширкати “Барқи тоҷик” дар расонидани агрегатҳо ба Сангтӯда саҳмгузор буданд. Мувофиқи гуфтаи Ҷ. Тошматов, “давоми чилусе рӯз тамоми таҷҳизоти агрегати якум васл карда шуд”, ки ин дар таърихи энергетика рекорд мебошад.

20 январи соли 2008 аввалин агрегати неругоҳи “Сангтӯда-1” ба кор даромад. Дар ин ҷамъомади идона худи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муовини сарвазири Россия Сергей Наришкин иштирок намуда, тугмаи аввалро худи Сарвари давлат пахш менамояд: “Бистуми январ (рӯзи истироҳат) аз сари субҳ ҳаво бениҳоят хунук буд. Одамони ба тантана омада аз сардӣ меларзиданд. Ботинан хушнуд буданд, дар дилашон шамъи умед шуълаафканӣ мекард. Соат ҳаштуним шуд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо муовини Сарвазири Россия С. Наришкин, раиси Ширкати РАО “ЕЭС” А. Чубайс ва дигар меҳмонон ба майдончаи тантана омада, лентаро буриданд. Ҷамъомадро кушода, дар бораи дӯстиву ҳамкории ду кишвар – Тоҷикистону Россия сухан ронданд. Баъд Президенти кишварамон дар соати ҳашту сиючор дақиқа тугмачаи агрегати якумро бо ҳаяҷон пахш кард” [15, с. 3].

Ҳамин тавр, 1 июли соли 2008 агрегати дуюм, 5 ноябри ҳамон сол агрегати сеюм ва моҳи феврали соли 2009 агрегати чорум ба кор андохта шуданд. То имрӯз неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-1” бо маром қувваи барқи сабз истеҳсол карда истодааст.

Дар баробари сохтмони неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-1” дар дарёи Вахш масъалаи сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-2” ба миён омад. Аз соли 2004 оид ба неругоҳи “Сангтӯда-2” хабарҳо чоп шудан гирифтанд. Дар маводи “Сангтӯда – нури рӯди Вахш” омадааст: “Эрон ва Тоҷикистон сохтмони НОБ-и Сангтӯдаро муҳокима мекунанд. Хуб аст, ки мутахассисони масъули соҳаи барқи кишварҳои Эрон ва Тоҷикистон дар Теҳрон раванди амалисозии созишномаи ду кишварро оид ба якҷоя анҷом додани сохтмони неругоҳи барқи обии Сангтӯда муҳокима мекунанд. Барои анҷоми ин сохтмони муҳим 360, 9 миллион доллар ногузир аст, ки ин маблағро ҷониби Эрон ҷудо мекунад. Коршиносони ду кишвар дар Теҳрон масоили техникӣ ва амалисозии созишномаро барассӣ менамоянд. Ин хабар бинокорони Сангтӯдаро ниҳоят рӯҳбаланд мекунад” [7, с. 2].

Мувофиқи иттилои М. Амиршоҳӣ, ибтидои моҳи январи соли 2005 дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Муҳаммади Ҳотамӣ дар мавриди бунёди неругоҳи “Сангтӯда-2” шартнома ба имзо расид [1, с. 409]. Баъди ба имзо расидани шартномаи дуҷонибаи сатҳи олӣ мутахассисони ду мамлакат бо ҳам вохӯриҳо гузаронида, шарту шароитҳои сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-2”-ро ба ҷо оварданд. Дар сафари кории мутахассисони Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эрон тамоми паҳлуҳои иқтисодӣ ва сармоягузории ин муоҳида муҳокима шуда, амиқу дақиқ гардид.

11 июни соли 2005 шартномаи корӣ ба имзо расид, ки мувофиқи он миёни ду кишвар тезондани оғози сохтмон, фароҳам овардани имтиёзҳои молиявӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардид, ки ин ба беҳдошти вазъи иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намуд. Ин имтиёзҳо дар китоби “Армоншикани ҳазорсола” чунин ишора шудааст: “Фоизи баҳрабардории бонкӣ аз 13% -и пештар то ба 5% паст гардонида шуд. Дар натиҷа муҳлати баргардонидани қарзи Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки пеш аз 15 то 18 солро ташкил медод, то ба 10 сол фуроварда шуд. Маблағи баргардонанда (бо назардошти маблағи аслӣ) қаблан аз 460 то 526 миллион доллари амрикоӣ буд, 280 миллион доллари амрикоиро ташкил кард” [1, с. 409]. Масъулияти сохтмони ин неругоҳро ширкати маъруфи эронии “Фароб” ба ӯҳда гирифт.

20 феврали соли 2006 дар мавзеи Қазонгузари деҳоти Сангтӯдаи ноҳияи Данғара бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, вазири неруи Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Парвизи Фаттоҳ, вазири энергетика ва оби Ҷумҳурии

Исломии Афғонистон Алхоҷ Муҳаммад Исмоилхон бахшида ба оғози бунёди неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-2” митинги тантанавӣ баргузор шуд.

Дар ин ҷамъомади идона Сарвари давлат меҳмонон ва кулли мардуми шарифи кишварро ба ин муносибат табрик намуда, оид ба саҳми неругоҳи барқи обии “Сангтуда-2” дар ҳаёти ҷомеа ва минтақа суханронӣ намуданд: “Неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-2” яке аз зинаҳои муҳим дар силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш мебошад, ки бунёду истифодабарии он ҳанӯз аз неругоҳи бузурги барқи Норак ибтидо ёфта буд. Ва имрӯз бо саъю ҳиммати дӯстони арҷманди эронии мо хиштҳои нахустини пойдевори неругоҳи барқи “Сангтӯда-2” гузошта мешаванд.

Иқтидори ин неругоҳ мутобиқи лоиҳа 220 мегаватт буда, дар он ду агрегат, ки ҳар кадомаш 110 мегаватт иқтидор дорад, васл мегардад. Чунин иқтидор имкон медиҳад соле дар маҷмуъ 930 миллион киловатт-соат неруи барқ истеҳсол кунем, ки ин барои ҳалли мушкилоти камчинии барқ дар мамлакат ва ҳатто минтақа мусоидат менамояд ва қисми дигараш ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон интиқол дода мешавад” [13, с. 1].

Инчунин дар ин ҷамъомад вазири неруи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва вазири энергетика ва оби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон суханронӣ намуданд ва иқдоми наҷибу дурандешонаи Сарвари Тоҷикистонро дар соҳаи энергетика, роҳсозӣ ва ҳамкорӣ дорои аҳамияти бузурги минтақавӣ ва омили таҳкимбахши дӯстии таърихии халқҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон маънидод карданд.

Рафти корҳои сохтмонӣ дар неругоҳи “Сангтӯда-2” пайи ҳам давом кардан гирифт ва ҷараёни сохтмони неругоҳ дар матбуоти даврӣ инъикос меёфт. Хабарнигори рӯзномаи “Тоҷикистон” Г. Ашӯрова ба неругоҳи “Сангтӯда-2” сафар карда, бо якчанд мутахассиси соҳа мусоҳиба меорояд. Аз ҷумла, дар мавриди пурсиши ӯ мутахассиси масъули барномарез ва назоратчии неругоҳи “Сангтӯда-2” Маликпур чунин мегӯяд: “Чуноне, ки дарк намудед, – гуфт ӯ, – дар “Сангтӯда-2” неругоҳи 220 мегаватт аз ҷониби мутахассисони давлати Исломии Эрону Тоҷикистон сохта, ба истифода дода хоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир бахши умдаи амалиёти ҳамкорӣ ва хокпартоӣ дар ҳаҷми 99% ба итмом расидааст. Бештар аз 60 дар сади амалиёти бетонрезӣ ба иҷро расонида шудааст. Ду бахши насби таҷҳизот қисмати насби амалиёти даричаҳои Сарезии сад ва ишғолгириҳои обгирии неругоҳ дар ҳоли анҷомёбист. Итминон ҳаст, ки дар вақти муайяншуда неругоҳ сохта, ба истифода дода мешавад” [3, с. 3].

27 июли соли 2010 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони неругоҳи “Сангтӯда-2” сафар намуданд ва аз вазъи корҳо дар ин сохтмон бохабар шуданд. Президенти мамлакат аз сохтмончиён даъват ба амал оварданд, ки то ҷашни Истиқлолияти давлатӣ агрегати якуми неругоҳро ба кор дароранд. Суханронии Ҷаноби Олӣ дар саҳифаҳои рӯзномаҳои расмии кишвар ба табъ расонида шуд: “Имрӯз дар ҷараёни шиносоӣ бо вазъи корҳои сохтмонӣ огоҳӣ пайдо кардем, ки дар иншооти асосиву ёрирасони неругоҳ 90% корҳои бетонӣ ба анҷом расонида шудаанд, ки боиси қаноатмандӣ мебошад...

Бинобар ин – шумо бинокорони ин иншооти бузург ҳар рӯзро ғанимат дониста, барои то ҷашни пуршукӯҳи миллиамон бо сифати баланд сохта, ба кор даровардани Неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-2” тамоми кӯшишу ғайрат ва донишу таҷрибаи худро сафарбар намоед. Ин тӯҳфаи идона ва бузурги шумо ба мардуми Тоҷикистон хоҳад шуд” [12, с. 1].

Сохтмончиён дар қавли худ устувор истода, навбати аввали неругоҳи “Сангтӯда-2”-ро ба муносибати бистумин солгарди Истиқлоли давлатӣ – 5 сентябри соли 2011 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Маҳмуди Аҳмади Нажод ба истифода доданд.

Бахшида ба ин рӯзи таърихӣ чорабинии тантанавӣ гузаронида шуд ва Сарвари давлат дар он суханронӣ намуда, ин дастоварди энергетии кишварро дар арафаи ҷашни истиқлолият ба мардуми Тоҷикистон шодбош гуфт. Чун анъана рӯзномаи расмии кишвар “Ҷумҳурият” суханронии Президенти кишварро пурра ба табъ расонидааст, ки

порчаеро ин ҷо меорем: “Дар ин рӯзҳои фараҳбахш ва сурурангез мавриди истифода қарор гирифтани навбати аввали Неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-2” бо тавоноии 110 мегаватт ба ҷашни бистсолагии Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон тӯҳфаи арзишманду сазовор мебошад” [9, с. 1].

Моҳи сентябри соли 2014 навбати дуюми неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-2” мавриди истифода қарор гирифт. Бояд қайд намуд, ки маросими кушодашавии ин навбати неругоҳ аз кушодашавии дигар неругоҳҳо тафовут дошт. Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Руҳонӣ ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод ва он ба рӯзҳои ҳамоиши давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай рост омад. Тугмаи агрегати неругоҳро саронии давлатҳои Тоҷикистону Эрон аз Қасри Миллати Тоҷикистон пахш намуданд ва дар шабакаҳои телевизионӣ ин чорабинӣ ба таври мустақим ҳам аз мавзеи Сангтӯда ва ҳам аз Қасри Миллат намоиш дода шуд.

Ҳамин тариқ, бунёди неругоҳҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» чун аввалин неругоҳҳои даврони истиқлол ба замони душвори ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Маҳз бо талошҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди ин ду неругоҳ давлатҳои Россия ва Эрон саҳмгузорӣ карданд. Неругоҳҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» дар нигоҳ доштани мутахассисони ҳирфаии соҳаи энергетика дар ҷумҳурии мо мусоидат намуда, барои сохтмони тақдирсози неругоҳи «Роғун» заминаи боэътимод гузоштанд.

АДАБИЁТ

1. Амиршоҳӣ М. Армоншикани ҳазарсола / М. Амиршоҳӣ – Душанбе: Бухоро, 2014. – 480с.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -- 1996. № 4. –С. 42.
3. Ашурова Г. «Сангтӯда-2» истиқлолияти энергетикии Тоҷикистонро наздиктар месозад // Тоҷикистон. – 2009, 17 декабр.
4. Бердизода А. Сангтӯда бунёд мешавад, вале маблағ зарур аст // Ҷумҳурият. 1996. 10 август.
5. ГЭС-и ҳафтуми Вахш // Тоҷикистони Советӣ. 1983. 11 октябр.
6. Ёдгорӣ Н. «Сангтӯда-1»: Аз оғоз то имрӯз // Адабиёт ва санъат. – 2008. 13 март.
7. Муртазо Б. Сангтӯда – нури рӯди Вахш // Минбари халқ. – 2004, 27 март.
8. Мӯсо Ш. Ҷонам фидои Роғун / Ш. Мӯсо. – Душанбе. – 2023, 112с.
9. Неругоҳи «Сангтӯда-2» ба шарофати ҳамёриву ҳамгироии Эрону Тоҷикистон қомат афрохт // Ҷумҳурият. – 2001, 8 сентябр.
10. Раҳмонзода А. Бунёдгари кохии нур // Ҷумҳурият. 2018. 22 ноябр.
11. Самадов А. Таркиши нишотбахш // Адабиёт ва санъат. – 2006, 21 декабр.
12. Саҳифаҳои нав дар таърихи ҳамкориҳои ду кишвари бародар // Садои мардум. – 2010, 31 июл.
13. Тақвияти суннати бузурги дӯстиву бародарӣ // Ҷумҳурият. – 2006, 23 феврал.
14. Тошматов Ҷ. Тоҷи Сангтӯда // Садои мардум. – 2005, 22 ноябр.
15. Тошматов Ҷ. «Сангтӯда-1» оғоз ва анҷом // Адабиёт ва санъат. – 2009, 30 июл.

БОЗТОБИ АВВАЛИН НЕРУГОҲҲОИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК

Сарвари муаззами мамлакат аз нахустин айёми Истиқлолияти давлатӣ дар қатори дигар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ истиқлолияти энергетии кишварро яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дод ва нахуст таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи энергетикии мамлакатро ба идомаи сохтмонҳои нотамоми неругоҳҳои барқи обӣ ҷалб намуд.

Дурнамои сотмони неругоҳҳои “Сангтӯда-1” ва “Сангтӯда-2”, чи хеле ки аз мулоҳизаҳои кормандони васоити ахбори омма бармеояд, басо гуногунпаҳлу ва умедворкунанда буд. Маълум мешавад, ки ин неругоҳҳо дар байни неругоҳҳои Бойғозӣ ва Сарбанд бунёд мешаванд

ва баробари ба хоҷагии халқ додани як миллион киловатт неруи барқ барои обёрӣ кардани қариб бист ҳазор га заминҳои бекорхобидаи мамлакат шароит фароҳам меоваранд.

Бунёди неругоҳҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» чун аввалин неругоҳҳои даврони истиқлол ба замони душвори ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Маҳз бо талошҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди ин ду неругоҳ давлатҳои Россия ва Эрон саҳмгузорӣ карданд. Неругоҳҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» дар нигоҳ доштани мутахассисони ҳирфаии соҳаи энергетика дар ҷумҳурии мо мусоидат намуда, барои сохтмони тақдирсози неругоҳи «Роғун» заминаи боэътимод гузоштанд.

Калидвожаҳо: Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, Тоҷикистон, Эрон, Россия, истиқлол, давлат, неругоҳи барқи обӣ, сохтмон, энергетика, мутахассисон, ҳамкорӣ, бинокорон,

Маълумот дар бораи муаллиф: Кучарова Насиба Аламхоновна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи матбуоти факултети журналистика. Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдакӣ 17,E-mail: kucharova_nasiba@mail.ru. Тел.: (+992)988-49-80-80.

РЕКОНСТРУКЦИЯ ПЕРВЫХ ЭЛЕКТРОСТАНЦИЙ ЭПОХИ НЕЗАВИСИМОСТИ В ТАДЖИКСКАЯ ПРЕССА

С самого начала независимости страны глава государства, среди других важных вопросов государственности, поставил обеспечение энергетической независимости страны в число стратегических целей. Правительства Республики Таджикистан в первую очередь обратил внимание специалистов энергетического сектора страны на продолжение незавершенного строительства гидроэлектростанций.

Перспективы развития ГЭС «Сангтуда-1» и «Сангтуда-2», как свидетельствуют комментарии работников СМИ, были весьма многообещающими и многообещающими. Предполагается, что эти электростанции будут построены между Бойкозской и Сарбандской ГЭС и, помимо обеспечения народного хозяйства одним миллионом киловатт электроэнергии, создадут условия для орошения почти двадцати тысяч гектаров пустующих земель в стране.

Строительство Сангтудинских ГЭС-1 и Сангтудинских ГЭС-2, как первых электростанций эпохи независимости, совпало с трудным периодом в политической и общественной жизни Республики Таджикистан. Именно благодаря непосредственным усилиям великого Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, страны Россия и Иран внесли свой вклад в строительство этих двух электростанций. ГЭС «Сангтуда-1» и «Сангтуда-2» способствовали сохранению кадров профессиональных энергетиков в нашей республике и заложили прочную основу для строительства судьбоносной Рогунской ГЭС

Ключевые слова: Сангтуда-1, Сангтуда-2, Таджикистан, Иран, Россия, независимость, государство, ГЭС, строительство, энергетика, специалисты, сотрудничество, строители,

Сведения об авторе: Кучарова Насиба Аламхоновна –Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, дактарант кафедры печати факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17,E-mail: kucharova_nasiba@mail.ru. Тел.: (+992) 988-49-80-80.

REVISITING THE FIRST POWER PLANTS OF THE INDEPENDENCE ERA IN THE TAJIK PRESS

From the very beginning of the country's independence, the head of state, among other important issues of statehood, has put energy independence of the country among strategic goals. The Government of the Republic of Tajikistan first of all drew the attention of specialists of the country's energy sector to the continuation of the unfinished construction of hydroelectric power plants.

The prospects for the development of the Sangtuda-1 and Sangtuda-2 hydroelectric power plants, as evidenced by the comments of media workers, were very promising and promising. It is assumed that these power plants will be built between the Boykoz and Sarband hydroelectric power plants and, in addition to providing the national economy with one million kilowatts of electricity, will create conditions for the irrigation of almost twenty thousand hectares of empty land in the country.

The construction of the Sangtuda-1 and Sangtuda-2 hydroelectric power plants, as the first power plants of the independence era, coincided with a difficult period in the political and social life of the Republic of Tajikistan. It was thanks to the direct efforts of the great Leader of the Nation, the

respected Emomali Rahmon, that the countries of Russia and Iran contributed to the construction of these two power plants. The Sangtuda-1 and Sangtuda-2 HPPs contributed to the preservation of professional power engineers in our republic and laid a solid foundation for the construction of the fateful Rogun HPP

Keywords: Sangtuda-1, Sangtuda-2, Tajikistan, Iran, Russia, independence, state, HPP, construction, energy, specialists, cooperation, builders,

Information about the author:KucharovaNasibaAlamhonovna –Tajik National University, Candidate of Philology, PHD, Department of Print, Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: kucharova_nasiba@mail.ru.Tel .: (+992) 988-49-80-80.

УДК: 81’373.21

ТАВСИФИ ВИЖАГИҲОИ ХОСИ МАФҲУМИ “ГУРУҲИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОЙ” ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Маннонова У.А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Инсон дар тули мавҷудият ва инкишофи худ кӯшиш мекунад, то моҳияти ҳақиқати воқеиро дарк намуда, қонуниятҳои мавҷудияти онро муайян намояд ва натиҷаҳои фаъолияти маърифатии худро дар забон инъикос намояд. Ҳақиқати воқеӣ на ба таври табиӣ, балки дар асоси қонунҳои хоси худ арзи ҳастӣ намуда, инкишоф меёбад. Миёни ашё ва падидаҳои ҳақиқати воқеӣ робита ва муносибатҳои муайян вуҷуд дорад, ки ба муайян намудани якдигар ва таъсир расонидан ба ҳамдигар мусоидат менамоянд.

Забон таҷассумгари воқеият аст, аз ин рӯ, дар он робитаю муносибатҳои бонизоми хоси воқеияти объективӣ инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз он, ки тарзи фикронии мардумони олам дар асоси категорияҳои муайян ба роҳ монда шудааст, дарки муҳити атроф аз тарафи халқиятҳо гуногун ба роҳ монда шуда, дар забони онҳо дарҷ мегардад. Аз ин рӯ, дар забонҳои дунё як қатор умумият ва хусусиятҳои хос дар ифодаи ашё ва падидаҳои ҳақиқати воқеӣ ба назар мерасанд. Дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ муайян намудани ин гуна умумият ва фарқиятҳо ҳангоми таҳлили гурӯҳҳои луғавӣ-маъноии калимаҳо возеҳ муайян мегарданд, аз ин рӯ, дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷи таҳқиқи гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Мақсади мақолаи мазкур аз тавсифи вижагиҳои хоси мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ” дар забоншиносии муосир иборат мебошад.

Дар раванди таҳқиқи масъалаи мазкур методҳои тавсифӣ ва методи муқоисавӣ-татбиқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Методҳои тавсифӣ дар раванди мушоҳида, тафсир ва гурӯҳбандии маводи забонӣ корбаст шуда, методи муқоисавӣ-татбиқӣ бошад, ҳангоми баррасӣ намудани масъалаҳое корбаст шуд, ки дорои ҷанбаи забонӣ-типологӣ буданд.

Забон низомест, ки дар он ҳама гуна унсурҳо ба ҳам алоқаманд ва вобаста мебошанд. Низомнокии забон боис шудааст, ки фонди луғавии ҳар як забон низ бонизом ва мураттаб шавад. Муносибатҳои муназзам дар таркиби луғавии забон ба таври хос зоҳир меёбанд, ки ба таҳқиқи фонди луғавии ҳар як забон ҳамчун як низом мусоидат менамояд. Низоми луғавии забон маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи забон буда, он пайваста тағйир, инкишоф ва такмил меёбад, зеро маҳз дар таркиби луғавии забон таъсири омилҳои фарозабонӣ бештар ба назар мерасад.

Мавҷудияти муродифҳо, зидмаъноҳо, калимаҳои сермаъно, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар забон аз муназзамии забон шаҳодат медиҳад, зеро корбурди онҳо дар нутқ имкон медиҳад, ки сухан тобишҳои мушаххаси маъноӣ касб намуда, ҳиссиёти эҳсосоти мухталиф ба пуррагӣ ифода ёбанд. Муҳаққиқи тоҷик Ш.К. Фазилова низ забонро ҳамчун низоми зинда фаҳмида, чунин мешуморад, ки: “забон як низоми зинда аст ва вазифаҳои он ба коммуникативӣ ва экспрессивӣ тақсим мешаванд, ки барои иҷрои онҳо як қатор шартҳо, аз қабили ифодаи дақиқи фикр, гуногунии низоми

луғавии забн, мавҷудияти тобишҳои маъноӣ заруранд” [13, с. 73].

Мунзамии фонди луғавии забон аз ҷониби як қатор забоншиносон, аз қабили А. Потебня, М. Покровский, Л. Шерба, Р. Мейер, Г. Шпербер, Г. Ипсен ва дигаро ҷонибдорӣ гардидааст, аммо бархе аз забоншиносони дигар ин ақидаро инкор менамоянд. Онҳо бар ин назаранд, ки лексикаи забон бонизом буда наметавонад, зеро калима воҳиди нутқ, на воҳиди забон буда, мунтаззам тағйир меёбад, аз ин рӯ, захираи луғавии ҳар як забон низ мунтаззам иваз шуда, дорои низом ва тартиби муайяну устувор нест.

Забоншиноси рус Н.И. Толстой дар низоми луғавии забон маъно – семасиология ва роҳҳои ифодаи он – лексикологияро ҷудо карда, кайд мекунад, ки: “Дар вақтҳои охир инкишофи лексикология имкон фароҳам меорад, то дар бораи лексикологияи “соф” – лексикологияе сухан ронем, ки танҳо ҷанбаи лексемавии луғат дахл дорад” [11, с. 12]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки луғат аз маъно ва низоми луғавӣ ва низоми маъноӣ фарқ карда, онҳоро як шуморидан мумкин нест. Зери мафҳуми “низоми маъноии забон” одатан маҷмуи маъноҳои калима ё маҷмуи мафҳумҳои забоние фаҳмида мешавад, ки тавассути воҳидҳои луғавии забон ифода ёфтаанд. Пас, агар воҳиди асосии сатҳи луғавии забон калима маҳсуб ёбад, дар ин сурат воҳиди ниҳоии сатҳи маъноӣ тафсири луғавию маъноии калима, яъне маънои калима мебошад.

Аксарияти забоншиносон мунтазамии худи луғатро эътироф мекунанд. Мувофиқи ақидаи Ю.Д. Апресян, мунтазамии луғат аз ду чиз вобаста аст: мафҳум чӣ тавр муайян карда мешавад ва луғат чӣ гуна тасвир меёбад. Забоншиноси мазкур мафҳуми “низом”-ро чунин шарҳ медиҳад: “маҷмуи объектҳо як низомро ташкил медиҳанд, дар сурате ки барои тавсифи пурра ва мукаммали онҳо миқдори камтари унсурҳо лозим бошад; маҷмуи объектҳо як низомро ташкил медиҳанд, ба шарте ки онҳо тибқи қоидаҳои муқаррарӣ, комилан умумӣ ба ҳамдигар табдил дода шаванд” [2, с. 118]. Ҳамчунин, Ю.Д. Апресян иброз медорад, ки “Мо итминон дорем, ки луғат то андозае як низом аст, назар ба он ки то кунун маъмулан фикр мекарданд...” [2, с. 118]. Бо ин гуфтаҳои худ, забоншинос Ю.Д. Апресян ақидаҳои забоншиносони қаблиро инкор намудааст, ки аз мавҷуд набудани низоми муайяни луғат сухан меронданд. Бинобар ақидаи ӯ лексикаи ҳар як забон дорои низоми муайян мебошад.

Забоншиносони тоҷик низ ақидаи муназзамии таркиби луғавии забонро ҷонибдорӣ менамояд. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Н.М. Махсутшоева роҷеъ ба ин масъала чунин ибрози ақида намудааст: Моҳияти муназзамии сатҳи луғавӣ дар он зоҳир меёбад, ки маънои як калима дар таркиби гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ бо маънои калимаҳои дигари ин гурӯҳ алоқаи зич дорад [9, с. 117].

Мунтазамии сатҳи луғавии забон одатан аз маъно ба шакл омӯхта мешавад, яъне барои муқаррар намудани сохти луғавии забон таҳлилҳо аз маъно шурӯъ шуда, ба шакли калима анҷом меёбад. Мунтазамии калимаҳо асосан бо умумияти маъно алоқаманд аст, ки аз мураттабии худи лексемаҳо шаҳодат медиҳад. Низоми таркиби луғавии забон бо ёрии воҳидҳои забонии ба ҳам алоқаманд амалӣ мегардад, ки таҷассумгари робитаи мутақобила ва ба ҳам вобаста будани ашё ва объектҳои воқеият мебошанд. Ҳамин тавр, низоми луғавӣ “маҷмуи ботинан муташаккили унсурҳои забоние мебошад, ки тавассути муносибатҳои нисбатан устувор, доимо ба ҳамдигар таъсиркунанда ва якҷоя амалкунанда ба ҳам пайванданд” [16, с. 170].

Ҳамчунин, мунтазамии низоми луғавии забон дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як калима ва ҳар як маънои хоси он низоми муайяни мувофиқат дошта, ба таркиби муайяни номию феълӣ дохил мешавад. Бояд гуфт, ки муносибатҳои ҳақиқии объектҳои олами моддӣ ва қонуниятҳои мувофиқати калимаҳои ба забони алоҳида хос ба қонунияти мувофиқати воҳидҳои забонӣ мусоидат менамояд. Қонуниятҳои мувофиқати вожаҳои хоси ҳар як забони миллӣ барои забономӯзон душвориҳои зиёдеро эҷод менамояд ва асоси пайдоиши монеаҳо дар раванди омӯзиши забонҳо мегардад. Муайян кардани тафовути миёни низоми луғавӣ ва маъноӣ ба мафҳуми муқарраргардидаи низоми луғавӣ-

маъноие алоқаманд аст, ки дар лексикология омӯхта мешавад.

Ҳар як калима дорои шакли зоҳирӣ, яъне овоз ва шакли ботинӣ-маъно мебошад. Як калима дар низоми луғавии забон метавонад якчанд маъноро ифода намояд ва маънои мушаххаси калима дар доираи нутқ муайян карда мешавад. Миёни маъноҳое, ки тавассути як калима ифода меёбанд, робитаи зич ба назар мерасад. Тавре забоншиноси тоҷик Ж. Гулназарзода иброз медорад: “Вожа воҳиди дурӯя аст, яъне дутарафа. Агар як паҳлу ё тарафи вай қиёфаи овозӣ (лексема) бошад, тараф ё паҳлуи дигари он, ки басо мавқеи муҳим ва асосӣ дорад, маъно (сема) ё маъноҳои он мебошад. Вобаста ба мавриди истеъмол маънои дилхоҳ, мувофиқ ва муносиби калима интихоб мешавад. Чун дар ҳама бахшҳои лингвистика ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқ рабту низоми муайян ба кор меравад, дар айни ҳол низ раванди муайян амалӣ мегардад. Мусаллам аст, ки бо як қиёваи овозии калима метавонад чанд маъно ифода шавад. Ҳолате вуҷуд дорад, ки дар байни маъноҳои як қиёфаи овозӣ алоқамандии мантиқию шайъӣ вуҷуд надорад ва дар дигар маврид ин робита дар қисмате аввал ё охир зуҳур мекунад ва дар ҳолати сеюм паҳлуҳои гуногуни воқеият дар ҳудуди як қиёфаи овозӣ инъикос мегардад, ки ҳамаи он маъноҳо ба ҳам иртибот доранд” [7, с. 103-104].

Бештари калимаҳо дар низоми луғавии забон дорои маъноҳои гуногун мебошанд, ки дар якҷоягӣ майдонҳои маъноиро ташкил медиҳанд. Назарияи майдонҳои маънои (Гердер, Ҳумболдт, Гуссерл) аз анъанаҳои фалсафии Олмон сарчашма мегирад. Ақидаи майдонҳо, ки аз ҷониби файласуф Г. Ипсен пешниҳод гардидааст, асоси “назарияи майдонҳо”-ро ташкил додааст.

Майдонҳои маънои одатан гурӯҳҳои маъноии калимаҳои ягон ҳиссаи нутқ, синфҳои аз ҷиҳати маъно мутаносиби калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ, майдонҳои луғавию дастурӣ, парадигмахои сохторҳои наҳвие ба шумор мераванд, ки бо муносибатҳои таҳвилӣ ва навъҳои гуногуни синтагмаҳои маънои алоқаманданд.

Бояд гуфт, ки сермъноии калимаҳо бо роҳҳои гуногун зоҳир меёбад. Дар аввал калима дар низоми луғавии забон ба маънои аслӣ ба вуҷуд омада, бо мурури замон маъноҳои гуногунро касб менамояд, ки бештари онҳо маъноҳои маҷозӣ мебошад. Тавре ки забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов қайд менамоянд: “Маъноҳои ҷудогонаи луғавӣ бо усулҳои ниҳоят гуногун пайдо мешаванд, ки дар байни онҳо маҷоз, инкишофи тадриҷии ғайримаҷозӣ, таҷзияи маънои воҳиди фразеологӣ бо доираи амалиёти худ фарқ карда меистанд” [10, с. 51].

Л. Вайсгербер дар муносибати воҳидҳои забонӣ майдонҳои парадигматикӣ ва В. Портсиг майдонҳои синтагматикиро муайян мекунанд. Зери мафҳуми “майдонҳои парадигматикӣ” синфҳои гуногунтарини воҳидҳои луғавӣ фаҳмида мешаванд, ки аз рӯйи аломатҳои муайяни маънои якхелаанд [6]. Майдонҳои ситагматикӣ бошад, ибора ва сохторҳои наҳфиеро ифода мекунанд, ки дар онҳо имкони мувофиқати маъноии ҷузъҳо равшан ба назар мерасад [1, с. 134].

Забоншинос Л.М. Василев дар сатҳи луғавии ззабон майдонҳои зеринро ҷудо намудааст:

1. майдонҳои парадигматикӣ;
2. майдонҳои синтагматикӣ
3. майдонҳои маҷмуӣ [4, с. 122-124].

Ба гурӯҳи якум синфҳои гуногуни воҳидҳои луғавӣ дохил мешаванд, ки аз рӯйи аломатҳои муайян (семаҳо) якхелаанд: гурӯҳҳои луғавӣ-маънои, муродифҳо, зидмаъноҳо, ҳиссаҳои нутқ ва категорияҳои дастурии онҳо, парадигмаҳои калимасозӣ ва амсоли инҳо;

Ба гурӯҳи дуюм синфҳои калимаҳое дохил мешаванд, ки аз ҷиҳати корбурд ба ҳамдигар алоқаи зич дошта, ҳаргиз дар як мавқеи синтагматикӣ кор фармуда намешаванд;

Гурӯҳи сеюм бо илова намудани гурӯҳи якум ва дуюм ташкил карда мешаванд: муаллим – омӯзгор…/ таълим додан/талқин кардан…/ хонанда/донишҷӯ…, – силсилаи

калимаҳое, ки калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқро дар бар мегиранд; калимаҳои гуногуннавъ ва гуногунтаркиб аз рӯйи маънои устувори ҳиссаҳои нутқ, гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ: сухан, нутқ... – гуфтан, нақл кардан ва ғ.

Хусусияти асосии низоми луғавӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳои ифодаи забонӣ дар тақсимоти калимаҳо аз рӯйи синфҳои маъноӣ зоҳир меёбад. Синфҳои калимаҳо – шаклҳои бузургтарини зуҳури парадигматикаи луғавӣ мебошанд. Синфҳо дар шакли муттаҳиди калимаҳо вуҷуд дошта, маҳдуд ва ё васеъ мешаванд. Онҳо маъноҳои мураккаберо ифода мекунанд, ки як калима дар алоҳидагӣ ифода карда наметавонад, яъне дар таркиби синфи калимаҳо, он калимаҳое муттаҳид мешаванд, ки доираи маънои калидвожаро васеътар баён менамоянд. Асоси ҳама гуна синф ва ё иттиҳодияи калимаҳоро шарти монандии онҳо аз рӯйи баъзе ҷузъҳои умумӣ ташкил медиҳад. Синфҳои калимаҳо аз рӯйи намуд гуногун буда, бо ҳам зич алоқамандand.

Дар баробари таҳқиқи майдонҳои маъноӣ таҳлили гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ низ ҳатмӣ арёзбӣ мегардад. Зарурати омӯзиши гурӯҳҳои луғавиро борҳо дар асарҳои худ В.В. Виноградов дарҷ намудааст.

Забоншинос В.В. Виноградов мафҳуми “низом”-ро дар робита бо таркиби луғавии забон ба таври мукаммал ва аниқ ифода кардааст. Ӯ зери мафҳуми “низмои луғавӣ-маъноӣ” дар баробари захираи луғавӣ, калимаю ибораҳо, шаклҳои зоҳири калимаҳо, категорияҳои дастурӣ ва калимасозиро низ мефаҳмад, ки гурӯҳҳо ва муносибатҳои маъноии калимаҳоро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, бинобар ақидаи ӯ худи мафҳуми “луғавӣ-маъноӣ” аз хусусияти дуҷонибаи низом шаҳодат медиҳад: воҳиди асосии низоми калима дар робитаҳои луғавию маъноии он мебошад.

Бар хилофи таркиби луғавӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳои унвонӣ, низоми луғавӣ-маъноӣ таҷассумгари натиҷаи таъсири мутақобилаи калимаҳо дар маънои онҳо бо унсурҳои дигари сатҳи забон мебошад. “Дар ҳама забонҳо калимаҳо ва маънои онҳо як низоми ягона ва умумиеро ташкил медиҳанд, ки ба тамоми аъзои ҷомеа пешбинӣ шудааст... Калима ҳамчун воҳиди маъноии забон, “порчаи воқеият”-и мушаххасро инъикос намуда, бо ин васила, дарки ҷамъиятии онро ифода мекунад ва унсури низоми луғавӣ-маъноии он забон маҳсуб меёбад” [5, с.186]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар ҳар як калима дар баробари воқеият, ичунин, тарзи тафаккури миллии соҳибзабонони муайян таҷассум ёфтааст, аз ин рӯ, он ҳамчун унсури муҳимми низоми луғавӣ-маъноии забон муайян гардидааст.

Дар баробари майдонҳои маъноӣ-луғавӣ ва гурӯҳҳои луғавию маъноӣ дар таркиби низоми луғавии забон як қатор забоншиносон микронизом ва макронизомро муайян намудаанд. Роҷеъ ба микронизом ва макронизомҳои забон сухан ронда, забоншинос А. Уфимтсева мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ” (минбаъд ГЛМ)-ро ҳамчун навъи асосии зернизом ё низомҳои луғавию маъноӣ [12, с. 44] муайян мекунад. Ӯ вижагиҳои таркибии низоми луғавӣ-маъноиро ба таври зайл муқаррар кардааст:

– воҳиди асосии таркиби низоми луғавӣ-маъноӣ калима дар робитаҳои гуногуни луғавӣ-маъноии он мебошад, ки ҳамчун вариантҳои луғавию маъноии он маҳсуб меёбанд;

– дар ГЛМ метавон калидвожаи ягонаро муайян кард;

– аъзои ин микронизом дар силсилаи синонимӣ, ҷуфтҳои синонимӣ ҷойгир шудаанд, ки як навъ маҷмуи маъноиро ифода мекунанд [12, с. 44];

– шакли ботинии калимаҳо таҷассумгари “...низоми мураккаби унсурҳои ба ҳам вобаста...” мебошад [12, с. 44];

– “тасвири мундариҷаи маъноии калимаҳо ба шартҳои фарозабонӣ - махсусиятҳои рӯзгор, маданияту фарҳанг ва хусусиятхои миллии соҳибзабонон” вобаста аст. [12, с. 45];

– алоқаҳои хоси маъноии калимаҳо дар низоми забон дар сатҳи як калимаи алоҳида, дар микронизомҳо ва дар сатҳи тамоми низоми забон зоҳир мегардад [12, с. 46].

Муҳаққиқи тоҷик З.А. Чоршанбиева муайян кардани макронизомро дар таҳлили майдони луғавӣ-маъноӣ муҳим мешуморад ва қайд менамояд, ки таҳлили майдони

луғавӣ-маъноӣ аз таҳқиқи макронизом шурӯъ мешавад: “Таҳлили майдони луғавӣ-маъноии воҳидҳои забони тоҷикӣ, ки ба доираи “эҳсосоти манфӣ” дохил мешаванд, аз интихоби воҳидҳои зарурӣ аз макронизоми забон оғоз мешавад. Таҳлили парадигматикӣ ба мо имкон медиҳад, ки микромайдонҳоеро муқаррар кунем, ки бо як аломати умумӣ муттаҳид шудаанд ва хусусияти муносибати байни микромайдонҳо ва вижагиҳои таркиби ҳар як микромайдонро таҳқиқ намоем” [17, с. 110].

Воқеан, барои муайян кардани унсурҳои таркиби луғавии ҳар як забон бояд гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ ва гурӯҳҳои мавзуӣ, пеш аз ҳама, таҳқиқ карда шаванд, зеро “унсурҳои таркиби луғавии ҳар забон аз ин ё он ҷиҳат ба ҳам алоқаи дохилӣ доранд ва вобаста ба ин алоқамандӣ, ки тибқи қонуниятҳои махсус сурат мегирад, забоншиносон маҷмуи калимаҳои забон ё лаҳҷаро ба гурӯҳҳои гуногун, аз ҷумла гурӯҳҳои лексикӣ семантикӣ ва тематикӣ ҷудо намуда, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд [8, с. 33].

Ҳамин тавр, воҳиди асосии низоми луғавӣ-маъноии забон калима ба шумор рафта, бо таҳлили маҷмуи калимаҳое, ки бо ҳамдигар дар ягон сатҳ алоқаманданд, ин низом муайян карда мешавад. Низоми луғавӣ-маъноӣ аз ГЛМ таркиб ёфтааст, ки асоси онро як калидвожа ташкил медиҳад. Майдони луғавӣ-маъноии калидвожа тавассути таҳлили силсилаи синонимӣ, антономӣ ва гиперонимии он муқаррар карда мешавад.

Дар муайян кардани майдони луғавӣ-маъноӣ забоншинос Ф.П. Филин низ истилоҳи “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ”-ро истифода мебарад. Зери мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ” ӯ “иттиҳоди луғавӣ бо маъноҳои якхела, ва муқоисашаванда”-ро мефаҳмад, ки ифодагари падидаи мушаххаси забонӣ буда, ба рафти инкишофи таърихии он вобаста аст. Ба таркиби ГЛМ муродифҳо, калимаҳои зидмаъно, гурӯҳҳо, синфҳо ва силсилаҳои мавзуӣ дохил мешаванд [15, с. 537-538].

Низоми луғавии забон аз майдонҳои луғавӣ-маъноӣ таркиб ёфтаанд, ки ин майдонҳо, дар навбати худ, гурӯҳҳои луғавӣ-маъноиро дар бар мегиранд. Ба таркиби гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ бошад, он калимаву ибораҳое дохил мешаванд, ки ифодагари маънои умумӣ мебошанд. Тавре ки муҳаққиқ Н.М. Махсутшоева иброз медорад: Воҳидҳои майдони маъноӣ калимаҳое мебошанд, ки аз рӯйи маънои умумӣ ба гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ муттаҳид шудаанд [9, с. 117].

“Мавқеи луғавии забон ҳамчун низоми гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ-маъноии калимаҳо дар забоншиносӣ хеле васеъ паҳн шудааст”, вале мутаассифона, “зери мафҳуми “гурӯҳ” падидаҳои тамоман дигар фаҳмида мешавад: ягонагии калимаҳо дар асоси умумияти дастурӣ-маъноии калимаҳо, умумияти шаклҳои калимасозии калимаҳо ва ғ. муайян карда мешавад, ки объекти бевоситаи худи лексикология набуда, дар таҳқиқоти лексикологи мавқеи муҳим доранд” [14, с. 32].

Забоншинос Ф.П. Филин мафҳумҳои гурӯҳҳои “мавзуӣ (тематикӣ)” ва “луғавӣ-маъноӣ”-ро таҳқиқ намуда, дар байни онҳо ҳудуди аниқ муайян накардааст. Мувофиқи ақидаи ин забоншинос дар гурӯҳҳои мавзуӣ шарти асосии муттаҳид кардани калимаҳо хусусиятҳо онҳо мебошад, яъне асоси мутаҳҳидшавии калимаҳоро ба як гурӯҳи мавзуӣ яке аз хусусиятҳои калима ташкил медиҳад, ки дар ҳама калимаҳои ин гурӯҳ мушоҳида мешавад. Гурӯҳҳои мавзуӣ ҳам қисмҳои асосии калимаҳо ва ҳам гурӯҳҳои луғавию маъноиро дар бар гирифта метавонанд: “дар доираи як гурӯҳи мавзуӣ гурӯҳҳои хурдтар, вале бо ҳам зич алоқаманди луғавӣ-маъноии калимаҳо мавҷуданд” [14, с. 225]. Аз ин рӯ, доираи гурӯҳи мавзуӣ нисбат ба луғавӣ-дастурӣ васеътар буда, шумораи зиёди калимаву ибораҳои бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Хусусиятҳои корбурди гурӯҳҳои мавзуӣ ва луғавӣ-маъноиро дар забон таҳлил намуда, Ф.П. Филин дар ин мафҳумҳо як қатор умумият ва фарқиятҳоро муайян мекунад: умумияти гурӯҳҳои мавзуӣ ва луғавӣ-маъноӣ дар он зоҳир меёбад, ки калимаҳои таркиби ин гурӯҳҳо дониши воқеияти объективиро инъикос мекунанд ва фарқияти миёни гурӯҳҳо бошад, он дар он аст, ки гурӯҳҳои луғавӣ-маъноии калимаҳо натиҷаи қонун ва қонуниятҳои ташаккули маънои луғавии забон мебошанд, дар ҳоле ки таркиби гурӯҳҳои мавзуии калимаҳо танҳо аз сатҳи дониши воқеии одамон, малакаи таснифи воқеият аз ҷониби онҳо вобастагӣ дорад, ки дорои

ифодаи луғавӣ мебошанд [14, с. 134-136].

Вижагиҳои хоси гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ аз ҷониби забоншинос Ф.П. Филин [14] чунин муайян шудааст:

1) муносибатҳои умумӣ;

2) алоқаҳои синонимӣ ва антонимии калимаҳо;

3) калимаҳои асосӣ ва сохта.

Бидуни калимаҳои асосӣ муайян кардани маънои умумии гурӯҳи луғавию маъноӣ имконнопазир мегардад ва тавассути калимаҳои сохта доираи гурӯҳи луғавию маъноӣ васеъ карда мешавад. Ҳамин тавр, дар бо ёрии калимаҳои асосӣ маънои умумии гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ муқаррар гардида, бо таҳлили калимаҳои сохта аломатҳои дигари ин гурӯҳ муайян карда мешавад.

Дар гурӯҳҳои мавзуӣ ин муносибатҳо танҳо дар асоси муносибатҳои зоҳирии байни мафҳумҳо сохта мешаванд ва бо мақсадҳои гуногуни таснифӣ калимаҳоро метавон омехта ва ҷудо кард, ки ба маънои онҳо ба таври ҷиддӣ таъсир намерасонад. Гурӯҳҳои луғавию маъноии калимаҳо бошанд, падидаи махсуси дохилиро ифода мекунанд, ки бо инкишофи таърихии забон вобаста аст.

Муносибатҳои синонимӣ ва антонимӣ робитаҳои муҳимми калимаҳои таркиби гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ ба ҳисоб мераванд. Муносибати ҷинсӣ ва намудиро ҳам дар гурӯҳҳои мавзуӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои луғавию маъноӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

В.В. Виноградов, Ф.П. Филин ва Д.Н. Шмелев дар тафсири бонизоми луғат асос гузошта, мафҳумҳо ва хусусиятҳои асосии гурӯҳҳои луғавӣ-маъноиро таҳқиқ намудаанд, аммо онҳоро мушаххас номгузорӣ накардаанд.

Л.М. Василев зери мафҳуми ГЛМ ҳама гуна синфи маъноии калимаҳо (лексемаҳо)-ро муайян кардааст, ки ҳадди аққал бо як семаи парадигматикии луғавӣ муттаҳид шудаанд [3, с. 105].

Гурӯҳи мавзуии калимаҳо калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки аз рӯйи як вазъи маъмулӣ, як мавзуъ муттаҳид шуда, семаи асосӣ, яъне семаи муайянкунанда дар онҳо ҳатмӣ намебошад. ГЛМ ва гурӯҳҳои мавзуӣ метавонанд ба ҳам қисман ё комилан мувофиқат кунанд. Калимаҳои як гурӯҳи мавзуӣ дар робита бо мафҳумҳои умумии худ мафҳумҳои мушаххасро ифода мекунанд. Меъёрҳои муайян кардани гурӯҳҳои мавзуӣ берун аз забон буда, бо таснифи худи воқеият алоқаманданд.

Хулоса, пас аз таҳлили фикру ақидаи забоншиносон дар шарҳи мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ” ва муқаррар кардани хусусиятҳои хоси он мо зери мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ” маҷмуи калимаҳову ибораҳое мефаҳмем, ки онҳо аз рӯйи аломати ягона гурӯҳбандӣ шуда, аломатҳои фарқкунандаи онҳо метавонанд якхела ва барои ҳар як ГЛМ такроршаванда ва хос бошанд. Саҳми гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ дар муайян кардани вижагҳои хоси таркиби луғавии забонҳо бориз арзёбӣ мегардад. Гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми луғавии ҳар як забон арзёбӣ мегардад. Дар таҳлили гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ аввалан калимаҳое муайян карда мешаванд, ки аз ягон ҷиҳат бо калидвожа алоқаманд буда, маънои умумиро ифода менамоянд. Барои васеътар ва амиқтар муқаррар намудани доираи гурӯҳи луғавӣ муродифҳо ва зидмаъноҳои вожаҳои таркиби ин гурӯҳ мавриди таҳлил қарор гирифта, калимаҳое таҳқиқ карда мешаванд, ки решаи онҳоро калидвожа ташкил медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Алексеева, Т.М. Лексико-семантическое поле иллокуции: определение и структура / Т.М. Алексеева // Актуальные вопросы современной науки, 2009. – С. 132-137.
2. Апресян, Ю.Д. Избранные труды. Том I. Лексическая семантика. Синонимические средства язык / Ю.Д. Апресян. – 2-е и зд., испр. и доп. – М.: Ш кола «Языки русской культуры», И здательская фирма «Восточная литература» РА Н , 1995. – VIII с., 472 с.

3. Васильев, Л. М. Теория семантических полей / Л. М. Васильева // Вопросы языкознания. – 1971. – № 5.– С. 105-113.
4. Васильев, Л.М. Современная лингвистическая семантика / Л.М. Васильев. - М., 1990. – 176 с.
5. Виноградов, В. В. Русский язык. Грамматическое учение о слове: учеб. пособие для вузов. – М.: Высш. Шк. – 1986. – С. 640.
6. Глобина, Л.В. Проблемы полевой организации лексики в русском и немецком языкознании / Л.В. Глобина [манбаи электронӣ]. Реҷаи дастарсӣ: https://core.ac.uk/download/pdf/200104821.pdf
7. Гулназарова, Ж. Тобишҳои маъноии вожаҳо дар достони «Юсуф ва Зулайхо»/ Ж. Гулназарова // Забон - рукни тоат (Маҷмуаи мақолаҳо). Китоби 7. – Душанбе, 2014. – С.101-110.
8. Гулова, М.Н. Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ: диссер. ном. илм.филол.: 10.02.01 / М.Н. Гулова. – Душанбе, 2023. – 180 с.
9. Махсутшоева, Н.М. Репрезентация концепта «женщина» в лексико фразеологической системе русского и шугнанского языков: диссер. канд. филол. наук: 5.9.8 / Н.М. Махсутшоева. – Душанбе, 2023. – 153 с.
10. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ. / Ҳ. Маҷидов.– Душанбе: Деваштич, 2007. - 241 с.
11. Толстой, Н.И. Избранные труды, том 1. Славянская лексикология и семасиология / Н.И. Толстой. – М., 1997. – 520 с.
12. Уфимцева, А.А. Слово в лексико-семантической системе языка / А.А. Уфимцева. – М., 1968. – 234 с.
13. Фазилова, Ш.К. Концепт «богатство» в английской, русской и таджикской лингвокультурах (на материале фразеологических единиц, пословиц и поговорок): диссер. канд. филол. наук: 10.02.20 / Ш.К. Фазилова. – Душанбе, 2019. – 211 с.
14. Филин, В.П. О ЛСГ слов / В.П. Филин // Очерки по теории языкознания. – М., 1982. – 336с.
15. Филин, Ф.П. О лексико-семантических группах слов / Ф.П. Филин // Языковедческие исследования в честь на акад. Стефан Младенов. – София, 1957. – С. 523-538.
16. Фомина, М.И. Современный русский язык: Лексикология / М.И. Фомина.– 2. изд., испр. и доп. – Москва : Высшая школа, 1983 – 335 с.
17. Чоршанбиева З.А. Лексико-семантическое поле «отрицательные эмоции» в английском и таджикском языках: когнитивно -прагматический аспект: диссер. канд. филол. наук: 10.02.20 / З.А. Чоршанбиева. – Душанбе, 2020. – 146 с.

ТАВСИФИ ВИЖАГИҲОИ ХОСИ МАФҲУМИ “ГУРУҲИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОӢ” ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ”-ро дар забоншиносии муосир дар асоси фикру ақидаи забоншиносон таҳлил намуда, онро шарҳ додааст. Мақсади муаллиф аз муайян намудани мафҳуми “гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ” ва хусусиятҳои хоси он маҳсуб меёбад. Дар раванди таҳқиқ муаллиф аз якчанд методҳое истифода намудааст, ки барои таҳлили маводди назариявӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар муқаддима муаллиф аҳаммияти мавзуи таҳқиқро муайян намуда, мақсади навишти мақоларо дарҷ намудааст. Ӯ дар ин қисмат методҳои таҳқиқро муқаррар карда, мақсади корбурди онҳоро нишон додааст. Ҳамчунин, ӯ дар ин муқаддима оид ба забон ва таркиби луғавии забон сухан ронда, ақидаи муназзамии забон ва низоми луғавии забонро баррсӣ намудааст.

Дар қисмати асосӣ муҳаққиқ мафҳумҳои “майдони маъноӣ”, “макронизом”, “микранизом”, “гурӯҳҳои мазуӣ” ва “гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ”-ро дар асоси фикру ақидаи забоншиносон таҳлил намуда, вижагиҳои хоси онҳоро муайян намудааст. Дар ин қисмат

муаллиф асосан ба таҳлили мафҳуми "гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ" ва хусусиятҳои он диққат додааст.

Дар қисмати хулосавӣ муаллиф фикру ақидаҳои худро ҷамъбаст намудааст. Ӯ мафҳуми "гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ"-ро ҳамчун маҷмуи калимаҳову ибораҳое муайян кардааст, ки аз рӯйи аломати ягона гурӯҳбандӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: забон, низом, низоми луғавии забон, низоми маъноии забон, майдони маъноӣ, макронизом, микранизом, гурӯҳҳои мазуӣ, гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ, силсилаи синонимӣ, силсилаи антонимӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Маннонова Умедаҷон Абдуфаттоевна – унвонҷӯйи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров.Сурога:кучаи Мавлонбеков 1, Тел: (+992) 888-11-92-29

ОПИСАНИЕ СПЕЦИФИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТИ ПОНЯТИЯ «ЛЕКСИКОЛОГО-СЕМАНИЧЕСКАЯ ГРУППА» В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

В данной статье автор анализирует и поясняет понятие «лексико-семантическая группа» в современной лингвистике, опираясь на идеи лингвистов. Целью автора является определение понятия «лексико-семантическая группа» и ее специфических характеристик. В процессе исследования автор использовал несколько методов, направленных на анализ теоретического материала.

Во введении автор определяет важность темы исследования и излагает цель написания статьи. В этом разделе он установил методы исследования и указал цель их использования. Также во введении автор говорит о языке и лексической структуре языка, а также обсуждал идею системности языка и лексической системы языка.

В основной части исследователь проанализировал понятия «семантическое поле», «макросистема», «микросистема», «тематические группы» и «лексико-семантические группы» на основе мнения лингвистов и выявил их специфические особенности. В данном разделе автор сосредоточился в основном на анализе понятия «лексико-семантическая группа» и ее характеристике.

В заключении автор резюмирует свои мысли и идеи. Он определил понятие «лексико-семантическая группа» как совокупность слов и словосочетаний, объединенных по одному признаку.

Ключевые слова: язык, система, лексическая система языка, семантическая система языка, семантическое поле, макросистема, микросистема, тематические группы, лексико-семантические группы, синонимические ряды, антонимические ряды.

Сведения об авторе: Маннонова Умедаджон Абдуфаттоевна – докторант кафедры перевода и грамматики английского языка Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Адрес: ул. Мавлонбекова, 1, Тел: (+992) 888-11-92-29

DESCRIPTION OF SPECIFIC FEATURES OF THE CONCEPT OF "LEXICOLOGICAL-SEMANIC GROUP" IN MODERN LINGUISTICS

In this article, the author analyzes and explains the concept of "lexical-semantic group" in modern linguistics, based on the ideas of linguists. The author's goal is to define the concept of "lexical-semantic group" and its specific characteristics. In the course of the study, the author used several methods aimed at analyzing the theoretical material.

In the introduction, the author defines the importance of the research topic and sets out the purpose of writing the article. In this section, he established the research methods and indicated the purpose of their usage. Also in the introduction, the author talks about the language and the lexical structure of the language, and discussed the idea of the systematicity of the language and the lexical system of the language. In the main part, the researcher analyzed the concepts of "semantic field", "macrosystem", "microsystem", "thematic groups" and "lexical-semantic groups" based on the opinions of linguists and identified their specific features. In this section, the author focused mainly on the analysis of the concept of "lexical-semantic group" and its characteristics. In conclusion, the author summarizes his thoughts and ideas. He defined the concept of "lexical-semantic group" as a set of words and phrases united by one feature.

Key words: language, system, lexical system of language, semantic system of language, semantic system of language, macrosystem, microsystem, thematic groups, lexical-semantic groups,

synonymous series, antonymous series.

About the author: Mannonova Umedadjon Abdufattoevna - doctoral student of the Department of Translation and Grammar of the English Language of the Khujand State University named after B. Gafurov. Address: Mavlonbekov St., 1, Tel: (+992) 888-11-92-29

УДК: 811.112.2’367.5:811.512.147’367.5

СУБЪЕКТИВНАЯ МОДАЛЬНОСТЬ МЕЖДОМЕТНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ: СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АСПЕКТ

Маҳмудова С.С.

Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино

Модальность – это функционально-семантическая категория, которая выражает отношение содержания высказывания к действительности с точки зрения реальности / ирреальности, возможности / невозможности, достоверности / недостоверности, а также отношение говорящего к действительности через высказывание, то есть она не просто описывает положение дел, а показывает, как говорящий воспринимает это положение дел, насколько оно соответствует реальности и каково его личное отношение к этому [2, с. 34].

Выделяются два вида модальности: субъективная и объективная. Объективная модальность выражает отношение содержания высказывания к действительности независимо от говорящего, в то время как субъективная модальность отражает личное мнение, оценку или эмоции говорящего. Модальность – это комплексное явление, которое проявляется на разных уровнях языка и требует учета как лингвистических, так и экстралингвистических факторов [3, с. 78].

Междометия не просто выражают эмоции, но и участвуют в формировании модального значения предложения, добавляя субъективную окраску. Поскольку междометия напрямую выражают эмоции, то и междометные предложения, состоящие из них, несут в себе заряд субъективности, отражая личное восприятие и оценку событий говорящим. Модальное значение междометного предложения не является имманентным, а проявляется во взаимодействии с контекстом [1, с. 89]. Понимание модального значения междометного предложения требует учета широкого контекста, включающего описание ситуации, характеристику вокального жеста, описание мимики и жестов, а также анализ поведения говорящего. Эти факторы помогают определить, какую именно эмоцию выражает междометие и как говорящий относится к происходящему [9].

Представленные положения подчеркивают, что модальность является сложной и многогранной категорией, а междометные предложения представляют собой яркий пример выражения субъективной модальности. Анализ модальности междометных предложений требует учета как лингвистических, так и экстралингвистических факторов, включая контекст, описание поведения говорящего и его эмоционального состояния. Такой комплексный подход позволяет выявить тонкие нюансы субъективного отношения говорящего к действительности.

Субъективная модальность, отражающая личное отношение говорящего к содержанию высказывания, является важной категорией языка, реализующейся в различных типах предложений. Особый интерес в этом отношении представляют междометные предложения, которые, в силу своей эмоциональной насыщенности и спонтанности, служат мощным средством выражения субъективных состояний говорящего [15].

Целью данной статьи является сопоставительный анализ средств выражения субъективной модальности в междометных предложениях в немецком и таджикском языках. Сопоставление языков, относящихся к разным языковым семьям (индоевропейской и германской), позволит выявить как универсальные, так и

специфические черты выражения субъективной модальности в междометных конструкциях.

В основе исследования лежат теории модальности и междометий, разработанные в лингвистике [10, 11]. Междометия рассматриваются как особый класс слов, выражающих эмоции, чувства, волеизъявления говорящего, а также его реакцию на происходящие события [14]. Междометные предложения, формирующиеся на основе междометий или с их участием, характеризуются особой синтаксической структурой и высокой степенью экспрессивности [12, с. 89]. Учитываются также исследования, посвященные особенностям модальности и междометий в немецком и таджикском языках [12, 4, 5].

В качестве материала исследования были использованы примеры, извлеченные из:

Современной немецкой и таджикской художественной литературы.

Драматических произведений (пьес, сценариев).

Разговорной речи (записи немецких и таджикских диалогов).

Словарей немецких и таджикских междометий.

Методология исследования включала:

Выделение и классификацию междометных предложений по типам выражаемых эмоций и субъективных состояний.

Анализ используемых междометий и их семантических особенностей.

Выявление лексико-грамматических средств, усиливающих модальную окраску междометных предложений.

Сопоставительный анализ средств выражения субъективной модальности в междометных предложениях в немецком и таджикском языках.

Определение влияния культурных факторов на выбор и использование междометных конструкций.

Собственно междометия являются основным средством выражения субъективной модальности в междометных предложениях. Они непосредственно передают широкий спектр эмоций и чувств:

Немецкий язык: Ach!, Oh!, Pfui!, Au!, Hurra!, Toll!, Mist!.

Ach, du lieber Himmel! (Ах, Боже мой!) – удивление, восхищение.

Pfui Teufel! (Тьфу, черт!) – отвращение, возмущение.

Ach, du lieber Himmel.Ну, может, чуть больше обычного. Ach, du lieber Himmel.О, ради всего святого! Ach, du lieber Himmel.Да, может быть по две. Ach, du lieber Himmel.А теперь в путь!Ach du lieber Himmel, nein, meine Liebe.Что ты, девочка моя, нет, конечно. Ach du lieber Himmel! О, небеса! Ach du lieber Himmel! Отведем его в палатку. Ach du lieber Himmel.Ммм. Изысканный комплимент. Vielleicht würde Jadzia lieber im Himmel für Trills sein. Возможно Джадзия предпочла бы попасть туда, куда попадают триллы, когда приходит их время.

Таджикский язык: Вой!, Оҳ!, Офарин!, Ҳайф!, Э вой!, Бале!.

Вой, дод! (Вой, помогите!) – боль, страдание.

Офарин, баракалло! (Отлично, молодец!) – одобрение, похвала.

– Оё худ шеър менависед?– Оре, кам-кам машқ мекунам.– Хоҳиш мекунам, аз шеъри худатон қироат кунед.Мунаввар Рӯзиев чанд байтеро аз таассуроти зиёрати Маккаи Мукаррама ва Мадинаи Мунаввара ва дини мубини ислом барои меҳмони гиромӣ қироат намуд.– Офарин! Хеле хуб! Хеле аъло! Хуш бошед! – гӯён Хотамӣ бо Мунаввар Рӯзиев хайрухуш намуд.Бори аввал нест, ки Мунаввар Рӯзиев дар Панҷакент, аз ҷумла дар зодгоҳи Рӯдакӣ аз Эмомалӣ Раҳмонову ҳамроҳонаш истиқбол менамояд. – Неужели вы станете писать стихи-Да, я редко тренируюсь.- Прошу, прочитайте ваши стихи.В этом аяте Всевышний Аллах поведал о том, что Пророк Мухаммад, да благословит его Аллах и приветствует, был одним из сподвижников Пророка Мухаммада, да благословит его Аллах и приветствует, который был одним из сподвижников Пророка

Мухаммада, да благословит его Аллах и приветствует, и был одним из сподвижников Пророка Мухаммада, да благословит его Аллах и приветствует.- Молодец! Очень хорошо! Очень здорово! Радуйтесь! он был одним из тех, кто прощался со светочем.Не первый раз, когда он встречает в Пенджикенте светозарного Розиева, в том числе и в родном городе Рудаки, он приветствует Эмомали Рахмона и его сподвижников [17].

Ту бачаи хуб будаӣ, хӯрок кам мехурдаӣ, баракалло! — гӯён ӯро «таъриф ва таҳсин» карда монд. Ятим баъд аз ин, дар фикри дигар афтод: фурсати муносибе ёфта ду-сета нони хӯҷаинро «дуздида» баромада гурехтанӣ шуд. Ятим ба умеди ёфтани фурсати муносиби гурез, чӯпонии хӯҷаини нави худро карда гаштан гирифт. Бисёр дер накашид ва ин фурсат ёфт шуд. Ятим як бегоҳӣ баъд аз шом рамаро аз чаро оварда, ки хӯҷаин дар ҳавлӣ нест ва аспаш ҳам нест, гумон кард, ки ӯ ба ягон ҷои дур савора рафтааст. – Ты хороший мальчик, ты ел мало, баракалла! Как говорится: «хвала ему!». После этого сирота задумался о другом: он нашел удобное время, "украл" две трети хлеба и попытался убежать. Сирота стал пастухом своего нового пастбища, надеясь найти подходящий момент для побега. Это не заняло много времени, и эта возможность была предоставлена. Сирота однажды вечером после полудня привел стадо, которого не было ни во дворе, ни на лошади, думая, что он уехал куда-то далеко верхом [17].

Помимо собственно междометий, в формировании междометных предложений и усилении их модальной окраски участвуют другие лексико-грамматические средства:

Восклицательные частицы: В обоих языках используются частицы, усиливающие эмоциональность высказывания:

(нем.) ja, doch, bloß, nur; Das ist ja toll! (Это же здорово!)

Das ist ja toll! Это очень здорово! Das ist ja toll! О, да, это удивительно. Das ist ja toll! Взгляни на все это. Das ist ja toll! Да это же здорово! Das ist ja toll! Глядите, что он вытворяет! Jake, das ist ja toll! Я не знал, что ты подавал заявление. Ach, das ist ja toll! О, ну вот, отлично! Jake, das ist ja toll! Джейк, это потрясающе. Das ist ja irre, toll! А я очень рад познакомится с тобой. Das ist ja irre, toll! Всегда все дело в тебе, не так ли?[16].

(тадж.) -а, -е, ку; Ин ку гап шуд! (Что за разговор!)

Қай кардед-ку, аз ҳамон, мегуфт Бободӯст гаштаю баргашта монанди ҳамаи одамони кундзеҳн якравона. – Наход, ки ман ба шикам қай кунаму надонам. Ба по хеста, рафта ба тағора қай кардам. Ё шумо маро ҳам маст гумон мекунед? – гуфт ӯ бо киноя ба майхорангии он яке ишорат карда. – Бале-бале, қай кардед, ҳамон қай ба шикам ҳам рехтагӣ-да. – Вас рвало от него, - повторял он снова и снова, как и все упорствующие в неверии люди. - Не может быть, чтобы меня вырвало, если я не знаю. Я встал и пошел, и меня вырвало. Или же вы полагаете, что я пьян? - сказал он, намекая на пьянство одного из них. - Да-да, вас вырвало.

Существительные и прилагательные в звательной форме (Vocativ):

(нем.) Mein Gott!, Du lieber Himmel! (Боже мой!, О, милое небо!)

Mein Gott, halt es ruhig. Говорю тебе, держи ровнее, а то придется начинать все сначала. Mein Gott, seid ihr Schlappschwänze. Господи! Какие же вы хлюпики, пацаны. Mein Gott, das ist wie die Bathöhle. Господи, словно пещера летучей мыши. Mein Gott würde darunter sein und mein Anliegen hören. Один из них должен оказаться моим Богом, который услышит меня. Mein Gott, alles wirkt jetzt anders. Я сижу в темноте, в нашей спальне... Mein Gott, mein Herz springt gleich... Господи, мое сердце сейчас выпрыгнет... Mein Gott, jetzt bin ich stocknüchtern. Господи, я трезв как стеклышко теперь... Mein Gott, sie ist ja noch ein Kind.Господи, она же совсем дитя.

(тадж.) Э Худоё!, Э бародарон! (О, Боже!, О, братья!).

Худоё, аз ҷаҳолату гумроҳӣ сӯхтани миллати мо то кай идома меёбад? – мепурсид бо дарду алам аз худ Насим. Имрӯз ҷоҳилону худхоҳон шамшери зангзада не, силоҳҳои марговари аҷнабисохт доранд; тӯпу танк... ҳар тир риштаи ҳаёте

бармеканад, танку тӯп хонаҳоро сӯхта, деҳаҳоро хароб мекунад, кӯдаконро ятим, оилаҳоро нест ё сиёҳбахт месозад. Ин аъмоли зишт теша ба решаи хеш задан ё худкушӣ нест?! – О Аллах! до каких пор будет продолжаться гибель нашего народа от его невежества и заблуждения? - спросил он с горечью. Сегодня невежественные и эгоистичные владеют не ржавыми мечами, а смертоносным иностранным оружием; артиллерией и танками... каждая пуля разрывает нить жизни, танки и пушки сжигают дома, разрушают селения, делают детей сиротами, разрушают семьи или делают несчастными. Разве это не является [грехом] - побивание камнями самих себя или самоубийство?!

Инверсия: Необычный порядок слов может использоваться для придания высказыванию большей эмоциональности:

(нем.) Hat der eine Ahnung! (Да разве он что-нибудь понимает!) - обычно: Er hat keine Ahnung.

(тадж.) Чи рӯз шуд! (Что за день!) - обычно: Ин чи руз аст.

Повторы: Повторение слов или фраз усиливает эмоциональное воздействие:

(нем.) Nein, nein, nein! (Нет, нет, нет!).

(тадж.) Раҳм, раҳм, раҳм! (Жалость, жалость, жалость!).

Интонация играет важную роль в выражении субъективной модальности в междометных предложениях. Восклицательная интонация, характеризующаяся повышенным тоном и резким изменением высоты голоса, усиливает эмоциональное воздействие высказывания.

Результаты проведенного исследования позволили на материале двух языков позволили выявить сходства и различия.

Сходства:

В обоих языках междометия являются основным средством выражения субъективной модальности в междометных предложениях.

Оба языка используют лексико-грамматические средства (восклицательные частицы, звательную форму, инверсию, повторы) для усиления модальной окраски междометных предложений.Интонация играет важную роль в выражении эмоций и субъективных оценок.

Различия:

Немецкий язык характеризуется более широким использованием грамматических средств для выражения субъективной модальности (например, Konjunktiv).

Таджикский язык, как и другие восточные языки, отличается большей образностью и экспрессивностью фразеологических выражений, используемых в междометных предложениях.

Культурные различия влияют на выбор и использование конкретных междометий и модальных конструкций.

Культурные нормы и традиции оказывают влияние на способы выражения эмоций и субъективных оценок. В таджикской культуре, например, более сдержанное проявление эмоций считается нормой, что отражается в использовании менее экспрессивных междометий и модальных конструкций. В немецкой культуре, напротив, более прямое и открытое выражение эмоций является обычным явлением, что проявляется в использовании более ярких и выразительных междометий и модальных средств.

Междометные предложения в немецком и таджикском языках представляют собой эффективное средство выражения субъективной модальности, позволяющее говорящему передать широкий спектр эмоций, оценок и субъективных состояний. Несмотря на различия в грамматической структуре и культурных особенностях, в обоих языках используются сходные механизмы выражения субъективной модальности в междометных конструкциях, такие как использование собственно междометий, лексико-грамматических средств и интонации.

Сопоставительный анализ средств выражения субъективной модальности в междометных предложениях в немецком и таджикском языках позволяет лучше понять универсальные и специфические черты этих языков, а также роль культуры в формировании языковых средств выражения эмоций и субъективных оценок.

ЛИТЕРАТУРА

1. Иванова М.А. Субъективная модальность и обособление: дис. ... канд. филол. наук. – Владимир: Владимирский государственный университет им. А.Г. и Н.Г. Столетовых, 2014.
2. Колесникова С.М. Современный русский язык. Морфология. – М.: Юрайт, 2015.
3. Колесникова, С.М. Функциональная грамматика: предикативность, градуальность, оценочность. – М.: МПГУ, 2016.
4. Расторгуева В.С. Опыт историко-типологического исследования иранских языков. Морфология. – М.: Наука, 1964.
5. Пирумова Ф.С. Категория модальности в современном таджикском литературном языке. – Дониш, 1987.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Том I-II. – М.: Советская энциклопедия, 1969.
7. Ameka F. Interjections: The universal yet neglected part of speech // Journal of Pragmatics, 1992. – P. 101-118.
8. Bühler K. Sprachtheorie: Die Darstellungsfunktion der Sprache. – Fischer, 1987.
9. Duden. (2016). Das große Wörterbuch der deutschen Sprache. – Dudenverlag, 2016.
10. Helbig G., & Buscha, J. Deutsche Grammatik: Ein Handbuch für den Ausländerunterricht. – Langenscheidt, 2001.
11. Lyons J. Semantics. – Cambridge University Press, 1977.
12. Schachter P. (1985). Parts-of-speech systems. In T. Shopen (Ed.), Language typology and syntactic description – Vol. 1. – pp. 3-61. – Cambridge University Press, 1985.
13. Wierzbicka A. Emotions across languages and cultures: Diversity and universals. – Cambridge University Press, 2003.

Электронные ресурсы

14. Мангеймский корпус немецкого языка https://www.ids-mannheim.de/
15. Национальный корпус таджикского языка http://tajik-corpus.org/

СУБЪЕКТИВНАЯ МОДАЛЬНОСТЬ МЕЖДОМЕТНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ: СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АСПЕКТ

В статье рассматриваются средства выражения субъективной модальности в междометных предложениях (interjectional sentences) в немецком и таджикском языках в сопоставительном аспекте. Междометные предложения, характеризующиеся эмоциональной насыщенностью и выражением мгновенной реакции говорящего, активно используются для передачи широкого спектра субъективных состояний. Анализируются особенности использования собственно междометий, а также лексико-грамматических средств, участвующих в формировании междометных предложений и усиливающих их модальную окраску. Выявляются сходства и различия в способах выражения субъективной модальности в междометных предложениях в двух языках, обусловленные их типологическими характеристиками и культурными особенностями.

Ключевые слова: субъективная модальность, междометия, междометные предложения, немецкий язык, таджикский язык, сопоставительный анализ, эмоции, оценка, экспрессивность, синтаксис, культура

Сведения об авторе**: Махмудова Саёра Сафаровна, кандидат филологических наук, заведующая кафедрой иностранных языков ГУ «Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино». E-mail:* *s.mahmudova.82@mail.ru* ***Тел.: *00977 5056*

Сведения об авторе: Махмудова Сайёра Сафаровна- ГОУ “Таджикского

Государственного Медицинского Университета им. Абуали ибни Сино", доцент кафедры иностранных языков. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино 29-31. E.mail: s.mahmudova.82@mail.ru тел 009775056

SUBJECTIVE MODALITY OF INTERJECTIONAL SENTENCES IN GERMAN AND TAJIK: A COMPARATIVE PERSPECTIVE

The article examines the means of expressing subjective modality in interjective sentences in German and Tajik in a comparative aspect. Interjective sentences, characterized by emotional intensity and the expression of the speaker's instant reaction, are actively used to convey a wide range of subjective states. The article analyzes the features of the use of interjections proper, as well as lexical and grammatical means involved in the formation of interjective sentences and enhancing their modal coloring. The similarities and differences in the ways of expressing subjective modality in interjective sentences in two languages are revealed due to their typological characteristics and cultural peculiarities.

Keywords: subjective modality, interjections, interjective sentences, German, Tajik, comparative analysis, emotions, evaluation, expressivity, syntax, culture.

Author Information: Mahmudova Sayyora Safarovna, PhD in Philology, Head of the Department of Foreign Languages at the State Educational Institution "Avicenna Tajik State Medical University." E-mail: s.mahmudova.82@mail.ru Phone: *00977 5056*

Information about the author: Makhmudova Sayora Safarovna - SEI "Tajik State Medical University named after Abuali ibni Sino", Associate Professor of the Department of Foreign Languages. Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino str. 29-31. E-mail: s.mahmudova.82@mail.ru phone 009775056

МОДАЛИЯТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҶУМЛАҲОИ ФЕЪЛБАНД ДАР ЗАБОНҲОИ НЕМИСӢ ВА ТОҶИКӢ: ҶИҲАТИ МУҚОИСАВӢ

Дар мақола воситаҳои ифодаи модалияти субъективӣ дар ҷумлаҳои нидо доштаи забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати муқоисавӣ баррасӣ шудааст. Ҷумлаҳои дар таркибашон нидо дошта, ки бо шиддатнокии эҳсосот ва ифодаи реаксияи фаврии гӯянда хосанд, барои ифодаи доираи васеи ҳолатҳои субъективӣ фаъолона истифода мешаванд. Хусусиятхои корбурди муродифҳои хос, инчунин воситаҳои лексикию грамматикӣ, ки дар ташаккули ҷумлаҳои нидодошта ва баланд бардоштани ранги модалии онҳо иштирок мекунанд, таҳлил карда мешаванд. Дар шеваи ифодаи модалияти субъективӣ дар ҷумлаҳои нидодошта дар ду забон аз ҷиҳати хусусиятҳои типологӣ ва хусусиятҳои фарҳангиашон шабоҳат ва тафовут ошкор карда мешавад.

Калидвожаҳо: модалияти субъективӣ, нидоҳо, ҷумлаҳои нидодошта, олмонӣ, тоҷикӣ, таҳлили муқоисавӣ, эҳсосот, арзёбӣ, ифоданокӣ, синтаксис, фарҳанг.

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳмудова Сайёра Сафаровна, к.ф.н., заведущий кафедры иностранных языков ГОУ "Таджикского Государственного Медицинского Университета им. Абуали ибни Сино", E.mail: s.mahmudova.82@mail.ru тел 009775056

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳмудова Сайёра Сафаровна-МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Сино 29-31. E.mail: s.mahmudova.82@mail.ru тел 009775056

УДК: 811'373.46:61(091)

КОРБУРДИ ВОЖАҲО ВА ИСТИЛОҲҲОИ СОДАИ ТИББӢ ДАР "ТИББИ МАНСУРӢ"-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

Маҷидова Б.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Истилоҳоти сода ва ё решагии забон бунёди асосии истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илмро дар бар мегиранд. Ин навъи вожаҳо заминаи асосии калимаҳои маҷозӣ,

сермаъноӣ, истилоҳсозӣ ба шумор мераванд. Калимаҳои аслӣ дар нутқи ҳаррӯзаи мо истифода мегарданд ва ба фонди луғавии забон шомил мешаванд.

Воҳидҳои аслии луғавии забони тоҷикӣ калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати баромади таърихии худ, асосан, ба забонҳои ғарбии эронӣ баробар тааллуқ доранд. Чунончи, калимаҳои аслии таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар забони форсии имрӯза низ кор фармуда мешаванд ва барои ба вуҷуд омадани воҳидҳои луғавии нав манбаи асосӣ мебошанд: **даст, пой, талх, ширин** ва ғ. Ин гуна калимаҳо барои забони форсии имрӯза низ аз калимаҳои аслии решагӣ ба шумор мераванд [3, с.23].

Калимаҳои решагии забон заминаи асосии ташаккули забони илм, яъне истилоҳоти илмӣ ба шумор рафта, дар густариши истилоҳоти тиббии тоҷик мақоми хосеро ишғол мекунанд. Истилоҳоти тиббии суннатии халқи тоҷикро истилоҳоти решагӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси онҳо истилоҳоти сохтаву мураккаб ва истилоҳибораҳо офарида шудаанд. Истилоҳоти аслии забони тоҷикӣ дар “ Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ ҷойгоҳи намоёнро ишгол мекунанд: *рӯда, гулӯ, пӯст, тан, гурда, сар, гардан, даст, устухон, хун, об, раг, бод, бинӣ, китф, ҷигар, мағз, бозу, бофта ва ғ. :*

Вожаи рӯда аслан тоҷикист ва ҳамчун истилоҳи тиббӣ ба кор бурда шудааст: Рӯда иумҷам мидақ инобибаТ .munitsetnI .аднанор ав амизоҳ изоҳиҷ ифуръам ишхаб روده рӯдаҳоро аз шаш намуд иборат донистаанд: дувоздаҳангушта, рӯдаи тиҳӣ, рӯдаи дароз, кӯррӯда, қулун; рӯдаи рост [11, с. 153]. Ин вожа таърихи куҳан дошта, дар забони паҳлавӣ дар шакли «rōdig, rō, rōtik» корбас мегардид [4, 310]: *Агар ончӣ ба даруни он сарозер шуда **рӯда** бошад, сангин ва дардовар хоҳад буд ин афтодагӣ бо фушурдани он ба ҷои худ боз мегардад [1, 368]*.

Истилоҳи **хун** вожаи аслии забони тоҷикӣ буда, дар тиб ҳамчун истилоҳ ба маънои “Хун, дам, бофтаи моеи организм аст, ки дар рагҳои хунгард пайваста дар ҳаракат буда, ба ҳамаи узвҳо ва бофтаҳо варид мешавад ” [6, с. 180]. Дар забони авастоӣ вожаи хун дар шакли «vohuni, vohuna» ва дар забони паҳлавӣ дар шакли «xōn, xūn» мушоҳида мегардид [4, с.256]: ***Хун** нисбат ба балғам тар ва талхоб нисбат ба зардоб намуртар мебошад. ҳар кадомашон гунаҳое доранд, ки бархе аз гунаҳое балғам сардтар аз дигаре аст [1, с. 75]*.

Бо вожаи **хун** дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳоти тиббии **хунрезӣ, чирагии хун, хунсоз, хунгирӣ, хунрез, хунхор, пурхун, ангезаи исҳоли хун, хуни сиёҳ, хуни моҳона** ва ғайра истифода гардидаанд: *Танро боднок ва шодоб мекунад, пешоб ва **хуни** моҳонаро равон ва шикамро нарм месозад* [1, с. 103].

Гулӯ қадимтарин вожаи тоҷикист, ки дар забони авастоӣ дар шакли «gar, garah, griw» ва дар забони паҳлавӣ «galuk, galog» [4, с.312], истифода мегардид. Гулӯ ҳамчун истилоҳи тиббӣ чунин маъниро ифода мекунад: **гулӯ, найи ҳозима**, ки даҳонро бо сурхрӯда мепайвандад. Гулӯ ба узвҳои ҳозима ва нафас мансуб аст [16, 489].

Закариёи Розӣ онро 5 маротиба ба кор бурдааст: *Омоси падид омада дар **гулӯ** ва перомуни онро хониқи сахт гӯянд, ки онро низ дар гузашта гуфтаем* [1, с. 394].

Равған калимаи аслӣ буда, дар тиб ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: “Ба маънои якум калимаи «равған» исми ҷинс буда, мурод аз он ҳама гуна равған аст, аз қабили равғани рустанӣ, равғани гов, равғани гӯшт ва ғайра. Дуввум, ба маънои маҳдуд ва истилоҳӣ мурод аз он равғани кунҷидест, ки дар он оби фишурдаи ин ё он растании доругиро то хушкидан ҷӯшонидаанд ва равған қувва ва мизоҷи ин растаниро гирифтааст; онро гоҳе равғани мураккаб низ гӯянд. Oleum” [6, с. 373].

Равған ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар объекти таҳқиқи мо 138 маротиба корбаст гардидааст: *Агар дарди зоимон ба сӯроғи ӯ биёяд пушт худро бо **равғани** хайри [шаббуйи зард] ва ҷева, ки доғкунандааст, **равғанмолӣ** кунад [1, с. 201]. Бояд бо **равған** гардани навзодро хуб ва бисёр равғанмолӣ кунанд [1, с. 203] .*

Бояд зикр намуд, ки тавассути вожаи равған беш аз 41 адад истилоҳибора сохта шудааст: равғани бон [236, 256], равғани бунафша [229, 226, 252], равғани батм [241], равғани бодом [222], равғани бодоми талх [194], равғани балисон [137], равғани баласон

[169], равғани гандум [224], равғани гирду [136], равғани гули сурх[215, 163, 164, 221, 222], равғани гуворо [163], равғани доғ [16], [135], равғани зайтун[136], равғани занбақ [241, 242], равғани зайтуни хуб[169], равғани зайтуни қуҳна[210], равғани зайтуни виларм [271], равғани каст [қуст], [137], равғани каду [137], равғани карчак [137], равғани нордин [243], равғани мастакӣ [137], равғани наргис [247], равғани норгил [136], равғани нилуфар[137], равғани ос [137, 211], равғани савсан[164, 240], равғани турбкучалии оғозин [211], равғани турб[162] ва ғ.

Гардан ҳамчун истилоҳ ба маънои "қисми дар байни сар ва тан ҷойгиршудаи бадан. Асоси гардан қисми сутурмӯҳра-мӯҳраи гардан мебошад" [16, с. 370] шарҳ ёфтааст: ***Гардан*** *борик ва барҷастагии гулӯ берунзадатар мегардад [1, с.374]*.

Оруғ//оруқ дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ «reu, reug, hreug», забони лотинӣ «ructus» ва юнонӣ «ereguomai» истифода мегардид [4, с.55-56]. Вожаи оруғ дар тиб чунин маъниро дорост: Оруғ//оруқ آرق\\غرآ боди меъда, ки аз гулӯ бо садо мебарояд, Ructamen [12, с.763]. Оруғ ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар шаклҳои сода ва таркиб истифода гардидааст:**оруғ, оруғ задан, бӯйи оруғ** истифода гардидааст: *Бӯйи **оруғ** дар ҳангоми табоҳи хӯрок дар шикамба турш аст, вале дар омезаи гарм ҳангоми табоҳи хӯрок дар шикамба, бӯи дудмонанде дорад. Агар поксозии шикам ба андозаи ниёз анҷом гирифт, ва дигар **оруғ** бо бӯи дуд ва сангинӣ ва сузиш ва дилошубӣ надошт, бояд обтанӣ кунад [1, с.373]*.

Устухон вожаи аслии тоҷикӣ мебошад ва дар забони авастоӣ дар шакли «asti, ast» ва дар забони паҳлавӣ дар шакли «ast, astag, astuxān, astaxvān» истифода мегардид [4, с. 88]. Устухон дар соҳаи тиб серистеъмол буда, дар объекти таҳқиқи мо 189 маротиба корбаст гардидааст: *Дар баррасии **устухонҳои** сина бо нигоҳ ва даст задан андоза ва марзи ҳар кадомро метавонӣ ба осонӣ ба даст овард. Тани бемор ба ҷуз пӯст ва **устухон** чизе дигар нахоҳад дошт [1, с. 374]*.

Вожаи **ангушт** калимаи соматикии аслӣ буда, дар сарчашмаҳои тахассусӣ чунин шарҳ ёфтааст: ангушт, қисми интиҳои дасту пои одам ва ҳайвонот. Ангушти одам бинобар рост будани қомат ва ба узви корӣ табдил ёфтани даст куллан тағйир ёфтааст [5, с. 87].

Вожаи ангушт дар забони авастоӣ дар қолаби «angushta», форсии бостон «angšt» ва паҳлавӣ «angušt» истифода мегардид [4, с.96].

Дар маводи мо бо вожаи **ангушт** чунин истилоҳҳои тиббӣ истифода гардидааст: ***ангушти ибҳом [1,с. 37], ангушти кӯчак [1, с. 37], ангуштони по [1, с. 37], ангуштони сабоба [1, с. 45], ангушти ибҳом [1, с.34], ангуштони кӯтоҳ [1, с. 88], ангушти кӯчак [1, с. 43], ангушти ибҳом [1, с. 43], ангуштони по [1.с, 36]:*** …он *тафовут марҳалаи инқибози як набз бо набзҳое мебошад ва он эҳсосест, ки бо ҷустуҷуи набзи як ё ду ангушт ва беш аз ду ангушт меояд [1, с. 427]*.

Вожаҳои соматикии **бинӣ, по** истилоҳоти аслӣ буда, дар забонҳои қадима чунин шарҳ ёфтаанд: Бинӣ дар забони авастоӣ «vāēna», форсии бостон «nāham» ва паҳлавӣ «wēnīg» мебошад [4, с.145].

По дар забони авастоӣ бо шакли «pādha», форсии бостон «pād» ва паҳлавӣ «pay, pāy» корбаст мегардид [4, с.147]. Ин вожаҳо ҳамчун истилоҳ дар тиб серистеъмол буда, дар сарчашмаҳо чунин маънидод гардидааст: Бинӣ узви ҳисси шоммаи инсон ва ҳайвон, машом. Nasus [5, с. 216] : *Бояд коми навзодро ба асал оғушта намоянд ва **бинӣ** бо оби гарму равған пок кунанд ва пайваста дар андешаи гирифтани оби бинии навзод бошанд* [1, с.203]. *Балки оғози он бо дамои боло мебошад ба ҳамроҳи он сурхии ру ва чашм ва гӯш ва **бинӣ** ва ранҷурӣ ва бетобӣ ва барафрухтагии бисёр, нафасҳои бузург ва пай дар пай намоён мешавад [1, с. 383]*.

По [й] ىاپ узви бадани инсон ва ҳайвон, ки ба воситаи он роҳ мегарданд ва бадан дар он қарор гирифтааст. Бинӣ дар забони авастоӣ «vāēna», форсии бостон «nāham» ва паҳлавӣ «wēnīg» мебошад [6, с.145]....*нигоҳдошти дастҳо ва **пойҳо** ва дармони ҳар кадом, ки табоҳӣ дар он оғоз шуда; яхзадагии чашм аз сармо ва дармони он чи з-он*

табоҳ шуда бошад [1, с. 16]: Барафрӯхтагии сурат ва омоси пилкҳо ва дасту ***по*** *ҳушдордиҳандаи бемории истисқо аст[1, с.181].*

Дар объекти таҳқиқи мо калимаҳои аслии **мағз, дил, ҷигар ва хояҳо** ҳамчун истилоҳоти тиббӣ истифода гардидаанд ва Закариёи Розӣ онҳоро “андомҳои фармондеҳ” зикр намудааст. Ин вожаҳо таърихи тулонӣ дошта, дар забонҳои авестоӣ, форсии бостон ё паҳлавӣ дар чунин шаклҳо корбаст мегардиданд: **Хоя** дар забони авастоӣ «āvaya», форсии бостон «хāуа» ва паҳлави «хayag, hā yik» шакл дошт [160, с.233]. **Ҷигар** дар забони авастоӣ дар шакли «yākare» ва дар забони паҳлавӣ дар шакли «jakar, jikar» [160, с.213] истифода шудааст: *Ҳамчунин андомҳоеанд, ки фармондеҳӣ доранд ва арзишманданд ва чаҳортоанд:* ***мағз, дил, ҷигар ва хояҳо*** *мебошанд [1, с. 24].*

Тухм -дар забони авастоӣ «taoxman», форсии бостон «taumā » ва паҳлави «tō hm, tohm, tō xm, tō hmā g» [6, с.191] зикр гардида, ҳамчун истилоҳи тиббӣ ба маънои “тухм 1 лелих имхут :мидақ иббит раД .ғрум иазйаб ,азйаб .2 ;дожан ,лса ;ӣнам ,афтун .خم تُ тухмест ба миқдори тухми карафс ва шаклу андоми зира дорад ва кабудранг мебошад ва дар ғояти талхӣ бувад [12, с. 328] истифода мегардад. Дар маводи гирдовардаи мо 48 адад истилоҳи тиббӣ истифода шуда, ки бархе истилоҳоти сохта, мураккаб ва ибораистилоҳанд: *Дигар тухмҳо чун* ***тухми*** *гунҷишк ва парандагон беҳтар аст, ки ба унвони дору ба кор равад.* ***Тухм*** *барои забари гулӯ хуб ва хуни падидомада аз он миёна, нерӯзо ва гоҳе ҷонишини гӯшт мешавад ва касоне, ки омезаи намур доранд, шоиста нест, ки пайваста онро бихӯранд [1, с. 120]. Беҳтарини он шароби обакӣ ,сиканҷабин ва* ***тухми*** *харбуза ва* ***тухми*** *бодиринги чанбар ва* ***тухми*** *бодиринг ва гиёҳи сабзи карфас ва розиёна ва меваи хиёри чанбар ва хиёру харбуза ва ҷуз он мебошад [1, с. 174].*

Пушти ин ду зоид ду ***тухмдон****, ки кӯчактар, вале ҳамвортар аз хояи мардон аст, дида мешавад. Аз ин ду* ***тухмдон*** *оби занона ба даруни заҳдон ва гардани он рехта мешавад [1, с.63].*

Сипурз - дар забони авестоӣ «sperezan» ва паҳлави «spā rz, spurz» [6, с.342]. Ин истилоҳи аслӣ дар тиб дар организм чунин вазифаро иҷро мекунад вавожаи сиёҳлабак хоси услуби гуфтугӯӣ мебошад: “**сипурз**, испурч, сиёҳлабак, узве, ки вазифаҳои масунӣ, полоиш ва хунофариро иҷро карда, дар раванди мубодилаи моддаҳо, хусусан оҳак ва сафедаҳо гиркат меварзад” [15, с. 237].

Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳи сипурз 50 маротиба истифода гардида, тавассути он истилоҳҳои тиббии ***сипурзшиносӣ, дардҳои сипурз, шинохти сипурз, сифти сипурз, сипурзи бузург, дармони сипурз*** корбаст гардидаанд: *Пешоби сиёҳранг назди занон ба дунболи хуни моҳона ва дар поёни он ва дар бемориҳои талхобӣ чун таби рубъ ва бузургшудагии* ***сипурз*** *ва молихулиё ва ҷуз он дида мешавад ва намоишгари бадӣ нест [1, с. 418]. Шинохти сипурз.* ***Сипурз*** *дарозшакл ва дар самти чапи тан ниҳода шудааст. Риштаҳое ба ниём рӯйи он часпида аст [1, с. 55]. Табиат барои пазириши он [балғам] ҳамчун рагҳо ва мӯйрагҳо, ки ҷойгоҳи хун ҳастанд ва кисаи зардоб, ки ҷои зардоб ва* ***сипурз*** *ҷойи талхоб мебошад, ованде насохта аст [1, с. 20].*

Вожаи аслии **шуш** ҳамчун истилоҳиттиббӣ ва анатонмӣ ба маънои “узви нафаскашӣ” истифода мегардад. Ин истилоҳ таърихи тулонӣ дошта, дар забони авестоӣ «sushi» ва паҳлави «shush, sush» истифода мегардид [1, с.378].

Истилоҳи **шуш** дар “Тиби Мансурӣ” 88 маротиб корбаст гардида, чунин истилоҳҳои тиббӣ мушоҳида гардиданд: **шуш, бофти шуш, омезаи шуш, таровишои шуш, бемориҳои шуш, шушшиносӣ, андоми шуш, шинохти шуш** ва ғ. : *Пиромуни онро бофти шуш фаро мегирад, пас танаи шуш шомили ной ва рагҳои зери он ва бофте, ки пиромуни онро фаро гирифта, мебошад [1, с. 50]. Ин сурхраг вориди* ***шуш*** *шуда ва дар он тақсим мешавад [1, с. 44]. З-он ҷо ки ин маҷро ба* ***шуш*** *меравад ва шушҳо бахше аз дастгоҳи гуворишӣ нестанд, балки бахше аз дастгоҳи танаффусӣ мебошанд ва ҳеч гуна роҳе ба поин надоранд. [1. с. 49].*

Яке аз истилоҳҳои аслӣ, ки имрӯз ҳамчун як бахши илми тиб истифода мегардад, **дандонпизишкӣ** мебошад. Истилоҳи аслии дандон дар забони авестоӣ дар шакли

«danta, dantan», форсии бостон «dantan» ва паҳлави «dā d, dandā n» истифода мегардид [6, с.284].

Дар асари мавриди назар бо вожаи дандон истилоҳҳои сохта ва ибораистилоҳҳо корбаст гардидаанд, ки имрӯз дар истифодаанд: *Дандонҳо се гунаанд: Бархе барои буридан шоистагӣ доранд, чун* ***дандонҳои*** *пешин ва канорӣ ва бархе, ки барои шикондан чун неш ва гуруҳе осиёб кардан - дандонҳои панҷгонаи осиёб [1, с. 55]. Аз шигифтиҳои рӯйиҳам қарор гирифтани* ***дандонҳо*** *ин аст, ки дандонҳои пешин ва канорӣ дар ҳангоми ниёз метавонанд дар тамос ва нук ба нук шудан ба ҳамдигар бошанд ва ин кор дар ҳангоми гоз гирифтан бад-ин гуна аст, ки бархе аз онҳо бар* ***дандон*** *рӯ ба рӯи ҳам шуда ва дандонҳои пойинро пӯшонда ва тамос миёни онҳо барқарор мешаванд [57].*

Ноф 1 ياуч .ڤқурчаи миёни шиками одам, ки мунтаҳои рӯда аст ва вақти зоида шудани бача онро мебуранд [10, с. 940]. Ноф аз забонҳои қадим маншаъ мегирад ва дар забони авестоӣ «nāfa, nabā», форсии бостон «napat» ва паҳлави «nā fag, nā f» аст [6, с.492] истеъмол мешуд. Дар тиб ҳамчун узви инсон ба кор меравад: *Бахши зерини* ***ноф*** *ва камар ва тиҳигоҳ низ бо хамири омоси гарм равғанмолӣ намояд, ва то онҷо ки битавонанд, онро сард нигоҳ доранд, то таб ва сахтии он коста шавад... [1, с. 355].*

Сифатҳои **сард, гарм** вожаҳои аслӣ буда, дар тиб ҳамчун мизоҷи растаниҳо, давоҳо ва ҳайвонот корбаст мегарданд. **Сард** дар забонҳои авестоӣ «sarətō» ва паҳлави «sart, sard»[6, с.355]. истифода мегардид. Дар “Тиббм Мансурӣ ” ҳамчун мизоҷи **даво, растаниҳо** ва ғ корбаст шудаанд: *Аз доруҳое, ки танро лоғар мекунад, хурдани атрифули кӯчак ва* ***доруҳои*** *гармизо ва пешобовар, монанди фалофулӣ ва камунӣ дар барномаи хӯрокии худ бигзорад [1, с. 239]. Талқони ҷадвор [салт]* ***Сард*** *ва барои сурфа хуб ва нармкунандаи сина ва сиришт аст [1, с. 106]. Вале* ***доруҳои*** *сардизо аз чирковарӣ ва расидани думал ҷилавгирӣ мекунанд ва гузораи ин дору, ки доруи марҳами сурх номида мешавад [1, с. 278].*

Дар асари мавриди назар як гурӯҳ истилоҳоте мушоҳида гардиданд, ки имрӯз дар истеъмол нестанл, ва ё бо номи дигар истифода мегарданд: бемории **качалӣ, лак, гол, голпилк, каку мак-доғи кунҷитак** ва ғ. Вожаи качал “кал, тоссар, кадусар” аслӣ буда, дар ин қолаб корбаст намегардад: *Бемории* ***качалии*** *[калиш] сар; сафед кардани рӯй; дурахшон ва нарм ва ҳамвор кардани пӯст; он чи ранги пӯстро сурх мекунад; он чи ранги пӯстро зард мекунад [1, с. 14].*

Бемории лак омосест, ки бо номи пучак имрӯз ёд мешавад ва дар ҷойҳои гуногуни бадан мебарояд ва дарунаш халтачае дорад, ки дар он чирк ҷамъ мешавад. Лак муродифи калимаи арабии дубайла “варамест, ки мудавварри калонтар аз пучак буда, рангаш чун ранги бадан аст”[12, с. 159] мебошад. ***Каку мак*** *– доғи кунҷитак [веснушки]: он чи пӯстро сиёҳ мекунад; моҳгирифтагӣ; лак ва каку мак; он чи ҷӯш ва захмро мезудояд [1, с. 14].*

Нишоста номи таом мебошад ва дар “Тибби Мансурӣ” чунин тавсиф шудааст: *Чуночи з-он* ***ҳарира*** *ё фирнӣ бо шакар ва равғани бодом сохта шавад, арзиши хӯрокӣ дорад [1, с. 105]*

Истилоҳи **подзаҳр // позаҳр** дар “Ғиёс-ул-луғот” чунин шарҳ ёфтааст: подзаҳр/позаҳр заҳрмуҳра; дар асл повзаҳ буда, яъне поккунандаи заҳр. Чун лафзи пов ба маънии шустан омадааст.бо мурури айём вов ҳазф шуд. ; ва соҳиби “Рашидӣ” чунон навишта, ки позаҳр мухаффафи подзаҳр аст, мураккаб аз под [бо доли махмала], ки ба маънии посбонист. Маънии мураккаби посдорандаи заҳр. Ва фодзаҳр муарраби он бошад [10, ҷ.1. с. 156]: **Подзаҳри** гули махтум: *Доруи коро ва шигифтангез аст, ки барои дармони касе ки заҳр нӯшида судманд аст [1, с. 303]. Ҳамчунин* ***подзаҳри*** *заҳри морҳо [тарёқ ал-афоъӣ] бисёр хуб аст ва аз бухурҳои судовар барои ҳавои гандида [бад] бухури қист, кундар, миъа, уд, сандал, мушк, кофур ва марр мебошад [1, с. 197]. Агар нишонаҳои чаҳорумин пайдо шавад, ки паёмади бадтарини самҳо ва кушандатарини онҳо аст, ба ӯ* ***подзаҳри*** *морҳо ва масрудитус бидиҳед ва шароби куҳна бинӯшонед[1, с.302].*

Бо вожаи **подзаҳр** дар объекти мо чунин ибораистилоҳҳои тиббӣ ба мушоҳида расиданд: *подзаҳри аскарӣ, подзаҳри корсоз, подзаҳри дарди дандон, подзаҳри морҳо, подзаҳри гули махтум, подзаҳри бузург, подзаҳри чаҳоргона.*

Обтанӣ “обпошӣ, шустани бадан, ба тан об пошидан” аз калимаҳои аслии об, тан, пасванди –ӣ таркиб ёфтааст ва имрӯз дар истеъмол нест: *Аз обтанӣ, хасташавӣ, бехобӣ, нӯшидани шароб, бурдборӣ ба гуруснагӣ, ташнагӣ, аз фишорҳои равонӣ, аз зери офтобу ҷойҳои гарм ва ҳар он чики танро доғ намояд, дурӣ ҷӯяд* [1, с. 436].

Вожаи **гуж** ба маънои кузпушт истифода меггардид: *...мегӯем, устухонҳои поини гардан, ки мо онҳоро ёдоварӣ накардем, дарбаргирандаи ду чанбар ва устухоншона ва дандонҳо ва устухонҳои сина ва даст ва устухонҳои сина ва по мебошанд.устухони чанбар дорои як бахши берунии **гуж** ва дарунӣ ков аст [1, с. 32]*.

Дар мисолҳои зерин номи бемориҳо **гол**-хоришак, **лаку, пес [баҳак] ,ҷӯш** мушоҳида гардид, ки дар истеъмол нестанд: *Аз ин рӯ, дар чунин тане ҳамеша афзоиши талхоб хоҳем дошт, ки дучори гол ва лаку ва пес [баҳақ] ва чурукҳои нохушоянду бузурги сипурзу дигар бемориҳои талхоб мегарданд [1, с.77]. Чунончи ошомидани он ҳамвора ва пайваста шавад, ангезаи сифт шудани шикам ва хушк шудани пӯст, эҷоди тарак ва бемории гол дар пӯст мешавад [1, с. 80]. Ва низ барои бемории гол [хориш] ва ҷӯшҳои тан хуб аст [1, с. 80]*.

Бемории **ҷӯш** дар фарҳангҳои тахассусӣ чунин шарҳ ёфтааст: “Ҷӯш босуроте бар рӯйи пӯст, ки маъмулан бо сурхӣ ё хориш ҳамроҳ бошад” [12, с.581]. ***Ҷӯш** гармича мебошад: Бемории гол ва **ҷӯш** дар касоне, ки пайваста хӯрокиҳои ҷӯш, хӯрокҳои табоҳкунандаи хун ҳамчун намак ва обкома ҷошанҳои гарм ва сир ва асал ва шароби ноби кӯҳна мехӯранд, дар гурӯҳе, ки хеле хаста мешаванд ва шабзиндадорӣ мекунанд ва обтаниро коҳиш медиҳанд, бисёр падид меояд [1, с. 81]*.

Калимаи обкома “нонхуриш, ки аз ҷурғот, шир, тухми сипанд, хамири хушк ва сирко месозанд. Garum” [6, 337] вожаи аслӣ буда, имрӯз дар истифода нест: *Бақлаи ямония ва **сармақ** ин ду ба ангезаи лиз буданашон шикамбаро суст мекунанд беҳтар аст, ки бо сирка ва обкома хӯрда шаванд [1, с.97]*.

Хиёр راىخ тибби қадим тара, қиссо, хиёрчанбар, навъе аз тараи шабеҳи бодиринг, ки табибони қадим доруи сода тавсиф кардаанд. Дар китобҳои тиббии гузаштагон номҳои ин тара ва бодиринг ба ҳам омехта шуда, баъзан як ном ба маънои акси худ омадааст. Вале мурод аз исми «хиёр» дар муқобили «бодранг» ва ё «хиёри бодранг» бодиринги дароз аст, ки дар асрҳои ахир ба он иштибоҳан номи «хиёрчанбар»-ро низ додаанд; хиёри бодранг номи дигари бодиринг; хиёри санбар шакли дигари хиёри чанбар; хиёри талх номи дигари ҳанзал; хиёри чанбар рустание, ки самари он бодирингшакли гирда аст; хиёри шанбар шакли дигари хиёри чанбар ё хиёрчанбар [6, с. 399].

Дар “Тибби Мансурӣ” вожаи хиёр ҳамчун растанӣ омадааст: *Дар хурдани **хиёрчанбар** ва хиёр ва каду ва фарфин [хурфа] ва ҷуз он аз хӯрокиҳои сардизо зиёдаравӣ кунанд, ва аз тобиши хуршед ва рӯзадорӣ ва аз истодагӣ бар гуруснагӣ ва ташнагӣ бипарҳезанд..[1, с.196]. Ва аз хӯроки асфедбо 381 [шурбо] ӯро бипарҳезонед, ва ӯро водор кунед, ки мағзи хиёр ва хиёри чанбар бихурад ва оби ҳарбузаи ҳиндӣ дар фосилаи навбатҳои таб бинӯшад. Туршии хиёр ва хиёрчанбар, сард ва нармкунандаи нерӯманд аст [1, с. 129]*.

Хиёрак 1 كراىخ. қисме аз варам ва думмал, ки дар буни рон пайдо ояд, бубон, Bubo[n]; 2. думмал ё решҳое, ки рафторафти лимфараги пушти олати таносул дар мавриди оризаи лимфангити оташак [сифилис] ҳодис мешаванд. Bubonuli.[12, с. 399]:*Бисёрии тарк ва тӯдаҳои нарми пӯстӣ ҳӯшдордиҳандаи бемории хиёраки бузург [дабила] мебошад [1, с. 181]*.

Дар “Тибби Мансурӣ” истилоҳоти аслии зиёде ба кор бурда шудаанд, ки дар истеъмол нестанд: ***гарӣ-шукуфа, важан, голпилк, настангоҳ-маъқад, гиҷгоҳ-чакаи сар, гирду-чормағз, гӯштолу-пургӯшт, моҳича –мушак, тарак-кафидагӣ, чугундар-лаблабу***

ва ғ.: ***Голпилк*** *–хоришаки чашм. Агар сахт ҳаракат бошад, дар бештар мавриd як бемори голпилк ва ё омодагии дучор шудан ба онро дорад [1, с. 80]. Дар ин беморӣ набояд бемор бӯи хуш бибуяд, ва агар бӯи хуше бошад, чун ғолҷ, онро бояд дар важани ӯ гузоранд ва ё ба нофи бемор бимоланд, ӯро водор ба буйидани бӯйҳои бад ва гандибастар ва гугирд намоянд [1, с.356]. Чунончи ошомидани он ҳамвора ва пайваста шавад, ангезаи сифт шудани шикам ва хушк шудани пӯст, эҷоди тарак ва бемории* ***гол*** *дар пӯст мешавад [1, с. 107].*

Мо дар таҳқиқоти хеш гурӯҳи истилоҳоти аслиеро ки дар “Тибби Мансурӣ”- и Закариёи Розӣ истифода шудааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Омӯзишу баррасии дақиқи истилоҳоти илмии мероси хаттии ниёгонамон, ки фарогири зиёди вожагону истилоҳоти тиббӣ мебошанд, барои ташаккул ва такомули минбаъдаи истилоҳоти ин соҳа аз манфиат холӣ нестанд. Мо метавонем, барои густариш ва танзими истилоҳоти илмӣ, дар интихоби истилоҳоти тиббии миллӣ аз ин ганҷинаи бебаҳо баҳра барем.

АДАБИЁТ

1. Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. Тибби Мансурӣ. [Матн]/ Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. -Душанбе: Дониш. 2016. –449 с.
2. Айнӣ, С. Шайхурраис Абуалӣ Сино. / С. Айнӣ. - Сталинобод, 1941.- 200 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик . Қисми 1. [Матн] / Лексикология. Фонетика. - Душанбе: Ирфон, 1973.-450 с.
4. Кошонӣ М.О. Фарҳанги решаҳои ҳиндуаврупоии забони форсӣ [Матн] /М.О. Кошонӣ. ‟ Исфаҳон: Донишгоҳи Исфаҳон, 1384. 552 с.
5. Қурбон У. А. Вожаномаи тиббӣ [Матн] / У. А. Қурбонов. –Душанбе: Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014, ҷ.1. -808 с.
6. Қурбон У.А. Вожаномаи тиббӣ. [Матн] / У. А. Қурбонов. -Душанбе: Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014, ҷ. 2 – 816 с.
7. Лотте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии: вопросы теории и методики. [Текст] / Д. С. Лотте; АН СССР, ком. Техн. Терминологии. -М: Изательство АН СССР, 1961. -160 с.
8. Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим» -и Абурайҳони Берунӣ. [Матн] / М.Ҳ. Султон. -Душанбе: Дониш, 2003. -169 с.
9. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. ҷ.1./ Муҳаммад Гиёсуддин-Душанбе: Адиб,1987.- 480 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. Ҷ.1 -996 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. Ҷ.2 -1095 с.
12. Фарҳанги тибби ниёгон. Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, Душанбе, 2016. -776 саҳ.
13. Ҳусанбоев Н. А. Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов [ҷанбаи лингвистӣ]. / А. Н. Ҳусанбоев. ДКН. Хуҷанд, 2023. –176 с.
14. Шокиров Т. Гиёҳвожаҳои забони тоҷикӣ ва вижагиҳои луғавию сохтории онҳо. [Матн]/ Т. Шокиров. Забон рукни тоат // [Маҷаллаи илмӣ]. Китоби №11.-2018.- 174 с.
15. Энсиклопедияи мухтасари тиб. ҷилдҳои 1-5. Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2011. - 504 с.

КОРБУРДИ ВОЖАҲО ВА ИСТИЛОҲҲОИ СОДАИ ТИББӢ ДАР “ТИББИ МАНСУРӢ”-И ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

Мақолаи мазкур дар бораи ҷойгоҳи истилоҳоти содаи тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола маводи фаровонеро гирд оварда, аз лиҳози семантика ва мавзуъ тасниф намудааст.

Муаллифи мақола дар мавриди мақом ва ҷойгоҳи истилоҳоти содаи тиббӣ дар асар

ибрози назар намуда, қайд кардааст, ки вожаҳои аслӣ ва ё решагии забон сарчашма ва бунёди асосии истилоҳоти илмӣ ба ҳисоб рафта, мавқеи асосиро дар сохтпни истилоҳоти тиббӣ ишғол мекунанд. Инчунин дар мақола истилоҳоти сода аз лиҳози мавзуъ ва таркиби луғавӣ дар такя ба фарҳангҳои тахассусӣ, фарҳангҳои тафсирӣ табақабандӣ ва тавсиф гардидааст.

Имрӯз месазад, ки барои ба низом даровардани истилоҳоти илмии миллӣ, бартараф намудани камбудиҳо доир ба истилоҳшиносӣ истилоҳоти соҳаҳои гуногуни мероси хаттии ниёгонамон мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Таҳқиқи осори хаттии ниёгонамон барои дақиқ муайян кардани даврaҳои ташаккулёбии забони адабӣ мусоидат менамоянд.

Дар мақола истилоҳоти зиёди тиббӣ шарҳ ёфтаанд, ки бархе аз онҳо дар фарҳангҳои тахассусӣ шарҳ ёфтаанд, аммо имрӯз дар соҳаи тиб истеъмол намешаванд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, илмӣ, тиббӣ, ниёгон, сода, сард, гарм, ангушт, даст, пой ва ғ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҷидова Баҳринисо Маҳмадҷоновна – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.Сино, 29-31. Тел.: (+992) 971 90 00 66

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОСТЫХ МЕДИЦИНСКИХ СЛОВ И ТЕРМИНОВ В ”МАНСУРОВО МЕДИЦИНА " ЗАКАРИЁ РОЗИ

В этой статье речь идет о значении простых медицинских терминов в “Мансурово медицина” Закариё Рази. Он собрал множество материалов и классифицировал терминов с точки зрения семантики. Автор статьи высказал мнение о статусе и месте простых медицинских терминов в работе, отметив, что оригинальные или корневые слова языка являются источником и основой научных терминов, занимая центральное место в структуре медицинских терминов. Кроме того, в статье описываются простые термины с точки зрения тематики и лексического состава опираясь на отраслевые и другие словари.

На сегодняшний день принято считать, что для систематизации национальной научной терминологии, устранения пробелов в терминологии, терминологии различных областей необходимо рассматривать терминологию письменного наследия наших предков.

В статье было найдено множество медицинских терминов, некоторые из которых были приведены в специализированных словарях, но сегодня не употребляются в сфере медицины.

Ключевые слова: термины, наука, медицина, предки, простуда, холод, тепло, палец, рука, ступня и т. д.

Сведения об авторе: Маджидова Бахринисо Махмаджоновна – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино, старший преподаватель кафедры таджикского языка. Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Сино, 29-31. Тел.: (+992) 971 90 00 66

THE USE OF SIMPLE MEDICAL WORDS AND TERMS IN ZAHARIYA ROSE'S MANSUR MEDICINE

This article discusses the meaning of simple medical terms in Mansurovo Medicine by Zakariyo Razi. He has collected a wealth of materials and classified the terms based on their semantics. The author provides an opinion on the status and place of simple medical terms in the work, emphasizing that the original or root words of the language serve as the source and foundation for scientific terms, occupying a central position in the structure of medical terms. Additionally, the article explores simple terms from a thematic and lexical perspective, drawing on industry-specific and other dictionaries.

Today, it is generally accepted that in order to systematize national scientific terminology, eliminate gaps in terminology, and terminology of various fields, it is necessary to consider the terminology of our ancestors' written heritage.

The article contains numerous medical terms, some of which are listed in specialized dictionaries but are no longer used in the field of medicine.

Keywords: terms, science, medicine, ancestors, cold, heat, finger, hand, foot, etc.

Information about the author: Majidova Bahriniso Mahmadjonovna – Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino, senior lecturer of the Tajik language department. Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Sino Street, 29-31. Phone: (+992) 971 90 00 66

УДК: 811.111’373.2

К ВОПРОСУ ИЗУЧЕНИЯ ИНТЕРФИКСАЦИИ И ЕЕ ФУНКЦИЯ В СТРУКТУРЕ СЛОВА

Мирзохонова М.М.
Худжанский государственный университет имени Б.Гафурова

В ряде работ последнего времени, прежде всего в работах Е. А. Земской, развивается понятие «интерфикса» как асемантической (незначимой) «прокладки» между морфемами х. По поводу этой концепции, имеющей как своих сторонников, так и противников, написано уже немало. Хотелось бы обратить внимание на некоторые вопросы морфемной структуры слова, возникающие в связи с этой концепцией [2,83].

Исходный пункт ее — понимание морфемы как части слова, наделенной значением, семантической функцией. С таким подходом к морфеме нельзя не согласиться. А.Н. Тихонов справедливо подчеркивает, что при допущении существования «асемантических морфем», обладающих только «структурной функцией», «расщепляется понятие морфемы, границы морфемы становятся неопределенными и расплывчатыми. Практически, следуя этой формулировке, к морфемам можно относить любые части слова» [7.]

Однако из такого правильного подхода к морфеме, с нашей точки зрения, вовсе не обязательно должно вытекать выделение асемантических внеморфемных «прокладок».

Е. А. Земская развивает концепцию «интерфиксов» главным образом на материале «прокладок» между корнем и суффиксом в структуре производных слов (например, отрезков -ов-, -ин-, -ан- и др. перед суффиксом -ск- в прилагательных). Отрезки эти, действительно, сами по себе не имеют особого значения (ср., например, Ленинград — ленинградский, Ялта — ялтинский, Орел — орловский, Африка — африканский): они ничего не добавляют к тому словообразовательному значению, которое выражено в прилагательных, не имеющих перед суффиксом -ск- этих отрезков, А. А. Дементьев попытался доказать, что эти отрезки все же наделены значением: будучи «дополнительными выразителями категории отношения», они являются «самостоятельными суффиксами» [2.с.103]. Это едва ли верно. В лучшем случае о таких элементах можно говорить как об усилителях выражения относительного значения (см. ниже), но не как о самостоятельных выразителях этого значения.

Главный (и по существу единственный) аргумент, выдвигаемый Е А. Земской в пользу выделения незначимых «прокладок»—«интерфиксов» типа -ов-, -ин- и противопоставляемый концепции так называемых «производных суффиксов» (т. е. выделению суффиксов -овск-, -инск- и т. п.), таков: поскольку словообразовательное значение прилагательных с отрезками -ск-, -овск-, -инск- и т.п. одинаково, следовательно, «часть ск... сама по себе, без добавления каких-либо элементов выражает деривационное значение „относящейся к тому, что названо производящей основой"» [2.с. 118]. Это подкрепляется следующим пониманием морфемы: «Морфема — значимая часть слова, необходимая и достаточная выражения данного значения», вследствие чего «части слова, не служащие для выражения значения, морфемами не являются» [2.с. 3].

Итак, выдвинут критерий «необходимости и достаточности» морфемы выражения определенного значения, и критерий этот кладется в основу морфемной сегментации слов. Если некоторый отрезок (сегмент) не несет какого-либо особого значения, то есть он как лишний, исключается из состава морфов данной словоформы.

Принципиальная возможность сегментных различий между семантически тождественными морфами не противоречит пониманию морфемы как минимальной значимой части слова (в каждой конкретной словоформе любой из выделяемых морфов является действительно минимальным значимым сегментом), но ставит под сомнение целесообразность понимания морфемы как «части слова, необходимой и достаточной

для выражения данного значения».

Последовательное применение ко всему языковому материалу критерия «необходимости и достаточности» ставит исследователя не только перед теоретическими, но и перед чисто практическими трудностями, связанными с тем, что границы явления интерфиксации не очень ясны.

Обращает на себя внимание то обстоятельство, что сторонники теории интерфиксации строят ее на ограниченном материале. Так, в работах Е. А. Земской эта концепция основана исключительно на выделении интерфиксов в составе производных слов; интерфиксы выступают здесь как особые строевые элементы производного слова. Однако нет никаких препятствий для того, чтобы видеть интерфиксацию (так же, как и чередование и другие морфонологические явления) и в формах словоизменения. Такое применение этого понятия мы встречаем в работах М. В. Панова — также сторонника теории интерфиксации.

Тот же критерий «необходимости и достаточности» можно было бы применять и к структуре основ всех тех слов, в составе которых некоторые отрезки вычленяются не на семантических основаниях, а только по соотносительности с мотивированными ими словами. С точки зрения этого критерия следует считать интерфиксами отсекаемые (отсутствующие в составе мотивированных слов) отрезки основ мотивирующих слов, не являющиеся словообразовательными суффиксами. Такого рода «интерфиксы» выделяются уже не перед словообразовательным суффиксом, а перед флексией или даже в конце неизменяемых слов. Например, отрезки -к- в словах скрипка (ср. скрипач), утка (ср. утенок, утиный), -н- в банальный (ср. банальщина), -о в соло (ср. сольный, солист, солировать) следовало бы считать интерфиксами, а корнями (отрезками, достаточными для выражения данных корневых значений) — соответственно *скрип-, ут, баналь, соль*.

Аналогичное положение находим при отсечении части словообразовательного суффикса, содержащегося в мотивирующем слове: ср., например: мальчишка — мальчишеский, переводчик — переводческий, снабжение — снабженец. В таких случаях, оказывается, для выражения определенного значения достаточны морфы —-ен- и, следовательно, отрезки *-к-, -ик-, -ij-* суффиксальных *мор- шик -,-чик-,-ение* —- внеморфемные «прокладки», интерфиксы. Обратим внимание также на мнение Г.О. Винокура о наличии в образованиях типа просвещение —поражение — пораженец «конечной вариации» суффикса — *ение, ен.*

Применение критерия «необходимости и достаточности» к более широкому, чем это обычно делается, материалу обязывает к вычленению «семантических» отрезков, подобных интерфиксам, не только между морфами, но и в абсолютном начале и конце словоформ, т. е. там, где к этим уже невозможно применить термин «интерфикс», где их трудно связочными». Так, конечную гласную *а* в словоформе мылся, *и* в ползти, конечное *э* в *милей* и т. п. следует тогда отделять от конечной морфемы «обходится» без конечной такой как например сало гласной «о» является неизменяемой часть слово. вряд ли можно интерпретировать подобные морфемные видоизменения как чередования гласного с нулем.

В отглагольных именах нередко встречаются префиксно-подобные отрезки, отсутствующие в мотивирующих глаголах, причем этим отрезкам трудно приписать какое-либо значение. Ср., например: бегать — побег, искать — поиск и поиски, течь — поток, возить – повозка, водить — поводырь, плавать — поплавок, хотеть – охота(желание), пахнуть–запах, силиться — усилие, изжога – жечь. Если в языке и имеются соответствующие префиксальные однокоренные глаголы, то они не соотносительны с подобными отглагольными именами по значению префикса (ср., например, повозка и повозить; со значением ограниченного во времени действия). Начальные отрезки таких отглагольных образований могут рассматриваться, подобно «интерфексам» как асемантические элементы слова, поскольку для выражения тех же словообразовательных значений достаточен только соответствующий суффикс –

материально выраженный или нулевой.

Интерфиксацию не удается строго отграничить от чередования, прежде всего от чередования гласного с нулем в начале или на конце морфемы: например, морфы *-ск- и -еск-* (соседский и товарищеский), *-ств(о) и ествo)* богатство и роскошество), *раз-* и *разо-, от-* и *ото-* и т.п. (отбросить и отобрать) *–де* и *дез-*(демилитаризация и дезорганизация), суффиксы – *ок* и *ец* с беглым гласным и т.д. Естественно, что точки зрения критерия необходимости и достаточности любой гласный, появляющийся в одном морфе и отсутствующий в другом, оказывается лишним для выражения определенного значения. Сравним: еще чередования типа *п – пл, м-мл,* где *л* тоже «лишний сегмент» одного из морфов.

Е.А. Земская делает попытку провести границу между чередованиями и интерфиксацией по линии «регулярность — нерегулярность»: «интерфиксация — типизированное, но не всегда регулярное явление» (стр. 120). Но то же самое можно сказать и о чередованиях: они в ряде случаев, как показано и в книге Е. А. Земской, «расшатаны», регулярность их в определенной морфологической позиции не абсолютна. Так, в сфере образований с суффиксом *-ск-* чередования заднеязычных с шипящими обнаруживаются далеко не всегда [2. с. 132]; нерегулярный характер носят чередования «йотационного» ряда перед суффиксами *-ак, -анин* (ср. киевлянин — варшавянин и т. п., [2.с. 89]. Можно добавить, что и морфонологическое правило, обусловливающее беглость гласного в суффиксе *-ок* там, где перед ним нет стечения согласных [2. с. 130], на самом деле проявляется не столь строго: небеглое *о* есть не только в словах челнок, игрок и т.п., но и в ходок, седок, едок и др. Подобные примеры можно продолжать. Гласный е перед суффиксами - *ск-* и *-ств(о)* Е. А. Земская склонна отнести, ввиду наметившейся нерегулярности его появления, к интерфиксам; но чем это явление принципиально отличается от «расшатывающихся» чередований (ср. уже упомянутое чередование заднеязычных с шипящими)? Сама Е. А. Земская признает, что некоторые из «беглых гласных в суффиксах и приставках» «по условиям употребления близки интерфиксам» [2.с. 130].

Зи **бунафша** тоб дорам, ки зи **зулф**и ӯ занад дам,
Ту сиёҳи камбаҳо бин, ки чӣ дар димоғ дорад?! [15, 161]

арғавон//арғувон – дарахтест, ки **гул**ҳояш бағоят сурх мешаванд [13, с. 87]. Ин вожа аслан номи дарахт аст, вале шоирони ғазалсаро зимни истифода асосан сурхии **гул**ҳои онро ба инобат гирифта, мавриди истифода қарор медиҳанд. Масалан:

Шароб хӯрдаву хай карда меравӣ ба **чаман,**
Ки оби рӯйи ту оташ дар **арғавон** андохт [15, 13] .
****
Гуле, к-он поймоли **сарви** мо гашт,
Бувад хокаш зи хуни **арғавон** беҳ [15, 300] .

савсан–**гул**е аст маъруф ва он чаҳор қисм мебошад, яке сафед ва онро савсавни озод мегӯянд, даҳ забон дорад ва дигаре кабуд ва онро савсани азрақ мехонанд ва дигаре зард ва онро савсани хитоӣ меноманд ва чаҳорум алвон мешавад ва он зард, сафед ва кабуд мебошад ва онро савсани осмонӣ гӯянд [14, Вожаёб, 28.07.2025, с. 16[47]].

Аз забони **савсани озодаам** омад ба гӯш,
К-андар ин дайри куҳан кори сабукборон хуш аст [15, 43] .
****
Ба сони **савсан** агар **даҳзабон** шавад Ҳофиз,
Чу **ғунча** пеши туаш мӯҳр бар даҳан бошад [15, 99] .

Саман//суман - ёсамин, ёсмин **гул**ест сафед ва хушбӯй [13, с.184].

Сарви чамони ман чаро майли чаман намекунад,
Ҳамдами **«гул»** намешавад, ёди **суман** намекунад [15, 247] .

Тавре ки мушоҳида мешавад, баъзан шоир дар як байт якчанд номгӯйи **«гул»**-ро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки дар ин маврид ҳар яке аз он бо вожаҳои дигари ҳамон байт дар таносуби маъноӣ меоянд.

Масалан:

Расидани **гули насрин** ба хайру хубӣ бод,
Бунафша шоду каш омад, **суман** сафо овард [15, 191] .

2. Таносуби мафҳуми **«гул»** бо ҷузъи он чун «хор», «ғунча», «барг», **«гул**барг» ва монанди инҳо барои ифодаи муассирии каломи шоир мусоидат кардаанд. Масалан:

Ё Раб, ин Каъбаи мақсуд тамошагаҳи кист?
Ки **муғелон**и тариқаш **гулу насрини** манаст [15, 92] .
****
Хун шуд дилам ба ёди ту ҳар гаҳ, ки дар чаман,
Банди қабои **ғунчаи гул** бод мекушод [15, 217] .
****
Ниқоби **«гул»** кашид аз зулфи **сунбул,**
Гиреҳбанди қабои **ғунча** во кард [15, 176] .
****
Танури лола чунон барафрӯхт боди баҳор,
Ки **ғунча** ғарқи арақ гашту **«гул»**ба ҷӯш омад [15, 226] .
****
Бар барги **«гул»** ба хуни шақоиқ навиштаанд,

К-он кас, ки пухта шуд, майи чун **арғавон** гирифт [15, 127].

3.Таносуби вожаи **«гул»** бо вожаҳои «мурғ», «чаман», «булбул» ва «андалеб», яке аз махсусиятҳои хоси забони ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз ба шумор рафта, барои ифода ва тобишҳои гуногуни маъноӣ мусоидат кардааст. Дар ин мавриди вожаи **«гул»** барои ифодаи маъшуқ ва булбул ифодагари маънои ошиқ аст, ки ба лутфу меҳрубониҳои маъшуқ ҳамеша ниёз дорад.

Субҳдам **мурғи чаман** бо **гули** навхоста гуфт:
«Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт».

Гул бихандид, ки аз рост наранҷем, вале
Ҳеҷ ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт [15, 171] .
****
На ман бар он г**ул**и ораз ғазал сарояму бас,
Ки **андалеб**и ту аз ҳар тараф ҳазоронанд [15, 250] .
****
Булбуле хуни диле хӯрду **гуле** ҳосил кард,
Боди ғайрат ба садаш хор парешондил кард [15, 180].

4. Дар баробари намуди зоҳирӣ ва зебою ҷолиби таваҷҷуҳ будан мафҳуми **«гул»** дорои бӯйи фораму муаттар аст ва бо ин вижагияш ифодагари бӯйи хуш ва тозагию назокат низ ҳаст. Ин вижагиҳо дар осори шоири ғазалсаро ба таври зайл ифода ёфтаанд:

Таблаи атру **гулу** дурҷи абирафшонаш
Файзи як шамма зи бӯйи хуши аттори ман аст [15, 90] .
****
Шароби арғавониро **гулоб** андар қадаҳ резем,
Насими **атргар**донро шакар дар миҷмар андозем [16, 333] .
****
Чу **атрсой** шавад зулфи **сунбул** аз дами бод,
Ту қиматаш ба сари **зулфи анбарӣ** бишикан [16, 350].

5. Таносуби вожаи **«гул»** бо **обу гил** аз он сабаб сурат мегирад, ки воситаҳо ва ё заминаҳои асосии рустани **«гул»** об ва гил ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, ин ҷиҳати таносуби маъноии вожаи **«гул»** мавриди таваҷҷуҳи шоири ғазалсаро қарор гирифтааст. Масалан:

Набуд чангу рубобу набиду уд, ки буд
Гили вуҷуди ман оғуштаи **гулобу** набид [16, 225] .
*****
Навбаҳор аст, дар он кӯш, ки хушдил бошӣ,
Ки басе **гул бидамад** бозу ту дар **гил** бошӣ! [16, 394].

6.Вожаҳои ифодакунандаи мавзеъ ва макони рустану шукуфтани **«гул»** шояд яке аз серистеъмолтарин вожаҳо дар забони ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз ба шумор мераванд. Ин навъ вожаҳо дар такмили майдони семантикии мафҳуми **«гул»** низ нақши муҳим доранд. Масалан:

Шаби суҳбат ғанимат дону доди хушдилӣ бистон,
Ки маҳтобе дилафрӯз асту тарфи **лолазор**е хуш [16, 260].
****
Дар бӯстон ҳарифон монанди **лолаву гул**,
Ҳар як гирифта ҷоме ба ёди рӯи ёре [16, 389].
****
Ғанимат дону май хӯр дар **гулистон**,
Ки **гул** то ҳафтаи дигар набошад [15, 212].
****
Ҳар киро хоки сари кӯйи ту маскан бошад,

Пеши ӯ **гулшани** фирдавс чу **гул**хан бошад [15, 212].

****

Бар бӯи он, ки дар боғ бояд **гуле** чу рӯяд,
Ояд насиму ҳар дам гирди **чаман** барояд [15, 207].

****

Зулфи мушкини ту дар **гулшан**и фирдавси узор,
Чист? Товус, ки дар боғи наим афтодааст [15, 72].

****

Чу сарв агар бихиромӣ даме ба гулзоре,
Хурад зи ғайрати рӯи ту ҳар гуле хоре [16, 388].

Вожаҳои *боғ, гулистон, бӯстон, гулшан, гулзор, чаман, лолазор* ва монанди инҳо дар абёти алоҳидаи шоир хеле серистеъмоланд ва дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ низ мебошанд.

7.Яке аз вижагиҳои хоси мафҳуми **«гул»** дар он зоҳир мегардад, ки он бо мафҳумҳои ифодагари фаслу мавсим ва ҷашни Наврӯз низ ҳамеша дар таносуб омада метавонад. Масалан:

Баҳори умр хоҳ, эй дил, вагарна ин чаман ҳар сол
Чу **насрин сад гул** орад бору чун булбул ҳазор орад [15, 159].

****

Танӯри **лола** чунон барфурӯхт боди **баҳор**,
Ки **ғунча** ғарқи арақ гашту **гул** ба ҷӯш омад [16, 174].

****

Боғбоно, зи **хазон** бехабарат мебинам,
Оҳ, аз он рӯз, ки бодат **гули раъно** бибарад [15, 174].

****

Расми бадаҳдии айём чу дид абри баҳор,
Гиряаш бар суману сунбулу насрин омад [16, 175].

****

Ҳофиз, манишин бе майу маъшуқ замоне,
К-айёми **гулу ёсуман**у иди сиём аст [16, 84].

****

Сухан дар парда мегӯям, чу **гул** аз **ғунча** берун ой,
Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми **мири наврӯзӣ** [16, 392].

8.Мухтассоти хосе, ки дар забони ғазал Хоҷа Ҳофиз тавассути вожаи **«гул»** ва вожаҳои марбут ба он омадаанд, ифодаи образҳо ё тасвири ҳолату вазъияти қаҳрамони лирикӣ аст. Чун ғазал низ яке аз жанрҳои муҳимми лирикӣ аст, ифода ёфтани образҳо ва симои қаҳрамони лирикӣ дар он хеле муҳим арзёбӣ мегардад, ки ин унсурҳо бештар тавассути вожаҳои алоҳида ифода мегарданд ва аксаран барои тамоми осори бадеӣ муштарак мебошанд.

Вожаи **гул** чун вожаи фаъоли забони ғазал ва доираи густарда доштанаш дар майдони семантикӣ дар таносуб бо вожаҳои дигар барои ифодаи образҳои мушаххас мусоидат кардааст.

Воқеан, вақте ки мо ин назарияро дар амалия татбиқ карданӣ мешавем, дар мисоли мафҳуми **«гул»** ва вожаҳои марбут ба он дар меёбем, ки хусусиятҳои гуногун ва муносибати вожа дар образҳои ифодакардаи он инъикос меёбад, ки дар ин маврид таносуби сухан нақши калидӣ дорад.

Дар ғазалиёти шоир мафҳуми **«гул»** бештар барои ифодаи образи қаҳрамони лирикӣ меояд.

Масалан, дар байтҳои зер шоирон бо овардани вожаи **«гул»**дар таносуб бо вожаҳои дигар ба образи маъшуқа ишора кардаанд:

Гул дар бару май дар кафу **маъшуқ ба ком аст**,
Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст [15, 31] .

Дар забони ғазал таносуб шуда омадани вожаи **«гул»** бо **хор** ишора ба образи рақиб мебошад.

Масалан:

Бас **гул** шукуфта мешавад ин **боғ**ро, вале
Кас бе балои **хор** начидаст аз ӯ **гул**е [16, 401].

****

Аҷаб аз лутфи ту, эй **гул**, ки нишастӣ бо **хор**,
Зоҳиран маслиҳати вақт дар он мебинӣ [16, 418].

Ҳамин тариқ, лексикаи растаниҳо гурӯҳи калимаҳоеанд, ки номи растанӣ, узвҳои сохторӣ ва дар маҷмуъ ҳамаи қисмҳои гулу гиёҳҳоро фаро мегиранд, ки вожаи **«гул»** ба ҳайси мафҳуми умумӣ дар забони ғазал дорои мавқеи махсус ба ҳисоб меравад. Зимни таҳлили оморӣ маълум гардид, ки Ҳофизи Шерозӣ аз шумораи умумии 495 ғазал зиёда аз 300 маротиба вожаи **«гул»**-ро мавриди истифода қарор додааст, ки ин далели вожаи фаъол будани калимаи мазкур дар забони ғазал мебошад.

АДАБИЁТ

1. Исматов С. Тоҷ андар «Шоҳнома». –Душанбе: 2009.–166с.
2. Касимов О.Х. Лексика и словообразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. -Душанбе: ОАО «Чопхонаи Дониш», 2016-346 с.
3. Қосимова М.Н. Чор унсур. Маъниофаринӣ. Калимасозӣ (дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ»). –Душанбе: Деваштич, 2007–266 с.
4. Қосимова М.Н. Вожаи БАД:, маъно, калимасозӣ, вазифаҳои грамматикӣ. –Душанбе: Сино, 2011.–92 с.
5. Лебедева, С.В. Близость значения слов в индивидуальном сознании: дис.… док. фил. наук: 10.02.19/ С.В. Лебедева.– Тверь:2002.- 311 с.
6. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV). –Душанбе: Пойтахт, 2017.–266 с.
7. Стернин, И.А. Слово и образ/И.А. Стернин, М.Я. Розенфельд. –Воронеж: Истоки, 2008.–331 с.
8. خسرو فرشیدورد .تأریخ مختصر زبان فارسی از آغاز تا کنون .تهران :زوار، 190 . – 1378 – ص.
9. خسرو فرشیدورد .در بارهٔ ادبیات و نقد ادبی(جلد اوّل .)تهران :سپهر، 371 .– 1378 –
10. هوشمند اسفندیار پور .عروسان سخن.تهران :انتشارات فردوسی، 335–1388–ص

Фарҳангу луғатҳо

11. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. -Душанбе: Адиб,1987, ҷ.1.–480с.
12. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. -Душанбе: Адиб, ҷ.2,1988.–416с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1.2.-М:Советская энциклопедия 1969. -945с.

Шабакаҳои интернетӣ

14. https://www.vajehyab.com

Сарчашмаҳо

14. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон.1983.-543 с.
15. Ҳофизи Шерозӣ. Девон**.** - Душанбе: «Адиб», 2015, 480 саҳ.

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ ВА МАЪНОИИ МАФҲУМИ «ГУЛ» БО ВОЖАҲОИ ДИГАР ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Дар ин мақола, муаллиф вижагиҳои луғавӣ ва маъноии мафҳуми "гул"-ро бо калимаҳои дигар дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз таҳлил намуда, ибрози андеша намудааст. Аз он ҷумла қайд мекунанд, ки вожаи «гул» дар забони осори манзум ҳамчун вожаи фаъол ба таври васеъ ва бо маъноҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шуда, бо доштани маънои аслию маҷозӣ барои ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии вожаҳо, дар сохтани вожаҳои гуногун ва дар ибораорӣ мавқеи муҳимми лексикию семантикӣ ва грамматикӣ дорад.

Муаллиф дар ин пажуҳиш тамоми вижагиҳои мафҳуми «гул»-ро мавриди пажӯҳиш қарор надода, танҳо хусусиятҳои семантикии ин вожа аз қабили амалҳои вобаста ба «гул» (шукуфтан, чидан, рустан, даҳон боз кардан, бӯйи хуш доштан), исмҳои макони «гул» (гулзор, гулистон, боғ, чаман», бӯстон), нишонаҳои асосии «гул» (барг, хор, ранг, нозук), вожаҳои мансуб ба «гул» (бунафша, лола, сунбул, ёсамин, садбарг) зикр шудаанд.

Калидвожаҳо: пажуҳиш, забон, ғазал, таносуб бо дигар калимаҳо, маъно, маънои луғавӣ, мафҳум, тобиш, семантика, шукуфтан, рустан, гул, гулзор, боғ, чаман, барг, хор, ранг, нозукӣ, бунафша, наргис, нилуфар, ёсуман, насрин, лола, сунбул.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-39-76-76; (+992) 902-01-76-76; e-mail: nazarov.mekhrubon@list.ru

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОЧЕТАНИЯ КОНЦЕПТА «ЦВЕТОК» С ДРУГИМИ СЛОВАМИ В ГАЗАЛИЯХ ХАФИЗА ШИРАЗИЙСКОГО

В данной статье автор анализирует лексико-семантические особенности сочетания концепта «цветок» с другими словами в газелях Ходжи Хафиза и высказывает свои соображения. В частности, отмечается, что слово «цветок» широко используется в языке поэтических произведений как активное слово с различными значениями, и, обладая прямыми и переносными значениями для выражения различных семантических коннотаций слов, занимает важное лексико-семантическое и грамматическое положение в образовании различных слов и во фразеологии.

В данном исследовании автор не рассматривал всю специфику понятия «цветок», а лишь упомянул семантические признаки этого слова, такие как действия, связанные с «цветком» (цветущий, собирающий, сажающий, раскрывающийся, приятно пахнущий), топонимы, обозначающие «цветок» (цветник, клумба, сад, луг, фруктовый сад), основные признаки «цветка» (лист, шип, цвет, нежный), а также слова, связанные со словом «цветок» (фиалка, тюльпан, гиацинт, жасмин, роза).

Ключевые слова: исследование, язык, газель, соотношение с другими словами, значение, лексическое значение, концепт, тон, семантика, цветение, сад, цветок, клумба, огород, луг, лист, шип, цвет, изящество, фиалка, нарцисс, лилия, жасмин, нарцисс, тюльпан, росянка.

Информация об авторе: Назаров Мехрубон Ниёзмадович, заведующий кафедрой таджикского языка Таджикского государственного университета имени Носири Хусрава. Информация об авторе: Назаров Мехрубон Ниёзмадович, заведующий кафедрой таджикского языка Таджикского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел.: (+992) 918-39-76-76; (+992) 902-01-76-76; email: nazarov.mekhrubon@list.ru

LINGUISTIC AND SEMANTIC FEATURES THE CONCEPT “FLOWER” WITH OTHER WORDS IN THE GHAZAL OF HAFIZ SHEROZI

In this article, the author analyzes lexico-semantic features of the concept “flower” with other words in the ghazals of Khoja Hafiz and expresses his thoughts. Among other things, they note that the word “flower” is widely used as an active word in the language of poetic works and has a variety of meanings. It has direct and figurative meaning to express various semantic shades of words, plays an important lexical, semantic and grammatical role in the formation of various words and in phraseology.

In this study, the author did not consider the entire specificity of the concept of “flower”, but only mentioned the semantic features of this word, such as actions associated with “flower” (blooming, plucking, planting, opening, pleasantly smelling), toponyms with the meaning of “flower” (flower bed, flowerbed, garden, meadow, vegetable garden), the main features of “flower” (leaf, thorn, color, delicate), as well as words associated with the word “flower” (violet, tulip, hyacinth, jasmine, rose).

Keywords: research, language, gazelle, correlation with other words, meaning, lexical meaning, concept, shade, semantics, color, plant, flower, bed, garden, meadow, leaf, thorn, color, grace, violet, narcissus, lily, jasmine, narcissus, tulip, sunflower.

Information about the author: Nazarov Mehrubon Niyozmadovich, the head of the Tajik Language Department, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Tel: (+992) 918-39-76-76; (+992) 902-01-76-76 E-mail: nazarov.mekhrubon@list.ru

УДК: 809.159.1

СТРУКТУРНО-ГРАММАТИЧЕСКАЯ ОСНОВА ЭКВИВАЛЕНТНЫХ ЗООНИМИЧЕСКИХ И ФИТОНИМИЧЕСКИХ ПАРЕМИЙ В АНГЛИЙСКОМ, ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Окимшоева М.Д.

Хорогский государственный университет имени М.Назаршоева

Фразеологические единицы как одна из лексических составляющих каждого языка наряду с богатой семантикой также имеют разные грамматические составляющие, которые служат ядром для появления того или иного семантического значения. Ядерные элементы – основы образуют связь между грамматическим и лексическим строем. Исследование семантической основы фразеологических единиц с зоо и фито компонентами в английском, таджикском и русском языках показал, что в данных языках существуют разные структурно-грамматические модели их образования. Основные модели для образования аналогичных зоонимических и фитонимических фразеологических единиц трех исследуемых языков послужили глагольные, субстантивные, адъективные, копулятивные, артиклообразующие модели .

Опорной составляющей глагольной модели экивалентности фразеологических единиц в английском, таджикском и русском языках являются глагольные компоненты. Основной для этих типов паремий служит глагол и виды глаголов. В английском, таджикском и русском языках выделяются следующие формы глагола:

1) инфинитивная форма:

play cat and mouse with smb. (анг.) *– бо касе мушу гурба бозӣ кардан* (тадж.) – *играть в кошки мышки с кем либо* (рус.) – лицемерить,

back the wrong horse (анг.) *– ба аспи ҷаҳл савор шудан* (тадж.) [15,144]. – *поставить не на ту лощадь* (рус.) – идти по неправильному пути.

throw smb. to the wolves (анг.) – *касеро пеши гургон патофтан* (тадж.) – *бросить кого-л. на съедение волкам* (рус.). –подвергать кого-либо опасности.

lay the ax(e) to the root of smth //pull up by the roots (анг.) – *аз реша кандан// решакан кардан* (тадж.) – *рубить под корень* (рус.). –уничтожить.

strike (или take) root [5,642] – ***реша давондан*** **(тадж.) –** *пустить корни* (рус.) – обосноваться окончательно.

2) глаголы прошедшего времени:

dog eat dog [досл. собака ест собаку] // *dog's breakfast* [5,133] *– саг ба соҳиби худ нигоҳ намекард* [16,12] – собака даже хозяина не слушала (рус.).– неразбериха.

3) глагол будущего времени:

Wait for the cat to jump (анг.) [20] – *Мор то рост нагардад, наравад бар сӯрох* (тадж.) [22] – *Подожди, пока кошка не прыгнет* (рус.) [20] –долгое ожидание чего-либо.

4) глаголы условного наклонения:

To count one's chickens before they are hatched (анг.) [20] *–Мурғе, ки дар ҳавост, набояд дар сих кашид.* (тадж.) [22] *–Цыплят по осени считают* (рус.) [20]. – всему своё время.

Can the leopard doesn't change his spots? (анг.) [20] – *Оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад* (тадж.) [22] *–Волк каждый год линяет, да все сер бывает // Зарекалась лиса кур не воровать* (рус.) [21]. –сколько волка не корми всё равно в лес смотрит.

В субстативной модели эквивалентность зоо и фитонимических паремий английского, таджикского и русского языков стержневыми компонентами выступают имена существительные, тоесть сами зоонимы и фитонимы:

dog's life (анг.) *– зиндагии **саг**она кардан* (диалект.*саг ворӣ зиндагӣ кардан*) (тадж.) – ***соба**чая жизнь* (рус.). – трудная жизнь.

the root of all evil (анг.) [5,642] **– *решаи ҳамаи бадбахтӣ (тадж.) – корень зла (рус.). – источник всех бед.***

*Every **dog** is a lion at home // Every **dog** is valiant at his own door* (анг.) *// **Dog** is brave in his own yard* (анг.) [20] *– Ҳар **саг** дар назди хонаи худ шер аст // **Рӯбоҳ** дар дари хонаи хеш чандон қувват дорад, ки шер ба дари хонаи касон надорад* (тадж.) *// Хона **шер**, майдон ғариб* (тадж.) [22]. *– Дома каждый **пес** чувствует себя львом // На своей улочке храбра и **курочк**а* (рус.).– дома и родные стены помогают.

*The **dogs** bark, but the caravan goes on* [21]. *– **Са**г ав–ав кунад, корвон ба роҳи худ гузарад* [22] – **Собака** лает караван идет [21]. – не стоит обратить внимание на бессмысленное проявление чего-либо, все пойдет своим чередом.

*All **cats** are grey in the dark (in the night)* (анг.) [20] – ***Гурба** шаб самур намояд* (тадж.) [22] *– Ночью все **кошки** серы* (рус.) [21]. – каждый действует по своему, согласно своему нраву.

*Jest with an **ass** and he will flap you in the face with his tail* (анг.) [20] – *Думи **хар**и ноозмударо баланд накун, ки шояд ҷуфтак бизанад* (тадж.) [22] – *Пошути с **ослом**, так он тебя хвостом в лицо хлестнет* (рус.) [21]. – не провоцировать на что-либо.

*The **wolf** changes his coat, not his nature // the **wolf** may lose his teeth, but never his nature// The **wolf** may change his coat, but not his disposition* (анг.) [20] – ***Гург**зода оқибат гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад* (тадж.) [22] – *Как **волка** ни корми, он все в лес смотрит* (рус.) [21]. – всё то природой дано, не изменить нравоучениями.

***Birds** of a feather flock together* (анг.) [20]. – ***Кабӯтар** бо кабӯтар, боз бо боз…* (тадж.) [22] .– *Птицы с одинаковым оперением держатся вместе* (Рыбак рыбака видит издалека) (рус.) [20]. – сородичи, каждый ищет себе ровню.

*A thief knows a thief as a **wolf** knows wolf* (анг.) [20]. – *Забони моронро морон медонанд* (тадж.) [22] – *Вор узнает вора так же, как волк узнает волка* (рус.) [21]. – свой человек.

***Fish** begins to stink at the head* (анг.) [20]. *–Моҳӣ аз сар ганда гардад, не аз дум* (тадж.) [22] – *Рыба гниёт с головы* (рус.) [20]. –источник чего-либо.

*The best **fish** swim near the bottom* (анг.) [20]. *–…Наҳанг он беҳ, ки дар дарё ситезад* (тадж.).– *Лучшая рыба по дну ходит* (рус.) [20]. – все лучшее всегда скрыто.

*He that will steal an egg will still an **ox*** (анг.) [20] – ***Мург**дузд **шут**ардузд мешавад* (тадж.) [22] .– *Тот, кто украдет яйцо, украдет и **бык**а // Кто может украсть теленка, украдет и корову* (рус.) [21] – недоверие.

***Pigs** grunt about everything and nothing* (анг.) [20]. *Бисёр гуфтан бори **хар** аст* (тадж.) [22]. – *Есть повод, нет повода – **свинья** все равно хрюкает* (рус.) [20]. – неисправимость кого-либо или чего-либо.

*While the **grass** grows the **horse** starves* (анг.) [20]. – *Намур **бузак**ам, баҳор мешавад, **алаф** мехӯрӣ* (тадж.) [22]. – *Пока **трава** растёт **лошадь** с голоду подыхает* (рус.) [21] – долгое действие.

*The **wolf** changes his coat, not his nature* (анг.) [20] – ***Мор** пӯст бигзорад, хӯй намегузорад* (тадж.) [22] – ***Волк** не пастух, свинья не огородник*. //*Из волка пастух не выйдет. //Не верь козлу в капусте, а волку в овчарне* [20] – нравы не меняются.

***Dogs** that put up many hares kill none* (анг.) [20] – ***Мурғи** ҳамагир ҳеҷгир аст!* (тадж.) [22]. – *За двумя зайцами погонишься, ни одного не поймаешь* (рус.) [20] – причина неудовлетворенности.

*Where the **carcass** is, there shall the **eaglese** gathered together* (анг.) [20]. – ***Мург** ба ҷое равад, ки чина бувад, на ба ҷое равад, ки чӣ набувад* (тадж.) [22]. *–Где труп, там и **стервятники*** (рус.) [20]. – каждого тянет к своему .

*The **camel** going to seek horns lost his ears* (анг.) [20] – ***Зоғе** равиши кабки дарӣ меомӯхт, он даст нададу роҳи ӯ рафт зи даст* (тадж.) [22] – *Верблюд, в поиске себе рога, потерял собственные уши*(рус.) [21]. – проявление легкомыслия, непостоянство.

*When the **cat** is away, the **mice** will play (анг.)* [20]. – *Дар ҳавзе, ки **моҳӣ** нест,*

қурбоққа *сипаҳсолор аст* (тадж.) [22]. – *Без* ***кота мышам*** *раздолье* (рус.) [21]. – использование шанса.

The scalded ***dog*** *fears cold water* (анг.) [20]. – ***Моҳи****и таштдида ҳар мавҷеро шаст донад* (тадж.) [22]. – *Ошпаренный* ***пес****, холодной воды боится* [21]. – осторожность.

Другим стерженевым компонентом для модели эквивалентности зоонимических и фитонимических паремий в английском, таджикском и русском языках выступают разные виды прилагательных или причастий:

the **iron** horse (анг.) **–** *аспи* ***қашқа*** (тадж.) [15,164] – ***ломовая*** *лошадь* (рус.) – устойчивость, выносливость.

One ***scaled*** *sheep will mar a whole flock* (анг.) [20]. – *Гови* ***рихин*** *ҳама говонро биёлояд* (тадж.) [22]. – *Одна* ***паршивая*** *овца все стадо портит* (рус.) [20]. – От одного порченого яблока целый воз загнивает .

He who has been ***bitten*** *by a snake is scared of a rope on the ground* (анг.) [20] – ***Моргазид****а аз ресмони ало метарсад* (тадж.) [22] – ***Пуганая*** *ворона* (рус.).– Обжёгшись на молоке на воду дует, осторожность (рус.) [20].

Its a ***good*** *horse sometimes stumbles* (анг.) [20]. – *Асб гарчи* ***чор пой*** *дошта бошад ҳам, гоҳо пешпо мехӯрад* (тадж.) [22]. –***Хороша*** *та лошадь, которая никогда не спотыкается* (рус.) [21]. – идеальных не бывает.

Barking *dogs seldom bite* [20] – *Саги* ***лоянд****а гиранда набошад* [22]. –***Лающие*** *собаки редко кусают* [21]. – много шума из ничего.

Old *birds are not caught with chaff* (анг.) [20] – *Мурғе, ки* ***рамида*** *гардад аз дом, минбаъд ба дона кай шавад ром?* (тадж.) [22] – ***Старых*** *птиц на мякину не поймаешь* (рус.) [20] // ***Стреляного*** *(старого) воробья на мякине не проведешь* // ***Старый*** *волк знает толк* (рус.). – опытность, беспечность.

Модель копулятивного строя аналогичных зоонимических и фитонимических паремий исследуемых языков строятся с помощью энклитических - соединительных союзов *as, like,in the flower* в английском языке, *-у //-ву// -ю, барин,монанди, ҳам, чӣ…чӣ (классический язык)* в таджикском и *как, за….за* в русском языках:

fight like cat and dog (анг.) [5,135] – *сагу гурба* ***барин*** (тадж.) – ***как*** *кошка с собакой* (рус.). –воевать.

bark ***like*** *a dog* (анг.) [5,81]. – *саг* ***ворӣ*** *ҷақидан* (тадж.) – *лаять* ***как*** *собака* (рус.). – грубить.

dog tired // tired ***as*** *a dog* (анг.) – *саг* ***барин*** *кӯфта шудан //* ***монанди*** *саг монда шудан* (тадж.) [16,12] – *устать* ***как*** *собака // как прибитая собака* (рус.). –излишняя усталость, неизможденность.

a **dog's death,** *die* ***as*** *a dog's death* [5,204] – *саг* ***барин*** *мурдан* (тадж.) – *сдохнуть* ***как*** *собака* (рус.) – умереть как собака, умереть собачьей смертью.

eat like a horse (анг.) –*хуг* ***ворӣ*** *хурдан* (тадж.) – *есть* ***как*** *корова* (рус.). – обжорство.

(as) stupid ***as*** *a donkey* (анг.) [5,222] – *маркаб* ***ворӣ*** *якрав* (тадж.) – *упрямый (глупый)* ***как*** *осел* (рус.). – глупость, тупость, упрямство.

(*as) hungry* ***as*** *a wolf (as a hunter или as a hawk) (анг.)*– *гург* ***ворӣ*** *гушна* (тадж.) – *голодный* ***как*** *волк* (рус.) –голод.

(*as) bold (или brave)* ***as*** *a lion (анг.) – шери нар* (тадж.) // шер *ворӣ* нотарс (тадж.диал.) – *храбрый* ***как*** *лев* (рус.) – храбрость, сила.

in the flower of life // ***in the flower*** *of one's age* (анг.) – *гул* ***барин*** *шукуфтан кардан* [15,234] – *цвести* ***как*** *цветок* (рус.) – развиваться, расцвести как цветок.

As *well be hanged for a sheep* ***as*** *a lamb* (анг.) [20] – *Бузро* ***чӣ*** *ба анҷуман кушанду* ***чӣ*** *ба сур* (тадж.) [22] – *Всё равно* ***за что*** *быть повешенным:* ***за*** *овцу или ягненка* (рус.) [21] – безразличие.

As *the old cock crows, so does the young* (анг.) [20] – *Кунад бачаи шер* ***ҳам*** *кори шер* (тадж.) [22] – ***Как*** *старый петух кукарекает, так и молодой ему вторит // Молодой*

петух поет так, ***как*** *от старого слышал* (рус.) [20]. – имитация чего-либо или кого-либо.

Стоит отметить, что в некоторых зоонимических и фитонимических паремиях английского языка встречается артикл *a//an*, который указывает на цифру один – единственное число предмета, эквивалент которого в двух других языках выражается предметом единственного числа:

An ass *is but an ass, though laden with gold* (анг.) [20] – *Ба* ***саг (ед.число)*** *об резӣ, наҷистар шавад* (тадж.)//*Харро бурдан Маккаву овардан ҳамон хари қадима* (тадж.) [22] – ***Осёл*** **(ед.число)** *останется ослом и в орденах и в лентах//****Свинья (ед.число)*** *в золоток ошейнике – все свинья* (рус.) [21] –неисправимость чего-либо или кого-либо.

A *curst* ***cow*** *has short horns* (анг.) [20] – ***Гови (ед.число)*** *бешир овози баланд дорад //Овози гови бешир баланд мешавад* (тадж.) [22] – *У проклятой* ***коровы(ед.число)*** *рога коротки// Бодливой корове бог рог не даёт* (рус.) [21]. – без причинное хвастовство.

A *hungry* ***dog*** *will knock down a lion* (анг.) [20]. – *Гурусна ба* ***шер(ед.число)*** *занад* (мезанад) // *Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг мезанад* (тадж.) [22] – *Голодная* ***собака (ед.число)*** *повалит льва* (рус.) [21] –безысходность, отчаяние.

A *living* ***dog*** *is better than a dead lion* (анг.) //***A bird*** *in the hand is worth two in the hush* (анг.) [20]. – ***Гурба(ед.число)*** *и зинда беҳ аз шери мурда* (тадж.) [22] // ***Гунҷишке(ед.число)*** *нақд беҳ дон, ки товусе ба насия* (тадж.) – *Живая* ***собака(ед.число)*** *лучше мертвого льва // Лучше* ***голубь(ед.число)*** *в тарелке, чем глухарь на току //Лучше* ***синица(ед.число)*** *в руки, чем журавль в небе* [20] – иметь чувство удовлетворенности.

A growing has ***a wolf*** *in his stomach* (анг.) [20]. – ***Гӯсола(ед.число)*** *каҳдон холӣ мекунад, бача – нондон* (тадж.) [22]. – *Голодный как* ***волк(ед.число)*** (рус.) [21] – голод.

An ox *is taken by the horns, and a Man by the tongue* (анг.) [20]. – *Боли* ***уқоб(ед.число)*** *шуд сабаби офати уқоб* (тадж.) [22] – *Всякая* ***сорока(ед.число)*** *от своего языка погибает* (рус.) [20] – излишняя болтливость, язык без костей.

В паремиях английского, таджикского и русского языков наблюдаются слова придающие отрицательные значения данным единицам, которые в английском языке выражаются с помощью without – без; no, none – не вспомогательной отрицательной формы глагола don't // does not – не , наречия never – никогда, отрицательной формы модального глагола cannot – не уметь, связующего слово neither – ни один, никто; в таджикском языке с помощью префикса на, не, предлога бе и в русском языке при упоминании отрицательных слов не, ни…ни, предлога без и словах имеющие непосредственно отрицательные значения:

А ***rose without*** *a thorn* **(анг.)** [5,643] **– *гули бе хор* (таж.язык) – *роза без щипов* (рус.)** – *исключительность.*

A *wild goose* ***never*** *laid a tame egg* (анг.) [20]. – *Бар* ***н-ояд*** *аз хонаи боз ҷуғз* (тадж.) [22] – *От худой курицы* ***худые*** *яйца* (рус.) [20] – напрасное ожидание.

Don't *look a gift horse in the mouth* (анг.) [20] – *Асби пешкашро ба дандонаш нигоҳ* ***на****мекунанд* (тадж.) [22] – *Дарёному конью в зубы* ***не*** *смотрят* (рус.) [20] – быть благодарным.

Give ***never*** *the wolf the wether to keep* (анг.) [20] – ***На****ояд аз гург пӯстиндӯзӣ* (тадж.) [22] – *Волк* ***не*** *пастух, свинья не огородник //* ***Плохо*** *овцам, где волк воевода* (рус.) [21] – каждому своё, у каждого своё предназначение.

You ***cannot*** *teach old dogs new tricks* (анг.) [20]. *Гови* ***пир*** *кунҷора хоб мебинад* (тадж.) [22] – ***Старого*** *пса к цепи* ***не*** *приучишь* (рус.) [21] – не переубедить, не навязывать.

The moon ***does not*** *heed the barking of dogs* (анг.) – *Овози сагон кам* ***на****кунанд ризқи гадоро* (тадж.) [22]. – ***Вольно*** *собаке на небо лаять* (рус.). – бесполезное действие.

Neither *fish nor flesh* (анг.) [20] – ***На*** *гӯсоларо шир медиҳанд ва* ***на*** *ба пода сар медиҳанд, ки алаф хурад (*тадж.) [22] – ***Ни*** *рыба,* ***ни*** *мясо// От ворон* ***отстала,*** *а к павам* ***не*** *пристала.//* ***Ни*** *богу свечка,* ***ни*** *чёрту кочерга* (рус.) [21] –никчемность.

Eagles ***don't*** *catch flies* (анг.) [20] – ***На****хӯрад шер нимхӯрдаи саг, в-ар ба сахтӣ бимирад андар ғор* (тадж.).– *Орлы* ***не*** *охотся на мух* [20]. – чувство благородности, чувство собственного достоинство.

Dog ***does not*** *eat dog* (анг.) [20] – *Гург гургро* ***на****мехӯрад* (тадж.) [22] – *Собака собаку* ***не*** *ест. // Ворон ворону глаз* ***не*** *выклюет* (рус) [21] – своих не трогать, своих не обижать.

Таким образом исследование эквивалентности некоторых паремий английского, таджикского и русского языков показал, что данная лексическая группа чаще всего имеет полную форму эквивалентности. При неполной форме эквивалентности в составе паремий использованны те же лексические элементы – зоонимы или фитонимы, но разных тематических групп. Структурно-грамматическая основа изучаемых паремий показал, что основными моделями для образования аналогичных зоонимических и фитонимических паремий трех исследуемых языков послужили глагольные, субстантивные, адъективные, копулятивные, артиклообразующие модели, каждая из которых имеет свои специфические особенности при грамматическом строе. Грамматический строй исследуемых моделей образования зоонимических и фитонимических паремий служит для разнообразия лексико-семантического значения каждой единицы в каждом языке.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдуллина, Г.Р., Абдуллина, Л.Б. Хушитдинова, Л.Б. Эквивалентные пословицы и поговорки в китайском, русском и башкирском языке. / Г.Р. Абдуллина, Л.Б. Абдуллина, Л.Б. Хушитдинова //Вестник Башкирского университета. – Башкирия, 2019, Т.24, №4. – С.1003-1009.
2. Абодуллоева, С.Ю. Компонентная эквивалентность фразеологических единиц шугнанского и таджикского языков / С.Ю. Абодуллоева // Суханшиносӣ, №1(45), 2024.– С.18-30.
3. Азимова, М.Н. Сопоставительно-типологическое исследование фразеологической системы таджикского и английского языков / М.Н. Азимова. – Душанбе, 2006.– 242 с.
4. Каллаева Дж.А. Линвгокульторологический анализ лакских и английских паремий/ Дж.А. Каллаева … дис. канд.фил.наук. 10.02.20. –Махачкала, 2011.– 174 с.
5. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь. 4-е издю стереотип. / А.В. Кунин.– Москва, 19841. – 944 с.
6. Ларионова, Ю.А. Фразеологический словарь современного русского языка / Ю.А. Ларионова. – М.: «Ад ел ант», 2014. – 512с.
7. Литвинов, П.П. Англо-русский фразеологический словарь с тематической классификацией. /П.П. Литвинов.–М.: Яхонт, 2000.– 368 с.
8. Маджидов, Х. О заимствовании фразеологических единиц из русского языка в таджикском / Х. Маджидов // Русский язык и литература в таджикской школе. –Душанбе, 1981, №10. – С. 20-23.
9. Маджидов, Х. Фразеологические кальки с русского языка с русскими элементами / Х. Маджидов // Известия АН Таджикской ССР. Отделения общественных наук., № 2 (14), 1989. – С. 58-63.
10. Норов Ш. Лексико-семантические особенности анималитических паремий в таджикском языке и их аналоги в англйском языке. / Ш.Норов…дис. канд.фил.наук. 10.02.20. –Дуушанбе, 2018.– 202 с.
11. Попов, Р.Н. Фразеологизмы современного русского языка с архаичными значениями и формами слов / Р.Н.Попов.– М.,:Высш. школа,1976.–200 с.
12. Семененко Н.Н. Русские паремии: функции, семантика, прагматика / Н.Н.Семененко. М.: РОСА, 2011.– 353 с.

13. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими.–Душанбе: Ирфон, 1965. – 534с.
14. Турсунов, Ф.М. Лескико-семантический анализ пословиц и поговорок в таджикском и русском языках/ Ф.М. Турсунов. … афтореф. канд. фил. наук. – Душанбе,1999.– 24с.
15. Фозилов, Н.Ф. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / Н.Ф. Фозилов, ҷ. 1.–Душанбе: Ирфон, 1963. – 952с.
16. Фозилов, Н.Ф. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / Н.Ф. Фозилов,. ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1964.–908 с.
17. Чжан Цзе, Чжан Хунъин. Числительное в пословицах и поговорках в русском , английском и китайском языках. / Цзе Чжан, Хунъин Чжан. – Новосибирск, 2021. – 79 с.
18. Шосафоева, С.Ш. Эквивалентность фразеологических единиц шугнанского и таджикского языков. /С.Ш. Шосафоева.– Душанбе, 2023.–187с.
19. https://skyeng.ru> Блог>Учеба. Английские пословицы и поговорки с переводом.
20. https://langformula.ru^pogovorki. 53 поговорки и пословицы на английском языке с переводом на русский.
21. https://www.englishdom.com.>blog. Лучшие английские пословицы с переводом и русским аналогом.
22. https://www.gateway.org>tajik proverbs.таджикские афоризмы, пословицы, поговорки о жизни.

СТРУКТУРНО-ГРАММАТИЧЕСКАЯ ОСНОВА ЭКВИВАЛЕНТНЫХ ЗООНИМИЧЕСКИХ И ФИТОНИМИЧЕСКИХ ПАРЕМИЙ В АНГЛИЙСКОМ, ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В статье исследована структурно-грамматическая основа эквивалентных зоонимических и фитонимических паремий в английском, таджикском и русском языках. Исследование показало, что в составе паремий трех исследуемых языков существуют ядерные элементы – основы, образующие связь между грамматическим и лексическим строем. Существуют разные структурно-грамматические модели образования паремий в исследуемых языках, основные из которых являются глагольные, субстантивные, адъективные, копулятивные, артиклообрзующие модели. Количество эквивалентности глагольных паремий в английском, таджикском и русском языках составляет 60 %, субстантивных 25%, адъективных 10%, копулятивных 30% и вспомогательных модели образующие с помощью артикля 35%, каждая из которых имеет свои специфические особенности при грамматическом строе. Данный строй изученных моделей образования зоонимических и фитонимических паремий служит опорой для лексико-семантического значения каждой единицы в исследуемых языках.

Ключевые слова: структурно-грамматическая основа, эквивалентные зоонимические и фитонимические паремии, английский, таджикский и русский языки, ядерные элементы, лексико-грамматический строй, модели паремий, глагольные, субстантивные, адъективные, копулятивные, вспомогательный – артиклообразующие модели.

Сведения об авторе: Окимшоева М.Д. – соискатель кафедры английской филологии Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева,Телефон: (+992)936002017; E-mail: okimshoevamunira@gmail.com.

АСОСИ СОХТОРӢ-ГРАММАТИКИИ ИБОРАҲО ВА ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗООНИМӢ ВА ФИТОНИМИИ МУОДИЛ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола асоси сохторӣ-грамматикии муодилнокии ибораҳо ва ҷумлаҳои фразеологии зоонимӣ ва фитонимии забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ тадқиқ карда шудааст. Тадқиқот нишон дод, ки дар таркиби ин гурӯҳ вожаҳои се забони тадқиқшаванда элементҳои меҳварӣ мавҷуданд, ки байни сохти грамматикӣ ва лексикӣ робитаро ташкил медиҳанд. Намудҳои гуногуни сохторӣ-грамматикии ташаккули ин вожаҳо дар забонҳои тадқиқшаванда

мавҷуданд, ки намудҳои асосии онҳо: намудҳои феълӣ, субстантивӣ, адъективӣ, копулятивӣ, ёрирасони ба воситаи артикл сохташуда мебошанд. Шумораи муодилнокии ибораҳо ва ҷумлаҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ 60 %, субстантивӣ 25%, адъективӣ 10%, копулятивӣ 30% ва намуди ёрирасон, ки ба воситаи артиклҳо сохта мешаванд 35% - ро ташкил медиҳанд, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси худро дар таркиби грамматикӣ доранд. Ин сохтори намудҳои вожаҳои фразеологии зоонимӣ ва фитонимӣ барои маънои лексикӣ-семантикии ҳар як воҳид дар забони таҳқиқшаванда ҳамчун такягоҳ хизмат мекунад.

Калидвожаҳо: асоси сохторӣ-грамматикӣ, ибораҳо ва ҷумлаҳои зоонимӣ ва фитонимӣ, забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ, элементҳои меҳварӣ, сохти лексикӣ-грамматикӣ, намудҳои алоқамандии калимаҳо дар вожаҳои фразеологӣ, феълӣ, субстантивӣ, адъективӣ, копулятивӣ, ёрирасон – артиклӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Окимшоева М.Д. – унвонҷуи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, Телефон: (+992) 936002017; E-mail: okimshoevamunira@gmail.com.

THE STRUCTURAL AND GRAMMATICAL BASIS OF EQUIVALENT ZOONYMIC PAREMIAS IN ENGLISH, TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

The article examines the structural and grammatical basis of equivalent zoonymic and phytonymic paremias in English, Tajik and Russian languages. The study showed that in the composition of the paremias of the three languages there are nuclear elements – the foundations that form the connection between the grammatical and lexical structures. There are different structural and grammatical models of the formation of paremias in the studied languages, the main of which are: verbal, substantive, adjectival, copulative, and inflectional models. The number of equivalence of verbal paremias in English, Tajik and Russian is 60%, substantive 25%, adjectival 10%, copulative 30% and inflectional models forming 35% with the help of which serve as a support for the lexical and semantic meaning of each unit in the studied languages.

Keywords: structural and grammatical basis, equivalent zoonymic and phytonymic paremias, English, Tajik and Russian languages, nuclear elements, lexico-grammatic structures, models of paremias, verbal, substantive, adjectival, copulative, auxiliary – article-forming models.

Information about author: Okimshoeva M.D. – asapirant of English philology department of of Khorog State University named after M.Nazarshoev, Phone number: (+992) 936002017; E-mail: okimshoevamunira@gmail.com.

ТДУ 891.55+891

САҲМИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ ДАР ТАҲАВВУЛИ РОМАНИ ТАЪРИХӢ

Раҳимова О.А.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Муҳаққиқон солҳои шастуми садаи гузаштаро дар таърихи насри тоҷикӣ зинаи ташаккул ва таҳаввули жанри таърихӣ увон кардаанд. Аксари осори бадеие, ки дар ин давра эҷод шудааст, фарогири мавзуъҳо ва сарнавишти чеҳраҳои таърихӣ мебошанд. Маҳз дар ҳамин давра бавуҷудоӣ ва таҳаввули шаклҳои (типҳои) гуногуни романи таърихӣ, аз ҷумла асарҳои сегонаи Ҷалол Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” (1961-1973), романи Раҳим Ҷалил “Шӯроб” (1956-1967), повести Ҳабибулло Назаров “Мирзо Ризо” (1968) ва романи ҳаҷвии Ҷалол Икромӣ ва Ҳабибулло Назаров “Саргузашти Сафар-махсум” (1969) баёнгари мухтассоти раванди инкишофи ин жанр буда [13, 106], саҳми нависандагони таърихнигор, бахусус Ҷалол Икромиро дар инкишофи ин навъи насри бадеӣ ба таври мушаххас нишон медиҳад. Дар мақолаи мазкур равиши ҷустуҷӯҳо ва саҳми нависанда дар ташаккул ва таҳаввули навъи романи таърихии инқилобии тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла М. Шукуров (М. Шакурӣ), А. Сайфулоев, А. Набавӣ ва дигарон сегонаи Ҷалол Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”-ро, ки аз романҳои таърихии “Духтари оташ”, “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ва “Тахти вожгун” иборат аст, ба таври қотеъ ба навъи романи таърихии инқилобӣ мансуб донистаанд [14, 412; 8, 120; 6, 100]. Дар ин замина метавон гуфт, ки ҳамагуна типологияи асари бадеӣ тақрибӣ ва

шартӣ буда, дар ин равиш, пеш аз ҳама, хусусиятҳои умумии сохтори ғоявию бадеии асар ба эътибор гирифта мешавад. Ба ин далел, мо дар шинохти хусусиятҳои типологии ин жанр ҳеҷ гуна имтиёзро бе дар назардошти дурнамои таҳаввули жанр ва мухтассоти миллии он меъёри диду арзёбӣ қарор намедиҳем. Ба назари мо, типи сирф идеалии роман вуҷуд дошта наметавонад, зеро ин навъи адабӣ аз рӯи табиати худ сохтори мундариҷавӣ ва жанрии синтетикӣ дошта, ин хусусият умумияти навъии онро ба таври сареҳ таъйид менамояд.

Агар аз ҳамин мавқеъ ба хусусияти типологии осори таърихии Ҷалол Икромӣ назар афканем, таҷриба ва ҷустуҷӯҳои эҷодии нависанда дар офаридани ин навъи адабӣ идомабахши суннатҳои адабиёти пешин ва навини тоҷикӣ дар шинохт ва тасвири бадеии воқеиятҳо ва сарнавиштҳои таърихӣ буда, дар насри навини тоҷикӣ асосгузори он устод Айнӣ мебошад. Нахустин қадамро Ҷалол Икромӣ дар ин роҳ бо таълифи повести “Тори анкабут” гузоштааст. Таълифи ин асар барои нависанда як навъ санҷиши маҳорат ва тавоноии ҳунарӣ дар маъзуи таърихӣ буд, ки дар вақташ аз уҳдааш баромада буд.

Аз рӯи сохтори мундариҷавию ғоявӣ повести “Тори анкабут” аввалин кӯшиши нависанда барои идома додани таҷрибаи устод Айнӣ дар эҷоди асари таърихии инқилобӣ буда, бо тарзи инъикос ва тасвири бадеии воқеиятҳо бештар хусусияти сиёсию идеологӣ дошта бошад ҳам, ғояи азнавсозии ҷомеаи он рӯзгорро дунболагирӣ менамояд. Ба мушоҳидаи Б. Худойдодов дар ин асар нависанда тавонистааст, ки “кирдору рафтори душманони револютсия ва фаъолияти одамони пешқадами Бухороро равшан нишон” [12, 7] диҳад.

Таҳлили масъалаҳое, ки нависанда ба муҳокима кашидааст, мундариҷаи ғоявӣ, навъи низоъ ва мавқеияти ғоявии муаллиф асос медиҳад, ки аввалин асари таърихии ӯ, повести “Тори анкабут”-ро таърихии танқидӣ унвон кунем. Ба ин тартиб, бо ин асар Ҷалол Икромӣ ба дарк ва тасвири бадеии яке аз давраҳои сарнавиштсози таърихи халқи тоҷик оғоз мениҳад, ки пеш аз ҳама баёнгари мавқеияти сиёсию ғоявии ӯ дар тобеият ба хостаҳои замон мебошад. Дар повест чеҳраи инсонӣ ва иҷтимоиву ахлоқии шахсиятҳои мавриди тасвир-“душманони револютсия ва фаъолияти одамони пешқадами Бухоро” [12, 7] низ аз ҳамин мавқеъ тасвир ва арзёбӣ шудаанд. Нависанда забони шахсиятҳои асарро низ аз мавқеи хостаҳои идеологию танқидии замони сусиёлизм фардӣ кардааст, ки дар ин замина “душманони озодӣ-Муҳиддин махдум, Нозир афандӣ, Аҳрорхоҷа, ҷаноби Саидӣ, мансабдори милитсия ва шайхи убонӣ ҳар кадом мувофиқи мартабаи ҷамъиятӣ, дараҷаи дониш ва маданияти худ сухан мекунанд” [12, 7].

Яке аз имтиёзҳои дигари аввалин повести таърихии Ҷалол Икромӣ дар он аст, ки нависанда огоҳона сужети асарро дар асоси воқеиятҳои таърихӣ мураттаб сохтааст: гуруҳе аз нируҳои иртиҷоӣ дар моҳҳои аввали баъди инқилоби Бухоро нируҳои инқилобиро шикаст дода, саъй мекунанд, ки ҳокимиятро ғасб кунанд. Нависанда бо тасвири воқеият, корбурди огоҳонаи санадҳои таърихӣ ва лаҳзаҳои муҳиму типӣ равиши ҳаракати сиёсиву иҷтимоиро дар Бухоро нишон медиҳад, ки аксаран тобеи таассуроти шахсиятҳо, вазъи равонӣ ва муносибати мардум ба онҳо мебошад. Аз ҷумла муаллиф тарҳи ҷиноятқориҳои душманони инқилобро аз забони шахсиятҳои асар-Аҳрорхоҷа, Ҳамдамча, Муҳиддин махдум, Нозир афандӣ ва шайхи хоҷаӯбонӣ падид меоварад. Натиҷаи амалҳои ҷиноятқоронаи онҳо дар арафаи инқилоб ва баъди пирӯзии он аз забони шахсияти мусбати повест равшан мегардад. Масалан, агар ба воситаи нақли Ғиёсиддин ва Акамирзо фаъолияти коргарони стансияи Когон ва дуздию одамкушии Ҳамдамчаю Аҳрорхоҷа фош шуда бошад, ба воситаи суханони зани Аҳрорхоҷа зиштӣ, бадтинатӣ ва қабоҳату разолати Аҳрор-хоҷа ба тасвир омадааст.

Тасвири хислатҳои инфиродии шахсиятҳои асар, аз ҷумла қаҳрамони мусбат Муродҷон дар матни воқеияти таърих ҳунармандона анҷом гирифтааст. Фазилатҳои инсонии шахсиятҳои мусбат Ғиёсиддин, Муродҷон ва манфӣ Ҳамдамчаю Аҳрорхоҷа бо ҳамин равиш дақиқназарона ошкор карда шудааст, ки фоҷеаҳои таърихии ба сари инсонҳои бегуноҳ омадаро дар Бухорои он рӯзгор ҳамчун ҳуҷҷати бадеӣ ва таърихӣ

пешорӯи хонанда мегузорад. Масалан, девонахонаи шайхи ӯбонӣ ва ба он ҷо қасдан андохта шудани шахсияти асар Муродҷон ва мисли ӯ даҳҳо бегуноҳон дар тасвири нависанда ҳам ҳуҷҷати таърих аст, ҳам тасвири ҳадафманди бадеӣ.

Ҷустуҷӯҳои таърихӣ ва бадеии нависанда дар тасвири сарнавишти занону духтарон низ дар ин повест ҷолиби диққат мебошад. Масалан, дар тасвири нависанда модари Шариф ҳарчанд бесавод бошад ҳам, вале заҳматкаш буда, тадриҷан ба моҳияти навсозиҳои инқилобӣ сарфаҳм меравад. Вай дар матни воқеияти таърихӣ кӯҳнапарастиро рад карда, барои дӯстии Муродҷону дахтараш Лутфия роҳи саодатро боз менамояд. Вале шахсияти инсонии модари Ғиёсиддин мухолифи ин зани растагор аст, ки нависанда бо ба эътибор гирифтани воқеиятҳои замони таърихӣ ҳунармандона ба тасвир кашидааст.

Чунон ки баъдтар хоҳем дид, ин суннат, яъне “тасвири воқеиятҳои мушаххаси таърихӣ, ки мухтассоти жанрии романи таърихиро қавӣ сохтааст” [9, 72], минбаъд дар романи сегонаи таърихии ӯ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ташаккул ва таҳаввули хос пайдо карда, равиши асосии ҷустуҷӯҳи нависандаро дар эҷоди насри таърихӣ муайян менамояд, ки ба таври фушурда аз назар мегузаронем.

Дар охири солҳои панҷоҳ ва ибтидои ҳафтодуми садаи бист ба чоп расидани повести ёдшудаи “Тори анкабут” ва романи сегонаи ҳамосии “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” далели онанд, ки Ҷалол Икромиро, ба қавли Ҷ. Бақозода “масъалаи таърих, халқ ва инқилоб ором нагузоштааст. Ин асар маҳсули давраи камолоти таҷрибаи эҷодии нависанда ба шумор меравад ва аз офаридаҳои пешини ӯ ҳам аз лиҳози бадеият, маҳорати нигориш ва ҳам ба эътибори ҳунари харктерофаринӣ ба дараҷот фарқ мекунад” [1, 113-114]. Имтиёзи дигари романи сегонаи Ҷалол Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” дар ин аст, ки нависанда бо таълиф ва нашри ин асар “мустақилияти романи таърихии инқилобиро дар адабиёти тоҷик” [9, 76] таъмин намуд. Ин роман бо шиддати драмавӣ ва сервоқеа будан низ аз таълифотҳои қаблӣ то ҷое фарқ дошт. Нависанда тавонист, ки композитсияи драммавиро дар ин романи сегона барои падид овардани шиддатнокии тасвир, тавсифҳои равонӣ ва зоҳир намудани ҳиссиёту ҳаяҷони баланди шахсиятҳо ба кор гирад. Ин равиши тасвиргарӣ дар шинохти воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ дар насри солҳои шастуми садаи бист ҳодисаи нав ва пурмоя буда, Ҷалол Икромӣ бо таълифи романи сегонаи зикршуда ба он асос гузошт ва ташаккул бахшид.

Ҳамин тавр, романҳои “Духтари оташ”, “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ва “Тахти вожгун” бо сохтори тозаи мундариҷавию ғоявӣ ва сабкӣ савияи насри таърихии инқилобии тоҷикиро ба зинаҳои баланди инкишоф бардоштанд. Он чизи муҳиме, ки дар ин асарҳо таваҷҷӯҳи нависандаро ҷалб кардааст, пеш аз ҳама, тасвири дар шароити тираву тори аморати Бухоро дорои нируи бузурги зиндагисоз будани халқ, саъйу талоши мардуми заҳматкашу ситамдида баҳри озодӣ ва саодатмандӣ, бедории шуури инқилобии мардум, мубориза ва талошҳои бесобиқа барои бунёди ҳаёти нав ба василаи сарнавишти як силсила шахсиятҳои таърихӣ ва тахайюлӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, образҳои Дилором-каниз, Фирӯза, Ҳайдарқул, Асо, Муҳаррами ғарч, Шамсия, Ака-махсум, Карима-бону (Оймуллои танбӯр), Ғаниҷонбой, Мағфират (Оими ғафабанд), Абдураҳимбек, Асадмахсум, Низомиддин ва дигар шахсиятҳои ин роман зиндагиву маишат, кору афкор, амалу кирдор, муносибату муомилаи табақаҳои гуногуни ҷомеаи Бухороро дар арафа, замон ва баъди инқилоб пеши назари хонанда ҷилвагар намуда, аслан ва моҳиятан самти инкишофи ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ, мусодамаву бархӯрдҳои табақотӣ ва табаддулоти инқилобии дар он рӯзгор дар зиндагии халқ ба амаломадаро бо тамоми пастиву баландӣ ва мураккабиву душвориҳояш дар худ таҷассум намудаанд.

Ба ин тартиб, Ҷалол Икромӣ баъд аз устод Айнӣ аз нависандагоне буд, ки ба тасвири реалистии воқеияти одӣ ва рӯзмарраи таърихиву муосир аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш гароиш пайдо карда, дар ин замина сухани худро гуфта тавонист. Нависанда дар эҷоди осори бадеӣ дар мавзуъҳои таърихӣ ва муосир пойбанди хостаҳои идеологии усули тасвири реалистӣ буд, ки дар шӯравӣ ба ҳукми қонун даромада буд. Аз ин ҷиҳат, ӯ дар эҷоди осори бдеӣ ба чаҳор рукни реализми сотсиалистӣ мардумгароӣ (narjdnjst),

синхгароӣ (tipichnjst), маслакгароӣ (ideinjst) ва ҳизбгароӣ (partiinjst) то охири умр содиқ будааст ва ҳамин гароиши ҳунарӣ равиши асосии дид ва усули нигориши ӯро дар эҷоди осори таърихӣ муайян намудааст. Дар таълифи романи сегонаи "Дувоздаҳ давозаи Бухоро" маслакгароӣ ва ҳизбгароӣ барои нависанда нозир бар муҳтавои идеоложики реализми сотсиалистӣ ва тарвиҷи бечуну чарои сиёсатҳои ҳизби комунист ва давлати шӯравӣ будааст. Ҳамчунон ки мардумгароӣ дар тарзи диди нависанда "баёни мутафовуте аз маънои тахассусии реализм дар урфи ом аст, айзан маслакгароӣ ва ҳизбгароӣ низ такомули ҳамон ақоидаи инқилобӣ ва идеоложикӣ аст" [2, 92], ки Ҷалол Икромӣ дар таҷрибаи ҳунариаш ба он содиқ будааст. Аз ин назар, тасвири воқеият ва сарнавиштҳои таърихӣ барои ӯ на фақат ҳадафи ҳали бадеии мавзуъ, балки хусусияти сиёсиву идеологӣ низ доштааст. Ин равиши ҳунарӣ хусусияти мундариҷавию ғоявӣ ва таъмимии романҳои сегонаи адибро шакл дода, чеҳраи инфиродии ӯро ҳамчун нависандаи таърихнигор ҳифз намудаааст, ки "нотакрории лаҳзаҳои таърихӣ, ки дар образҳои зинда ба тасвир омадаанд" [11, 106], ифодагари тафаккури хос ва диди воқеаписанди бадеии нависанда мебошанд.

Аз нахустин асари таърихии Ҷалол Икромӣ повести "Тори анкабут" маълум буд, ки ӯ соҳиби истеъдоди нотакрори таърихшиносӣ ва тахрихнигорӣ буда, завқ ва таваҷҷуҳаш ба давраҳои таърихӣ, ки дар адабиётшиносӣ гоҳо бо таъбири "фарҳанги модӣ" ёд мешавад, беш аз андоза будааст. Ба ифодаи дигар, завқи нависанда ба таърих ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ муайянкунандаи мухтассоти эҳсоси таърихии ӯ буда, дар фарогирӣ ва тасвири бамуддаои саҳнаҳо ва чеҳраву амалу кирдори шахсиятҳои таърихӣ нақши калидӣ доштааст. Бесабаб нест, ки дар романҳои сегонаи нависанда тасвири манзараҳо, либоси шахсиятҳо, вазъи таърихии қасру кушкҳо ва гунбадҳои масҷиду мадрасаҳои Бухоро ҷойгоҳи хос дошта, василаи таваҷҷуҳи амиқи нависанда қарор гирифтаанд. Ҳамчунин дар шинохт ва тасвири ӯ амалу кирдор, завқ, ҳиссу андеша ва забони шахсиятҳои он рӯзгор билкул таърихӣ буда, барои наслҳои баъдӣ ёде аз замони гузашта ҳастанд. Дар нахустин сатрҳои романи аввали ин сегона "Духтари оташ" тасвир ҳамин гуна ҳолу ҳаво дошта, замони вуқуъи ҳодисаҳоро мушаххас месозад, ки баёнгари мавқеияти таърихии муаллиф низ ҳаст. Мсалан, романи "Духтари оташ" бо сатрҳои зерин оғоз мешавад, ки зиндадори суннати фарҳангиву таърихии тасвири воқеият аз ҷониби нависанда мебошад, ки устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо" ба он оғоз ниҳода буд:

"Вақте ки ин қисса оғоз мешуд, санаи мелодӣ як ҳазору нуҳсад, ибтидои асри 20 буд. Офтоби сӯзони моҳи сунбула тамоми рӯз ба болои бомҳои пасту баланд, ба фазои кӯчаю паскӯчаҳои бисёри шаҳр, ки аз долу дарахт орӣ буданд, ба болои гунбадҳо ва гӯрхонаҳо нури пурҳарорати худро пошида –пошида, хастаҳолона, бо ранги сурх ба сӯи ғарб майл мекард. Ин шаҳри қадима ва машҳури шарқзамин, ки садҳо ҳазор бор офтобро пешвоз гирифта ва гуселонидааст, рӯзҳои неку бади бисёреро аз сар гузаронида, гоҳо мисли гулшан шукуфта, ба олам бӯи хуш ва сафо бахшида, дар маҳди пурхосияти худ мардони номиро парварида, ба оламиён илму адаб омӯхта, гоҳо ба боди хазони бадбахтӣ дучор гашта, ба тирагӣ фурӯ нишаста, помол гашта, зору низор нигариста, вале бо вуҷуди ин ҳама намурда, зинда монда, ба ҳамин ҳолати имрӯзааш расидааст, ҳоло аз шуои сурхранги ғурубии офтоб музайян буд. Дар фазои хомӯши он фақат овози муаззинҳо, ки азони намози асрро мегуфтанд, парвоз мекард..." [3, 5].

Чунон ки ишора шуд, суннати тасвири ҷузъиёти фарҳангиву таърихӣ дар насри тоҷикӣ аз таҷрибаи устод Айнӣ сар шуда, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва Раҳим Ҷалил дар сори таърихии худ ба он такмил бахшидаанд. Дар романи "Духтари оташ"-и Ҷалол Икромӣ бошад, ҳамаи ҷузъиёти ин ҷаҳони таърихии каҷдору марез бо тасвири ягонаи бадеӣ дар амалу кирдор ва андешаву орои шахсиятҳои асар зинда мешавад. Масалан, рубоии зерини Бедил барои шахсияти таърихии роман Оймулло зиндадори фарҳанги таърихии тоҷикон ва таҳрикбахши андешаву орои қаҳрамони асаранд:

Дар дил зи раҳи дида хиромида биё!

Бар дида бисоти нури дил чида биё!
Аз вазъи такаллуфи иборат хиҷилам,
Ку дида, чӣ дил, ту эй дилу дида биё! [3, 206].

Дар романҳои сегонаи нависанда воқеияти гузашта иштирокчии фаъоли амалиёти мундариҷавӣ буда, ягонагии хоси фазоиву замонӣ ва хронотопиро дар асар таъмин намудааст. Чунон ки ба мушоҳида расид, ягонагии маҳал ва зинда кардани гузаштаи таърихӣ аз мухтассоти ҳунари таърихнигорӣ ва тасвиргарии Ҷалол Икромӣ буда, мутаассифона, моҳияти ҷустуҷӯҳои нависанда дар ин замина ҳанӯз дар адабиётшиносии мо таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст.

Осори бадеӣ, китоб, саҳнаҳои ороишии Регистон ва Қушҳавзи Бухоро, хонаи Оймулло, кӯчаҳои танги шаҳри қадима дар тасвири нависанда ҳамчун чеҳраи воҳиди давр-замони таърихӣ бо ҳам дар алоқамандӣ ба тасвир омадаанд. Таҷрибаи Ҷалол Икромиро дар корбурд ва тасвири унсурҳои воқеиятҳои ҳаётӣ ба эътибор гирифта, метавон сегонаи ӯро қомуси таърихии зиндагӣ унвон кард, ки паҳлуҳои гуногуни фарҳанги таърихии тоҷиконро фаро мегирад.

Ҷалол Икромӣ дар тасвири реалияҳои зиндагии таърихии тоҷикон дар асрҳои нуздаҳу бист дақиқ ва моҳиятҷӯ аст. Шахсиятҳои таърихии сегонаи ӯ дар фазо ва замони мушаххас зиндагӣ ва амал менамоянд. Ҳамчунон ки нависанда дар романи “Духтари оташ” маҳалли зист ва муҳити амалу кирдор ва алоқамадии шахсиятҳои асарашро муфассал ва мушаххас ба тасвир гирифтааст, дар романҳои “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ва “Тахти вожгун” низ ҳамин тарзи тасвирро таҳким бахшида, ҳолу ҳавои замони таърихӣ ва сарнавишти шахсиятҳои он даврароба таври мушаххас падид овардааст. Аз ин ҷиҳат, дар муносибати дақиққорона ва тасвири амиқи унсурҳои таърихии ҳаётӣ Ҷалол Икромиро метавон нависандаи этнограф шинохт.

Дар ҳар се роман нависанда ҳеҷ гоҳ аз тасвири мушаххасоти таърихӣ ва ҷуғрофиёии маҳаллӣ фосила нагирифтааст. Вале тасвири мушаххаси маҳал ва воқеияти таърихии он фақат ёди атиқа ва этнография набуда, инъикоси бадеии тамомиёр аз таърих ва унсурҳои ҳаётии он низ мебошад. Ин унсури мундариҷавӣ барои Ҷалол Икромӣ дар шаклдиҳии архитектоникаи асар маводи сохторӣ буда, маҳорати нависандаро дар тасвир ва шинохти воқеиятҳои таърихӣ ва реалияҳои ҳаётӣ таъйид менамояд. Масалан, дар романи “Духтари оташ” нависанда дар бораи Ситорамоҳихосса ном “қасре, ки амир Олимхон дар тарафи шимоли шарқии Бухоро, ҳафт чакрим дуртар аз шаҳр сохта буд” [3, 470], маълумот медиҳад. Дар роман ин маълумот аз забони занони амалдор Мағфират ва Мушаррафа нақл шудааст, ки низ ҳуҷҷати таърих мебошад. Нависанда дар баробари зикри қасри Ситорамаҳихосса оид ба нақши ин қаср дар сарнавишти халқ, суду зиёни он маълумоти дақиқ меоварад. Аз рӯи тасвири ӯ занони сарнавишташон ба ин қаср алоқаманд худро хушбахт намешумориданд, ки якеи онҳо шавҳари Мушаррафа буд, ки “ҳафтае ҳафт рӯз дар хидмат”-и [3, 470] дарбориён буд.

Ҷалол Икромӣ дар ҳар се роман дар офариниши лавҳаҳои ҷуғрофиёӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст. Аз ҷумла, вақте дар бораи Бухоро сухан ба миён меоварад, ин шаҳри қадимаро аз чаҳор самт-ҷанубу шарқ, шимолу ғарб ба тасвир мегирад. Барои дарёфти маълумоти амиқи ҷуғрофиёӣ нависанда афзудаҳои ҷолибе оид ба ҳудуди атрофи Бухоро ва маҳаллоти он меоварад, ки ҳам арзиши таърихӣ ва ҳам бадеӣ доранд.

Инсони садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист дар осори бадеии Ҷалол Икромӣ бо дарду армон, амалу кирдор, хулқу хӯй, ормону ояндабинӣ, талош барои дарёфти ҳақиқату саодат ва мафкураи инқилобӣ, ки мехоҳад замонаро дигар кунад, ба тасвир омадааст. Барои ҳамин ҳам асрҳои нуздаҳу бист барои нависанда аз ибтидо таваҷҷуҳбарангез буда, вай чизеро дарёфтаву ба тасвири гирифтааст, ки барои наслҳои баъдӣ сарнавиштсоз будааст. Дар воқеияти садаҳои қаблӣ нависанда тазодҳои фаровони иҷтимоӣ ва ахлоқиро дида ва ба тасвир гирифтааст, ки барои наслҳои сонӣ низ муҳим ва сарнавиштсоз будаанд. Дар тасвири ӯ типи инсони охири садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист шахсиятест, ки дар муҳити зулму истибдод ва беадолатиҳои иҷтимоӣ ташаккул

ёфта, ҳам моҳияти замони таърихиро дар ҳастии инсонии худ ҳифз намудааст ва ҳам амалу кирдори худро зери таъсири шароити иҷтимоӣ дигар кардааст.

Барои Ҷалол Икромӣ охири асри нуздаҳ ва ибтидои асри бист давраи баъди Аҳмади Дониши маорифпарвар ва замони минбаъд шикастану дигар шудани тарзи зиндагӣ, махсусан дар муҳити истибдоди Бухорои амирӣ мебошад, ки дар ниҳояти кор дигаргуншавии рафтори ҳаётӣ ва амалу кирдори шахсиятҳоро тарҳрезӣ намуд. Дар тасвир ва андешаи нависанда аз муҳити тираву тори асримиёнагӣ шахсиятҳое берун омадаанд, ки ҳадафҳои тоза ва ояндабинона дошта, ҳамчун шахсияти озоду инқилобӣ ва саодатҷӯ дар ҷомеа мақом пайдо кардаанд.

Аз ин назар, тасвири муқоисавии асрҳои нуздаҳу бист барои Ҷалол Икромӣ, пеш аз ҳама, шикаст ва аз байн рафтани суннатҳои зиёновари миллӣ буда, зуҳури анъанаҳои инқилобии нав василаест, ки ба ташаккули шахсиятҳои гуногунхилқат заминаи иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқӣ фароҳам меоварад. Барои ба ҳадаф расидан нависанда ба тасвири мавзуву масъалаҳое мепардозад, ки роҳи саодати зистанро ба инсон менамояд. Аз ин назар, интихоб ва тасвири вуқуъгароёнаи шахсияти занон дар романи “Духтари оташ” талоши нависандаро барои ба воситаи образҳо нишон додани шахсияти мавриди назараш мушаххас месозад. Дар ин замина муаллиф таърихро ба воситаи образҳо, аз ҷумла образи занон зинда карда, симоҳоеро ба тасвир гирифтааст, ки сарнавишти онҳо ба мафкураи аҳли ҷомеа таъсиргузор мебошад. Дар ин равиш нависанда барои собит кардани ҳадафи ғоявиаш ба ҷанбаи тасвирӣ ва чеҳраи ботину зоҳири прототипу тип эътибори хос додааст, ки яке аз паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои ӯро дар офаридани образи бадеии занон нишон медиҳад. Илова ба ин, Ҷалол Икромӣ дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин бор “занро ба сифати қаҳрамони марказӣ шинохтааст. Дар асарҳои Айнӣ занҳо фақат аз ҷиҳати иҷтимоӣ тасвир шуда буданд, Ҷ. Икромӣ дунёи маънавии ононро кашф кард. Вай оҷизию нотавонӣ, ҷасорату қаҳрамонӣ, маънавият, умуман олами зебои занро бо тамоми ҷузъиёташ нишон дода тавонистааст. Дилором-каниз, Фирӯза, Оймуллои Танбӯр, Муҳаррами Ғарч, Шамсия-қаҳрамонони сегона ҳам таваҷҷуҳ ва ҳам меҳру муҳаббати гарму ҷӯшони нависандаро ба худ кашид. Онҳо қаҳрамонони донишманд, фидокор, ватандӯст, озодихоҳ, инсонпарвар ва башардӯст буда, чигунагии раванди таърихии тараққиёти халқи тоҷикро дар он давра таҷассум менамоянд” [10, 220].

Ҳамин тавр, Ҷалол Икромӣ дар тасвир ва таҳқиқи чеҳраҳои инсонӣ бештар аз нависандагони дигар, аз ҷумла Раҳим Ҷалил ба таърих назари амиқ ва пурмуҳтаво андохта, ҳаводиси охири асри нуздаҳ ва аввали асри бистро “ҳамчун бузургтарин воқеаи сиёсию иҷтимоии асри бист” [8, 120] ба тасвир мегирад. Шахсиятҳои марказии сегонаи ӯ, ба мушоҳидаи аксари муҳаққиқон халқ буда, ғояи асосии онҳо мубориза дар роҳи озодӣ ва истиқлолият, тасвири самараи дӯстӣ ва ҳамкории меҳнаткашони русу тоҷик ва дигар миллатҳои Осиёи Миёна мебошад. Чунон ки ба мушоҳида расид, Ҷалол Икромӣ дар падид овардани воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ дар “Духтари оташ” бештар ба тасвири ҳаёти занони мазлум рӯ оварда, дар романҳои баъдӣ ҷараёни дигаргуниҳои инқилобӣ ва вазъи зиндагии инсонҳоро ба тасвир гирифта, воқеиятҳои мавриди тасвирро вусъат мебахшад. Нависанда зери таъсири равиши маслакгароӣ ва ҳизбгароӣ, ки аз сиёсатҳои умда ва таъсиргузори ҳизби комунист ва давлати шӯравӣ буд, шахсиятҳое мисли Ҳайдарқул, балки Фирӯзаю Асо ва дигар ҳаммаслакони онҳоро ба муборизони фаъол ва сарсупурдаи инқилоби рус табдил медиҳад. Дар ин равиш шахсиятҳои манфии романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” Асад Махсум, Наими талх, Усмонхӯҷа ва дигарҳо ҳамчун душманони инқилоб ва сохти нав ба тасвир омадаанд [4, 120-129]. Ҳарчанд нависанда тамоми мубориза бар зидди нируҳои аксулинқилобиро зери раҳбарии котиби якуми КМ ПКб Бухоро Турсун Хӯҷаев ва раиси шӯрои нозирони республикаи халқии Бухоро Файзулло Хӯҷаев, ки ҳар ду шахсияти воқеӣ ҳастанд, ба тасвир кашидааст, вале хонанда пас аз мутолиаи асар ба суоли-Файзулло Хӯҷаев дӯст буд ё душман?- посухи дақиқ пайдо карда наметавонад. Ин усули тасвир бозгӯи такомули тадриҷии ҳунари ӯ дар ташаккул ва таҳаввули романи таърихии тоҷикӣ бошад

ҳам, аз камбудиҳои ҷиддӣ холӣ нест. Махсусан ҳисси мардумгароӣ, маслакгароӣ ва ҳизбгароиву инқилобпарастӣ ба нависанда имкон надодааст, ки ба сарнавишти миллат чашмандози густурдатари оганда аз худшиносӣ ва худогоҳӣ дошта бошад [5, 276-280].

Бо вуҷуди камбудиҳои ёдшуда ва баъзе тамоюлҳои манфии идеологӣ, ки нависандаро зери таъсири худ қарор додаанд, романи сегонаи Ҷалол Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” бо тозакориҳо дар шинохт ва тасвири шахсиятҳои гуногунхилқат ва ғояи ояндабинона саҳми сазовори нависандаро дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ собит месозад. Он чи ки ин романи сегонаро ҳамчун ҳуҷҷати таърих ва адабиёт зинда медорад, дарк ва тасвири дақиқи воқеиятҳо, сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ ва корбурди назари таҳлиливу моҳиятҷӯ буда, дар ин замина нависанда ба ҳадафи ҳунариаш расидааст, ки номи муаллифро новобаста ба сиёсатҳои дар тағйир зинда хоҳад дошт.

АДАБИЁТ

1. Бақозода, Ҷ. Корномаи нависанда / Ҷ. Бақозода // Посдорони насри муосири тоҷик. Маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори 110-солагии Нависандагони халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил ва Ҷалол Икромӣ. – Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2009. – С. 111-118.
2. Валийамз, Р. Реализм ва румони муосир / Р. Валийамз // Назарияи румон. Мутарҷим Ҳусайни Поянда. – Теҳрон, 1374. – С. 89-113.
3. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ (роман) / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: “Адиб”, 2014.-560 с.
4. Икромӣ, Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро (роман) / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: нашриёти “Ирфон”, 1969. – 475 с.
5. Икромӣ, Ҷ. Тахти вожгун қисми савуми романи сегонаи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: нашриёти “Адиб”, 1989. – 330 с.
6. Набавӣ, А. Таърихият ва тасвири равонӣ / А. Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: “Адиб”. 2009. – С. 95-114.
7. Раҷабӣ, М. Тадқиқи таърих-тадқиқи характер / М. Раҷабӣ. – Душанбе: “Адиб”, 1990. – 192 с.
8. Сайфуллоев, А. Мавзуи таърихӣ ва ақидаҳои интернатсионалии нависанда / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. – 1971. - № 11. – С. 112-125.
9. Спектор, А. Л. Исторический роман. История и теориии / А. Л. Спектор. – Душанбе, 1988. – 123 с.
10. Ӯлмасова, З. Ҷалол Икромӣ ва таҳқиқи бадеии таърихи халқ / З. Ӯлмасова // Посдорони насри муосири тоҷик. Маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори 110-солагии Нависандагони халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил ва Ҷалол Икромӣ. – Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2009. – С. 217-228.
11. Халфина, Н. Н. 18 век на страницах И. С. Тургенева / Н. Н. Халфина // Писатель и жизнь. Сборник историко-литературных, теоретических и критических статей. – Москва: Советский писатель, 1981. – С. 106-121.
12. Худойдодов. Б. Романи Ҷалол Икромӣ “Духтари оташ” / Б. Худойдодов. – Душанбе: нашриёти “Ирфон”, 1967. – 110 с.
13. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик / М. Шукуров. – Душанбе: нашриёти "Ирфон", 1976. - 273 с.
14. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: нашриёти “Ирфон”, 1987. – 456 с.

САҲМИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ ДАР ТАҲАВВУЛИ РОМАНИ ТАЪРИХӢ

Дар мақола ҷараёни ҷустуҷӯҳо ва саҳми Ҷалол Икромӣ дар ташаккул ва таҳаввули романи таърихии инқилобии тоҷикӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифта, баъзе паҳлуҳои дастовардҳои ҳунарии ӯ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Муаллиф барои муайян намудани хусусияти типологии романҳои сегонаи нависанда “Духтари оташ”, “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ва “Тахти вожгун” хусусиятҳои умумии сохтори мудариҷавӣ ва ғиявию бадеии романҳои мазкурро маҳак қарор дода, дар ин замина навъи (типи) онҳоро муайян

намудааст.

Дар мақола бо таҳқиқи муқоисавӣ собит шудааст, ки нахустин повести нависанда "Тори анкабут" асари таърихии танқидӣ буда, романҳои "Духтари оташ", "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" ва "Тахти вожгун" сегонаи таърихии инқилобӣ мебошанд. Муаллиф тасвири воқеиятҳо ва сарнавишту амалу кирдор ва хӯю хислати шахсиятҳои таърихиро ҳамчун василаи такмилбахши сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии ин романҳо ба шумор оварда, равиши ҷустуҷӯҳои нависандаро дар матни таърих омили аслии шаклгирии навъи романи таърихии инқилобӣ шинохтааст, ки баёнгари саҳми нависанда дар таҳаввули ин навъи роман низ мебошад.

Калидвожаҳо: Ҷалол Икромӣ, роман, сегона, тип, навъ, таърихӣ, инқилобӣ, мардумгароӣ, маслакгароӣ, ҳизбгароӣ, таҳаввул, шахсият, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, вакилони халқ, душманони инқилоб ва ғайра.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Оламбӣ Азимовна – унвончӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, тел.:+992 908 08 56 86.

ВКЛАД ДЖАЛОЛА ИКРОМИ В ЭВОЛЮЦИЮ ИСТОРИЧЕСКОГО РОМАНА

В статье рассматривается и оценивается процесс исследования и вклад Джалола Икрами в становление и развитие таджикского революционного исторического романа, а также особо выделяются некоторые аспекты его художественных достижений. С целью определения типологических особенностей трилогии романов писателя «Дочь огня», «Двенадцать ворот Бухары» и «Свергнутый трон» автор рассмотрел общие характеристики повествовательной, поэтической и художественной структуры. этих романов и на этой основе определил их тип.

В статье путем сравнительного исследования доказывается, что первая повесть писателя «Паутина» является критическим историческим произведением, а романы «Дочь огня», «Двенадцать ворот Бухары» и «Свергнутый трон» — революционно-историческая трилогия.

Автор рассматривает изображение реалий, судеб, поступков и личностей исторических деятелей как средство совершенствования содержательной, идейно-художественной структуры этих романов, признавая главным фактором формирования художественного стиля подход писателя к поиску исторических текстов, также жанр революционно-исторического романа, являющийся выражением вклада писателя в развитие этого жанра романа.

Ключевые слова: Джалал Икрами, роман, трилогия, тип, жанр, исторический, революционный, популизм, профессионализм, партийность, эволюция, личность, политический, социальный, моральный, народные представители, враги революции и т. др.

Сведения об авторе: Рахимова Оламби Азимовна – соискатель Института языка и литературы имени Абуабдуллоха Рудаки, тел.: +992 908 08 56 86.

JALOL IKROMI'S CONTRIBUTION TO THE EVOLUTION OF THE HISTORICAL NOVEL

The article examines and evaluates the research process and contribution of Jalol Ikrami to the formation and development of the Tajik revolutionary historical novel, and highlights some aspects of his artistic achievements. In order to determine the typological features of the writer's trilogy of novels "Daughter of Fire", "Twelve Gates of Bukhara" and "The Overthrown Throne", the author examined the general characteristics of the narrative, poetic and artistic structure of these novels and on this basis determined their type.

The article proves through a comparative study that the writer's first story "The Web" is a critical historical work, and the novels "Daughter of Fire", "Twelve Gates of Bukhara" and "The Overthrown Throne" are a revolutionary-historical trilogy. The author considers the depiction of realities, destinies, actions and personalities of historical figures as a means of improving the content, ideological and artistic structure of these novels, recognizing the main factor in the formation of the artistic style is the writer's approach to the search for historical texts, as well as the genre of the revolutionary historical novel, which is an expression of the writer's contribution to the development of this genre of the novel.

Keywords: *Jalal Ikrami, novel, trilogy, type, genre, historical, revolutionary, populism, professionalism, party spirit, evolution, personality, political, social, moral, people's representatives, enemies of the revolution.*

Information about the author: Rakhimova Olambi Azimovna – applicant at the Institute of Language and Literature named after Abuabdulloh Rudaki, tel.: +992 908 08 56 86.

УДК: 811.111’373.3

ТАҲҚИҚИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Раҳимова Ш.

Донишгоҳи байналмилии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Падидаи калимаҳои такрорӣ, ки дар адабиёти забоншиносӣ бо истилоҳоти «редупликатсия», «дупликатсия» ва «плеоназм» зикр мегардад, аз ҷумлаи усулҳои серистеъмол ва қадимии забонҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути ин падида воҳидҳои луғавии нав тавлид гардида, имкониятҳои ифодаи эҳсосот, таъкид ва такрори амал фароҳам мегарданд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳарчанд механизми такрор умумиятҳое дорад, фарқиятҳои сохторӣ ва функсионалӣ низ назаррас мебошанд. Мақсад аз ин таҳқиқ таҳлили илмии назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавии ин падида дар доираи забоншиносии муосир мебошад.

Калимаҳои такрорӣ, ки дар адабиёти илмии забоншиносӣ бо мафҳумҳои «редупликатсия», «дупликатсия» ва «плеоназм» маъруфанд, яке аз усулҳои қадимӣ ва муассири ташаккули воҳидҳои луғавии нав дар забонҳои табиӣ маҳсуб меёбанд. Ин падидаи забонӣ, ки бо воситаи такрори пурра ё қисмии реша, ҳиҷо, ё калима амалӣ мегардад, имкониятҳои ифодасозӣ ва маъноофаринии забонро дар самтҳои гуногун аз ҷумла эҳсосот, таъкид, таъсир ва таъбири такрорӣ тавсеа мебахшад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳарчанд падидаи редупликатсия аз ҷиҳати маншаи таърихӣ ва сохтори умумитипологӣ умумиятҳое дорад, фарқиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва функсионалӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ, калимаҳои такрорӣ бештар хислати услубшиносӣ ва эҳсосӣ доранд, дар ҳоле ки дар забони англисӣ, онҳо бештари вақт ҳамчун унсури риторикӣ ва фонетикӣ дар забони гуфтугӯйӣ ё адабиёти кӯдакона истифода мешаванд.

Мақсади таҳқиқоти мақолаи мазкур дар он аст, ки бо такя ба таҳлилҳои назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ, моҳият ва нақши калимаҳои такрорӣ ҳамчун воситаи луғавию грамматикӣ ва услубии забон дар доираи забоншиносии муосир ва муқоисавӣ равшан карда шавад.

Истифодаи истилоҳот: Ин порча дуруст ва мувофиқ бо истилоҳоти забоншиносӣ навишта шудааст, вале такмили фаҳмондадиҳӣ дар бораи се истилоҳи зикршуда зарур аст. Барои мисол:

Редупликатсия: такрори пурра ё қисмии реша ё калима;

Дупликатсия: бештар дар фонология ва биозабоншиносӣ истифода мешавад;

Плеоназм: такрори маънои барзиёд дар сатҳи фразеологӣ ё услубӣ (барои ҳамеша абадан).

Усулшиносӣ: Ҷоиз мебуд дар ҷумлаи аввал ишора шавад, ки ин падида на танҳо дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ, балки дар аксари забонҳои ҷаҳон ба гунаҳои хос ҳузур дорад.

Таркиби ҷумлавӣ: Истифодаи ибораҳои «мақсад аз ин таҳқиқ» бо ибораҳои услуби илмӣ, мисли «мавриди баррасии ин таҳқиқ қарор гирифт...» ё «ҳадаф дар таҳлили...» иваз шуд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ҳамин порча мухтасаран ишора шавад, ки калимаҳои такрорӣ на танҳо вазифа, балки категорияи услубии фаъол мебошанд.

Пешниҳод мешавад, ки мафҳуми механизми такрор тавзеҳ дода шавад: оё ба морфология, фонетика, ё лексикология дахл дорад?

Калимаҳои такрорӣ (редупликатсияҳо), ки дар адабиёти забоншиносӣ бо истилоҳоти гуногун аз ҷумла «редупликатсия», «дупликатсия» ва «плеоназм» ном бурда мешаванд, яке аз усулҳои қадимӣ ва пурқуввати ташаккули маъно ва воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои табиӣ маҳсуб меёбанд. Тавассути такрори пурра ё қисмии калима, реша ё

ҳиҷо, ин падида имкони афзудани таъсир, эҳсосот, таъкид ва иқтидори ифодаи нутқро муҳайё месозад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳарчанд падидаи редупликатсия дар сатҳҳои лексикӣ ва услубӣ ба таври умумӣ шинохта шудааст, тафовутҳои назарраси сохторӣ, грамматикӣ ва функсионалӣ зоҳир мегардад. Калимаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ бештар ҳамчун унсурҳои тасвирӣ ва маънои услубӣ амал мекунанд, дар ҳоле ки дар англисӣ хусусан дар шаклҳои аллитеративӣ ва рифмсозӣ дар услуби гуфтору шеърӣ ба таври фаъол истифода мешаванд.

Таҳқиқоти мазкур ҳадаф дорад, ки бо такя ба таҳлили назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавии ин падида, ҷойгоҳ ва аҳаммияти калимаҳои такрориро дар сохтори забони табиӣ ва забоншиносии муосир муайян ва рӯшан созад.

Истилоҳи «редупликатсия» (аз лот. reduplicatio «такрор кардан») дар забоншиносӣ ба раванд ё натиҷаи такрор шудани воҳидҳои решавӣ, ҳиҷоҳо ва ҳатто калимаҳои пурра дахл дорад. Омӯзиши илмии ин падида ба таҳқиқоти Э. Сепир [1921], Ҷесперсен [1933], А.А. Реформатский [1970] ва дигарон рост меояд. Дар забоншиносии тоҷикӣ бошад, ин масъала аз ҷониби муҳаққиқоне чун М. Шукуров, Ф.Қ. Зикриёев, Ш. Исмоилов ва Д. Тоҷиев мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз нигоҳи истилоҳот, «такрор» ва «редупликатсия» дар бархе мавридҳо синонимӣ, вале дар дигар ҳолатҳо дорои хусусиятҳои таҳлилии гуногун мебошанд. Дар корҳои А. Марчанд ва Арнолд редупликатсия ба таври мустақил ҳамчун механизми калимасозӣ ва воситаи ифодаи эҳсосот ба шумор меравад.

Редупликатсияҳоро метавон ба се навъи асосӣ тақсим кард:

Редупликатсияи пурра: "зуд-зуд", "go-go", "wishy-washy";

Редупликатсияи нопурра (рифмӣ ё аллитеративӣ): "flip-flop", "ding-dong", "чил-пал";

Редупликатсияи грамматикӣ: такрори афзояндаи грамматикӣ ё тақлиди маънӣ.

Дар забони тоҷикӣ, истифодаи такрор бештар дар лексикаи гуфтугӯӣ, шеъри классикӣ ва нутқи тасвирӣ мушоҳида мешавад. Масалан: «дурдасту дурдид», «ором-ором», «гашта-гашта».

Дар забони англисӣ, сохторҳои такрорӣ ба воситаи рифмҳо ва аллитератсия бештар дар услуби бадеӣ ва шабеҳсозии овоз истифода мешаванд: "super-duper", "boo-boo", "hodge-podge", "heebie-jeebies".

Калимаҳои такрорӣ ҳамчун воситаи филологӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

Таъкид ва шиддат: "ба-ба", "very very", "really-really";

Ифодаи эҳсосот: "ора-ора", "ha-ha", "boo-hoo";

Қувваи тасвирӣ дар насри бадеӣ ва фолклор;

Тақвияти маъно ва услуб дар шеъру мусиқӣ.

Функсияҳои мазкур дар таҳқиқоти Шукуров, Кукушкина ва С.Ю. Липатова дар асоси намунаҳои адабӣ таҳлили васеъ ёфтаанд.

Таҳқиқи муқоисавӣ нишон медиҳад, ки калимаҳои такрорӣ дар тарҷума ҳамеша мушкилоти интерпретативӣ ба бор меоранд. Забони англисӣ на ҳамеша имкони тарҷумаи сохторӣ (literal translation) -и такрорҳои тоҷикиро фароҳам меорад.

Мисол (тоҷикӣ)	Тарҷумаи англисӣ	Шарҳ
"аста-аста"	slowly, gradually	тарҷумаи функсионалӣ
"гашта-гашта"	again and again	тарҷумаи семантикӣ
"зуд-зуд"	frequently	тарҷума бо синоним
"ҷон-ҷон"	no equivalent	тарҷумаи шарҳдиҳанда

Аз ин рӯ, тарҷумаи калимаҳои такрорӣ на танҳо истеъдод, балки маҳорат ва донишҳои семантикӣ талаб мекунад.

Падидаи калимаҳои такрорӣ ё редупликатсия яке аз намудҳои равшани сохторӣ ва маъноии луғат дар ҳама гуна забон аст, ки бо хусусиятҳои филологӣ, услубшиносӣ ва тарҷумашиносӣ тавъам мебошад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳарчанд дар сохтор ва

типология фарқ доранд, аммо тавассути редупликатсия имкониятҳои сермаҳсули ифодаи маъно ва ҳиссиёт фароҳам меоранд. Омӯзиши системавии ин падида барои тарбияи тарҷумонҳо, таҳияи луғатҳо, ва таълими грамматикаи муқоисавӣ зарур ва фоиданок мебошад.

Ҷадвали таснифи типологии калимаҳои такрорӣ (редупликатсия)

№ Навъи редупликатсия Намунаҳо (тоҷикӣ) Намунаҳо (англисӣ) Вижагӣ ва вазифа

1 Редупликатсияи пурра аста-аста, тез-тез go-go, no-no Такрори пурраи реша барои таъкид

2 Редупликатсияи нопурра хап-хоп, гур-гир flip-flop, zig-zag Тағйири овозӣ, рифмсозӣ

3 Редупликатсияи маъноӣ ором-ором (таъкид), дер-дер wishy-washy, hodge-podge Ифодаи эҳсос, номуайянӣ

4 Редупликатсияи грамматикӣ гашта-гашта, рафта-рафта again and again Ифодаи такрори амал

5 Редупликатсияи тақлидиовозӣ ках-кӯх, лап-луп, гап-гуп quack-quack, ding-dong Садоҳо ва тасвири аксуламал

6 Редупликатсияи муродифӣ хастаю заҳматкаш, калон-дағал big and large, rough and rude Тақвияти маъно

7 Редупликатсияи услубӣ базеб-базеб, покиза-покиза super-duper, tip-top Услуби бадеӣ, муғлаксозӣ

Мисолҳои шеърию бадеии тоҷикӣ бо калимаҳои такрорӣ

Аста-аста

Такрори «аста-аста» дар мисраи аввал на танҳо таъкидро мерасонад, балки шиддати эҳсоси ниҳонӣ ва фориғболии зоҳириро ифода мекунад.

Гашта-гашта

Шарҳ: «Гашта-гашта» амалеро бо такрор ва бенатиҷа будани он таъриф мекунад. Вожаи такрорӣ шиддати маънавии ҷустуҷӯи маънӣ ва ишқро пурқувват мекунад.

Зуд-зуд

Шарҳ: Такрори «зуд-зуд» ифодаи бисёркарата ва шитобнокии амалро нишон медиҳад.

Мисолҳои адабии англисӣ бо калимаҳои такрорӣ

1. William Shakespeare:

"And again and again, he knocked upon her door..."

(Othello)

Ифодаи red. «again and again» амалеро бо шиддат ва исрор нишон медиҳад.

2. Lewis Carroll (Through the Looking-Glass):

"He did his dozy-dozy dance, and sang a mimsy song..."

Вожаҳои сохташуда бо редупликатсия ("dozy-dozy", "mimsy") дар адабиёти кӯдакона хислати фонетикӣ, мусиқоият ва шодии забонро ифода мекунанд.

3. Dr. Seuss (Oh, the Thinks You Can Think!):

"You can think think-think... if only you try!"

Такрори амдии вожаҳо ҳамчун воситаи риторикӣ барои ташвиқ ва таҳрикоти кӯдакон истифода мешавад.

Ҷадвали тарҷумаи таркибии вожаҳои такрорӣ

Вожаи тоҷикӣ	Тарҷумаи имконии англисӣ	Навъи тарҷума	Эзоҳ
ором-ором	slowly, calmly	функсионалӣ	бо истифодаи синонимҳо
рафта-рафта	gradually, step by step	муодили контекстӣ	гузориши амалӣ
дер-дер	seldom, from time to time	бо фраза	тарҷума бо изофаи маънӣ
гап-гап	random talk, chitchat	услубӣ	бо ҷанбаи мусиқоият
базеб-базеб	overly-decorated, too stylish	фаҳмонда	бо шарҳ тарҷума мешавад

Таҳқиқи калимаҳои такрорӣ (редупликатсия) дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ равшан месозад, ки ин падида на танҳо як воситаи экспрессивии нутқ, балки механизми муҳими калимасозӣ, таъсиррасонӣ ва маънофарӣ мебошад. Редупликатсия, ҳамчун шакли забонӣ, дорои заминаи таърихии амиқ ва системаи сохтории мураккаб буда, дар забонҳои гуногун бо вижагиҳои маҳсули функсионалӣ ва услубӣ зуҳур мекунад.

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои такрорӣ бештар дар шеъру фолклор, сухани эҳсосӣ, тарзи гуфтугӯйӣ ва таъкиди маъно истифода мешаванд. Онҳо тавассути такрори пурра, қисмӣ ё овозӣ имкони расонидани эҳсосот, таъсир ва тасвири ҳолатҳоро фароҳам меоранд. Масалан, чунин воҳидҳо мисли "аста-аста", "зуд-зуд", "гашта-гашта" дар адабиёти классикӣ ва муосир ҳамчун абзорҳои услубӣ ва риторикӣ ҷойгоҳи барҷаста доранд.

Дар забони англисӣ низ, гарчанде падидаи редупликатсия нисбат ба тоҷикӣ камтар сохтори калимасозии мустақил дорад, аммо он дар забони гуфтугӯйӣ, адабиёти кӯдакона ва таркибҳои шуниданишин (ear-catching) ҳамчун воситаи таъсиррасонии овозӣ, мусиқоият ва риторика ба кор меравад. Ифодаҳои мисли flip-flop, go-go, wishy-washy, super-duper на танҳо маънӣ, балки як шеваи тарҷумаи эҳсосот ва ҳадафмандии услубиро дар бар мегиранд.

Бо таҳлили типологии сохтор ва семантикаи редупликатсия, мушоҳида мегардад, ки онро метавон ба навъҳои пурра, нопурра, грамматикӣ, маъноӣ, услубӣ ва овозӣ тақсим кард. Ин таҳлил имконият фароҳам овард, ки сохторҳои фонетикӣ ва морфологии вожаҳои такрорӣ бо назардошти муҳити луғавӣ ва контексти коммуникативӣ тадқиқ карда шаванд.

Фарқият ва умумиятҳои забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ дар сатҳи редупликатсия нишон медиҳанд, ки ҳарчанд механизм умумитарин шакли такрорро дорост, вале таъсири фарҳангӣ, услубшиносӣ ва эстетикӣ дар интихоби шаклҳо ва корбурдҳо фарқ мекунанд. Ҳамин ҷиҳати лексикӣ ва услубӣ ба ин падида хусусияти универсалӣ ва ҳамзамон маҳаллисозишуда мебахшад.

Аҳаммияти тарҷумашиносӣ низ ба ин таҳқиқ дучанд аст. Азбаски сохторҳои такрорӣ на ҳамеша тарҷумаи мустақими сохторӣ доранд, корбарии онҳо дар забонҳои ҳадаф усулҳои махсуси интерпретатсия, фаҳмониш, иваз ва шарҳи иловагиро талаб мекунад. Ҷадвалҳои таҳлилӣ ва корпуси адабии пешниҳодшуда дар мақола саҳми амалӣ дар омӯзиши муқоисавӣ ва таълими грамматика ва фразеологияи тарҷумашиносиро пурзӯр месозад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқ нишон медиҳад, ки калимаҳои такрорӣ ҳамчун як падидаи мураккаби забонӣ қобили омӯзиши амиқ бо равишҳои гуногуни лингвистӣ мебошанд. Онҳо аз марҳалаи тасвирӣ то семантикӣ, аз воситаи гуфтор то абзори шеър, аз фолклор то тарҷума нақшофарини фаъол доранд ва омӯзиши минбаъдаи онҳо метавонад дар таҳияи луғатҳои шарҳӣ, дастурҳои тарҷумонӣ ва омӯзиши забонҳои муқоисавӣ самти нави пажӯҳишро фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Сепир Э. Забон: Введение в изучение речи. – М.: Прогресс, 1993. С.342.
2. Ҷесперсен О. Основы грамматики английского языка. – М.: Высшая школа, 1958. С.291.
3. Реформатский А.А. Введение в языкознание. – М.: Аспект Пресс, 2004. С.383.
4. Шукуров М. Забони адабии тоҷик: масъалаҳои услубшиносӣ ва грамматика. – Душанбе: Ирфон, 1982. С.296.
5. Зикриёев Ф.Қ. Лексикологияи забони тоҷикӣ. Душанбе: Ирфон, 1974. С.340.
6. Исмоилов Ш. Мафҳум ва сохтори калимаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ. // Забон ва адабиёт, №4, 2012. С. 52;57.
7. Тоҷиев Д. Вижагиҳои семантикии калимаҳои такрорӣ дар адабиёти бадеӣ. –

Душанбе: Адиб, 2015. С.214.
8. Marchand H. The Categories and Types of Present-Day English Word-Formation. – München: Beck, 1969. P.348.
9. Arnold I.V. The English Word. – M.: Высшая школа, 1986. P.284.
10. Lipatova S.Yu. Reduplicative Constructions in English and Russian: A Contrastive Study. // Vestnik of Moscow State Linguistic University, №2, 2020. – P.103;112.
11. Кукушкина Е.М. Стилистика английского языка. – М.: Просвещение, 1984. С.220.
12. Crystal D. The Cambridge Encyclopedia of the English Language. – Cambridge: CUP, 2010. – 499 p.
13. Воҳидов Ҳ. Калимасозӣ дар забони тоҷикӣ. Душанбе: Маориф, 1989. С.280.
14. Carroll L. Through the Looking-Glass and What Alice Found There. – London: Macmillan, 1871.
15. Seuss Dr. Oh, the Thinks You Can Think! New York: Random House, 1975.

ТАҲҚИҚИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Мақола ба баррасии назариявӣ ва филологии падидаи калимаҳои такрорӣ (редупликатсия) дар забоншиносӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва услубии калимаҳои такрориро таҳлил намуда, масъалаҳои назариявии баҳсталаб ва манбаъҳои таърихии омӯзишро шарҳ медиҳад. Дар мақола ба таври мушаххас имкониятҳои экспрессивӣ, грамматикӣ ва фразеологӣ-ифодаии калимаҳои такрорӣ нишон дода шуда, аҳаммияти ин падида дар тарҷумашиносӣ ва лексикологияи муқоисавӣ барҷаста мегардад.

В таджикском и английском языках, хотя явление редупликации имеет некоторые общие черты с точки зрения исторического происхождения и общей типологической структуры, наблюдаются также структурные, семантические и функциональные различия. Например, в таджикском языке повторяющиеся слова имеют более стилистическую и эмоциональную окраску, тогда как в английском они чаще всего используются как риторический и фонетический элемент в разговорной речи или детской литературе.

Цель данной статьи — прояснить сущность и роль повторяющихся слов как лексического, грамматического и стилистического средства языка в рамках современного и сравнительного языкознания на основе теоретического, исторического и сопоставительного анализа.

Калидвожаҳо: *калимаҳои такрорӣ, редупликатсия, калимасозӣ, таҳлили типологӣ, тарҷумашиносӣ, фразеология, услубшиносӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Шаҳло - муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ барои ихтисоси ҳамгирои Донишгоҳи байналмилии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, тел:918796968, shahlirahimova1993@mail.ru

ИССЛЕДОВАНИЕ ПОВТОРЯЮЩИХСЯ СЛОВ В ЛИНГВИСТИКЕ

Статья посвящена теоретическому и филологическому анализу феномена редупликации (повторяющихся слов) в лингвистике. Автор, опираясь на сравнительные и типологические исследования таджикского и английского языков, анализирует структурные, семантические и стилистические особенности повторяющихся слов, освещает спорные теоретические аспекты и исторические источники изучения данного явления. В статье чётко обозначены экспрессивные, грамматические и фразеологические функции редупликаций, подчеркивается их значение в переводоведении и сопоставительной лексикологии.

В таджикском и английском языках, хотя явление редупликации имеет некоторые общие черты с точки зрения исторического происхождения и общей типологической структуры, наблюдаются также структурные, семантические и функциональные различия. Например, в таджикском языке повторяющиеся слова имеют более стилистическую и эмоциональную окраску, тогда как в английском они чаще всего используются как риторический и фонетический элемент в разговорной речи или детской литературе.

Цель данной статьи — прояснить сущность и роль повторяющихся слов как лексического, грамматического и стилистического средства языка в рамках современного и

сравнительного языкознания на основе теоретического, исторического и сопоставительного анализа.

Ключевые слова: *повторяющиеся слова, редупликация, словообразование, типологический анализ, переводоведение, фразеология, стилистика, таджикский язык, английский язык.*

Информация об авторе: Рахимова Шахло - старший преподаватель кафедры иностранных языков комплексного направления специализации Международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода Таджикистана, тел: 918796968, shahlirahimova1993@mail.ru

RESEARCH ON REPEATED WORDS IN LINGUISTICS

The article presents a theoretical and philological analysis of the phenomenon of reduplication (repeated words) in linguistics. Relying on comparative and typological research of the Tajik and English languages, the author examines the structural, semantic, and stylistic characteristics of reduplicated forms, elucidating controversial theoretical issues and historical sources of the study. The article clearly highlights the expressive, grammatical, and phraseological functions of reduplication and emphasizes its importance in translation studies and comparative lexicology.

In Tajik and English, although the phenomenon of reduplication has some commonalities in terms of historical origin and general typological structure, structural, semantic and functional differences are also observed. For example, in Tajik, repeated words have a more stylistic and emotional character, while in English they are most often used as a rhetorical and phonetic element in colloquial speech or children's literature.

The purpose of this article is to clarify the essence and role of repeated words as a lexical, grammatical and stylistic means of language within the framework of modern and comparative linguistics, based on theoretical, historical and comparative analyses.

Keywords: reduplicated words, reduplication, word formation, typological analysis, translation studies, phraseology, stylistics, Tajik language, English language.

Information about the author: Rakhimova Shakhlo - senior lecturer of the department of foreign languages of the complex direction of specialization of the International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda of Tajikistan, tel.: 918796968, shahlirahimova1993@mail.ru

УДК: 81'373.21

ҶОЙНОМИ “БАДАХШОН” ВА МАСИРИ ТАЪРИХИИ НОМИ ОН

Улфатшоев Ҷ.М.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ

Ономастика ё онро “номшиносӣ” низ мегӯянд, як соҳаи нисбатан нави забоншиносӣ аст, ки пайдоиши онро ба солҳои 60 – уми асри гузашта мансуб медонанд. Бисёр, олимоне, ки дар соҳаи ономастика тадқиқ бурдаанд, аз олимони тоҷик О. Ғафуровро чун олиме меҳисобанд, ки нахустин бор ба ин соҳа рӯ овардааст ва дар ин замина асарҳои илмӣ таълиф намудааст. Дар ин соҳа олимони зиёди ватанӣ тадқиқоти пуразиши илмӣ анҷом додаанд, ки дар ин радиф метавон аз олимоне чун А.Л. Хромов, О. Ғафуров, Р. Х. Додихудоев, С. Сулаймонов, А. Девонақулов, Н. Офаридаев, А. Абдунабиев, Ҷумъахон Алимӣ, Ш.Исмоилов, С.Назарзода, О. Маҳмадҷонов, Ш.Ҳайдаров, М.Шодиев, Д.Ҳомидов, Б.Тураев, М.Аюбова, Ш. Насриддиншоев, С. Ю. Абодуллоева, А. Шохуморов, У.Т.Булбулшоев, Р. Шодиев, Ш. Майнусов, Э.Давлатов, С.Қурбонмамадов, С.Шералиева, Ш.Гулаҳмад- шоев, Ҷ.Темиров, Ф. Давлатова, М.Саидов ва дигарон ёд кард. Ин олимон дар бораи ономастика чун як соҳаи нави забоншиносӣ рисолаҳо, монография, дастуру китобҳои хондаиву ҷолиб навиштаанд, ки ба пешрафту инкишофи ин соҳа мусоидат кард.

Дар бораи Бадахшон ва таърихи он дар сарчашмаҳои таърихиву илмиву адабӣ фаровон ёд кардаанд ва бисёр ақидаҳои илмии асоснокро рӯйи кор овардаанд. Бе шак, ҳар кадоми онҳо махсусияти худро доро буда, дар илми таърихшиносӣ ҷойгоҳи хоси худро пайдо кардаанд. Дар радифи ин гуна асарҳои илмӣ таърихномаҳое ҳастанд, ки аз

назари адабиёту забоншиносӣ низ қимати баланд доранд. Асари таърихии бисёр арзишманде, ки солҳои охир дастраси аҳли илму адаб гардидааст, “Бадахшон дар таърих” – и доктор Соҳибназар Муродӣ – олими пуркору забардасти Афғонистон мебошад, ки он соли 2011 дар Кобул дар ду ҷилд ба нашр расидааст. Дар қиёс бо дигар манбаву маъхазҳои илмӣ роҷеъ ба ин минтақа асари мазкур мукаммал ва аз ҳар ҷиҳат шоистаи тавсиф аст. Як хусусияти хеле чашмгири китоби мавриди назар аз дидгоҳи забоншиносӣ ниҳоят ҷолиб будани он ба шумул меояд, бахусус, ономастикаи он басо диққатангез буда, омӯзишу тадқиқи он ба рӯйи бисёр масъалаҳои норавшани ономастика, аз ҷумла, як қисмати он – топонимия равшанӣ меандозад. Ҷойному номвожаҳое, ки дар асар корбаст гардидаанд, аз лиҳози сохту таркиб, маъно, этимология қобили омӯзишанд, ки яке аз онҳо худи ҷойноми “Бадахшон” мебошад.

Азбаски ин асари илмии гаронмоя роҷеъ ба таърихи Бадахшон аст, ба вожаи “Бадахшон”, таърих ва маънои он бояд рӯ овард, зеро маълумоти манбаву маъхазҳои таърихиву илмиву адабӣ сари ин вожа, масири таърихӣ ва бозтобу тобишҳои маъноии он яксон нестанд, аз он пас ба дидгоҳи муаллифи “Бадахшон дар таърих” ва мулоҳизаву фарзияҳои илмии ӯ назар меандозем. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (Душанбе, соли 2010) дар бораи ин ҷойномвожа чизе гуфта нашудааст, танҳо калимаҳои “бадахшӣ” ва “бадахшонӣ” тавзеҳ ёфтаанд, “бадахшӣ” ва “бадахшонӣ” касеро гӯянд, ки аз аҳли Бадахшон бошад. Дар луғатномаи “Ғиёс – ул – луғот” – и Ғиёсиддин Муҳаммад вожаи “Бадахшон” чунин омада: “Бадахш” мухаффафи Бадахшон, “бадахши музоб” киноя аз лаъли Бадахшони гудохташуда, ки иборат аз шароби сурх бошад” [12; 67].

Дар фарҳанги Муҳаммадҳусайни Бурҳон – яке аз луғатншиносони бузурги адабиёти тоҷику форс “Бурҳони қотеъ” вожаҳои “бадахш”, “Бадахшон”, “бадахши музоб” пурра тафсир гардидаанд ва тавре мебинем, вожаи “бадахш” ва ибораи “бадахши музоб” дар “Ғиёс – ул – луғот” як хел шарҳ ёфтаанд:

“БАДАХШ” мухаффафи Бадахшон аст; ва чун лаъл аз он ҷо оранд, лаълро низ “бадахш” гӯянд; ва бадахшонӣ ва бадахширо ҳам “бадахш” гӯянд”. [1; 117]

“БАДАХШОН бар вазни намакдон; вилоятест мобайни Ҳиндустон ва Хуросон. Гӯянд маъдани лаъл ва тило дар он ҷо ҳаст. Ва гӯсфанди он ҷоро аз ғояти бузургӣ ва қувват савор шаванд ва ба ҷоҳои наздик тараддуд намоянд. Ва баъзе гӯянд кони лаъл он ҷо нест. Ва чун аз маъдан бад-он ҷо ованд ва фурӯшанд, бад-он сабаб мансуб ба Бадахшон шудааст”. [1; 117]

“БАДАХШИ МУЗОБ киноя аз лаъли Бадахшон; ва шароби лаъл бошад” . [1; 117]

Доктор Соҳибназар Муродӣ овардааст, ки ҷойномвожаи “Бадахшон” дар асноди бостонӣ бо номҳои “Айриёновайҷа”, “Хонирас”, “Рого – Роғо”, “Тоҳийо”, “Тоҳино”, Тойитйо”, “Варна”, “Питишхоргар”, “Ча(и)гил”, “Дакшино”, “О(А)сио(а)н”, “Патушон”, “Бохтари Шарқӣ” ёд шудааст ва бо дигар номҳои гуногун дар манбаъҳои юнонӣ, чинӣ, авастоӣ ва туркӣ дарҷ гардидааст.

Ҷойномвожаи “Бадахшон” дар забони санскрит аз решаи “Дакшан – Бадакшан – Бадахшон” иборат аст ва маънии “атои Офаридгор” – ро медиҳад. Тавре дар боло омадааст, пайдоиши калимаи “Бадахшон” - ро ба лаъл, ки замоне онро “балахш” ё “бадахш” мегуфтаанд, нисбат медиҳанд, дар забони санскрит ин вожа аллакай тавзеҳ ёфт. Ин гувоҳи он аст, ки дар манбаъҳо ва сарчашмаҳои илмиву адабӣ маънии ҷойномвожаи “Бадахшон” чанд хел шарҳ дода шудааст. Дар баъзе аз манбаъҳо ин номро бо номи қабилаҳое, ки дар асрҳои 3 – 4 қабл аз милод бо исми “авсуниҳо”, “осиҳо”, “осианҳо” дар ду канори дарёи Ҷайҳун зиндагӣ мекардаанд, мепайванданд ва онҳоро аз дудмону табори сакойиҳо медонанд. Нигоранда дар такя ба ин манбаъҳо овардааст, ки дар замони муҳоҷиратҳои ориёиҳо қисмати бузурге аз онҳо ба ҷануби ғарби Ориёно кӯч бастаанд ва дар минтақаи Сакистон, ки баъдҳо ба Сиистон табдил шудааст, иқомат ихтиёр намудаанд. Пасон ин қабила ба водиҳои Ғарҷистон ва Бомиён рафтаанд. Сакойиҳо дар Бадахшони онрӯза вазъи хуби иҷтимоӣ доштаанд ва аз ин рӯ, пайдоиши дудмонҳои тахориҳо, кушониҳо ва яфталиҳоро бо онҳо марбут меҳисобанд. Барои ҳамин

дар баъзе манбаъҳои илмӣ ҷойномвожаи “Бадахшон” – ро бо калимаи “Аси Ан” (“осиҳо”, “осианҳо”) алоқаманд мешуморанд, зеро вожаи “Patis” – и авастоӣ ва “Pati” – и паҳлавӣ, ки ба маънии “сурур ва хоҷа” меоянд, эҳтимолан ба хотири гиромидошти симоҳо ва шахсиятҳои бузурги ин қавм ба ин сарзамин гузошта шудааст: “бадах” – pati – patis (patich). Аз ин ҷо вожаи “Пати” (“Поти”) – ро бо “Аси Ан” пайваст намоем, таркиби “Пати (Поти) – Аси – Ан” ҳосил мешавад, ки аз рӯйи талаффуз ва сохт бо ҷойномвожаи “Бадахшон” хеле наздик аст ва бо мурури замон шакли “Бадахшон” – ро гирифт.

Чиниҳо, азбаски вожаҳои забонашон бештар ҳиҷотақсим аст, дар маъхазҳои қадимаашон “Бадахшон” – ро ба шакли “Pat – daktsi – tang – na” навиштаанд. Дар замони ҳокимияти Кушониён, ки ба асри панҷуми милодӣ рост меояд, ҷойномвожаи “Бадахшон” дар манбаъҳои чинӣ бо шакли “Бодочан” дучор меояд. Баъдҳо дар натиҷаи таҳаввули забонҳо калимаи “paiti” – и авастоӣ ба “от” табдили шакл кардааст ва дар забонҳои замонҳои баъдии ориёиён “paiti” ё “paita” ба “дот” ва “тот” бадал гардидааст.

На танҳо олимон, балки сайёҳоне, ки аз сарзамини Айранаваҳеҷа дидан кардаанд, амсоли Марко Поло, Ибни Батута дар бораи он ва мардуми ориёӣ, ҷойномвожаю номвожаҳо иттилои ҷолиб додаанд, аз ҷумла, дар бораи як қисмати ин мулки ориёӣ – Бадахшон, ҷойному маскунини он изҳори назар кардаанд. Ногуфта намонад, ки роҳи машҳури абрешим аз сарзамини Ориёно мегузашт ва доду ситад, тиҷорат тавассути ин сарзамин сурат мебаст, зеро он дар меҳвари Осиё қарор дошт ва Осиёву Аврупоро ба василаи ин роҳ ба ҳам мепайваст. Аз сӯйи дигар, лаълу лоҷуварди пурқимати Бадахшон аз замонҳои қадим дар тамоми дунё талабгори зиёде дошт ва тавҷҷуҳи олимону сайёҳону ҷаҳонгиронро ба худ мекашид. Бахусус, кишвари Чин ба ин минтақа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекард (албатта, ғасби онро мехост), аз ин ҷост, ки сайёҳони чинӣ ба ин ҷо бисёр меомадаанд. Яке аз онҳо Ҳу Ю Тсонг дар асри ҳафтум ба Ориёно сафар намуда, аз Бадахшон дар шакли “пу – ту – ҷанг - ну” “po – to – chang – no” ном бурдааст ва ҷойи онро дар канори Тсинп – Линг, яъне Помир ҳисобидааст. Ҳамчунин баъди ин сайёҳ ду ҷаҳонгарди дигари чинӣ дар ҳамин аср ин минтақаро дар ёддоштҳояшон “Патушон” “Pato – Shan” гуфтаанд. [1; 34]

Қаламрави вилояти Бадахшон дар мурури айём гоҳе ба Бохтар ва мавридҳое ба Тахористон мансуб будааст. Дар воқеъ айёми хеле қадим номи бостонии Бадахшон “Тахористон” будааст ва бо роиҷ гардидани дини ислом онро ба баъд “Бадахшон” гуфтаанд ва Тахор минбаъд чун номи як вилояте боқӣ мондааст. Олим табдили ном шудани ин мавзеъро чунин нигоштааст: “Ин диёр дар қуруни аввалӣ ва вусто ба номи “Ховарзамин” ва “Тахористон” ёд мешуд. Замони хилофати Аббосиён дар соли 130 (752 милодӣ) ҳиҷрӣ дар арозии Хатлон зилзилае азим ба вуҷуд омад, кӯҳи Шуғнон шикофта шуд ва кони лаъл пайдо гашт, аз он рӯ, ба “Бадахшон” мусаммӣ гардид. Зеро лаълро ба маҷоз “бадахш” мегӯянд”.[8] Ҳудуди он бошад: “Дар фосилаи авоили қарни даҳум то дувоздаҳуми ҳиҷрӣ мавқеияти ҷуғрофиёи Бадахшон миёни Дарвозу Шуғнон ва Қатағану Чатрол буд. Шаҳри Бадахшон дар ин замон маркази доду ситади тиҷорӣ ва равобити иқтисодиву сиёсӣ миёни Осиёи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Ирон, Ҳиндустон ва Чин будааст”. [1;41]

Адабиётшинос Варқа Охонниёзов дар таҳлили достони “Исёни хирад” чунин гуфтааст: “Кулли муҳаққиқони ашъори шоир бар он ақидаанд, ки Мирсаид Миршакар аз тавонотарин эҷодкорони давр буд, ки аз фолклор моҳирона истифода карда тавонист. Ӯ бар абнои нақлу ривоятҳои мардум беҳтарин шеъру достонҳои худро офаридааст, ки достонҳои “Қишлоқи тиллоӣ” ва “Исени хирад” аз зумраи онҳо мебошанд.” [8, 33].

Дар достон чашма ҷӯш зада, ба суоли пурсанда бобати пайдоиши худ дар ҷойи беобу замини ташналаб ҷавоб мегӯяд, ки “синаи замин кафида, ба сӯи ман боди форам вазид ва ман аз ин банди қаъри замин озод шудам”. Чунин чашма бо номи Носири Хусрав то ба имруз дар мавзеи Поршиневи ноҳияи Шуғнон арзи вуҷуд дошта, аз қаъри замин фаввора дорад.Тибқи ривоят, гуиё бо таъсири сеҳру асрори ин ҳакими даврон ба вуҷуд омада, ба замину боғу бӯстон ва худи мардум нерӯ ва “ҷон” бахшидааст. То кунун дар байни мардум таърихи пайдоиши чашма бо ривояти фаҳмишҳои бузургияти Носири Хисрав роиҷ ҳаст. Чашма сари роҳ буда, ҳар як раҳгузари масир аз он нуш мекунад.

Доктори илмҳои филологӣ Додихудо Карамшоев чунин нигоштааст,ки кудакии Мирсаид Миршакар дар гирду атрофи ин чашмаи овозадор паси сар шудааст ва маҳз дар гирду атрофи ин чашма Мирсаиди хурдсол пайваста аз ривояту нақлҳои аҷиб баҳравар мегашт: “Дар маркази ин деҳа ҳайкали табиӣ бо номи “Чашмаи Пири Шоҳ Носири Хусрав” воқеъ гашта, аз қадимулайём чун зиёратгоҳи доимии пиру ҷавон хизмат мекард. Мардум ба ин чашма эътиқоди зиёд дошта нӯшидани обашро савобу шифобахш ва мушкилкушо ҳисоб мекарданд.Мирсаиди наврас ҳар руз бо ҷураҳояш ба зиёрати он мерафт дар атрофаш бозӣ мекард обашро мунтазам мечашид дар бораи он афсонаю ривоятҳои гуногун мешунид ва ҳамаи ин Мирсаидро ба хаёлоти бадеӣ ғута занонда, ба андешаи эҷодӣ ҳидоят мекард” [4,2-3] .

Достонро Мирсаид Миршакар тақрибан дар синни 65 солагӣ навишта буд. Яъне, замоне ки синну солаш ва афкори диниву сиесиву ҷамъиятии ӯ ба як зинаи муайян расида буд ва барои эҷоди чунин достон донишу фикри комилу пухта ва таҷрибаи кофӣ дошт. Як чизро ҳатман бояд донист, ки дар гузашта байни мардуми куҳистони Бадахшон роиҷ буд, ки ин ё он инсонро пеш аз муаррифӣ кардани ӯ, ё бобати аслу насабаш сухан гуфтан, ҳатман қайд менамуданд, ки мутаалиқи кадом тоифаву табақоти ҷомеа аст. Мардум тибқи хираду дониш ва сатҳи хоноии онҳо, тибқи зиракиву ҳушёриву дурандешӣ, кормандиву заҳматписандӣ ба доираҳои табақаи “Фозилон”– у “Мирон”, “Саидон”, “Шоҳон” ва ғайра тақсимбандӣ мешуданд. Тибқи тақсимбандии мардумӣ ва шаҷараи хонаводагӣ авлоди падарии Мирсаид Миршакар аз табори “ Шоҳон”-и водии Шоҳдара ва авлоди модарияш аз табори “Саидон”-и ҷамоати деҳоти Поршинев буд, ки худро аз авлоди Расули Акрам медонистанд ва аз дину ойин басо хабардору огоҳ буданд. Таъсири тарбияи куҳансолони ин доираву тоифаҳо буд, ки Мирсаид Миршакар аз хурдӣ ба донишандузӣ талқин мешуд ва аз забону адабиёт, илмҳои замону ойину арзишҳои диниву дунявӣ баҳраварёфта гардид. Яқинан медонист,ки чӣ менависаду чӣ мегуяд, вале на ҳамаи фаҳмишҳои динии худро, майдони фароху васеи дониши худро дар чаҳорчубаи талаботи даврони Шуравӣ ҷой додааст ва на ҳамаи нозукиҳои ривоятҳои вобаста ба Носири Хусравро ошкоро руи қоғаз овардааст.

Доктори илмҳои филологӣ Варқа Охониёзов дар ин бора чунин нигоштааст: “Достони “Исёни хирад” дар давоми солҳои 1977- 1978 эҷод шудааст, яъне замоне ки шоир камоли умр ва камоли эҷодро касб карда буд. Ин масъала тасодуфӣ нест, зеро барои эҷоди чунин достон зарурат ба касби дониши комил, андешаи бикр, биниши жарф, таҷрибаи кофӣ, мутолиаи мазид ва муқоисаи гузашта, имруза ва оянда буд. Маҳорат

ва дониши шоир то ба он дам ҳамаи ин талаботро фарогир омад ва достон эҷод шуд.” [8, 34].

Мавқеи ҳикматҳои Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар фаҳмиши ин мардуми куҳистони Ватан басо волост ва то ҳануз дар байни бархе аз сокинони Бадахшон маҳфилҳои маърифатӣ ва инсонсолории ҳаким бо номи “даъвати Носир” ном бурда шуда, машҳур астанд. Шоир замони ҳаёти худ дар чунин ҷамъомадҳо одамонро бо ҳам меовард ва аз хираду ақлгароӣ ваъз мехонд. Бояд гуфт,ки чунин маҳфилу ваъзҳои шоир ва файласуф Носири Хусрав саҳифаи таърихи ин мардум ҳаст ва онро нашояд инкор кард. Ин маҳфилҳо ва ваъзҳою гуфтугӯҳову муколамаҳо дар ҷамъомадҳои Носири Хусрав дар баробари тараннуми маърифат, моҳияти диниро низ дар бар мегирифтанд ва дар минтақа нақши фарҳангсозиро доштанд. Ин аст, ки гуишҳои мардумӣ ва адабиёти шифоҳии сокинон бо номи неки Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ алоқаманд ҳаст.

Дар ин бора адабиётшинос Варқа Охониёзов чунин ишора дорад: “Аз ин ҷост, ки дар миёни мардуми Бадахшон нақлу ривоятҳо, қиссаву рисолаҳои гуногун арзи ҳастӣ намудаанд, ки дар онҳо Носири Хусрав гоҳ бо чеҳраи асотирӣ, гоҳ бо чеҳраи фаришташу парӣ ва гоҳе бо қаду боло ва зури бозуи рустамона падидор мегашт. Албатта эҳтиёҷи ҳамешагии мардум, ки дар шароит ва табиати сахт ба сар мебурд, ба як симои мушкилкушо ниёз дошт. Қисмати мазиди ривоятҳо дар хусуси Носири Хусрав ба чашмаҳо, ҷуйҳо ва обҳо алоқа доранд ва яке аз онҳо маҳз меҳвари тасвир ва таъбир дар достони “Исёни хирад”қарор гирифтааст. Достон ҳаматарафа мардумӣ, яъне ҳам интихоби мавзуъ, ҳам шакли интиқол ва ҳам тарзи гуфтор дар он сода, равон ва самимӣ мебошад ” [8,34-35].

Дар достон омадааст,ки давроне, ки Носири Хусрави Қубодиёнӣ зиндагӣ мекард, асри пурпечутоби муборизаҳои ақлу фаросат бо ҷаҳлу нодонӣ буд. Асру замоне, ки аз таҳаммул ва таҳаммулгароӣ, раҳму шавқат асаре надошт. Шоир, мутафаккир, ҳаким, файласуф - Носири Хусрав дар гирдоби амвоҷи чунин сафҳаи пурошуби таърих афтида, барои ҳимояи афкору фаҳмишҳои худ, ойинҳои диниву фарҳангияш ва ҳатто наҷоти ҷони худ талош менамуд. Дар ин ҷода комгору ноком шудаву даҳҳо таззодҳоро аз сар гузаронида, барои ҷустуҷуи адлу инсоф ва тараннуми ҷавҳари асили ниҳоди инсонӣ то дарбори хулафои Фотимии Миср низ мерасад. Шоир ҳамоно мавриди таҳқиру маломатҳои одамони бо афкори ӯ носозгор дучор шуда, билохира рӯ ба кӯҳистони дурдасту касногузари Бадахшон мениҳад, то дар ин ҷо орзуву омоли худро, нияти ниҳоди хешро дар амал татбиқ намояд. Мутафаккир дар ин росто дар Бадахшон муваффақ ҳам мегардад ва ин ба ҳадафрасиданиҳои ӯст, ки имрузҳо ҳатто дар фолклори сокинони Бадахшон ҷою мавқеи ашъору таълимоти Ҳаким Носири Хусрав мақоми хосаро дорост.

Адабиётшинос Алии Муҳаммади Хуросонӣ ва Робиаи Латиф дар тақвияти сухани дар боло овардашуда чунин нигоштаанд: “Дар эъҷоди шеър навъи писандида ва озмудаи адиб қитъаоти гуногунмуҳтаво ва достонҳои таърихии таъаллуқоташ замонавист . Маҳз ҳамин равияи хоста ба Мирсаид Миршакар имкон дода, ки воқеъияти мураккаб ва ҳодисаҳои рузгорро дар ҷаҳорчубаи ҳамосаи таърих пурвусъату рушан ба риштаи тасвир кашад. Ҳамин тачрибаи нек дар достони “Исёни хирад”, ки ба рузгори пурмуҷарои сипаришудаи Носири Хисрави Қубодиёнӣ бахшида шудааст хеле ҷолиб корбаст гардида ...Носири Хусрав бо ҳамин нокомӣ, саргардониҳо, қурбони воқиаҳои таърих гардидан дар тасвири суханвар сарбаланду ҷасур, ботаҳаммулу бурдбор ва қаноатпешаву ҳақиқатандеша, бо пайкари бузургу маърифати баланди инсонӣ тачассуми худро ёфтааст. Дар ин асар чеҳраи эҷодкор минҳайси як мутафаккири ҷуёву пӯё худнамоӣ дорад ва бе муҳобо достони “Исёни хирад” аз офаридҳои маъруфи шоир дониста шудааст”[11,10].

Достони “Исёни хирад” аз чаҳор мисраи муқаддимавӣ, ҳашт байти оғози достон, қисми аввали достон, ки иборат аз панҷ зерқисмат, қисмати дуюми достон- иборат аз чор зерқисмат ва се байти анҷоми достон иборат аст. Ҳамаи достон тариқи нақл ва гуфтугӯ

оварда шудааст. Пурсанда худи шоир ҳаст ва посухдиҳанда чашмаи босаффо, ки шоҳиди ҳар гуна ҳодисот- саҳифаи рузгорони мардум мебошад. Чашма, ки ҳамаруза одамони бешумор аз он нуш мекунанд ва дар назди ӯ дам гирифта, суҳбаторӣ менамоянд,дар худ асрори зиёди ҷаҳони гузаронро ниҳон дорад,ки яке аз ин таззодҳо тавлиди чашма аз қаъри замин ва қиссаи озодибахшандаи ӯ, ки ҳаким Носири Хусрав дар назар дошта шудааст,мебошад. Чашма ҳамвора нақл менамояд ва ҳар оғози қисмату зерқисматҳои достон аз сухани чашма шуруъ мегарданд, ки пай дар ҳамии ҳодисаро ба ёд оварда, онро ба шунаванда мерасонад. Албатта худи сухан гуфтани чашма аз фолклори мардуми куҳистон гирифта шуда, ҳамаи он ибрози андешае, ки аз номи чашма оварда шудааст, ин аз гуишҳои гуногуни мардуми минтақа ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, чун афкори мардум ва диди мардум нисбати ин шахсияти таърихӣ - Носири Хусрави Қубодиёнӣ маънидод гардидааст.

Дар достон омадааст, ки чун чашма озодкунандаи худро мебинад, аз ӯ ҳидоятҳо мешунавад, бобати минбаъд гулзор намудани гирду атрофи худ. Мардум гирди чашмаи аз қаъри замин фовворазананда ҷамъ меоянд. Яке чеҳрахандон, яке лаб газида ҳайрон, яке пурсид чӣ эъҷоз ва дигаре гуфт, ки ин эъҷози Худост. Чашма ҳамаи инро ба шунаванда (Мирсаид Миршакар дар назар дошта шудааст) нақл мекунад ва мегуяд, ки раҳкушояндаам аз ҷой хеста гуфт, ки “Ин чашма қудрати ӯ нест!”. Ҳамин ҷавоби мард буд, ки тудаи одамон зидди ӯ баромада, яке ӯро кофир, дигаре шайтон, сеюми номусулмон гуфта, ба сараш ҳамла карда, ӯро бо сангу калтак мезаданд. Марди доно аз азоби мардум худро раҳо карда мегуяд, ки худро бехудо, ё аз авлиё низ нагуфтааст. Фақат таъкидаш бар он ки чашма қудрати дасту бозувону ифтихори худаш ҳаст.

“Ман нагуфтам ки бехудоям ман,
Ман нагуфтам, к-аз авлиёям ман.
Гуфтам ин чашма қудрати ӯ нест!..
Шуд садое баланд: “Қудрати кист?”
Гуфт бо ифтихор он гулдаст:
“Қудрату дасту бозувони ман аст...
Ифтихори ману ҷаҳони ман аст!” [7]

Идомаи достон мақолҳои мардумии - “Худситоӣ пешаи шайтон бувад” ё худ “Аз дасти мо чӣ меояд,гар Худованди мо нафармояд” (маънои мақоли “бе амри Худо барг нарезад зи дарахт”), “Одам аз коҳилии худ хор аст, баски бедониш аст, бебор аст”,(ба маънои мақоли занбури беасал –одами беамал), “Бар дарахте ки ҳаст онро бар, мехурад бар сараш ҳамеша табар”, “Бохирад бори ин дарахти ҷаҳон, бехирад хори ин дарахти ҷаҳон” истифода бурда мешаванд. Дар ин қисмат баҳси мардум бо раҳокунандаи чашма дароз давом мекунад ва марди доно мардумро таъкид мекунонад, ки ;

Гуфт он кас ,ки эй бародарҷон,
З-ин сабаб номи ту бувад Инсон,
Ки туйи ҳукмрони арзу само,
Ҳукмфармойи ҳастии дунё...[7]

Яъне маънои суханону таъкидоти марди доно бар он ҳаст, ки айбу қудрати Худо накун, ки чун худ танбал, ноқобилу заиф ҳастӣ. Пешрафту ободӣ дар дасти худат, зеро номат Инсон аст, яъне меҳнат бикун,ки аз меҳнат роҳат аст- ҳукмфармои ҳастии дунё Инсон аст. Ва марди доно аз ҳунару қобилияти Инсон, аз донишандузиву хирадмандӣ сухан мегуяд ва таъкид бар он мекунад, ки ин чашмаро, ки маҳз натиҷаи заҳмат аст, ба мардум мебахшад, бигузор мардум аз оби нукрафоми он баҳра баранд ва ташналаб даштҳо обод шаванд. Аз байни мардум шайхи бузриш, ки суханони марди доноро бобати талош баҳри зиндагии шоиста тавассути меҳнат қабул намекард, дод зада, ӯро маккор ном мебарад. Дар ин мубоҳиса марди доно худро муаррифӣ мекунад ва маълум мегардад, ки Носири Хусрав ҳаст. Ҳамин тариқ ,баҳсу муборизаҳои ҳакими давр бо доираи мардуми бадҷаҳл оғоз гардида, тамоми достон давом меёбад. Зимни мунозираву баҳсҳо ақидаҳои дунявии ҳаким Носири Хусрав аз ҷониби Мирсаид Миршакар ба

қалам дода мешаванд.

Адабиётшинос Соҳиб Табаров дар бора хуб навиштааст: “Дар маркази мавзуи ин достон ривояти машҳури халқи тоҷик дар бораи аз тарафи шоир ва олими бузурги халқи тоҷик Носири Хусрав кашф кардани чашмае гузошта шудааст. Вале Мирсаид Миршакар ба воситаи нақлу ҳикояи чашма дар бораи ақидаҳои пешқдами Носири Хисрав маълумоти муайяне дода, ӯро ҷуяндаи ҳақиқати зиндагӣ (“ҷуянда-ёбанда аст”) меномад”[10,9].

Чашма ҳамоно ҳолати ғарибонаи шоирро нақл мекунад. Гуфта мешавад,ки ба пеши шоир ҷавоне бо номи Равшан меояд, ки аз гарду ғубори замонаи пурдаҳшат, куштору таъқибҳо, золимии Маҳмуд суханҳо мекунад. Равшан ва шоир дар ормони рузи хушу айёми хуш таъкид бар он мекунанд, ки замона - чархи гардун ҳамеша гардон аст ва кори ҳақ билохира пируз хоҳад шуд, яъне ҳикмати замонро мисол овардааст. Тақозои ҳикмати замона ин аст, ки дунё ҳамеша дар гардиш аст ва ҳар кирдор тибқи диёнат ба подоши худ мерасад; яъне маънои мақолҳои мардумии “ҳар кардаро ҷазое” ё худ “поёни шаби сияҳ сафед аст”, ё ин ки “дунё ба умед аст” ва метавон даҳҳо мақолро дар ин мавзуъ аз фарҳанги мардуми куҳистон овард.

Гуфт шоир, ки чарх гардон аст,
Зиндагӣ низ пайрави он аст.
Мешавад ин ҷаҳон дигар?,Ope!
Кори ҳақ мекунад зафар?,Ope! [7].

Дар достон бо халқ наздик будани шоир, бо мардум ҳамфикр ва ҳаммаром будани Носири Хусрав ва бо аҳли ҷомеа ваҳдат доштани ӯ таҷассум карда шудааст.

Дар ин бора дар мақолаи муҳаққиқи соҳаи адабиёт Кароматуллоҳи Шукруллоҳ низ чунин омадааст: “Шахсияти шоири овора (яъне Носири Хусрав) барои қаламкаши имрӯз ниқоби маҳз набуда, балки воситаи таъкиди озодии шахси рошид ва афкори пешқадам дар масири таърих аст. Беш аз ин шоир озодии қаҳрамони худ, қаробат ва ваҳдати ӯро бо халқ, назари ҷомеаи дунешиносӣ ва инсоншиносиро таъкид карданист.Шахсияти ҷозиб ва зиндагисози ин образ низ аз ҳамин мабдаъ ибтидо менгирад.”[13,102].

Дар зерқисмати чорум чашма, ки шоҳиди кору бори гирду атрофи худ аст, нақл мекунад, ки аз дарбори шоҳи замон қосиде ба пеши шоир фиристода мешавад, ки шоирро бозпас мехонад. Ва қосид “Юмгон макони ту нест ...чашми дарбориён ба роҳат чор!”гӯён шоирро ба дарбор мехонад. Шоир рад мекунад. Қосид ду бора даъвати садри кишварро такрор мекунад ва мегуяд, ки таълифи “Зод-ул-мусофирин”-и ту бар шоҳаншоҳ бетаъсир намонда, аз ин рӯ маро ба наздат фиристондааст. Шоир, марди доно ва ҳаким таклифро дубора рад карда, мегуяд;

Ту бихоҳӣ ки рафта дар дарбор
Сар фарорам ба садри бадкирдор...
Ман нарезам ба пойи ин хукон
Дурри лафзи дарӣ ба хотири нон !...
...Низ аз ту намекунам пинҳон
Ки дар ин рузгори бесомон,
Зинда танҳо ақидае монад
Ки халоиқ азони худ донад!”[7].

Ин гуфтаҳои шоир “зинда танҳо ақидае монад, ки халоиқ аз они худ донад” низ такя бар ғановати забонию афкори оддии мардумӣ ва муҳимияти такя бар афкору ақоиди халқ мебошад. Бо ҳамин ҳикмати дигари халқии дар ҳар давру замон муҳим, яъне “ақидаи халқ ва амри халқ ҳамеша зинда аст”ё худ байти машҳури мардумии “ҳар ки бо душании халқ равон аст чу баҳр,зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хурад”, ки ишора бар зинда будани мароми халқ аст, зерқисмати чорум анҷом мепазирад.

Зерқисмати панҷум боз аз нақли чашма, ки шоҳиди кори замон аст, оғоз меёбад. Чашма нақл менамояд, ки марду зан бо ишораи шайхи бузриш, ки худ аз илму дониш

дур ва дар банди ҷаҳолат буд, ҷамъ омада, шоирро ҳар гуна надомату маломат карда, кофиру номусалмон хонда, таъна мезаданд. Дусташ Равшан, ки тобу тоқати туҳматҳоро надошт, ноҳақ будани шайхро ба забон мегирад, ки бо ҳамин аз ҷониби одамони ҷаҳолатпеша кушта мешавад. Шоир дил дар ғам бо дидаи пурнам аз замона шикоят ба забон меорад. Нолаву гиря карда фалакро гунаҳкор мекунад. Мардуми оддӣ, аз зумраи деҳқонон пеши шоир омада, дусти ӯ - Равшанро ба хок месупоранд ва шоирро дилбардорӣ карда, бо ӯ ҳамшарику дуст будани худро баён месозанд.

Ҳамин тариқ, сокинони оддии куҳистон бо шоир боз наздиктар шуда, ӯро таъкид менамоянд, ки худро ғариб напиндорад. Одамон аз фазлу дониш ва ҳикматҳои ниҳоди марди доно пайваста баҳрабардорӣ намуда,бо ӯ наздиктар мешаванд. Шоир бошад ният мекунад, ки минбаъд;

Мекунам васфи косибу деҳқон
Холиқу розиқанд ҳар дуяшон.
Ҳар ду меҳнаткаши забардастанд
Мардумони ҳалолхур ҳастанд...[7]

Шоир худро дар ҳалқ ва халқро дар ашъори худ маънидод мекунад ва мегуяд, ки аз фазли мардумони ҳалолхур қасидаеро бунёд хоҳад кард, ки чун ҳар ҳунарманд меҳмонаш бишавад, аз гавҳари он, ки ҳикмат аст, моту мабҳут хоҳад гашт.

Достон зи оғоз то анҷом бо маколама давом меёбад ва он аз ҷониби шоир чунон зебо ва ҷоллибу таъсирбахш ба қалам дода шудааст, ки хонандаро бовар мекунонад, ки ин гуфтугӯ бо чашма на ривоят , балки ҳақиқат аст. Дар ин бора доктори илмҳои филологӣ, фолклошинос Нисормамад Шакармамадов низ таъкиде хубе дорад: “ Шоир бо услуби ба худ хос аз унсури бадеӣ –диалог моҳирона истифода бурда , фикр ва ақидаи худро ба воситаи гуфтугуи чашма ва шоир мекушояд ва хонанда аз ин воситаи тасвир ривоят будани объекти тасвиршавандаро фаромуш мекунад” [12,134].

Қисмати дуюми достон боз бо нақли таъсирбахши чашма оғоз меёбад.Дар ин қисмат, чашма, давоми ҳодисаро баъди гузашти солҳои зиёд, баъди гузашти айёми ҷавонии шоир, айни пириву солхурдагияш ба забон меорад.Дар зерқисмати якум аз он сухан меравад, ки донишу суханони панду андарзиии Носири Хусрав фарогири ҳар хонаву дар мегарданд, ки ин ҳасади шайхи бузриши ҷаҳолатпешаро афзун мегардонад. Аз он ёдрас мегардад, ки шоир деҳ ба деҳ гашта, бо пиру барно маҳфилороиву суҳбаторӣ мекунад, ки инро шайхи бузриш “гумроҳ”-ии одамон ва шоирро “фиребгар”-и мардум ном мебарад ва бо ҳамин оташи ҷаҳли ӯ зиёдтар шуда, ба як мирзодаи бадмаст мефармояд, ки даҳони шоирро бидузад, то ки дигар аз забони ӯ сухане гуфта нашавад. Давоми достон чашма шоҳиди айёми пирии шоир будани худро нақл мекунад. Ҳолати шоирро ба қалам дода мегуяд,ки ришҳояш сафеду қоматаш хам ва дар рухаш аломатҳои ғаму андуҳ ҳувайдост. Дастонаш ларзону дидагонаш пуроб. Бо омадани шоири пир назди чашма, мардум ҳамоно гирду атрофаш ҷамъ мегардид. Мардумон арз доштанд, ки аз рузе , ки бо шоир шинос ва ба ҳақиқатҷуйии ӯ умед бастаанд, басо солҳо сипарӣ шуданду навҷавонон пир гардиданд, вале марду зан мисли пешина ҳамоно нонгадо мондаанд. Миру вазири бадандеш фақат дар ғами худ ва шиками худ мебошанд. Дар ин ҷо мардум Носири Хусравро ба шуриши зидди амиру вазиру соҳибмулкон даъват менамоянд, зеро яқинан медонанд, ки мардум ба гапи ӯ гуш мекунанд ва аз пасаш мераванд.

Шоир дар ҷавоб мегуяд, ки хуб медонад “замона одил нест”. Худ он чизеро, ки дар зиндагӣ ҷустуҷуяш намуд,онро дарёфт ва ин дарёфт на бар он асос меёбад, ки зидди касе ё коре исён кунад, балки он аст, ки дигаргун кардани замонаро аз дигар намудани афкори худ ва аъмоли худ оғоз намояд. Яъне исён бар зидди замона ин пеш аз ҳама исён бар зиди ҷаҳолати худ аст.

Ман шабе бо ду дидаи пуроб
Хоб рафтам, ки ногаҳон дар хоб,
Дидам онро, ки ман ҳамеҷуям,

Исмаш аз рашк ман намегуям,
Гуфт бар ман, ки: “Тоати Яздон
Мекунад мушкили туро осон...

Дар ин ҷо Мирсаид Миршакар дар достони “Исёни хирад”нишон медиҳад, ки дар пиронсолӣ ақоиди шоир куллан тағъир ёфтааст. Чун дар қисмати якуми достон аз қаъри замин фаввора задани чашмаро “қудрати ӯ нест”,балки зури “бозуи Инсон аст” гуфтааст, дар айни пирияш,баръакс шараф ба он “устод” мегуяд, ки “нарафтааст меҳнаташ барбод.” Мирсаид Миршакар шоир ва ҳакиму файласуфро тавре тасвир намудааст,ки аз худ ва аз кори худ норозӣ ҳаст.

“Лек ман,- гуфт ӯ,- чу беморам,
На зи худ розиям,на аз корам”

Дар зерқисмати сеюм боз чашма ба сухан даромада, аз нақлҳо маъно ва сабаби гуфтаҳои ҳаким –“на зи худ розиям, на аз корам” оҳиста оҳиста аён мегарданд. Деҳқоне аз сазамини Балх ба пеши ҳаким мебиёяд ва шоир ӯро дида, аз фироқи дустону ёди зодгоҳаш зор зор мегиряд. Шикоят аз замона мекунад ва аз он, ки ҷоҳилон ҳатто куштани ӯро низ раво медонанд.Ҳамаи ин ва дигар мушкилиҳову нофаҳмиҳо ҳакимро ба “норозигӣ аз худ” овардаанд. Дар ин ҷо табиати инсонӣ мисол оварда шудааст,ки чӣ касе дар ҳар ҷое набошад, ҳамеша ӯро ёди зодгоҳ, ёди наздикон, ёди ёдгориҳои айёми ҷавонӣ ба худ мекашад ва Носири Хусрав низ аз чунин эҳсосот дар канор набуд. Дили ӯ ҳамеша дар ёди Хуросонаш месухт.

Дар ин ҷо гуфтугуи Носири Хусрав ва деҳқонро, ки аз сарзамини Балх омадааст, чашма баён намуда, мегуяд,ки меҳмон Носири Хусравро таъна мезанад. Таъна аз он, ки аз ғуруру буррогияш асаре нест. Замоне буд, ки то мулки Араб сафар карда, адолату ҳақиқатро ҷустуҷу мекард. Ҳатто бо Худо баҳс дошт, вале имруз бошад, он ғайрат нопадид гаштааст. Деҳқон шуришҳои дар сарзамини Хуросон рух додаро мисол меорад ва Носири Хусравро низ ба исёни зидди беадолатиҳо,зидди ҳокимони давр даъват менамояд. Носири Хусрав ба даъватҳои марди деҳқон низ ҷавобҳои босазо гуфта, ишора бар он мекунад, ки зидди замона бо фикри пухта, амалу нақшаи пухта, бо ақлу фаросат бояд исён кард. Бо хирад бояд исён кард.

Теғи кунд аст фикри нопухта,
Ё ки дурр аст, лек носуфта!
Фикри ман дар танури асру замон,
Пухта гардидааст,эй деҳқон!
Балки имруз мири куҳсорам
Лашкар аз шеъру достон дорам.
Бо ҳамин лашкари диловари ман
Зарба меоварем бар душман.

Дар ин ҷо душман ба маънои ҷаҳлу нодонӣ омадааст, ки онро танҳо бо чароғи хирад метавон нобуд кард. Дар ин синну сол ва пирии ҷисм, ки қомат хаму риш сафеду даст ларзон аст, Носири Хусрав дили худро ҷавон ва чашми худро бино гуфтааст,ки ин барнодилӣ ва рушании дидаро ба ақлу хирад - ғановати маънавӣ ташбеҳ додааст.Яъне ботинан ҳамешаҷавон аст, зеро нури дида ва неруи қалби ӯ аз хирад маншагиранда ҳастанд. Чун деҳқон-меҳмон мебинад, ки суханаш бар Носири Хусрав асар накард, аз наздаш хеста, ба ҷустуҷуи “туфон”-и дигар меравад, вале шоир ба чашма, ки онро аз қаъри замин озод карда буд,муроҷиат карда мегуяд;

Дар ҳамин ҷо моҳияти достони “Исёни хирад” ба нуқтаи волотарини ҳадафи худ мерасад ва он чиро, ки Мирсаид Миршакар тавассути чашма гуфтанӣ мехост, акнун гуфта дода шуд. Албатта чӣ тавре, ки дар боло қайд намудем, Мирсаид Миршакар моҳияти достонро дар чаҳорчубаи талаботи сиёсати замони давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ дароварда буд, вале тавонист ҳадафи ниҳоии худро бо маҳорати баланд манзури хонанда намояд.

Дар зерқисмати ҷаҳорум омадааст, ки боз чашма нақл менамояд, ки рузи дигар

сокинони миёни куҳи баланд ҳамагӣ сиеҳпуш буданд.Сияҳпуш аз он, ки шоири маҳбуб ҷаҳонро падруд гуфт. Мардум афсус мехурданд,ки замона боз як инсони адолатҷую адолатпешаро, тараннумгари бузургии Инсон ва хиради инсониро аз майдони ҳаёт ба роҳи бебозгашт бурд. Чашма низ афсус мегуфт ва боз чунин нақл менамуд;

....Бишунав эй азизи дилогоҳ,
Фарқ бигзор байни донаву коҳ.
Донаро кору ҳосилаш бардор
Бизан оташ ба коҳи нодаркор.

Ҳамин тариқ, достони “Исёни хирад” боз бо ҳикмати мардумии куҳистониён “донаро кору ҳосилаш бардор, бизан оташ ба коҳи нодаркор” анҷом мепазирад. Дар ин мақоли мардумӣ дона ба маънои маънавиёт, яъне ғановати ботин ва коҳ ҳастии зоҳирӣ, он чизе ки бебақост, омадааст. Бармеояд, ки фолклор бо жанрҳои худ мактаби бузурги тарбияву панду андарз аст ва муҳаққиқ Асадулло Сӯфизода низ дар бора хуб гуфтааст: “Ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии одамизод нахустин бор дар асотир ва афсона нақл ва ривоятҳои шифоҳӣ ифода ёфтааст. Талош ва муборизаи дуру дароз шадид ва тулонии инсон баҳри ободӣ ва бунёди олами равшан ва рангин аз ҳамин асотир ва афсонаҳо ибтидо гирифтааст” [9,12].

Моҳияти аслии достон дар достон тариқи нақл, ривоят, ташбеҳу мақолҳо ва панд омадааст ва басо ҷоллиб ҳам аст. Дар достон ҳақиқати таърих дар тавҳамӣ бо ривояту гуишҳои мардумӣ манзур карда шудааст, ки хонданибод буда, хонандаро андарз медиҳад .

Дар ин бора баҳогузории драматург, мунаққиди адабӣ, ссенариянависи Рус Николай Николаевич Кладо (1909- 1990), ки дар солҳои 1939- 1941 ба ҳайси коргардони “Тоҷиккино” кору фаъолият намуда, бо Мирсаид Миршакар ҳамкориҳо ҳам доштааст, бамаврид мебошад: “Роҳи эҷодии Миршакар тамоман дигар аст.Ба эҷодиёти ӯ анъанаҳои классикон кам таъсир кардаанд.Ба Миршакар бештар афсонаю достонҳои халқии дар кудакӣ шунидааш таъсир гузоштаанд” [5,87].

Достони “Исёни хирад” бори дигар бузургии фолклор ва нақши муҳими онро дар ҳаёти мардум маънидод менамояд ва он чӣ дар фолклори мардум гуфта мешавад, яқинан решагузор дар фарҳанги он хоҳад шуд ва ҳеҷ гоҳ аз гуишҳои мардумӣ зудуда намегардад.Ҷойгузинии мақоми Носири Хусрав дар рабти рузгорони мардуми куҳистони Бадахшон исботи ин гуфтаҳост. Фолклоршиноси тоҷик Раҷаб Амонов қайд намудааст: “Мирсаид Миршакар ба фолклор чун ба соҳаи муҳими маданияти маънавии халқ муносибат карда ва аҳаммияти бузурги онро дар тарбияи насли наврас амиқ фаҳмида, кӯшиш мекунад, ки ба воситаи асарҳои худ, ғояҳои пешқадами халқро ба диққати хонандагони имрӯза расонад, дурдонаҳои эҷодиёти бадеии аҳли меҳнатро ба ганҷинаи маданияти имрӯза зам кунад” [1,89].

АДАБИЁТ

1. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р. Амонов. - Душанбе: Ирфон, 1981. −221 саҳ.
2. Асозода Х. “Адабиёти тоҷик дар садаи хх”, ҷилди се./ Х.Асозода. “Адабиёти тоҷик дар садаи хх”, ҷилди се.-Душанбе:.- Маориф:.-1999:.-447 с
3. Бобокалонова.Ҷ “М.Миршакар –шоири бачагон” / Ҷ.Бобокалонова. “М.Миршакар-шоири бачагон”.-Душанбе:-Ирфон:- 1976.
4. Карамшоев Д. “Достонсарои номдор”.(бахшида ба 70 солагии зодрузи шоири маъруфи тоҷик Мирсаид Миршакар)./ Д. Карамшоев:- Достонсарои номдор:-Душанбе:-Ҷамъияти “Дониш”-и РСС Тоҷикистон:-1982:-22с
5. Кладо.Н. “Дар бораи маҳорат ва навигарӣ.” // Н.Кладо. “Дар бораи маҳорат ва навигарӣ.”: -Шарқи Сурх: -1951.№ 1.- саҳифаи 87.
6. Мажнунов А. Султонмамадова У. “Миршакар ва фолклор”// А. Мажнунов,У.Султонмамадова.Душанбе: -Суханшиносӣ.–“Миршакар ва фолклор”:- 2022.- №1.

7. Миршакар.М “Асарҳои мунтахаб”/ М.Миршакар. “Асарҳои мунтахаб”.- Душанбе:-Ирфон:-1982:-496 саҳифа
8. Охонниёзов В. “Ҳақиқат ва ривояти достони “Исёни хирад” –и Мирсаид Миршакар”// В.Охониёзов. Садои Шарқ:- “Ҳақиқат ва ривояти достони “Исёни хирад” –и Мирсаид Миршакар”. -2022. -№4.-саҳ 33.
9. Сӯфизода. А. “Фолклор ва воқеият”// А. Суфизода “Фолклор ва воқеият”– рисолаи илмӣ: - Душанбе : - Шарқи озод:- 2008:- 112 саҳифа
10. Табаров. С . “Мирсаид Миршакар”/ С. Табаров. “ Мирсаид Миршакар”:- Душанбе:.- Ҷамъияти паҳнкунандаи донишҳои сиёсӣ ва илмии Тоҷикистон:- 1962 :-30 саҳифа
11. Хуросонӣ. А. М ва Латиф.Р “Панҷи ноором”/Алии Муҳаммади Хуросонӣ ва Робиаи Латиф.- “Панҷи ноором”.-Душанбе-Теҳрон.-2002.-365 саҳифа
12. Шакармамадов Н. “Бадахшон –дар масири тамаддуни умумибашарӣ”/ Шакармамадов.Н. “Бадахшон –дар масири тамаддуни умумибашарӣ”:- Душанбе: - Дониш: -2006: -187 саҳифа
13. Шукруллоҳ К. //К.Шукруллоҳ. -Садои Шарқ:- №9:-1987:-саҳ 102

ДОСТОНИ “ИСЁНИ ХИРАД”-И МИРСАИД МИРШАКАР ВА ИСТИФОДАИ ФОЛКЛОР ДАР ОН

Мирсаид Миршакар шоир, достонсарои номдор мебошад. Ӯ шоире, ки эҷодиёташ саршор аз фолклор - ғановати адабиёти шифоҳии мардумӣ аст. Ӯ ҳамеша бо мардум буд, аз ин ру бо маҳорати баланд гуишҳои мардумиро омухта, таҳлил намуда, дар эҷодиёти худ ҷой додааст. Достони “Исёни хирад” аз шумори маъмултарин достонҳои ӯ мебошад,ки дар асоси ривоятҳои мардумӣ дар гирду атрофи шахсияти таърихӣ, шоир Носири Хусрав эҷод шудааст. Достони “Исёни хирад” дар худ ҷанбаҳои бойи фолклорӣ дорад, ки муътавои панду андарзӣ дошта, раҳнамунсоз ба хулқу атвори неки инсонӣ мебошанд. Муътавои асосии достони “Исёни хирад” - ин омузиши маърифату хирадмандӣ мебошад. Талқин баҳри он аст, ки танҳо бо маърифат ва ҷавҳари аслии ботин, ки донишу ҳикмат мебошад, метавон бар зидди ҷаҳолати замон исён кард. Исён бар зидди ноадолатии давр - ин пеш аз ҳама исён бар ҷаҳолату нодонии худ аст. Ба маънои он, ки агар бихоҳи дунёро дигаргун бисозӣ, нахуст акфкори худро, гуфтору фаҳмиши худро дигаргун бояд сохт. Исён бар зидди нобаробарии замонаро аз исён бар зидди нофаҳмиҳои худ бояд оғоз кард.

Калидвожаҳо : Мирсаид Миршакар, фолклор, исёни хирад, ривоят, Носири Хусрав , чашма, хирад, маърифат.

Маълумот дар бораи муаллиф: Худоёрбекзода Хосият Қамчибек – унвончуйи шуъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови АМИТ. Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, Н.Қарабоев 5, 38. Тел: 93 588 23 60; Email: khosiyat.kh.k@gmail.com.

ИСТОРИЯ «ВОССТАНИЯ МУДРОСТИ» МИРСАИДА МИРШАКАРА И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В НЕЙ ФОЛЬКЛОРА

Мирсаид Миршакар — известный поэт и рассказчик. Он поэт, чье творчество пропитано фольклором — богатством устной народной литературы. Он всегда был с народом, поэтому умело изучал и анализировал народные песни и включал их в свое творчество. Стихотворение «Восстание мудрости» — одно из его самых популярных стихотворений, основанное на народных сказаниях, окружающих историческую личность, поэта средних веков Носира Хусрава. Рассказ «Восстание мудрости» содержит в себе богатые фольклорные аспекты, полные уроков и советов, направляющих нас к хорошему человеческому поведению и поступкам. Основная тема рассказа «Восстание мудрости» — изучение знаний и мудрости. Толкование таково, что только с просветлением и истинной сутью своего внутреннего мира, которая есть знание и мудрость, можно восстать против невежества времени. Бунт против несправедливости времени — это прежде всего бунт против невежества собственного понимания. Бунт против несправедливости времени — это бунт против собственного неосведомленности. В том смысле, что если захочется изменить мир в лучшее направление, то прежде всего надо начинатӣ с себя - сначало надо изменить своё мышление, свою речь и своё

понимание. Восстание против неравенства нашего времени должно начинаться с восстания против собственного непонимания.

***Ключевые слова**: Мирсаид Миршакар, фольклор, восстание мудрости, легенда, Насир Хусрав, весна, мудрость, просветление.*

Сведение об авторе: Худоёрбекзода Хосият Қамчибек –соискатель отдела фольклора и литературы Института гуманитарных наук имени академика Баходура Искандарова Национальной Академии Наук Республики Таджикистан. Адрес: 734003, г.Душанбе,ук Н.Қарабоев 5, 38. Тел: 93 588 23 60; Email: khosiyat.kh.k@gmail.com.

THE STORY OF "THE TRIUMPH OF WISDOM" BY MIRSAID MIRSHAKAR AND THE USE OF FOLKLORE IN IT

Mirsaid Mirshakar is a famous poet and storyteller. He is a poet whose work is steeped in folklore - the richness of oral folk literature. He was always with the people, so he skillfully studied and analyzed folk songs and incorporated them into his work. The poem "The Triumph of Wisdom" is one of his most popular poems, based on folk tales surrounding the historical figure - the poet Nasir Khusraw. The story "The Triumph of Wisdom" contains rich folklore aspects that are full of lessons and advice, guiding us towards good human behavior and deeds. The main theme of the story "The Triumph of Wisdom" is the study of knowledge and wisdom. The interpretation is that only with enlightenment and the true essence of the inner being, which is knowledge and wisdom, can one rebel against the ignorance of the times. Rebellion against the injustice of the times is first and foremost, it is against the ignorance of one's own understanding. In the sense that if you want to change the world, you must first change your thinking, your speech, and your mind. Triumph against the inequality of our time must begin with rebellion against your own nescience.

Keywords: Mirsaid Mirshakar, folklore, triumph of wisdom, legend, Nasir Khusraw, spring, wisdom, enlightenment.

About the author: Khudoyorbekzoda Khosiyat Kamchibek – applicant of the department of folklore and literature Institute of Humanities named after Academician Bakhodur Iskandarov of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Dushanbe city, N.Karaboev 5, 38. Тел: 93 588 23 60; Email: khosiyat.kh.k@gmail.com.

УДК: **811’373.46:37**

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ МАНСУБ БА ОМӮЗГОРОН, ОМӮЗАНДАГОН ВА СОЛИ ТАҲСИЛ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ (TEACHERS, LEARNERS AND ACADEMIC YEAR IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS)

Ҳамроев Қ.М.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Пеш аз он ки ба хусусиятҳои сохтории истилоҳоти мансуб ба гурӯҳе, ки зикраш рафт шуруъ намоем, зарур мешуморем, ки маънои луғавии истилоҳҳои *омӯзгор, донишҷӯ* ва *соли таҳсилро* шарҳу тавзеҳ диҳем, зеро он истилоҳоте, ки дар зер мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода хоҳанд шуд, бо инҳо алоқаи маъноии наздик доранд.

Истилоҳи «омӯзгор» ва муодили англисии он «teacher» дар ҳарду забон ҳам аз нигоҳи сохт исми сохта буда, бо маънои «муаллим, тарбиятгар, устод, яъне шахсе, ки одатан дар ягон муассиаи таълимӣ ба тадрису тарбия машғул аст мебошад-a person who teaches, usually as a job at a school or similar institution». Агар истилоҳи *омӯзгор* дар забони тоҷикӣ бо муродифи худ *муаллим* истифода гардад, пас дар забони англисӣ истилоҳи *teacher* бо чунин муродифот мушоҳида мешавад: educator, tutor, instructor, master, mistress, governess, educationist, preceptor; coach, trainer; lecturer, professor, don; guide, mentor, guru, counselor; substitute teacher, sub. Ҳамаи истилоҳоти англисии овардашуда ба истилоҳи «teacher –омӯзгор, устод, тарбиятдиҳанда» алоқаи зичи маъноӣ доранд.

Истилоҳи дигаре, ки бо истилоҳи *омӯзгор* ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз нигоҳ

маънӣ наздик аст, ин вожаи *омӯзанда* ва муодили англисии он воҳиди луғавии *learner* ба шумор меравад. Дар бештари фарҳангҳои тоҷикӣ истилоҳи мазкур бо маънии «шогирд, толибилм, талаба, толиба, хонанда, донишҷӯ» ва дар фарҳанги «Oxford Dictioanary» ҳамчун « a person who is learning a subject or skill – шахсе, ки ягон фан ва ё маҳорату малакаро меомӯзад ё ёд мегирад» тавзеҳ мешавад. Аз нигоҳи сохтор истилоҳи зикршуда дар ҳар ду забон ҳам исми сохта буда, дар забони англисӣ аз решаи асоси замони ҳозираи феъли *омӯхтан* ба воситаи пасванди исмсози *-анда* ва дар забони англисӣ аз решаи феъли *learn* ва пасванди исмсози *-er* сохта шудааст.

Истилоҳ-ибораи *соли таҳсил* ва муодили англисии он *academic year* дар забонҳои муқоисашванда ибораи исмӣ ба шумор мераванд. Агар дар забони англисӣ истилоҳ-ибораи *соли таҳсил* ба якдигар ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст шуда бошад, пас дар истилоҳибораи англисии *academic year* вазифаи алоқаи наҳвиро алоқаи тобеъ иҷро мекунад.

Ҳамин тавр, мо ҳар як истилоҳу истилоҳ-ибораҳое, ки ба гурӯҳи *омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions* мансубанд аз нигоҳи сохтори морфологиашон мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки истилоҳоти содаи мансуби гурӯҳи зикршуда берун аз қоидаи калимасозӣ ва истилоҳсозӣ таркиб меёбанд ва мо дар зер зикри бархе аз онҳоро, ки бидуни ягон унсури калимасоз ташаккул ёфтаанд, зарур мешуморем: талаба, синф, сол, гурӯҳ, staff [Povey, 1982: 67] don [Povey, 1982: 69]; pupil [Povey, 1982: 77]; class [78]<At the start of **class**, I paired up students, distributed the worksheets, and gave instructions about the task [English teacher FORUM number 2 2021 саҳ 4]; form [Povey, 1982: 78]; year [Povey, 1982: 80]; stream [Povey, 1982: 80]; band [Povey, 1982: 82]; set [Povey, 1982: 82]; group [Povey, 1982: 82]; house [Povey, 1982: 180]; term [Povey, 1982: 87]; fellow [Povey, 1982: 69]; graduate [Povey, 1982: 85].

Гузашта аз ин, дар забони англисӣ баъзе истилоҳ-исмҳое мавҷуданд, ки хусусияти корбурдиашон то андозае тафовут дорад, яъне агар истилоҳи «class» бо маънои «синф» дар мактабҳои ибтидоӣ истифрда карда шавад, пас истилоҳи «form» бо ҳамон маънӣ дар мактабҳои миёна истифода мешавад, лекин ҳарду истилоҳ ҳам муродифи якдигаранд. Илова бар ин, истилоҳи «class» бештар бо шумораҳои миқдорӣ: *class one, class two, class three* ва истилоҳи «form» бо шумораҳои тартибӣ: *first form, second form, third form* омада истилоҳи бора месозанд.

Ҳамин тавр, қисмати баъдӣ ба таҳлилу тавсифиистилоҳоти мансуби «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions» дар қолабҳои муайяни калимасозиву истилоҳсозӣ бахшида мешавад. Он истилоҳоте, ки ҷамъоварӣ шуданд, дар асоси усулҳои зерини калимасозӣ гурӯҳбандӣ гардиданд.

I. Усули сарфӣ ё вандафзоӣ, яъне сохтани истилоҳ бо пешванд ё пасванд:

а) сохтани истилоҳ бо пешванд

Миқдори пешвандҳое, ки дар сохтани истилоҳоти марбут ба «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ– teachers, learners and academic year in educational institutions» чандон зиёд нестанд, ба монанди:

Пешванди under-. Дар забони англисӣ пасванди мазкур каммаҳсул буда, ба феъл илова шуда, исмҳое месозад, ки маънои «зина ё дараҷаи таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилотимиёна ва олии касбӣ» ифода мекунад: undergraduate [Povey, 1982: 84]. Истилоҳи «undergraduate» бештар дар шакли ихтисораи «undergrad» истифода мешавад. Аломати истилоҳии «undergraduate» дар ҳама ҳолат дар таркиби истилоҳибора зоҳир мегардад: under graduate work [Povey, 1982: 84]; under graduate course [Povey, 1982: 84]; under graduate grant [Povey, 1982: 84].

Пасванди post-.Пасванди мазкур низ амсоли «under» каммаҳсул буда, пеш аз феъл омада, исмҳои ифодакунандаи маънои «донишҷӯе, ки аллакай зинаи бакалавро

хатм намуда, таҳсилро дар донишгоҳ барои дарёфти зинаи баландтар давом медиҳад»-ро ифода мекунад: postgraduate [Povey, 1982: 84]< postgraduate work [Povey, 1982: 84]; postgraduate course [Povey, 1982: 84]; postgraduate grant [Povey, 1982: 84]. Дар услуби гуфтугуйӣ дар бештари мавридҳо ба ҷойи postgraduate шакли ихтисораи он, яъне«postgrad» корбурд мегардад.

б) сохтани истилоҳ бо пасванд

Дар сохтани истилоҳоти марбут ба соҳаи маориф нақши пасвандҳо хеле калон буда, имрӯз ҳам ин пасвандҳо дар забони тоҷикӣ серистеъмоланд:

Пасванди -гор. ***Пасванди мазкур яке аз пасвандҳои исмсози забони тоҷикӣ ба шумор рафта, дар соҳаи маориф, асосан, исмҳои ифодакунандаи касбу ҳунар месозад: омӯзгор*<Омӯзгор** дар асоси ҷавоби хонанда, вобаста ба хоҳиши худаш баҳо медиҳад (Омӯзгор №7,17 феврали соли 2022 саҳ 8); ***омӯзгори донишгоҳ, омӯзгори мактаб***;

Пасванди -чӣ. Пасванди мазкур муродифи пасвандҳои *-гор* ба шумор рафта, исме месозад, ки ягон вазифаро дар муассисаи таълимӣ иҷро мекунад: ёрдамчӣ**< *ёрдамчии омӯзгор***

Аз таҳлилу баррасии вандҳои калимасози забони тоҷикӣ маълум гардид, ки дар ташаккули истилоҳоти мансуб ба «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions» ҳамагӣ ду пасванд иштирок намуданд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ба воситаи усули сарфӣ сохта шудани истилоҳоти сохта дар ин забон чандон сермаҳсул набудааст. Дар забони англисӣ бошад, дар созмони истилоҳоти мансуби «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions» пасвандҳои зерин иштирок намуданд:

Пасванди -er. Дар муқоиса бо дигар пасвандҳои исмсоз «**-er»** яке аз сермаҳсултарин унсури калимасоз маҳсуб ёфта, *истилоҳҳое месозад, ки маънои «вазифаи ягон шуғлу пешаро»-ро дар муассисаи таълимӣ ифода мекунанд. Он ба* ҳиссаҳои зерини нутқ илова мешавад: 1) ба феъл ҳамроҳ шуда исм месозад*: learner<* This is important because when **learners** are reading in a non-native language, the skills applied in first-language (LI) reading are often abandoned in second-language (L2) [FORUM number 2/ 2021 саҳ. 3];Through the use of stations, **learners** have setting themselves up for greater success and a sense of accomplishment freedom to make choices, thereby [English teacher FORUM number 2/ 2021 саҳ 3];*teacher [67]<* This task-based reading activity also allows students to negotiate on their own terms rather than with a **teacher** navigating them through each [FORUM number 2/ 2021 саҳ. 4];*university teacher [*Povey, 1982: *67]; school teacher [*Povey, 1982: *67]; reader< John Smith is reader in phonetics in the University of London at London University [*Povey, 1982: *68];2) аз як исм исми дигаре месозад: lecturer [*Povey, 1982: *67]<university lecturer [*Povey, 1982: *67] <He is a lecturer in history in the University of Hull or at Hull University [*Povey, 1982: *69], senior lecturer [*Povey, 1982: *69], assistant lecturer [*Povey, 1982: *69]; 3) ба сифат ҳамроҳ шуда, исм месозад: fresher [86]; Истилоҳибораҳои university teacher ба university lecturer ва истилоҳи fresher ба истилоҳ-ибораи first-year student муродиф ба шумор мераванд.*

Пасванди -or. Пасванди мазкур аз феъл исме месозад, ки ягон вазифаро дар муассисаҳои таълимӣ, алалхусус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дошта бошад: professor [Povey, 1982: 68]<professor of English<John Smith is professor of English in the University of Leeds or .at Leeds University [Povey, 1982: 68]; tutor [Povey, 1982: 70], supervisor [Povey, 1982: 70]. Истилоҳҳои *tutor* ва *supervisor* муродифи якдигаранд.

Пасванди -ship. Асли баромади пасванди мазкур забони олмонӣ буда, он дар забони англисии қадим шаклҳои «-scipe, scype»-ро соҳиб буд. Пасванди номбурда асосан аз исм исме месозад, ки маънои «ягон вазифаро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ» ифода менамояд: fellowship [Povey, 1982: 69].

Пасванди -ing. Пасванди номбаршуда асосан аз феъл исми амал месозад ва яке аз

сермаҳсултарин пасвандҳо ба шумор меравад: teaching [Povey, 1982: 73]<teaching practice [Povey, 1982: 73]. Истилоҳ-ибораи *teaching practice* назар ба муродифҳои худ, яъне истилоҳ-ибораҳои school practice ва pedagogical practice сермаҳсул буда, бо феълҳои **to have, to do, to be (on)**истифода мешавад: Students have six weeks **teaching practice** in the 4th year and four weeks in the 5th [Povey, 1982: 73]; Where did you do your teaching practice? [Povey, 1982: 73]; Those who didn't do their **teaching practice** last term wil have to do it in the vacation [Povey, 1982: 73]The 4th year are in **teaching practice** at the moment [Povey, 1982: 73]; teaching/academic staff [Povey, 1982: 67]; training [Povey, 1982: 72]<teacher training [Povey, 1982: 72]; in-service training of teachers [Povey, 1982: 74]; streaming [Povey, 1982: 80]; banding [82]; setting [Povey, 1982: 82].

Пасванди -tion.Дар муқоиса бо дигар пасвандҳое, ки дар боло зикрашон рафт, «tion» сермаҳсул буда, онро метавон дар таркиби истилоҳоте мушоҳида намуд, ки асли баромадашон забонҳои лотинӣ ва фаронсавӣ аст. Илова бар ин, пасванди мазкур аз феъл исмҳое месозад, ки маънои мавҳумӣ доранд: observation [Povey, 1982: 74]<observation of lesson< Observation of lesson given by experienced teachers is a most valuable part of teaching process [Povey, 1982: 74]. Асоси истилоҳи мазкур феъли «observe» буда, ба воситаи он метавон истилоҳ-ибораи феълӣ сохт: to observe a lesson [Povey, 1982: 74]< We observed lessons given by the teacher and by our fellow student [Povey, 1982: 74]; vacation<school vacation [Povey, 1982: 88]; summer vacation [Povey, 1982: 90]. Дар нутқи гуфтугӯйӣ ба ҷойи шакли пурраи «vacation» шакли ихтисораи он «vac»истифода мегардад: Did you have a good vac? [89]; What did you do in the vac? [Povey, 1982: 87].

Аз таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи вандҳои истилоҳсози забонҳои фавқуззикр ҳувайдо гардид, ки пасвандҳо назар ба пешвандҳо дар созмони истилоҳоти марбут ба «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ– teachers, learners and academic year in educational institutions» сермаҳсул будаанд.

II. Усули наҳвию сарфӣ. Дар ҳарду забон ҳам усули наҳвию сарфӣ яке аз роҳу шеваҳои сермаҳсули истилоҳофаринӣ ба шумор меравад. Истилоҳоти мураккаби ин забонҳо асосан ба воситаи қолабҳои зерин сохта мешаванд

1.Таркибҳои қолаби tatpurusa (дар ҳинди бостон)

а) қолабе, ки аз ду исм, ҷузъи якум тобеи ҷузъи дуюм сохта шудаанд, яъне исм + исм: соҳибмактаб<Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саъдулло Исломов ҳамчун устоди **соҳибмактаб** дар соҳаи демократия шинохта шудааст мактаббача (Омӯзгор №16 – январи соли 2022 саҳ. 12).

3) Таркибҳои қолаби karmadharaya (дар Ҳинди бостон).

а) исм+феъл: донишандӯз.

4). Қолаби dvigu (дар ҳиндибостон).

Истилоҳҳои мураккабе, ки аз шумораву исм сохта мешаванд: ҳаштсола>мактаби ҳаштсола.

1) Истилоҳҳои мураккаби дуҷузъа бо пасвандҳои *–ӣ-, -ак, -гор, -он,-онӣ* сохта мешаванд: *саромӯзгор.*

2) Истилоҳоти мураккаби сеҷузъа, ки бо пасвандҳои *-ӣ, -анда* сохта шудаанд. Доираи истифодаи ин қабил истилоҳот маҳдуд аст:

Дар забони англисӣ истилоҳоти мураккаби марбут ба «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions» низ ба воситаи усули наҳвию сарфӣ сохта мешаванд. Дар созмони ин навъи истилоҳоти забони англисӣ қолабҳои зерин ҷой доранд:

Noun+Noun:schoolchild [Povey, 1982: 76]; schoolchildren [Povey, 1982: 76]<Schoolchildren have shoter holidays than students [Povey, 1982: 76]; We saw some schoolchildren playing in the park [Povey, 1982: 76]; A party schoolchildren was/were visiting the museum [Povey, 1982: 76]; schoolboy [Povey, 1982: 67] <Some schoolboys were playing football in the park [Povey, 1982: 76]; A schoolboy came into the shop [Povey, 1982: 76]; schoolgirl [Povey, 1982: 76] <There was a schoolgirl waiting at the bus-stop [Povey, 1982:

76]; form-room [Povey, 1982: 77]<All pupils must be in their form-rooms by 9 a.m.; homework [Povey, 1982: 78]<Some people did their homework very badly [Povey, 1982: 78]; schoolmate [Povey, 1982: 80]; schoolfriend [Povey, 1982: 80]

Numeral+Noun: first-former [Povey, 1982: 80] –синф якум; second-former [Povey, 1982: 80] –синфи дуюм;

Adjective+Noun: freshman [Povey, 1982: 86] – курси якум.

Ибораистилоҳот ё истилоҳибораҳо.

Дар ҳарду забон ҳам яке аз маъмултарин қолабҳои истилоҳсозӣ ин тавассути ибора сохтани истилоҳ ба ҳисоб рафта, миқдори сершумори истилоҳоти марбут ба омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions дар шакли ибора истифода мешавад. Қолабҳои сермаҳсулеро, ки истилоҳ-ибораҳои гурӯҳи мазкур сохта шудаанд, метавон ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намуд:

Noun+Noun: муаллими донишгоҳ – university teacher/lecturer [Povey, 1982: 67]; узви кафедра – facultymember[Povey, 1982: 68];

Noun+Adjective: муаллими калон< Баъдан дар донишкадаи мазкур ба ҳайси лаборант, **муаллими калони** кафедраи ботаника фаъолият намуд (Омӯзгор №50 16-декабри соли 2021 саҳ. 14) - senior teacher/lecturer [69]; таҷрибаи таълимӣ – teaching practice [73];

Noun+Noun+Adjective: донишҷӯйи мактаби олӣ<Охир, ман дар он солҳо (1987-1992) аз як авлоди бузург **донишҷӯйи мактаби олӣ** будам(Омӯзгор №9. 3 марти соли 2022 саҳ. 12).

Noun+Adjective +Adjective:таҳсилоти олии касбӣ< Масъалаи дигар дар муассисаҳои **таҳсилоти олии касбӣ** ин пешбурди фаъолияти таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки такмили ҷиддиро талаб менамояд(Омӯзгор №10.10 марти соли 2022 саҳ. 3); маълумоти миёнаи касбӣ<дар шуъбаи ғоибона чор сол буда, хатмкунандагони муассиса соҳиби **маълумоти миёнаи касбӣ** мегарданд (Омӯзгор №10. 10 марти соли 2022 саҳ. 14).

Noun+ Noun +Conj.+ Noun: вазири маориф ва илм<Дар Вазорати маориф ва ҷаласаи кории **вазири маориф ва илм** оид ба омода намудани мутахассисон аз рӯйи равияҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ баргузор шуд (Омӯзгор №10. 10 марти соли 2022 саҳ. 3)

Чи тавре аз истилоҳ-ибораҳои овардашуда аён гардид, ҳамаи он ба воситаи алоқаи изофӣ ба якдигар пайваст шудаанд.

Дар забони англисӣ истилоҳ-ибораҳои мансуби «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions» ба воситаи қолабҳои зерин сохта мешаванд:

Noun+Noun: class /form teacher [Povey, 1982: 67];university teacher [Povey, 1982: 67]; school terms [Povey, 1982: 87].

Noun+Noun+Noun: English language classroom< To date, peace education (PE) activities in the **English language classroom** have mostly focused on speaking [FORUM number 2/ 2021 саҳ. 24]; English language teachers<**English language teachers** carefully engineer their lessons to integrate opportunities for authentic interaction [FORUM number 2/ 2021 саҳ. 30].

Noun+Conj.+Adjective+Noun: English as a foreign language<These activities become particularly crucial in **English as a foreign language** classrooms, where students do not encounter many natural opportunities to practice speaking English outside class time [FORUM number 2/ 2021 саҳ 30].

Adjective+Noun: academic staff [Povey, 1982: 67]; academic year [Povey, 1982: 87]< Early in September, before the start of the **academic year** at the Bukhara madrasas, he took Usto Khoja’s eldest boy, Sayid-Akbar Khoja, and my elder brother Muhriddin, to Bukhara [Aini, 1989: 33]; senior lecturer [Povey, 1982: 69]; principal lecturer [Povey, 1982: 71] –

саромӯзгор; junior lecturer [Povey, 1982: 71] – ассистент; «higher-level classes<The following everyday culture activities can serve as pre-teaching for the topic or language function they are related to, especially for **higher-level classes**» [FORUM number 2/ 2021 саҳ 12]; teacher-training courses< For example, many teachers discuss *Forum* at regularly scheduled meetings with department colleagues and members of teachers' groups, or in **teacher-training courses** and workshops [FORUM number 2/ 2021 саҳ 22]; second-language learners<However, **second-language learners** increasingly need effective writing skills in English for academic and professional purposes (Richards 2015), as well as for personal and social purposes [FORUM number 2/ 2021 саҳ. 24].

Numeral+Noun: fourth form [Povey, 1982: 78]; fifth form [Povey, 1982: 78]<The **fifth form** have got exams this week [Povey, 1982: 79]; sixth form [Povey, 1982: 78]; first term/semester [90]; the second term/semester [90]; fifth grade<At the end of **fifth grade**, all students in North Carolina are required to take a state assessment in science [FORUM number 1/ 2021 саҳ. 41].

Adjective +Noun +Prepostion of +Noun: in-service training of teachers [Povey, 1982: 74] –таълими касбии омӯзгорон.

Ҳамин тариқ, аз таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи истилоҳоти мансуб ба «омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ– teachers, learners and academic year in educational institutions» муайян гардид, ки истилоҳоти сода дар муқоиса бо дигар намудҳои истилоҳот дар ин майдони истилоҳӣ ҷойгоҳи устуворро соҳиб мебошанд. Дар ҳарду забон ҳам нақши унсурҳои калимасоз дар созмони истилоҳоти сохта он қадар назаррас нест. Бештари истилоҳоти ин майдони истилоҳиро истилоҳ-ибораҳо ташкил медиҳанд, ки намунаҳои онҳоро дар боло зикр намудем.

АДАБИЁТ

1. Povey J., Walshe I. An English Teacher's Handbook of Educational Terms. – M.: Высшая школа, 1982. - 74 с.
2. English teacher FORUM number 2 2021 саҳ 4.
3. Омӯзгор.№ 6 10.02.2022 саҳ 12.
4. FORUM number 2/.2021 саҳ 41.

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ МАНСУБ БА ОМӮЗГОРОН, ОМӮЗАНДАГОН ВА СОЛИ ТАҲСИЛ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Муаллиф бар он акида аст, ки дар ҳарду забон ҳам яке аз маъмултарин қолабҳои истилоҳсозӣ ин тавассути ибора сохтани истилоҳ ба ҳисоб рафта, миқдори сершумори истилоҳоти марбут ба омӯзгорон, омӯзандагон ва соли таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ – teachers, learners and academic year in educational institutions дар шакли ибора истифода мешавад. Бинобар ин дар ҳарду забон ҳам нақши унсурҳои калимасоз дар созмони истилоҳоти сохта он қадар назаррас нест. Бештари истилоҳоти ин майдони истилоҳиро истилоҳ-ибораҳо ташкил медиҳанд, ки намунаҳои онҳоро дар боло зикр намудем.

Калидвожа: ҳарду, истилоҳ, миқдор, сершумор, муассиса, таҳсил, забон, назаррас, зикр, тавассут, ибора, пешбурди фаъолияти, колабҳои сермаҳсул.

Маълумот дар бораи муаллиф: Хамроев Қурбоназар Маҳмарасулович доктори фалсафа PhD, омӯзгори кафедраи курси амалии забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел: 93-110-52-52. почтаи электрони: hamrozoda91@mail.ru

УЧИТЕЛЯ, ОБУЧАЮЩИЕСЯ И УЧЕБНЫЙ ГОД В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Автор считает, что в обоих языках одним из наиболее распространенных шаблонов терминологии является построение терминов с помощью идиом, при этом в форме идиом используется большое количество терминов, относящихся к учителям, учащимся и году обучения в образовательных учреждениях – teachers, learners and academic year in educational institutions. Поэтому в обоих языках роль словообразовательных элементов в организации придуманных терминов не столь значительна. Большинство терминов в этом

терминологическом поле образуют термины-выражения, примеры которых мы приводили выше.

Ключевые слова: оба, термин, количество, множественное число, учреждение, образование, язык, существенное, упоминание, через, выражение, продвижение деятельности, высокопроизводительные формы.

Сведения об авторе: Хамроев Курбоназар Махмарасулович преподаватель кафедры практического курса английского языка Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава. Тел.: +992 931105252; эл. почта: hamrozoda91@mail.ru

TEACHERS, LEARNERS AND ACADEMIC YEAR IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The author believes that in both languages, one of the most common terminology patterns is the construction of terms using idioms, while a large number of terms related to teachers, students and the year of study in educational institutions – teachers, learners and academic year in educational institutions - are used in the form of idioms. Therefore, in both languages, the role of word-forming elements in the organization of invented terms is not so significant. Most of the terms in this terminology field form the terms-expressions, examples of which we have given above.

Keywords: both, term, quantity, plural, institution, education, language, essential, mention, through, expression, promotion of activity, high-performance forms.

Information about the author: Khamroev Kurbonazar Makhmarasulovich, teacher of the Department of Practical Course of English language of Bokhtar State University named after N. Khusrav. Phone.: 93-110-52-52. e-mail: hamrozoda91@mail.ru

УДК: 821.222.1.09:745.6

НОМА ҲАМЧУН ХАТТИ ҲУНАРӢ ДАР ДОСТОНИ “ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО”-И ХОВАРИИ ШЕРОЗӢ ВА АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ҷавҳарӣ М.О.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нома ва номанигорӣ дар адабиёти мо аз ибтидо мақоми вижа дошт. Чун башар аз ҳамон ибтидо, ки соҳиби тафаккур, забон, хату савод ва коғазу давот гардид, барои рафъи тараддуд ва ташвишҳояш дар зиндагӣ ва интиқоли эҳсосоту дархостҳояш аз гӯшае бар гӯшае, аз кишваре бар кишваре ба фирнистодани пайғому нома зарурат пайдо кард ва минбаъд фиристодани нома ҳукми суннат даромад, ки пайку қосидон ин масъулиятро бар дӯш доштанд. Чун як падидае дар асарҳои адибону шоирони ниёкони мо чун хатти ҳунарӣ нома истифода мешуд «Агар танҳо ба «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ назар афканем, мебинем, ки дар он асар 120 нома миёни шоҳону паҳлавонон , хешовандон радду бадал шудааст, номаҳо ба муҳтавои асари безаволи Ҳакими Тӯс нигаронида шудааст. Огоҳи Тӯс бо ҳамон килки зарнигор одобу русум, суннат, ҳатто ранги аспу муҳри нома , руҳияи дабиру номанависномабару номагирро ончунон бо зарофат менигорад, ки ҳамаи ин тасвирҳо бо паёми нома даст ба даст медиҳанд ва хонандаи закию огоҳ аз ин назокати кори муаллифи «Шоҳнома» ба ин нукта пай хоҳад бурд » (6, 53).

Ҳамин анъанаи номанигорӣ дар дигар достонҳо минбаъд ривоҷ ёфтааст, ки достонҳои “Юсуф ва Зулайхо” низ истисно нест.

Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» яке аз беҳтарин ва муассиртарин қиссаҳо дар адабиёти олам маҳсуб мешавад, ки аслан сюжети он аз фолклори яҳудӣ сарчашма гирифта, тадриҷан ба таркиби китобҳои муътабари Библия (4, бобҳои 37-57) ва Қуръон (5, сӯраи 12) ва бо гузашти қарнҳо ба адабиёти мухталифи олам роҳ ёфта, ба сюжети ин қиссаи машҳур осори зиёди манзуму мансур офарида шудааст, ки дар адабиёти олам ва хусусан форсии тоҷикӣ мақом ва ҷойгоҳи шоиста доранд. Воридшавии сюжети ин қисса ба адабиёти форсии тоҷикӣ тавассути китобҳои Қуръон, сӯраи 12- сӯраи «Юсуф» ва «Таърихи Табарӣ» (3) ва «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (10) ва дигар тафсирҳо оғоз гардидааст.

Эҷоди достонҳои ишқии романтикӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи куҳан доранд, ки сюжети қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» яке аз чунин асарҳост, ки он мисли сюжетҳои достонҳои дигар, ба мисли «Лайливу Маҷнун»-ҳо, «Хусраву Ширин»-ҳо, «Вису Ромин» ва ғайра собиқаи тӯлонӣ дошта, «мувофиқи ахбори сарчашмаҳои зиёд доир ба ин қисса беш аз 80 нафар ба назму наср асарҳо офаридаанд, ки зикри исми онҳо дар тазкира, ҷунгу баёз ва доиратулмаорифҳо омадааст» (8, 3).

Дар достонҳои Ховарӣ ва Ҷомӣ вожаи нома зиёд ва бо маврид истифода мешавад. Адибон асари худро « нома» мехонанд.

Бобҳои аввалӣ ва анъанавии достони Ҷомӣ, ба мисли “Ифтитоҳи нома ба номи Ягонае, ки чашмаи равшани меҳр аз дарёи наволаш як нам аст ва дафтари мулаввани сипеҳр аз оёти камолаш як рақам”, сар мешавад, ки дар ин ҷо як монандие дар ҳар ду достон аз оғоз ба назар мерасад.

Ҷомӣ достони худро “муҳаббатнома” меномад ва Ховарӣ бошад “фархунданома” ва “зарринанома”. Ҷомӣ пас аз овардани сухан дар боби ишқ ба кайфияти сурудани сужет мепардозад:

Дар ин нома сухан ронам зи ҳар як,
Ба хома гавҳар афшонам зи ҳар як.
Ба ҳар нақде, к-аз эшон харҷ созам,
Зи ҳикмат тоза ганҷе дарҷ созам.
Тамаъ дорам, ки ҳар ногаҳ шигарфе,
Бихонад з - ин муҳаббатнома ҳарфе (2,151).

Ҷомӣ пас аз овардани сухан дар боби ишқ ба кайфияти сурудани сужет мепардозад:

Дар ин нома сухан ронам зи ҳар як,
Ба хома гавҳар афшонам зи ҳар як.
Ба ҳар нақде, к-аз эшон харҷ созам,
Зи ҳикмат тоза ганҷе дарҷ созам.
Тамаъ дорам, ки ҳар ногаҳ шигарфе,
Бихонад з - ин муҳаббатнома ҳарфе (2,151).

Номаҳо дар достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун хатти ҳунарии шоирон истифода шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо аз нигоҳи миқдор ва мазмун номаҳоро ба таври гуногун истифода кардаанд.

Дар достони Ховарии Шерозӣ дар чанд маврид номаҳо истифода шудаанд, аз ҷумла, дар боби “Дар даъват кардани он Сарвар халоиқро ошкоро ва нома навиштани ӯ ба атроф”, ки сухан дар бораи номаи Пайғамбар Муҳаммади Мустафо меравад, ки дар Мадина баъд аз пирӯзӣ бар куффор дар миёни мардуми зиёд барои навоҳии атрофи Маккаву Мадина номаҳо ирсол доштанд, ки мардум дину ойини исломиро пазируфта, аз парастиши дини ғайр худдорӣ кунанд, чунки аз нигоҳи дини ислом парастиши динҳои дигар мамнӯъ шуморида шудаанд ва дини Ҳақро пазиро бошанд ва мазмуни онро Ховарии Шерозӣ чунин баён доштааст:

Чу дорулмулки Ясрибро Шаҳи бадр,
Ба уд афзуд аз мулку малак қадр.
Ба истиқболи он Хуршеди тобон,
Шудандӣ халқ аз ҳар сӯ шитобон.
Ишорат кард, то донову пирон,
Ҳама равшандилон, софизамирон,
Ки фармоне ба ҳар кишвар нигоранд,
Ба ҳар як дину миллат арза доранд,
Ки аз ойини ботил рух битобед,
Ба дорулмулки дини ҳақ шитобед... (9, 14).

Номаи дигар, ки дар дар достони Ховарӣ омадааст, номаест, ки Яъқуб ба Азизи Миср (ин ҷо худи Юсуф дар назар аст –Ҷ.М.), дар бораи боздошт кардани фарзанди

дигари ӯ Бинёмин бад-ӯ навиштааст. Юсуф, ки дар Миср баъд аз вафоти Азизи Миср ба ҷои ӯ ба мансаби вазирӣ расида буд ва бародаронаш дар он солҳои гуруснагӣ ва қаҳтӣ барои харидорӣ кардани ғалла ва дигар маводи ғизоӣ ба Миср омада буданд ва Юсуф онҳоро шинохта, бародари худаш Бинёминро, ки онҳо аз як модар таваллуд шуда буданд, дида, дар Миср бо баҳонаи "дуздии сохта" нигоҳ медорад. Ин хабар ба Яъқуб мерасад ва ӯ, ки аз фироқи Юсуф солиёни зиёд ранҷу азоб дошт, ин хабарро бо азоб таҳаммул карда, ба унвони Азизи Миср, ки дар асл Юсуф аст, номае менависад, ки пур аз дарду фироқ аст. Яъқуб дар номааш аз ҷаддони худ ёдоварӣ мекунад ва таъкид бар он дорад, ки фарзандаш Бинёмин пайғамбарзода аст ва ҳаргиз даст ба дуздӣ намебарад ва ӯ ба ҳайси падар ба ростии писараш эътимод дорад.

Ин нома дар достони Ховарии Шерозӣ "Нома навиштани Яъқуб ба Азизи Миср" унвон дорад, ки дар саҳифаҳои 402-407-и достон омадааст ва таҳқиқ нишон дод, ки ин нома бори аввал дар китоби "Қасас-ул-анбиё" омадааст ва ба назар мерасад, ки Ховарӣ аз ин сарчашма бардошт кардааст.

Мазмуни номаи дар "Қасас-ул-анбиё" омада чунин аст: "«Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим ва ин номаест аз Яъқуби Исроил ба сӯи малики Миср. Аммо баъд, эй малик, мо аҳли байте ҳастем, ки ҳамеша Худованд балоро муваккали мо гардонида, ҷаддам Иброҳимро дасту по баста ба оташи Намруд андохтанд. Ҳақтаъоло ӯро наҷот дод ва падарам Исҳоқро корд бар ҳалқумаш гузошт, Ҳақ таъоло аз барои ӯ фидо фиристод ва маро писаре буд дӯсттарини ҳамаи фарзандон. Бародарон ӯро ба саҳро бурданд ва пироҳани хунолуди ӯро оварданд ва ман дар фироқи ӯ чандон гиристам, ки чашмам сафед шуд ва ӯро бародаре буд аз як модар, ки баъд аз Юсуф ба ӯ алоқа доштам, ба ӯ тӯҳмати дуздӣ задӣ ва назди худ нигоҳ доштӣ.

Бидон, ки мо аз хонадоне нестем, ки аз мо дуздӣ зоҳир гардад. Агар ин фарзандро бар ман расондӣ, фа беҳо (хуб, беҳтар) ва илло дуо мекунам ва оҳе кашам, ки диморат барояд» (1, 122).

Ховарӣ дар достон мазмуни ин номаро чунин баён кардааст:

Талаб фармуд донодил дабире,
Мусаффотинате, равшанзамире.
К-аз ин аҷдоди моро то ба Одам,
Бало омад фурӯ бар сар дамодам.
Меҳин ҷаддам, ки бар даъват кафил аст,
Ба хилватхонаи хуллат Халил аст.
Ниҳоли меҳри ӯ аз дил чу канданд,
Ба сад хориш дар оташ фиканданд (9, 402-403).

Дар байтҳои баъдӣ Ховарӣ дар бораи аз оташ раҳо ёфтани Иброҳим ва барои қурбонӣ кардан овардани писари Исҳоқ Исмоил ва дигар мушкилоти ба сари пайғамбарон омада сухан мегӯяд ва аз Юсуфро ба макру фиреб аз наздаш бурда, ба хорӣ лату кӯб кардани бародаронаш ин байтҳоро аз номи Яъқуб гуфтааст:

Яке з-эшон, ки бар ихвон сарӣ дошт,
Ба сӯрат сирати пайғамбарӣ дошт.
Ба сад найранг ихвони ғаюраш,
Чу иқбол аз барам карданд дураш... (9, 403-404).

Дар байтҳои дигар Ховарӣ дар бораи бо баҳонаи дуздӣ нигаҳдорӣ шудани Бинёмин, ки ин саҳнаро худи Юсуф тарҳрезӣ карда буд, сухан мегӯяд ва аз номи Яъқуб ба Юсуф чунин мегӯяд, ки фарзандаш Бинёминро халос кунад, ки аз лаҳзаҳои муассири ин нома аст:

Тараҳҳум кун дар ин пирӣ ба ҳолам,
Гаҳи парвоз шуд, бикшой болам.
На Юсуф дар барам, на Ибни Ёмин,
Надонам хун бигирям бар кадомин?
Гарам ин уқда аз дил баркушой,

Диҳӣ з-ин банди ҳирмонам раҳоӣ.
Бихоҳам аз дуъои субҳгоҳӣ,
Ки монад дар таборат подшоҳӣ.
Ғурурат гар шавад монеъ дар ин кор,
Дуъои бедилонро саҳл машмор (9, 406).

Дар лобалои достони Ховарӣ номаҳои расулони давлатҳо, ки ба падари Зулайхо навиштаанд ва дигар номаву паёмҳои хурд мавҷуданд, ки дар достон ҳамчун хатти ҳунарӣ истифода шудаанд.

Дар достони Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамагӣ як нома ба назар мерасад, ки он дар боби «Фиристодани падари Зулайхо қосиде ба сӯи Азизи Миср ва арз кардан Зулайхоро бар вай ва қабул кардани вай онро» дар чанд байте оварда шудааст, ки дар достон ба шакли «паём» омадааст. Аз мазмуни ин нома маълум мегардад, ки Зулайхо Юсуфро се маротиба ба хоб дида, ошиқи ӯ гардид ва Юсуф худро Азизи Миср номид, вале ӯ то ин замон Азизи Миср нагардида буд, аммо бо хоҳиши ӯ ва паём навиштани падараш ба Миср фиристода шуд:

Падар чун баҳри Мисраш хастаҷон дид,
Илоҷи хастаҷониш андар он дид.
Ки доное ба роҳи Миср пӯяд,
Илоҷаш аз Азизи Миср ҷӯяд.
Барад аз вай паёме чанд бо ӯ,
Зулайхоро диҳад пайванд бо ӯ…
Вале вай дарнаёрад сар ба ҳар кас,
Ҳавои Миср дар сар дораду бас.
Агар афтад қабули раъйи олӣ,
Фиристемаш ба он дилкаш ҳаволӣ (2, 186-187).

Номаи дар достони Ҷомӣ омада бо ҳамин байт ба охир мерасад.

АДАБИЁТ

1. Абдулазиз ибни Мавлавӣ Фатҳ Муҳаммад Соҳиби Деҳлавӣ. Қасас-ул-анбиё. Таҳиягарони матн: Саидбеки Маҳмадуллоҳ, Аъламиён Махдуми Абдусаттор, Саидиён Исматуллоҳи Аҳрор. -Душанбе:Ориёно, 1991. - 408 саҳ.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор дар ҳашт ҷилд. Ҷилди чорум. «Субҳатул- аброр» ва «Юсуф ва Зулайхо». Мураттибон: З.Аҳрорӣ ва М. Мамедова.- Душанбе:Адиб,1988. -384 саҳ.
3. Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Аз силсилаи «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ». Ҷилди 1. - Душанбе:Ирфон, 1992. - 656 саҳ.
4. Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид. Институти тарҷумаи Библия. Мутарҷим Мордехай бен Ҳиё Бачаев. -Стокголм, 1992. - 1700 саҳ.
5. Қуръон. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Тарҷума ва тавзеҳоти М.Умаров. - Душанбе:Ирфон, 2007. - 616 саҳ.
6. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. - Душанбе:Маориф, 1992. - 304 саҳ.
7. Мисбоҳиддини Н. Таърих ва назарияи номанигорӣ. - Душанбе:Сино, 2009. - 140 саҳ.
8. Элбоев В. Қиссаи «Юсуфу Зулайхо» дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои Х-ХУ.-Душанбе: «Дониш», 2015.-320 саҳ.
9. «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ. Китобати Аббоси Манзурӣ.- Теҳрон:Интишороти «Навиди Шероз», 1369-и ҳ.-472 саҳ.
10. ترجمه تفسیر طبری . به کوشش حبیب یغمایی .عبارت از هفت جلد .- تهران : توس . 1339 ه . ش.

НОМА ҲАМЧУН ХАТТИ ҲУНАРӢ ДАР ДОСТОНИ “ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО”-И ХОВАРИИ ШЕРОЗӢ ВА АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Аз таҳлили номаҳо дар достонҳои Ховарӣ ва Ҷомӣ ба назар мерасад, ки шоирон дар асарҳои худ номаҳоро, ки аз қисмати матнҳои адабиянд, барои муассирӣ ва ҷаззобияти сужет истифода бурдаанд.

Дар достонҳои «Юсуфу Зулайхо» номаҳо хеле кам истифода шудаанд, вале бо талаби хатти сужети асарҳо ҳар шоир онро чун усули бадеӣ ба кор бурдаанд. Дар сарчашмаҳои асосии қисса, мисли Таврот ва Қуръон, инчунин «Таърихи Табарӣ» намунае аз номаҳо вуҷуд надоранд ва онро шоирон баҳри тақвият бахшидани сужети достонҳои худ ҳамчун як ҷузъи ҳунарӣ мавриди истифода қарор додаанд, чунки: «Нома ва номанигорӣ дар таърихи адабиёти олам ва форсизабонон аз қадимулайём то кунун ҳамчун навъе аз ақсоми мутуни адабӣ шинохта мешавад» (7, 3).

Калидвожа: нома, Юсуф ва Зулайхо, Ховарӣ, А.Ҷомӣ, усули бадеӣ, хатти ҳунарӣ

Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил- раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ. Сурога: 735920, ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин-1, телефон: (+992) 935221004 . Email javhari.71@mail.ru

ПИСЬМО КАК ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ЛИНИЯ В ПОЭМЕ «ЮСУФ И ЗУЛЕЙХА» ХОВАРИ ШИРАЗИ И АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

Анализ писем в поэмах Ховари и Джами показывает, что поэты в своих произведениях использовали письма, являющиеся частью художественного текста, для усиления выразительности и привлекательности сюжета. В поэмах «Юсуф и Зулейха» письма используются сравнительно редко, однако в соответствии с требованиями сюжетной линии каждый поэт применяет их как художественный приём. В основных источниках данного сюжета, таких как Тора, Коран, а также «История Табари», примеры писем отсутствуют, и поэты ввели их в свои произведения как художественный элемент с целью усиления сюжетной линии, поскольку: «Письмо и искусство письмоведения в истории мировой и персоязычной литературы с древнейших времён до наших дней признаются одним из видов литературных текстов» (7, 3).

Ключевые слова: письмо, «Юсуф и Зулейха», Ховари, А.Джами, художественный приём, художественная линия

Джавхари Муджибахон Одил- председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по социальным вопросам, семьи и здравоохранения. Адрес: 735920, г. Душанбе, ул.Пушкина -1, телефон (+992) 935221004 . Email javhari.71@mail.ru

THE LETTER AS AN ARTISTIC DEVICE IN THE POEM “YUSUF AND ZULAYKHA” BY KHAVARI SHIRAZI AND ABDURAHMAN JAMI

An analysis of the letters in the poems of Khavari and Jami shows that the poets employed letters, as part of literary texts, to enhance the effectiveness and attractiveness of the plot. In the poems “Yusuf and Zulaykha,” letters are used relatively rarely; however, in accordance with the requirements of the narrative structure, each poet applies them as an artistic technique. In the primary sources of the story, such as the Torah, the Qur’an, and The History of al-Tabari, there are no examples of letters. Therefore, the poets introduced them into their works as an artistic element to strengthen the plot, since: “Letters and the art of letter-writing have been recognized in the history of world and Persian-language literature, from ancient times to the present day, as one of the types of literary texts” (7, 3).

Keywords: letter, “Yusuf and Zulaykha”, Khavari, Jami, artistic device, artistic line

Javhari Mujibakhon Odil- chairman of the Committee of the Majlisi namoyanagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on social, family and health issues. Address: 735920, Dushanbe, Pushkin-1. Phone (+992) 935221004, Email javhari.71@mail.ru

УДК: 821.512.147-31.09

РОМАНИ «МАРГИ БЕГУНОҲ»-И КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО ВА ТАКМИЛИ МИНБАЪДАИ ОН

Шамшоди Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Карoматуллоҳи Мирзо аз зумраи нависандагони номдори адабиёти муосири тоҷик буда, солҳост, ки бо эҷоди асарҳои гуногунмавзуъ дар майдони адабиёт сухангустарӣ дорад. Ва, бешак, асарҳои нависанда дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон таъсиргузор мебошанд. Офаридаҳои нависанда маҳсули таҷриба ва андешаи бикр аст, ки ба ҳаёти халқ алоқаманд мебошад. Ба таъкиди адабиётшиносон Худоӣ Шарифов ва Абдушукури Абдусаттор «Ӯ (Карoматуллоҳи Мирзо – Ш.Ҷ.) инсонест орӣ аз олоишҳо ва нависандаест бо завқу ҳунари худодод, ки ҳунараш дар байни хонандаи соҳибзавқ ва суханпарвару суханшинос алоқамандони бешуморе пайдо карда, ки ҳар як навиштаи ӯро бесаброна интизор мешаванд. Навиштаҳои ӯро дар бораи ҳақати ростӣ, одаму одамгарӣ ва покиву беолоишӣ» [14, с.104]. Ҳамин таҷриба ва воқеънигории нависандаро мо дар романи «Марги бегуноҳ» басо равшан мушоҳида менамоем.

Романи «Марги бегуноҳ» аввал дар маҷаллаи “Садои Шарқ”, шумораи №6, саҳ. 32-93 ва баъдан ҳамчун китоби алоҳида рӯйи чоп омада, таваҷҷуҳи адабиётшиносону мунаққидон ва дигар алоқамандони сухани бадеъро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, адабиётшиносон Х. Шарифов, А. Кӯчарзода, Абдушукури Абдусаттор, Г. Зулфиев, Зайниддини Абдулҳамид ва дигарон оид ба паҳлуҳои гуногуни ин асар сухан рондаанд. Ба андешаи муҳаққиқон романи «Марги бегуноҳ» яке аз аввалин асари бадеии ҷиддии нависанда дар мавриди ҷанги шаҳвандии Тоҷикистон мебошад.

Романи «Марги бегуноҳ» асари сермоҷаро буда, дар он саҳнаи қатлу куштор, дуздию ғоратгарӣ, кинаю ҳасад, хиёнат, дасисабозиҳо, кибру ғурур ва ғайра инъикос гардидааст. Он чи дар ин асар баён ёфтааст, бозгӯйи як давраи басо мушкили ҳаёти халқ мебошад, ки дар як гӯшаи Тоҷикистони азизамон рух додааст. Тасвири воқеаҳо ба солҳои 90-уми асри XX рост меояд ва дар ҳудуди шаҳри Ваҳдат, аз ҷумла деҳаҳои Сангрез ва Лолазор сурат гирифтааст, гоҳо моҷароҳо ба деҳаи Болооб алоқамандӣ пайдо мекунад. Ба нависанда муяссар шудааст, ки ҳақиқати таърихиро тавассути масъалагузориҳои алоҳида ва дар мавридҳои гуногун ба хонанда пешкаш намояд.

Дар як суҳбати ихтисосӣ ба саволи он ки чаро ин асар хеле дертар рӯйи чоп омад, нависанда чунин посух гуфтааст: «Ҳаводиси нохуши ҷанги шаҳрвандиро ман солҳои дароз барои худам қайд мекардам, дафтарҳои алоҳидае доштам, ки баъзеи онҳо зард шуда. Ҳамаи он дидаву шунидаҳоро менавиштам. Аммо барои хулоса кардан ба чунин як воқеа бояд муҳлат гузарад. Ин асарро ман баъди чандин сол навиштам, аммо то ҳол фикр мекунам, ки хулоса кардан ҳанӯз ҳам барвақт аст. «Марги бегуноҳ» ва асарҳои ҳамсон замина аст, ки ҷавонони мо, наслҳои баъдии адабиёт дар оянда симоҳои барҷастатар офаранд ва воқеияти ин фоҷиаи миллиро кушоянд. Нависанда пули байни наслҳост. Бинобар ин навиштаҳои мо барои онҳо ба сифати замина хидмат мекунад» [2].

Сюжети асар мураккаб буда, лаҳзаҳо ва воқеаҳо ба ҳам алоқаманд мебошанд. Персонажҳои роман ҳудудан аз як минтақаанд ва ҳамдигарро хуб мешиносанд, дар баробари ин душмани хунини якдигар, бадгӯй ва пастзанандаи шаъну шарафи ҳаманд. Нобасомониҳо ва даргириҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ майдонро барои нафарони ноогоҳу пастфитрат, ки дар ҳасрати бурдаи ноне буданд ва базӯр рӯзашонмегузашт, васеъ намуд. Маълум аст, ки ин қабил инсонҳо ҳамеша дунболи фоидаи муфт мегарданд, ки аз оқибати бади он андеша намекунанд. Пайи амалҳои ғайриинсонӣ рафтан, раҳм накардан ба ҳамҷинси худ, ҳатто ба падару модари хеш, чашми онҳоро бастааст. Барои ба даст овардани молу сарват ва дороиҳои мардум ба ҳама кор қодиранд. Қатлу куштор ва ба номуси зану духтарон расидан ифтихори онҳост. Нависанда бо нишон додани ҳақиқат амалҳои нанговари ин қабил инсонҳоро маҳкум кардааст.

Муносибати нависанда ба ҳаёт воқеист, ки инро мо аз нутқи персонажҳо мушоҳида менамоем. Дар баҳо додан ба ин ё он мавзую масъала мушкилӣ намекашад, зеро баёни аксари воқеаҳо аз забони иштирокчиёни асар сурат гирифтааст. Кароматуллоҳои Мирзо бо маҳорати баланди эҷодӣ ва басо ҷолибу бамаврид нутқи персонажҳоро бар баёни масъалаҳои нозук мекушояд. Ин ҳолат дар муколамаи муаллим Хидиралӣ ва усто Абдумалик возеҳу равшан инъикос шудааст. Хидиралӣ бо як ҳисси кунҷковӣ забони усто Абдумаликро ба гуфтани суханҳои оташин боз кард:

- Бачаҳои Боллооби мо (усто Абдумалик – Ш.Ҷ.) барои муҳофизати аҳли деҳа силоҳ гирифтаанд, бо душман ҷанг мекунанд.
- Душман? Душмани шумоҳо кӣ?
- Намедонӣ, муаллим?
- Не, намедонам.
- Худата ба нодонӣ наандоз, душмани гандаи мо аз ҳама аввал сангрезиҳо, душмани мо Барзуи худоношинос – ва боз илова намуд: - Оқипадар.
- Барзу одами хуб аст.
- Хуб аст? ҳамин ҳозир чӣ гуфтӣ, муаллим? Гапта ду накун, корҳое Барзуи шумо мекунад, ягон бандаи мусулмон намекунад. Як-як мисол биёрам?
- Агар донед, гӯед [9, с.167-168].

Бо чунин соволгузорӣ ва пурсишҳои Хидиралӣ аз бакирдориҳои Барзу сухан мекунад, ки оқибат бар зарари худи усто тамом мешавад. Хидиралӣ тамоми суханҳои усто Абдумаликро дар телефонаш сабт карда, ба Барзу шунавонидааст.

Чунин мавридҳо дар асар бисёранд, лекин аз ҳама муҳиммаш гуфтугузори Мустафо бо Барзу мебошад. Барзу ҳеҷ гоҳ бо касе ин қадар имкони сухан гуфтан надода буд, тавре ки бо Мустафо имкон дод. Оқибат Барзу Мустафоро кушт, аммо таъсири суханҳои ӯ то дер боз мағзу устухонҳояшро қарор нагузошт: “Дар дидагони Барзу хоб намомад, чашм мепӯшиду пеши назараш Мустафо менамуд. Ӯ бо вай дар хархаша, дар мағал, боз ҳамон гапҳояшро мегуфт: “Парон, парон, лекин ҳамина дон, ки одамони аз дасти ту ин ҷо кушташуда, домангират мешаванд, раҳоӣ намёбӣ. Якеаш худи ман, аз Худо умед дорам, дар пеши рӯт пайдо мешавам, орамидан наметавонӣ, девона, ҷиннӣ мешавӣ, ба Худо ҳамин хел мешавай. Аз хотир набарор, дар ёд дор, дар ёд дор!” [9, с.229].

Воқеан ҳам чунин шуд, аз ҳамон вақте ки Мустафоро кушт, вазъаш ноором гашт. Дар хаёлаш фикрҳои ҳархела, эшони Саидҷалолхон, духтараш Малика, ҳофиз, бачаҳои болоообӣ ва ғайра ҳар кадом ӯро ором намгузоштанд. Махсусан, суханҳои зерини Мустафо ӯро ба ташвиш оварда буд ва бо худ меандешид, ки наход ҳамин хел шавад: “Дар хотир дор, ҳамин гапи мана фаромӯш накун: Ана, бо ҳамин бел гӯри худатро меканӣ, дар ҳамин ҷо, дар Дараи Марг!” [9, с.229].

Мо дар романи “Марги бегуноҳ” воқеияти талхи ҷанги бародаркушро мебинем, ки то ҳол доғҳои он аз ёди мардуми азиятдида пок нашудааст. Як гурӯҳ силоҳбадастон дар вақтҳои муносиб ба деҳаи ҳамдигар сар халонада, ҳамла мекунанд, ба ҳеҷ кас раҳм надоранд, ҳадафашон танҳо ба даст овардани молу сарвати мардум аст. Ҳукумат на танҳо дар марказ, балки дар музофот низ идоранашаванда гардида буд. Дар ин маврид, гурӯҳҳо ва дастаҳои нав пайдо шудан гирифтанд, ки вазъи зисту зиндагии мардуми деҳотро боз ҳам мушкилтар гардонид. Гурӯҳҳои силоҳбадаст бо ҳар роҳу восита кӯшиш мекарданд, ки мавқеи худро на танҳо дар байни мардуми деҳаҳо, балки миёни дигар гурӯҳҳои силоҳбадаст нуфӯзи бештар диҳанд. Мақсади нависанда ин исбот кардани ҳақиқат набуда, балки ҳушдорест барои хонандаи имрӯзу фардо. Зеро ҳар давру замон нафарони ҷоҳталабу камдониш ва роҳгумзада, ки ҳатто ба падару модари худ пушт мегардонанд, зиёд аст. Пас, Кароматуллоҳи Мирзо ин ҳақиқати бебаҳсро, ки таърихи беше надорад, барои насли ҷавон гӯшрас намудааст. Зеро оқибати ҳама гуна бадкорӣ, хушунат, фасод ва қатлу куштори одамони бегуноҳ, бар зарари чоҳкананда тамом мешавад.

Дар романи “Марги бегуноҳ” персонажҳои зиёд амал мекунанд. Эшони Саидҷалолхон ва ҳамсари вай, духтарашон Малика, муаллим Мустафо, холаи Зарафо ва чандеи дигар идеали асосии нависандаро ташкил медиҳанд.

Тасвири манзараи деҳа, нурафшонии офтоби оламтоб ва ҳаёти оилавию хушу хурсандонаи оилаи Саидҷалолхон хеле дилнишин тасвир шудааст. Муносибати эшони Саидҷолохон ва хонаводаи ӯ низ диққатҷалбкунанда буда, намоди як оилаи хушбахту иттифоқ мебошад:

«-Малика наомадааст? (эшони Саидҷолохон аз ҳамсараш мепурсад – Ш.Ҷ.)

- Ҳоло барвақт, нав рафта буданд.
- Ҳамроҳи Содирхон рафта буд?
- Ҳа, бо ҳам буданд.
- Нағз, бо Малика гапзанон кардӣ? Нагуфтӣ, ки бегона нестанд, гӯшту нохунанд, Содирхон бачаи холааш.
- Гуфтам дадаш, ҳазор бор гуфтам.
- Чӣ мегӯяд?
- Дам намезанад.
- Сукут аломати ризо будагист.
- Кӣ медонад? Ман модараш, вайро фаҳмида наметавонам. Метарсам, имрӯз номаи камолашро мегирад...
- Ту модарӣ, розиаш кун, ба вай имрӯз гап зан, холааш ҳам гап занад, - эшони Саидҷалолхон айнакро аз чашм гирифта, суолмез ба рӯйи хоҳарарӯсаш, модари Содирхон, назар андохт” [9, с.128].

Аз ин муколамаи эшони Саидҷалолхон бо завҷааш равшан мегардад, ки дар он солҳои мудҳиш, албатта оғоз буд, нафароне ёфт мешуданд, ки ба интихоби духтарон ва ба ҳаёти ояндаи онҳо эҳтиром гузошта бошанд. Дар ҳоле, ки бисёри духтаронро бепурсиш ба шавҳар медоданд. Чунончи, Хидиралӣ барои расидан ба мансаб ҳатто духтари худро пешкаши силоҳбадастон мекунад.

Бадбахтона, нооромиҳои давр домангири оилаи эшони Саидҷалолхон низ шуда, онҳо қурбонии ин ҷанги хонумонсӯз мегарданд. Агар эшони Саидҷалолхон намунаи ибрати як падар бошад, пас Малика рамзи шуҷоату далерӣ ва тавонмандии як нафар духтар, занро равшан менамояд. Малика то тавонист, аз силоҳбадастон, ки роҳбарашон Барзу буд, қасос гирад. Ҷуръатнокӣ нишон дод ва бо дастаи ҳукуматӣ пайваст. Барои Малика аз ҳама азиз падару модараш буданд, ки аллакай падарро аз даст дода, модар дар дами марг исми ӯро ба забон мегирад. Ӯ дигар тоқат карда натавонист, маргро интихоб карду бори охир барои видоъ гуфтан бо модараш ба деҳа баргашт. Малика аз дасти Барзуи пастфитрат ҳасрат дар дил аз ҳаёт маҳрум шуд. Ӯ бо умеду орзуҳои зиёд дар донишгоҳ хонд, ба хонандагони деҳа, махсусан духтарон идеал шуда буд. Аммо ҳамаи ин ба боди фано рафт. Ӯ рафт, аммо сар хам накард, бо Барзуе, ки ҳама тарси ҷон доштанд, бовиқору сарбаладона ҳарф зад:

“-Мана ман! Ту номард, ту хунхор, мекушта бошӣ, куш, ана ман! – Малика миёни ҳавлӣ давид. – Рӯзе меояд, ту пеши пои мардум меғалтӣ, куҳрӣ, радди маърака, расвои олам мешавӣ. Ба Худо ҳамин хел мешавӣ, туро дуои бади падарм мегирад. Дуои шаҳидон мегирад. Мардум, шумо мебинед, гапи маро мешунавед, - ба одамони дар рӯйи ҳавлӣ буда рӯ оварда. – Номард аст ин одам. Деҳаро холӣ дидааст, ҳукуматиҳо боз меоянд! Мебинед, ки баъд ҳоли ин марди майдон чӣ мешавад, мебинед. – Малика дигар фурсати гап задан наёфт, силоҳбадастон ба сари духтар давиданд” [9, с.155].

Нақши Мустафо дар асар хеле муассир буда, аз бегуноҳонест, ки маҳз ӯ тавассути суханрониҳояш ба руҳу равони Барзуи қаттол таъсир расонд. Бояд қайд кард, ки роман тарзе офарида шудааст, ки нақли воқеаҳо гоҳо аз рӯйи замон ва макон тағйир мекунад. Яъне асар бо азобу машақат ва таҳқиру надомати Мустафо аз дарсти Барзу дар Дараи Марг, оғоз меёбад. Баъдан нависанда ба баёни воқеаҳо, ки аз куҷо сар мешавад ва оқибат бо чӣ меанҷомад, шуруъ мекунад. Дар ин миён бисёр манзараҳо, набардҳо, ҳақталошию

нокомиҳо ва ғ. басо ҷаззоб ва таъсиркунанда тасвир ёфтаанд. Баёни саргузашти Мустафо бо тамоми воқеаҳои асар алоқаманд мебошад. Ба таъкиди муҳаққиқ Зулфиев Г. “Воқеоти роман бо оғози хос ё пролог сар мешавад, ки ба ҳодисаҳои охири асар рост меояд. Интихоби лаҳзае аз марҳилаи шиддати воқеа ва моҷароҳои сужети асар аз усулҳои маъмулии бунёди банду баст ва сужетсозӣ мебошад ва дар роман ҳамин усул пеш гирифта шудааст. Сохтори воқеоти роман омехтаи нақли шахси сеюм, ки гӯянда ё худи нависанда аст ва ё сухани қаҳрамон аз саргузашти нохушу душвори худ ва пешомади ваҳмангези ҳодисаҳо мебошад.” [9, с. 157].

Муколамаи тезу тунди Мустафо ва Барзу ҳам дар оғоз ва ҳам дар дигар лаҳзаҳои асар бар он боис шудааст, ки хонанда аз қатлу куштори Барзу боз ҳам огоҳии бештар пайдо намоянд. Мустафо аввал мехоҳад бегуноҳии худро фаҳмонад, аммо фоида надошт, зеро хабарчинон, махсусан Хидиралӣ ӯро дар назди Барзу “бо далелу ҳуҷҷат” сиёҳ кардааст. Мустафо бо мушоҳидаи ин ҳолат ба марги худ тан медиҳад ва боҷуръатона сухан мекунад. Ӯ маккор ва дурғгую дасисабоз будани Хидиралиро ба Барзу ҳушдор медиҳад: “Илтиҷо дорам, баъде ки мана мекушед, ҳамаи инро аз мардум пурсед. Пурсед, ки Хидиралӣ чӣ гуна одам буд? Ба шумо мегӯянд. Ҳамин хоҳиши маро аз ёд набароред, албатта, пурсед. Вай душмани бадгир, бадкин. Худо аз ин қабил душманон паноҳ диҳад” [9, с.126].

Нависанда бо истифода аз ин мавқеъ бисёр амалҳои ғайриинсонии Барзуро мекушояд. Барзу худ ба гуноҳони кардааш иқрор шуда, якояк ба нақл кардан шуруъ мекунад. Куштани Абдусалим – падари Мустафо, усто Абдулмалику писараш Ғафурҷон, Сафаралии чилчанорию духтараш, генерал, Исрофил Маҳмадёров маҳз ҳангоми муколамаи Мустафо ва Барзу нақл ёфтаанд.

Холаи Зарафо ҳамчун зани содадил ва ростқавлу некандеш тасвир шудааст. Бо холаи Зарафо хонанда нахуст дар ҳавлии Саидҷалолхон шинос мешаванд. Дар муҳите, ки аксари писарон ба гурӯҳҳои силоҳбадастон пайвастаанд, вай кӯшиш кард, ки ягона писараш Содирхонро аз ин қабил гурӯҳҳо дур нигоҳ дорад. Дилсӯзии холаи Зарафо то ҳаддест, ки худро қурбони писараш кард:

“-Майлаш маро паронед, бачаҳом, кушед, аммо ба бачаам кордор нашавед, вай якта аст, соҳиби мурдаю зиндаам аст... Модар ба ақидаи сиёҳпӯшҳо ҳарза мегуфт. Вайро лагадкӯб карда, ба даруни мошин даровардаанд, агар бачаашро ба онҳо ёфта надиҳад, ё худи Содирхон “модарам” гуфта, пеши онҳо наояд, холаи Зарафо зинда намемондааст. Аммо холаи Зарафо хурсанд буд, ки Содирхонаш зинда гурехтааст...” [9, с.152].

Симои Осиямоҳ дар асар бозгӯкунандаи занони содиқу вафодор ва поктинату покгуҳар мебошад. Ӯ медонист, ки бо Барзу ҳамсафар шудан оқибати хубе надорад. Зеро аз рӯйи муноқишаҳо ва кинаҳои чандинсола аз деҳаи Болооб ба сангрезиҳо духтар намедиҳанд. Падари Осиямоҳ ба ҳамин мақсад аз додани духтараш ба Барзу, ки ба ӯ ҳаёти нав бахшид, худдорӣ мекунад. Лекин Осиямоҳ бо вуҷуди ҳамаи ин бо Барзу рафт. Зиндагии ширини Осиямоҳ дер давом накард, ӯ қурбонии даргириҳои давр шуд. Осиямоҳ барои Барзу аз ҳама чиз ва ҳама кас азиз буд, ҳатто баъди маргу ӯ натавонист бо каси дигаре хонадор шавад. Ҳарчанд қасди инро кард, аммо ду рӯз беш давом наёфт.

Ба қатори образҳои манфии роман, Барзу, Хидиралӣ, Шарифи Ҷарпар, писарони Саидхони чӯпон ва гурӯҳи силоҳбадастон шомил мешаванд.

Нақши Барзу дар романи “Марги бегуноҳ” асосӣ буда, аз як нафари одӣ ва тасодуфан ба одамкушӣ даст задан, тадриҷан то ба дараҷаи қумандонӣ мерасад. Барзу инъикосгари симои он нафароне аст, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1993) манфиатҳои худро болотар аз манфиатҳои дигарон гузошта, аз ҳар гуна амалҳои ғайриинсонӣ даст намекашад.

Нависанда симои Барзуро шуруъ аз муноқишаи дохили автобус, куштани писари Саидхони чӯпон ва халосии Осиямоҳ, минбаъд то ба ҳадди сардори силоҳбадастон фаъолият намудану оқибат ба доми марг гирифтор шуданаш тасвир намудааст. Ба назари аввал Барзу ҳамчун қаҳрамони воқеӣ ҷилвагар мешавад: “Офарин, сад аҳсан ба бачаи

бобои Абдукарими сангрезӣ, ҳазорҳо раҳмат бо фарзанди тарбияткарда, ба воя расондааш" [9, с.179].

Аммо баъдтар маълум мегардад, ки ӯ низ аз қотилони хунхор тафовуте надоштааст, ҳатто ин орзуро дар дилаш кайҳо мепарваридааст: "- Ба Худо агар пеш биёед, мепаронам. Шумо зӯрҳои майдонғариб, чӣ ҳол доштед, дар ҷойҳотон тар карда шишта будед. Ман вайро задам, ман вайро куштам, пулҳоро аз вай гирифтам, аз шумоҳо не. Як тин намедиҳам, ман ҳам парронда метавонам, - ба сари ҳама доду фарёд бардошт, дашном дод онҳоро... Ҳис карданд, ки фарзанди бобои Абдукарими сангрезӣ, ки андаке пеш дуои ҷонашро карда буданд, шӯхӣ намекунад, вай низ аз он силоҳбадастон фарқе надошта. Ҳама хомӯшона, ба тақдир тан доданд" [9, с.180].

Кӯштани писари Саидхони чӯпон барои Барзу роҳи яндаи ӯро гӯё ҳамвор кард. Агар аз як тараф, Осиямоҳро ба даст оварда бошад, аз тарафи дигар, соҳиби силоҳ гашт ва қасд намуд, ки бо роҳи зӯроварӣ ва қатлу куштор ва ба даст овардани моли дигарон худро аз вартаи нодорию камбағалӣ раҳонад. Ҳамин тавр ҳам шуд, бо ифтихор ба падараш муроҷиат мекунад, дигар ӯро ғам намедиҳад, дигар қарздорон ба дари хонааш намеоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ Зайниддини Абдулҳамид: "Барзу ва Хидиралӣ инсонҳое мебошанд, ки ҳамеша дар қалбашон бадию бахилӣ, фисқу фасод ва бераҳмию хунрезӣ ҷӯш мезанад. Онҳо ҳамеша ба роҳи бад майл карда мақсадашон тавассути қатлу ғорат ба ҷомеа ва инсонҳо зарар расондан буд. Дар баробари ин, дар ин асар адиб чанд образи мусбат низ офаридааст, ки бар хилофи образҳои манфӣ ба муҳит, ҷомеа ва зиндагӣ назари хайрхоҳона доранд ва табиист, ки онҳо дар зиндагӣ пирӯз мегарданд" [9, с.101].

Дар романи "Марги бегуноҳ" Барзу рамзи бадию бадахлоқӣ, қоттоли бераҳм ва ҳарису гапдаро буда, ҳисси инсонгарию дӯст доштан дар ӯ нопайдост. Тамоми рафтору кирдор ва гуфтори ӯ бо ҳам тавъаманд, ки дар маҷмуъ як симои манфурро инъкис мекунанд. Зерро ҳама амалкарду кирдораш бо роҳи хушунату зӯроварӣ сурат гирифта, тарзи суханронияш низ фаҳшу ғайриахлоқӣ аст. Чунин ҳолатро зиёдтар дар лаҳзаҳои суҳбат бо Малика ва огоҳ гардидан аз хиёнаткории Хидиралӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дараи Марг барои Барзу ҷойи "муқаддас" гардидааст. Ӯ шахсан "душманонаш"-ро дар ин макон ба қатл мерасонад. Аммо қисмати худи Барзу, тавре Мустафо батакрор ёдовар мешуд, ба Дараи Марг пайваст. Ин корро Содирхон ва писарони Ҷонмаҳмад анҷом медиҳанд.

Дар асар дигар образҳои манфӣ – Хидиралӣ, Шарифи Ҷарпар, писарони Саидхони чӯпон ва гурӯҳи силоҳбадастон низ ба таври воқеӣ инъикос шудаанд. Аз ин миён нақши Хидиралӣ барҷаста тасвир шудааст. Ӯ чун каждуми таги бурё дар ҳар имконият зарарашро расонидан мегирад. Аз тасвири нависанда равшан мегардад, ки Хидиралӣ баробари гурӯҳҳои силоҳбадастон зараровар аст, ҳатто аз онҳо бадтар аст. Аксари фалокатҳои ба сари сокинони деҳаҳои Сангрез ва Лолазор маҳз тавассути дасисаҳои Хидиралӣ сар мезанад. Ҳатто ба Барзу, ки ба бовариаш даромада буд, оқибат зарбаи ҷонкоҳ мезанад:

"Барзу бори аввал чунин зарба хӯрд, зарбае, ки ҷисму ҷонашро мегудохт. Зарба аз дасти Хидиралӣ, ки Мустафо ҳазор бор гуфт, вай бовар накард. Ана, боз сазояш медиҳад: "Фаҳмидӣ акнун, ки Хидаралӣ кист? Бо дасти ту вай маро, падарам ва бисёр бегуноҳонро кушт, баъди падарат навбат ба худат мешавад, бовар кун, вай ин корро мекунад, нафаҳмида мемонӣ, ки хоната месӯзад". Суханони Мустафо мисли мору каждумҳо мағзи мағзи сари Барзуро мехӯрданд, ӯро бедавою аз худ бехабартар мекарданд [9, с.234].

Симои Хидиралӣ дар асар инъикосгари як гурӯҳи инсонҳои пастфитрату манфиатҷӯ мебошад. Хидиралӣ ҳамон каждумест, ки нешаш ҳамеша боз аст ва ин хислат дар ӯ аз аввал буд ва минбаъд ба дараҷаи ифрот расид. Вай бе силоҳ мубориза мебарад. Хидиралӣ ба Мустафо ва падараш, ки ӯро ҷой дода, соҳиби мақом, маълумоти олӣ

карданд, хиёнат кард, дар намкадон туф кард. Бадтар аз ин, барои ҷою мақом омода аст, ки аз баҳри зану духтаронаш ҳам гузарад. Чунин пастфитратон дар ҷомеа зиёд аст, аммо хеле эҳтиёткоранд.

Ҳамин тариқ, романи “Марги бегуноҳ”-и Кароматуллоҳи Мирзо асари воқеӣ буда, бо тарзи нигориш, сабки хос ва силсилабандии манзараҳо дар байни дигар асарҳои нависанда ҷойгоҳи хосса дорад. Асари мазкур хонандаро дар руҳияи ватандӯстӣ, ишқу муҳабат тарбият намуда, ҳисси нафратро нисбат ба ҷангу куштор, нифоқ, паст задани шаъну шарафи ҳамдигар, хислатҳои худхоҳонаи инсонӣ ва дигар амалҳои номатлуб бедор менамояд.

Аз рӯйи баррасӣ ва муқоисаи матншиносии осори адибони муосир равшан мегардад, ки аксари адибони муосири тоҷик бори аввал асарҳои худро ба воситаи матбуоти даврӣ ба хонанда пешкаш мекарданд ва карда истодаанд. Ба таъкиди матншинос С.И.Тимина, «маҷалла чун як навъ «зоҳиркунандаи» ҷараёни адабӣ ва дар айни замон мисли нашрҳои алоҳидаи асар «устуворкунандаи» он ба ҳисоб меравад» [11, с.23]. Аз ин рӯ, лозим аст, ки ҳангоми омӯзиши осори адибони ин давраи адабиёт таъсиру мавқеи маҷалла дар фаъолияти эҷодии адибон ба эътибор гирифта шавад.

Кароматуллоҳи Мирзо аз қабили он нависандагон аст, ки бештари асарҳояш, аз ҷумла романи “Марги бегуноҳ”-ро аз тариқи маҷаллаи “Садои Шарқ” манзури хонанда гардонидааст. Нашри охири китобии асар ба соли 2020-ум рост меояд, ки якҷо бо романи “Ишқи сархӯр” чоп гардидааст.

Аз рӯйи муқоисаи матни маҷаллавӣ бо матни китобии роман равшан гардид, ки асар аз лиҳози сохтор ва мундариҷа ба тағйироти ҷиддие дучор нагардидааст. Тағйироти чашмрас бештар фарогири калимаю ибора ва таркибҳои ҷудогона мебошад. Аз ҷумла, ба ҷойи калимаю таркиб ва ибораҳои **ҷон ҳавли ҷон, суроби одам, бедона, айнос (айносҳо), хун меандозам, додош ва ғ.** мафҳумҳои **ҷонҳавлӣ, суроби одамони одӣ, будана, аҷнос, аҷносҳо, хун мерезонам, дадаш** истифода шудааст.

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки Кароматуллоҳи Мирзо ҳангоми ба чопи алоҳидаи китобӣ пешниҳод кардани асар онро аз нав мавриди таҳрир қарор додааст. Ба мисоли зер таваҷҷуҳ менамоем, ки дар матни китобӣ овардани шакли дурусти ифода – ҷонҳавлӣ дурустии маъноро таъмин намудааст.

Худи эшон ҳам ҷома болои китф партофта, миёни хона рост шуд ва **ҷон ҳавли ҷон** завҷа ва духтарашро аз ҷойи хоб хезонд [8, с.38].	Худи эшон ҳам ҷома болои китф партофта, миёни хона рост шуд ва **ҷонҳавлӣ** завҷа ва духтарашро аз ҷойи хоб хезонд [9, с.136].

Ва ё калимаи **аҷнос**ро гирем, ки дар ҷумлаи зерин истифода шудааст:

Дар тан чакмани сафед, ки бо риши кӯтоҳаш ҳамранг буд, салла дар сар, савори асп бо овози баланди марғуладораш фарёд мезад: “Бача, буза барор, тоқа кун, ба пайкаҷо парто, як фалону бисмадон **айнос**, нагӯед нафаҳмидам” **айносҳо**ро такрор ба такрор ном мебурд [8, с.48].	Дар тан чакмани сафед, ки бо риши кӯтоҳаш ҳамранг буд, салла дар сар, савори асп бо овози баланди марғуладораш фарёд мезад: “Бача, буза барор, тоқа кун, ба пайкаҷо парто, як фалону бисмадон **аҷнос**, нагӯед нафаҳмидам” **аҷносҳо**ро такрор ба такрор ном мебурд [9, с.157]

Тавре мушоҳида мешавад, ки калимаҳои ишорашуда дар матни маҷаллавӣ ба ифодаи маъно халал ворид кардааст, ҳатто хонандаро ба ғалатфаҳмӣ мебарад. Бинобар ин, дар матни китобии роман ғалати мазкур ислоҳ шуда, шакли дурусти калима – **аҷнос**, ки ҷамъи ҷинсҳо ва ифодакунандаи гунаи чизҳо ва ё навъҳо мебошад, барқарор гардидааст.

Нависанда зимни таҳрир ба нозукии забони асари бадеӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, калимаҳоеро, ки ба нутқи персонажҳо мувофиқат намекунанд, ислоҳ намудааст. Чунончи, калимаи **додош**ро ба шакли **дадаш** ифода намудааст:

- Осиямоҳ? – овози падар баланд шуд.	- Осиямоҳ? – овози падар баланд

- Лаббай, дада, - бо садои гиряолуд ҷавоб гардонид.
- Омадӣ? Духтари **дадаш**, омадӣ?

Ҳа, дада, - Осиямоҳ баландтар гирист [8, с.183].

- Лаббай, дада, - бо садои гиряолуд ҷавоб гардонид.
- Омадӣ? Духтари **дадаш**, омадӣ?
- Ҳа, дада, - Осиямоҳ баландтар гирист [9, с.62].

Холаи Зарафо дар роман ҳамчун зани ростокору некандеш ва як навъ содадил низ тасвир шудааст. Холаи Зарафо вақте ки хабари аз дасти силоҳбадастон гурехтани писарашро мешунавад, аз хурсандӣ ва ҳаяҷони зиёд чӣ гуфтанашро намедонад. Дар ин лаҳзаи тасвир тағйирот дароварда шудааст:

- Гурехт? Сиҳат аст? Дар забонат холаат бимирад, - бо шунидани хабари зинда будани Содирхон, гурехтани вай дили кампир **боғ-боғ кушод**, шод шуд [8,с.46].

- Гурехт? Сиҳат аст? Дар забонат холаат бимирад, - бо шунидани хабари зинда будани Содирхон, гурехтани вай дили кампир шод шуд, **хотираш болида гашт** [9, с.152].

Дар матни маҷаллавӣ дар сухани нависанда - “дили кампир **боғ-боғ кушод**” нисбат ба ҳолати холаи Зарафо як навъ муболиға мушоҳида мешавад, ки дар матни китобӣ ҳолати ҳаяҷонии ӯро ба шакли “**хотираш болида гашт**” баён кардааст. Ин тағйирот ба матн таъсири мусбат расонида, равонӣ ва табиӣ тасвир шудани ҳолатро таъмин намудааст.

Баъзе иловаҳои нависанда барои кушодани характери персонажҳо кумак намудааст.

Гӯши хар ҷунбид, хабар мебурд. Хонаи муллою эшонҳоро сӯхта буд. Ҳоло ҷониби муллою эшонҳо гаштааст [8, с.45].

Гӯши хар ҷунбид, хабар мебурд. Хонаи муллою эшонҳоро сӯхта буд. **Одами берӯзаю намо, арақхӯр, занбоз.** Ҳоло ҷониби муллою эшонҳо гаштааст [9, с.150].

Иловаи ҷумлаи ишорашуда аз он ҷиҳат бамавқеъ аст, ки симои Хидиралӣ, ки бо дуруягию маккорӣ ва хабарчинӣ шинохта шудааст, дар матни китобӣ боз ҳам такмил ёфтааст.

Ҳамин тариқ, Кароматуллоҳи Мирзо ҳамчун як нависандаи дақиқнигор ва нуктасанҷ асарҳояшро дар ҳолати нахустин намонда, балки ҳангоми нашри дубора ва минбаъда онро аз ҷиҳати сохтор ва мундариҷа таҳриру такмил намудааст. “Чун эҷоди ӯ (Кароматуллоҳи мирзо – Ш.Ҷ.) ташхиси воқеъбинонаи ҳаёт аст, ин муҷиби он аст, ки асарҳои адиб мондагор гарданд. Дар аксар намунаҳо муаллиф ноқили уҳдабарост, ки дар заминаи нақлҳои тасвирӣ ҳадафу маромро дар шакли ҷолиб пешниҳод менамояд. Хонанда дар ҳама асарҳои Кароматулло Мирзо таровату назокат ва қабоҳату ҳамоқати зиндагиро эҳсос менамояд, ки аз равзанаи содаву фаҳмо баррасӣ гардидаанд” [5, с.339].

Романи “Марги бегуноҳ” дар коргоҳи эҷодии Кароматуллоҳи Мирзо ҷойгоҳи хосса дошта, аз рӯйи мавзуъ ва муҳтаво ҷолиби диққат ва инъикосгари воқеаҳои нохуши давраи ҷанги шаҳвардӣ дар як гӯшаи кишварамон мебошад. Чунин тасвиркорӣ аз таҷриба ва маҳорати баланди эҷодии нависанда гувоҳ буда, мутолиа, омӯзиш ва баррасии он аҳамияти таълимию тарбиявӣ ва адабиёю эстетикиро доро мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абдусаттор, А. Достони марг ва зиндагӣ / А. Абдусаттор // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 16 август.
2. Аз «Дарди ишқ» то «Марги бегуноҳ» // https://pressa.tj/az-dardi-ish-to-margi-beguno (санаи нигориш 30.06.2025).
3. Зайниддини А. Масъалаҳои иҷтимоӣ дар насри Кароматуллоҳи Мирзо // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2023 – 163с.

4. Зулфиев Г. Тасвири воқеияти замон дар романи “Марги бегуноҳ”-и Кароматуллоҳи Мирзо / Г. Зулфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Бахши илмҳои филологӣ. – 2025. – №2. – С. 156-162.
5. Имомзода М.С., Ҳошимзода Б. Воқеияти зиндагӣ ва дидгоҳи бадеият // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2024. №10. – С. 334-340
6. Кӯчарзода, А. Дар коргоҳи эҷодии адиб // Адабиёт ва санъат – 2021. – 21 апрел.
7. Кӯчарзода, А., Абдулҳамид, З. «Ишқи Сархӯр»-и Кароматуллоҳи Мирзо чун романи иҷтимоӣ [Матн] / А. Кӯчарзода, З. Абдулҳамид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 7. – С. 240-247.
8. Мирзо, К. Марги бегуноҳ / Кароматуллоҳи Мирзо // Садои Шарқ. -2012. – №6. – С. 33-92.
9. Мирзо, К. Марги бегуноҳ / Кароматуллоҳи Мирзо // Ишқи сархӯр. – Душанбе: Адиб, 2020. – С. 125-239.
10. Саъдуллоев, А. Ҳам шинос, ҳам ба дил наздик // Чароғи роҳнамо. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 176-183.
11. Тимина, С.И. Путь книги. Проблемы текстологии советской литературы / С.И. Тимина. – Л.: ЛГПИ, 1975. – 152 с.
12. Ҳайдарова, С.А. Худшиносии миллӣ дар насри замони Истиқлол (дар мисоли романи “Гардиши девбод”- и А. Самад) / С.А.Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. - №10. – С.266-272.
13. Шарифов, Х. Марги бегуноҳон / Х. Шарифов // Адабиёт ва санъат. 2012. – 18 октябр.
14. Шарифов, Х., Абдусаттор, А. Ҷилои ситораҳо / Х. Шарифов, А. Абдусаттор // Чароғи роҳнамо. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 50-105.

РОМАНИ «МАРГИ БЕГУНОҲ»-И КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО ВА ТАКМИЛИ МИНБАЪДАИ ОН

